# Мавлоно
# Ҷалолиддини Румӣ



## МАСНАВӢ
## Дафтари Панҷум

Муқаддима

Бисми-л-лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

«Ва биҳи настаъину ва ъалайҳи натаваккалу ва ъиндаҳу мафотиҳу-л-қулуби ва саллаллоҳу ъала хайри халқиҳи Муҳаммадин ва олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин» Ин муҷаллади панҷум аст аз дафтарҳои «Маснавӣ» ва табёни маънавӣ, дар баёни он ки шариъат ҳамчу шамъ аст, раҳ менамояд ва бе он ки шамъ ба даст оварӣ, роҳ рафта нашавад ва чун дар роҳ омадӣ, он рафтани ту тариқат аст ва чун расидӣ ба мақсуд, он ҳақиқат аст ва ҷиҳати ин гуфтаанд, ки: «Лав заҳарати-л-ҳақойиқу баталати-ш-шаройиъу» ҳамчунон ки мис зар шавад ва ё худ аз асл зар бувад, ӯро на илми кимиё ҳоҷат аст, ки он шариат аст ва на худро дар кимиё молидан, ки он тариқат аст, чунонки гуфтаанд: «Талабу-д-далели баъда-л-вусули ила-л-мадлули мазмумун». Ҳосил он ки шариат ҳамчун илми кимиё омӯхтан аст аз устод ё аз китоб ва тариқат истеъмол кардани доруҳо ва мисро дар кимиё молидан аст ва ҳақиқат зар шудани мис. Кимиёдонон ба илми кимиё шоданд, ки мо илми ин медонем ва амалкунандагон ба амали кимиё шоданд, ки мо чунин корҳо мекунем ва ҳақиқатёфтагон ба ҳақиқат шоданд, ки мо зар шудем ва аз илму амали кимиё озод шудем, «утақоъиллоҳ»-ем. «Куллу ҳизбин бимо ладайҳим фариҳун». Ё мисоли шариат ҳамчу илми тиб омӯхтан аст ва тариқат парҳез кардан ба мӯҷиби тиб ва доруҳо хӯрдан ва ҳақиқат сиҳат ёфтани абадӣ ва аз он ҳар ду фориғ шудан. Чун одамӣ аз ин ҳаёт мирад, шариату тариқат аз ӯ мунқатеъ шавад ва ҳақиқат монад. Ҳақиқат агар дорад, наъра мезанад, ки: «Ё лайта қавми яъламуна бимо ғафара лӣ рабби» ва агар надорад наъра мезанад, ки: «Ё лайтанӣ лам увта китобия ва лам адри мо ҳисобияҳ. Ё лайтаҳо конати-л-қозията, мо ағно ъаннӣ молияҳ, ҳалака ъаннӣ султония». Шариат илм аст, тариқат амал аст, ҳақиқат «ал-вусул илаллоҳ». «Фаман кона йарҷу лиқоа раббиҳи фа-л-яъмал ъамалан солиҳан ва ло йушрик би ъибодати раббиҳи аҳадан ва саллаллоҳу ъала хайри халқиҳи Муҳаммадин ва олиҳи ва саҳбиҳи ва ъитратиҳи ва саллама таслиман».

Шаҳ Ҳусомуддин, ки нури анҷум аст,
Толиби оғози сифри панҷум аст.
Эй Зиёулҳақ Ҳусомуддини род,
Устодони сафоро устод.
Гар набудӣ халқ маҳҷубу касиф
В-ар набудӣ ҳалқҳо тангу заъиф,

Дар мадеҳат доди маънӣ додаме,
Ғайри ин мантиқ лабе бигшодаме.
Лек луқмай боз они саъва нест,
Чора акнун обу равған карданест.
Мадҳи ту ҳайф аст бо зиндониён,
Гӯям андар маҷмаъи рӯҳониён.
Шарҳи ту ғабн аст бо аҳли ҷаҳон,
Ҳамчу рози ишқ дорам дар ниҳон.
Мадҳ таъриф асту тахриқи ҳиҷоб,
Фориғ аст аз шарҳу таъриф офтоб.
Модиҳи хуршед маддоҳи х(в)ад аст,
Ки ду чашмам равшану номурмад аст.
Замми хуршеди ҷаҳон замми х(в)ад аст,
Ки ду чашмам кӯру торику бад аст.
Ту бибахшо бар касе, к-андар ҷаҳон
Шуд ҳасуди офтоби комрон.
Тонадаш пӯшид ҳеч аз дидаҳо?
В-аз тароват додани пӯсидаҳо.
Ё зи нури беҳадаш тонанд кост?
Ё ба дафъи ҷоҳи ӯ тонанд хост?
Ҳар касе, к-ӯ ҳосиди геҳон бувад,
Он ҳасад худ марги ҷовидон бувад.
Қадри ту бигзашт аз дарки уқул,
Ақл андар шарҳи ту шуд булфузул.
Гарчи оҷиз омад ин ақл аз баён,
Оҷизона ҷунбише бояд дар он.
«Инна шайъан куллуҳу ло юдраку,
Иъламу ан куллаҳу ло ютраку».
Гар натонӣ хӯрд тӯфони саҳоб,
Кай тавон кардан ба тарки хӯрди об.
Розро гар менаёрӣ дар миён,
Даркҳоро тоза кун аз қишри он.
Нутқҳо нисбат ба ту қишр аст, лек
Пеши дигар фаҳмҳо мағз аст нек.
Осмон нисбат ба арш омад фуруд
В-арна бас олист сӯйи хоктӯд.
Ман бигӯям васфи ту, то раҳ баранд,

Пеш аз он к-аз фавти он ҳасрат х(в)аранд.
Нури Ҳаққиву ба Ҳақ ҷаззоби ҷон,
Халқ дар зулмоти ваҳманду гумон.
Шарти таъзим аст, то ин нури х(в)аш
Гардад ин бедидагонро сурмакаш.
Нур ёбад мустаъидди тезкӯш,
К-ӯ набошад ошиқи зулмат чу муш.
Суст чашмоне, ки шаб ҷавлон кунанд,
Кай тавофи машъалай имон кунанд?
Нуктаҳои мушкили борик шуд
Банди табъе, ки зи дин торик шуд.
То баророяд ҳунарро тору пуд,
Чашм дар хуршед натвонад гушуд.
Ҳамчу нахле барнаёрад шоххо,
Карда мушона замин сӯроххо.
Чор васф аст ин башарро, дилфишор,
Чормехи ақл гашта ин чаҳор.

Тафсири «хуз арбаъатан мина-т-тайри фасурҳунна илайк»
Ту халили вақтӣ, эй хуршедхуш,
Ин чаҳор атёри раҳзанро бикуш.
З-он ки ҳар мурғе аз инҳо зоғваш,
Ҳаст ақли оқилонро дидакаш.
Чор васфи тан чу мурғони Халил,
Бисмили эшон диҳад ҷонро сабил.
Эй Халил, андар халоси неку бад
Сар бибуршон, то раҳад поҳо зи сад.
Кул туиву ҷумлагон аҷзои ту,
Баргушо, ки ҳаст пошон пои ту.
Аз ту олам рӯҳзоре мешавад,
Пушти сад лашкар саворе мешавад.
З-он ки ин тан шуд мақоми чор хӯ,
Номашон шуд чор мурғи фитнаҷӯ.
Халқро гар зиндагӣ хоҳӣ абад,
Сар бибур з-ин чор мурғи шуми бад.
Бозашон зинда кун аз навъе дигар,
Ки набошад баъд аз он з-эшон зарар.

Чор мурғи маънавии роҳзан
Кардаанд андар дили халқон ватан.
Чун амири ҷумла дилҳои саві
Андар ин давр, эй халифаи Ҳақ тувӣ.
Сар бибур ин чор мурғи зиндаро,
Сармадӣ кун халқи нопояндаро.
Батту товус асту зоғ асту хурӯс,
Ин мисоли чор халқ андар нуфус.
Батт ҳирс асту хурӯс он шаҳват аст,
Ҷоҳ чун товусу зоғ умнийят аст.
Муняташ он ки бувад уммедсоз,
Томеъи таъбид ё умри дароз.
Батт ҳирс омад, ки нӯкаш дар замин
Дар тару дар хушк меҷӯяд дафин.
Як замон набвад муаттал он гулӯ,
Нашнавад аз ҳукм ҷуз амри «кулу».
Ҳамчу яғмочист, хона меканад,
Зуд-зуд анбони худ пур мекунад.
Андар анбон мефишорад неку бад,
Донаҳои дурру ҳабботи нух(в)ад.
То мабодо ёғие ояд дигар,
Мефишорад дар ҷувол ӯ хушку тар.
Вақт тангу фурсат андак, ӯ махуф,
Дар бағал зад ҳар чӣ зутар бевуқуф.
Эътимодаш нест бар султони хеш,
Ки наёрад ёғие омад ба пеш.
Лек мӯъмин з-эътимоди он ҳаёт
Мекунад ғорат ба маҳлу бо анот.
Омин аст аз фавту аз ёғӣ, ки ӯ
Мешиносад қаҳри шаҳро бар адӯ.
Эмин аст аз хоҷатошони дигар,
Ки биёяндаш музоҳим, сарфабар.
Адли шаҳро дид дар забти ҳашам,
Ки наёрад кард кас бар кас ситам.
Лоҷарам наштобаду сокин бувад,
Аз фавоти ҳаззи худ омин бувад.
Бас таъаннӣ дораду сабру шикеб,

Чашмсеру мӯъсир асту покҷеб.
К-ин тааннӣ партави раҳмон бувад,
В-он шитоб аз ҳаззаи шайтон бувад.
З-он ки шайтонаш битарсонад зи фақр,
Боргири сабрро бикшад ба ақр.
Аз нубӣ бишнав, ки шайтон дар ваъид
Мекунад таҳдидат аз фақри шадид.
То хурӣ зишту барӣ зишту шитоб,
Не мурувват, не тааннӣ, не савоб.
Лоҷарам кофир хурад дар ҳафт батн,
Дину дил борику лоғар, зафт батн.

Дар сабаби вуруди ин ҳадиси Мустафо, салавотуллоҳи алайҳ, ки «Ал-кофиру яъкулу фӣ сабъати амъои ва-л-мӯъмину яъкулу фӣ миъан воҳидан»
Кофирон меҳмони пайғамбар шуданд,
Вақти шом эшон ба масҷид омаданд,
К-омадем, эй шоҳ, мо ин ҷо қунуқ,
Эй ту меҳмондори суккони уфуқ.
Бенавоему расида мо зи дур,
Ҳин, бияфшон бар сари мо фазлу нур.
Рӯ ба ёрон кард он султони дод,
Дастгири ҷумла шоҳону ибод.
Гуфт: «Эй ёрони ман, қисмат кунед,
Ки шумо пур аз ману хӯйи манед.
Пур бувад аҷсоми ҳар лашкар зи шоҳ,
З-он занандӣ теғ бар аъдои ҷоҳ.
Ту ба хашми шаҳ занӣ он теғро
В-арна бар ихвон чӣ хашм ояд туро?
Бар бародар бе гуноҳе мезанӣ
Акси хашми шоҳ, гурзи даҳманӣ.
Шаҳ яке ҷон асту лашкар пур аз ӯ,
Рӯҳ чун об асту ин аҷсом ҷӯ.
Оби рӯҳи шоҳ агар ширин бувад,
Ҷумла ҷӯҳо пур зи оби хуш шавад.
Ки раъият дини шаҳ доранду бас,
Инчунин фармуд султони абас».
Ҳар яке ёре, яке меҳмон гузид,

Дар миён як зафт буду бенадид.
Ҷисми захмӣ дошт, кас ӯро набурд,
Монд дар масҷид, чу андар ҷом дурд.
Мустафо бурдаш, чу вомонд аз ҳама,
Ҳафт буз буд ширдеҳ андар рама.
Ки муқими хона будандӣ бузон
Баҳри дӯшидан барои вақти хон.
Нону ошу шири он ҳар ҳафт буз
Хӯрд он бӯқаҳти Авҷи ибни ғуз.
Ҷумла аҳли байт хашмолу шуданд,
Ки ҳама дар шири буз томеъ буданд.
Меъда таблихор ҳамчун табл кард,
Қисми ҳаждаҳ одамӣ танҳо бих(в)ард.
Вақти хуфтан рафту дар ҳуҷра нишаст,
Пас канизак аз ғазаб дарро бибаст.
Аз бурун занҷири дарро дарфиганд,
Ки аз ӯ буд хашмгину дардманд.
Габрро дар ними шаб ё субҳдам
Чун тақозо омаду дарди шикам,
Аз фароши хеш сӯйи дар шитофт,
Даст бар дар чун ниҳод ӯ, баста ёфт.
Дар гушодан ҳила кард он ҳиласоз
Навъ-навъу худ нашуд он банд боз.
Шуд тақозо бар тақозо, хона танг,
Монд ӯ ҳайрону бедармону данг.
Ҳила кард ӯву ба хоб - андар хазид,
Хештан дар хоб дар вайрона дид.
З-он ки вайрона буд андар хотираш,
Шуд ба хоб - андар ҳамон ҷо манзараш.
Хеш дар вайронаи холӣ чу дид,
ӯ чунон мӯҳтоҷ андар дам бурид.
Гашт бедору бидид он ҷомахоб
Пурҳадас, девона шуд аз изтироб.
З-андаруни ӯ баромад сад хурӯш
З-ин чунин расвоии бехокпӯш.
Гуфт: «Хобам бадтар аз бедориям,
Гуҳ хурам ин сӯву он сӯ мериям».

Бонг мезад: «Во субуро во субур»,
Ҳамчунон ки кофир андар қаъри гӯр.
Мунтазир, ки кай шавад ин шаб ба сар,
То барояд дар гушодан бонги дар.
То гурезад ӯ чу тире аз камон,
То набинад ҳеч кас ӯро чунон.
Қисса бисёр аст, кӯтаҳ мекунам,
Боз шуд он дар, раҳид аз дарду ғам.

Дари ҳуҷра гушодани Мустафо, алайҳиссалом, бар меҳмон ва худро пинҳон кардан, то ӯ хаёли гушояндаро набинад ва хиҷил нашавад ва густох берун равад
Мустафо субҳ омаду дарро гушод,
Субҳ он гумроҳро ӯ роҳ дод.
Дар гушоду гашт пинҳон Мустафо,
То нагардад шармсор он мубтало.
То бурун ояд, равад густох ӯ,
То набинад даргушоро пушту рӯ.
Ё ниҳон шуд дар паси чизеву ё
Аз вайаш пӯшид домони Худо.
«Сибғатуллаҳ» гоҳ пӯшида кунад,
Пардаи бечун бар он нозир танад.
То набинад хасмро паҳлӯи хеш,
Қудрати Яздон аз он беш аст, беш.
Мустафо медид аҳволи шабаш,
Лек монеъ буд фармони Рабаш.
То ки пеш аз хабт бигшояд раҳе,
То наяфтад з-он фазеҳат дар чаҳе.
Лек ҳикмат буду амри осмон,
То бибинад хештанро ӯ чунон.
Бас адоватҳо, ки он ёрӣ бувад,
Бас харобиҳо, ки меъморӣ бувад.
Ҷомахоби пурҳадасро як фузул
Қосидан овард дар пеши расул.
Ки чунин кардаст меҳмонат, бибин,
Хандае зад «раҳматан *ли-л-оламин*».
Ки биёр он митҳара ин ҷо ба пеш,
То бишӯям ҷумларо бо дасти хеш.

Ҳар касе меҷаст, к-аз баҳри Худо
Ҷони мову ҷисми мо қурбон туро.
Мо бишӯем ин ҳадасро, ту биҳил,
Кори даст аст ин намат, на кори дил.
Эй «лаъамрук» мар туро Ҳақ умр хонд,
Пас халифа карду бар курсӣ нишонд.
Мо барои хидмати ту мезием,
Чун ту хидмат мекунӣ, пас мо чием?
Гуфт: «Он донам, валек ин соатест,
Ки дар ин шустан ба хешам ҳикматест».
Мунтазир буданд, к-ин қавли набист,
То падид ояд, ки ин асрор чист?
Ӯ ба ҷид мешуст он аҳдосро
Хос з-амри Ҳақ, на тақлиду риё.
Ки дилаш мегуфт, к-инро ту бишӯ,
Ки дар ин ҷо ҳаст ҳикмат тӯ ба тӯ.

Сабаби руҷӯъ кардани он меҳмон ба хонаи Мустафо алайҳиссалом дар он соат, ки Мустафо ниҳолини мулавваси ӯро ба дасти худ мешуст ва хиҷил шудани ӯ ва ҷома чок кардан ва навҳаи ӯ бар худ ва бар саодати худ
Кофиракро ҳайкале буд ёдгор,
Ёва дид онрову гашт ӯ беқарор.
Гуфт: «Он ҳуҷра, ки шаб ҷо доштам,
Ҳайкал он ҷо бехабар бигзоштам.
Гарчи шармин буд, шармаш ҳирс бурд,
Ҳирс аждарҳост, на чизест хурд.
Аз пайи ҳайкал шитоб андардавид,
Дар висоқи Мустафо в-онро бидид.
К-он ядуллаҳ он ҳадасро ҳам ба х(в)ад
Хуш ҳамешӯяд, ки дураш чашми бад.
Ҳайкалаш аз ёд рафту шуд падид
Андар ӯ шӯре гиребонро дарид.
Мезад ӯ ду дастро бар рӯву сар,
Калларо мекӯфт бар девору дар.
Ончунон ки хун зи биниву сараш
Шуд равону раҳм кард он меҳтараш.
Наъраҳо зад, халқ ҷамъ омад бар ӯ,

Габр гӯён: «Айюҳа-н-нос! Иҳзару».
Мезад ӯ бар сар, ки эй беақл сар!
Мезад ӯ бар сина, к-эй бенур бар!
Саҷда мекард ӯ, ки эй кулли замин,
Шармсор аст аз ту ин ҷузви маҳин.
Ту, ки куллӣ, хозеъи амри вайӣ,
Ман, ки ҷузвам, золиму зишту ғавӣ.
Ту, ки куллӣ, хору ларзонӣ зи Ҳақ,
Ман, ки ҷузвам, дар хилофу дар сабақ.
Ҳар замон мекард рӯ бар осмон,
Ки надорам рӯй, эй қиблай ҷаҳон!
Чун зи ҳад берун биларзиду тапид,
Мустафоаш дар канори худ кашид.
Сокинаш карду басе бинвохташ,
Дидааш бигшоду дод ишнохташ.
То нагиряд абр, кай хандад чаман?
То нагиряд тифл, кай ҷӯшад лабан?
Тифли якрӯза ҳамедонад тариқ,
Ки бигирям, то расад дояй шафиқ.
Ту намедонӣ, ки доя доягон
Кам диҳад бе гиря шир ӯ ройгон?
Гуфт «фалябку касиран», гӯш дор,
То бирезад шири фазли кирдгор.
Гиряи абр асту сӯзи офтоб,
Устуни дунё, ҳамин ду риштатоб.
Гар набудӣ сӯзи меҳру ашки абр,
Кай шудӣ ҷисму араз зафту ситабр?
Кай будӣ маъмур ин ҳар чор фасл?
Гар набудӣ ин тафу ин гиря асл.
Сӯзи меҳру гиряи абри ҷаҳон
Чун ҳамедорад ҷаҳонро хушдаҳон.
Офтоби ақлро дар сӯз дор,
Чашмро чун абр ашкафрӯз дор.
Чашми гирён боядат, чун тифли хурд,
Кам хӯр он нонро, ки нон оби ту бурд.
Тан чу бо барг аст, рӯзу шаб аз он,
Шохи ҷон дар баргрез асту хазон.

Барги тан бебаргии ҷон аст, зуд
Ин бибояд костан, онро фузуд.
«Ақризуллаҳ», қарз деҳ з-ин барги тан,
То бирӯяд дар иваз дар дил чаман.
Қарз деҳ, кам кун аз ин луқмай танат,
То намояд ваҷҳи «ло айнун раъат».
Тан зи саргин хеш чун холӣ кунад,
Пур зи мушку дурри иҷлолӣ кунад.
Ин палидӣ бидҳаду покӣ барад,
Аз «ютаҳҳиркум» тани ӯ барх(в)арад.
Дев метарсонадат, ки ҳину ҳин,
З-ин пушаймон гардиву гардӣ ҳазин.
Гар гудозӣ з-ин ҳавасҳо ту бадан,
Бас пушаймону ғамин хоҳӣ шудан.
Ин бихур, гарм асту доруи мизоҷ
В-он биёшом аз пайи нафъу илоҷ.
Ҳам бад-ин нийят, ки ин тан маркаб аст,
Он чӣ хӯ кардаст, онаш асваб аст.
Ҳин, магардон хӯ, ки пеш ояд халал,
Дар димоғу дил бизояд сад илал.
Инчунин таҳдидҳо он деви дун
Ораду бар халқ хонад сад фусун.
Хеш Ҷолинус созад дар даво,
То фиребад нафси бемори туро.
К-ин туро суд аст аз дарду ғаме,
Гуфт Одамро ҳамин, дар гандуме.
Пеш орад ҳай-ҳайу ҳайҳотро
В-аз лавиша печад ӯ лабҳотро.
Ҳамчу лабҳои фарас дар вақти наъл,
То намояд санги камтарро чу лаъл.
Гӯшҳоят гирад ӯ чун гӯши асб
Мекашонад сӯйи ҳирсу сӯйи касб.
Барзанад бар пот наъле з-иштибоҳ,
Ки бимонӣ ту зи дарди он зи роҳ.
Наъли ӯ ҳаст он тараддуд дар ду кор:
Ин кунам? Ё он кунам? Ҳин, ҳуш дор.
Он бикун, ки ҳаст мухтори набӣ,

Он макун, ки кард маҷнуну сабӣ.
«Ҳуффати-л-ҷанна», ба чӣ маҳфуф гашт?
Билмакореҳ, ки аз ӯ афзуд кашт.
Сад фусун дорад зи ҳилат в-аз даҳо,
Ки кунад дар салла, гар ҳаст аждаҳо.
Гар бувад оби равон, барбандадаш
В-ар бувад ҳабри замон, бархандадаш.
Ақлро бо ақли ёре ёр кун,
«Амруҳум шӯро» бихону кор кун.

Навохтани Мустафо алайҳиссалом он араби меҳмонро ва таскин додан ӯро аз изтироб ва гиряву навҳа, ки бар худ мекард дар хиҷолат ва надомату оташи навмедӣ
Ин сухан поён надорад, он араб
Монд аз алтофи он шаҳ дар аҷаб.
Хост девона шудан, ақлаш рамид,
Дасти ақли Мустафо бозаш кашид.
Гуфт: «Ин сӯ о», биёмад ончунон,
Ки касе бархезад аз хоби гарон.
Гуфт: «Ин сӯ о, макун ҳин, бо худ о,
Ки аз ин сӯ ҳаст бо ту корҳо».
Об бар рӯ зад, даромад дар сухун,
К-эй шаҳиди Ҳақ, шаҳодат арза кун.
То гувоҳӣ бидҳаму берун шавам,
Серам аз ҳастӣ, дар он ҳомун шавам».
Мо дар ин даҳлези қозии қазо
Баҳри даъвии аластему бало.
Ки бало гуфтему онро з-имтиҳон,
Феълу қавли мо шуҳуд асту баён.
Аз чӣ дар даҳлези қозӣ тан задем?
На ки мо баҳри гувоҳӣ омадем?
Чанд дар даҳлези қозӣ, эй гувоҳ,
Ҳабс бошӣ? Деҳ шаҳодат аз паноҳ.
З-он бихондандат бад-ин ҷо, то ки ту
Он гувоҳӣ бидҳиву н-орӣ уту.
Аз лаҷоҷи хештан биншастаӣ,
Андар ин тангӣ кафу лаб бастаӣ.

То бинадҳӣ он гувоҳӣ, эй шаҳид!
Ту аз ин даҳлез кай хоҳӣ раҳид?
Як замон кор аст, бигзору битоз,
Кори кӯтаҳро макун бар худ дароз.
Хоҳ дар сад сол, хоҳӣ як замон,
Ин амонат вогузору вораҳон.

Баёни он ки намозу рӯза ва ҳамаи чизҳои берунӣ гувоҳиҳост бар нури андарунӣ
Ин намозу рӯзаву ҳаҷҷу ҷиҳод
Ҳам гувоҳӣ додан аст аз эътиқод.
Ин закоту ҳадяву тарки ҳасад
Ҳам гувоҳӣ додан аст аз сирри х(в)ад.
Хону меҳмонӣ, пайи изҳор рост,
К-эй меҳон, мо бо шумо гаштем рост.
Ҳадяҳову армуғону пешкаш
Шуд гувоҳи он, ки ҳастам бо ту х(в)аш.
Ҳар касе кӯшад ба моле ё фусун,
Чист? Дорам гавҳаре дар андарун.
Гавҳаре дорам зи тақво ё сахо,
Ин закоту рӯза дар ҳар ду гуво.
Рӯза гӯяд кард тақво аз ҳалол,
Дар ҳаромаш дон, ки набвад иттисол.
В-он закоташ гуфт, к-ӯ аз моли хеш
Медиҳад, пас чун бидуздад з-аҳли кеш?
Гурба таррорӣ кунад, пас ду гувоҳ,
Ҷарҳ шуд дар маҳкамай адли Илоҳ.
Ҳаст сайёд, ар кунад дона нисор,
На зи раҳму ҷуд, бал баҳри шикор.
Ҳаст гурбай рӯзадор андар сиём,
Хуфта карда хеш баҳри сайди хом.
Карда бадзан з-ин кажӣ сад қавмро,
Карда бадном аҳли ҷуду савмро.
Фазли Ҳақ, бо ин ки ӯ каж метанад,
Оқибат з-ин ҷумла покаш мекунад.
Сабқ бурда раҳматаш в-он ғадрро
Дода нуре, ки набошад бадрро.
Кӯшишашро шуста Ҳақ з-ин ихтилот,

Ғусл дода раҳмат ӯро з-ин хубот.
То ки ғаффории ӯ зоҳир шавад,
Миғфаре куллишро ғофир шавад.
Об баҳри ин биборид аз симок,
То палидонро кунад аз хубс пок.

Пок кардани об ҳамаи палидиҳоро ва боз пок кардани Худои таъоло обро аз палидӣ. *Лоҷарам қуддус омад Ҳақ таъоло*
Об чун пайгор карду шуд наҷис,
То чунон шуд, к-обро рад кард ҳис.
Ҳақ бибурдаш боз дар баҳри савоб,
То бишусташ аз карам он оби об.
Соли дигар омад ӯ доманкашон,
Ҳай куҷо будӣ? «Ба дарёи х(в)ашон.
Ман наҷис з-ин ҷо шудам, пок омадам,
Бистадам хилъат, суйи хок омадам.
Ҳин, биёед, эй палидон сӯйи ман,
Ки гирифт аз хӯйи Яздон хӯйи ман.
Дарпазирам ҷумлаи зиштитро,
Чун малак покӣ диҳам ифритро.
Чун шавам олуда, боз он ҷо равам,
Сӯйи асли асли покиҳо равам.
Далқи чиркин барканам он ҷо зи сар,
Хилъати покам диҳад бори дигар.
Кори ӯ ин асту кори ман ҳам ин,
Оламорой аст Раббулоламин».
Гар набудӣ ин палидиҳои мо,
Кай будӣ ин борнома обро?
Кисаҳои зар бидуздид аз касе,
Меравад ҳар сӯ, ки ҳин, ку муфлисе?
Ё бирезад бар гиёҳи рустае,
Ё бишӯяд рӯйи рӯношустае.
Ё бигирад бар сар ӯ ҳаммолвор
Киштии бедасту поро дар биҳор.
Садҳазорон дору андар вай ниҳон,
З-он ки ҳар дору бирӯяд з-ӯ чунон.
Ҷони ҳар дурре, дили ҳар донае

Меравад дар ҷӯ чу дорухонае.
З-ӯ ятимони заминро парвариш,
Бастагони хушкро аз вай равиш.
Чун намонад мояаш, тира шавад,
Ҳамчу мо андар замин хира шавад.

Истиъонати об аз Ҳақ ҷалла ҷалолуҳу баъд аз тира шудан
Нола аз ботин барорад, к-эй Худо!
Он чӣ додӣ, додаму мондам гадо.
Рехтам сармоя бар поку палид,
Эй шаҳи сармоядеҳ, «ҳал мин мазид?»
Абрро гӯяд: «Бибар ҷойи х(в)ашаш,
Ҳам ту хуршедо! Ба боло баркашаш».
Роҳҳои мухталиф меронадаш,
То расонад сӯйи баҳри беҳадаш.
Худ ғараз з-ин об ҷони авлиёст,
К-ӯ ғусули тирагиҳои шумост.
Чун шавад тира зи ғусли аҳли фарш,
Бозгардад сӯйи покибахши арш.
Боз орад з-он тараф доманкашон
Аз таҳороти муҳит ӯ дарсашон.
Аз таяммум вораҳонад ҷумларо
В-аз таҳаррӣ толибони қибларо.
З-ихтилоти халқ ёбад эътилол,
Он сафар ҷӯяд, к- «ариҳно ё Билол!»
Эй Билоли хушнавои хушсаҳил,
Мизана баррав, бизан табли раҳил.
Ҷон сафар рафту бадан андар қиём,
Вақти риҷъат з-ин сабаб гӯяд салом.
Ин масал чун восита-ст андар калом,
Восита шарт аст баҳри фаҳми ом.
Андар оташ кай равад бевосита?
Ҷуз самандар, к-ӯ раҳид аз робита.
Воситай ҳаммом бояд мар туро,
То зи оташ хуш кунӣ ту табъро.
Чун натонӣ шуд дар оташ чун Халил,
Гашт ҳаммомат расул, обат далел.

Серӣ аз Ҳақ̣қ аст, лек аҳли табаъ
Кай расад бевоситай нон дар шабаъ?
Лутф аз Ҳақ̣қ аст, лекин аҳли тан
Дарнаёбад лутф бе пардай чаман.
Чун намонад воситай тан беҳиҷеб,
Ҳамчу Мӯсо, нури маҳ ёбад зи ҷеб.
Ин ҳунарҳо обро ҳам шоҳид аст,
К-андарунаш пур зи лутфи Эзид аст.

Гувоҳии феъл ва қавли берунӣ бар замир ва нури андарунӣ
Феълу қавл омад гувоҳони замир,
З-ин ду бар ботин ту истидлол гир.
Чун надорад сайр сиррат дар дарун,
Бингар андар бавли ранҷур, аз бурун.
Феълу қавл он бавли ранҷурон бувад,
Ки табиби ҷисмро бурҳон бувад.
В-он табиби рӯҳ дар ҷонаш равад
В-аз раҳи ҷон андар имонаш равад.
Ҳоҷаташ н-ояд ба феълу қавли хуб,
«Иҳзаруҳум ҳум ҷавосису-л-қулуб».
Ин гувоҳи феълу қавл аз вай биҷӯ,
К-ӯ ба дарё нест восил ҳамчу ҷӯ.

Дар баёни он ки нури худ аз андаруни шахси мунаввар, бе он ки феълеву қавле баён кунад, гувоҳӣ диҳад бар нури вай
Лек нури солике, к-аз ҳад гузашт,
Нури ӯ пур шуд биёбонҳову дашт.
Шоҳидияш фориғ омад аз шуҳуд
В-аз такаллуфҳову ҷонбозиву ҷуд.
Нури он гавҳар чу берун тофтаст,
З-ин тасаллусҳо фароғат ёфтаст.
Пас маҷӯ аз вай гувоҳи феълу гуфт,
Ки аз ӯ ҳар ду ҷаҳон чун гул шукуфт.
Ин гувоҳӣ чист? Изҳори ниҳон,
Хоҳ қавлу хоҳ феълу ғайри он.
Ки араз изҳори сирри ҷавҳар аст,
Васф боқӣ в-ин араз бар маъбар аст.

Ин нишони зар, намонад бар миҳак,
Зар бимонад некному бе зи шак.
Ин салоту ин ҷиҳоду ин сиём
Ҳам намонад, ҷон бимонад некном.
Ҷон чунин афъолу ақволе намуд,
Бар миҳакки амр ҷавҳарро бисуд.
К-эътиқодам рост аст, инак гувоҳ,
Лек ҳаст андар гувоҳон иштибоҳ.
Тазкия бояд гувоҳонро, бидон,
Тазкияш сидқе, ки мавқуфӣ бад-он.
Ҳифзи лафз андар гувоҳи қавлӣ аст,
Ҳифзи аҳд андар гувоҳи феълӣ аст.
Гар гувоҳи қавл каж гӯяд, рад аст
В-ар гувоҳи феъл каж пӯяд, рад аст.
Қавлу феъли бетаноқуз боядат,
То қабул андар замон пеш оядат.
«Саъйукум шатто, таноқуз» андарид,
Рӯз медӯзид, шаб бармедарид.
Пас гувоҳӣ бо таноқуз кӣ шнавад?
Ё магар ҳамле кунад аз лутфи х(в)ад.
Феълу қавл изҳори сирр асту замир,
Ҳар ду пайдо мекунад сирри сатир.
Чун гувоҳат тазкия шуд, шуд қабул
В-арна маҳбус аст андар мул мул.
То ту бистезӣ, ситезанд, эй ҳарун?
«Фантазирҳум, иннаҳум мунтазирун».

Арза кардани Мустафо алайҳиссалом шаҳодатро бар меҳмони хеш
Ин сухан поён надорад, Мустафо
Арза кард имону пазруфт он фато.
Он шаҳодатро, ки фаррух будааст,
Бандҳои бастаро бигшудааст.
Гашт мӯъмин, гуфт ӯро Мустафо,
К -имшабон ҳам бош ту меҳмони мо.
Гуфт: «Валлаҳ, то абад зайфи туам,
Ҳар куҷо бошам, ба ҳар ҷо, ки равам.
Зинда карда-в мӯътақу дарбони ту,

Ин ҷаҳону он ҷаҳон бар хони ту.
Ҳар кӣ бигзинад ҷуз ин бигзида хон,
Оқибат даррад гулӯяш устухон.
Ҳар кӣ сӯйи хони ғайри ту равад,
Дев бо ӯ, дон, ки ҳамкоса бувад.
Ҳар кӣ аз ҳамсоягии ту равад,
Дев бе шакке, ки ҳамсоя шавад
В-ар равад бе ту сафар ӯ дурдаст,
Деви бад ҳамроҳу ҳамсуфрай вай аст
В-ар нишинад бар сари асби шариф,
Ҳосиди моҳ аст, дев ӯро радиф.
В-ар бача гирад аз ӯ шаҳнози ӯ,
Дев дар наслаш бувад анбози ӯ.
Дар нубӣ «шорикҳуму» гуфтаст Ҳақ,
Ҳам дар амволу дар авлод, эй шафақ!
Гуфт пайғамбар зи ғайб инро ҷалӣ,
Дар мақолоти наводир бо Алӣ.
Ё расулуллаҳ, рисолатро тамом
Ту намудӣ ҳамчу шамси беғамом.
Ин ки ту кардӣ, дусад модар накард,
Исӣ аз афсун-ш бо Озар накард.
Аз ту ҷонам аз аҷал нак ҷон бибурд,
Озар ар шуд зинда он дам, боз мурд.
Гашт меҳмони расул он шаб араб,
Шири як буз нима хӯрду баст лаб.
Кард илҳоҳаш: «Бихур ширу руқоқ»,
Гуфт: «Гаштам сер, валлаҳ бе нифоқ.
Ин такаллуф нест, не номусу фан,
Сертар гаштам аз он ки дӯш ман».
Дар аҷаб монданд ҷумла аҳли байт:
«Пур шуд ин қандил з-ин як қатра зайт?
Он чӣ қути мурғи бобилӣ бувад,
Серии меъдай чунин пиле шавад?»
Фуҷфуҷа афтод андар марду зан:
«Қадри пашша мехӯрад он пилтан».
Ҳирсу ваҳми кофирӣ сарзер шуд,
Аждаҳо аз қути мӯре сер шуд.

Он гадочашмии куфр аз вай бирафт,
Лути имониш ламтур карду зафт.
Он ки аз ҷӯъулбақар ӯ метапид,
Ҳамчу Марям меваи ҷаннат бидид.
Меваи ҷаннат сӯйи чашмаш шитофт,
Меъдаи чун дӯзахаш ором ёфт.
Зоти имон неъмату қутест ҳавл,
Эй қаноаткарда аз имон ба қавл!

Баёни он, ки нур, ки ғизои ҷон аст, ғизои ҷисми авлиё мешавад, то ӯ ҳам ёр мешавад рӯҳро, ки «аслама шайтони ало ядӣ»
Гарчи он матъуми ҷон асту назар,
Ҷисмро ҳам з-он насиб аст, эй писар!
Гар нагаштӣ деви ҷисм онро акул,
«Аслама-ш-шайтон» нафармудӣ расул.
Дев з-он луте, ки мурда ҳай шавад,
То наёшомад, мусулмон кай шавад?
Дев бар дунёст ошиқ, кӯру кар,
Ишқро ишқе дигар буррад магар.
Аз ниҳонхонай яқин чун мечашад,
Андак-андак рахти ишқ он ҷо кашад.
«Ё ҳарису-л-батн, арриҷ ҳоказо,
Иннама-л-минҳоҷу табдилу-л-ғизо.
Ё маризу-л-қалб, арриҷ ли-л-илоҷ,
Ҷумлату-т-тадбири табдилу-л-мизоҷ.
Айюҳа-л-маҳбусу фи раҳни-т-таъом,
Савфа танҷу ин таҳаммалта-л-фитом.
Инна фи-л-ҷӯъи таъомун вофиру,
Ифтақидҳо в-артаҷи ё нофиру!
Иғтази биннури кун мисла-л-басар,
Вофиқу-л-амлока ё хайру-л-башар!»
Чун малак тасбеҳи Ҳақро кун ғизо,
То раҳӣ ҳамчун малоик аз «изо».
Ҷабрайил ар сӯйи ҷифа кам танад,
ӯ ба қувват кай зи каргас кам занад?
Ҳаббазо, хоне ниҳода дар ҷаҳон,
Лек аз чашми хасисон бас ниҳон.

Гар ҷаҳон боғе пур аз неъмат шавад,
Қисми мушу мӯр ҳам хоке бувад.

Инкори аҳли тан ғизои рӯҳро ва ларзидани эшон бар ғизои хасис
Қисми ӯ хок аст, гар дай, гар баҳор,
Мири кавнӣ, хок чун нӯшӣ чу мор?
Дар миёни чӯб гӯяд кирми чӯб:
«Мар киро бошад чунин ҳалвои хуб?»
Кирми саргин дар миёни он ҳадас,
Дар ҷаҳон нуқле надорад ҷуз хабас.

Муноҷот
Эй Худои беназир, исор кун,
Гӯшро чун ҳалқа додӣ з-ин сухун.
Гӯши мо гиру бад-он маҷлис кашон,
К-аз раҳиқат мехӯранд он сарх(в)ашон.
Чун ба мо бӯйе расонидӣ аз ин,
Сар мабанд он мушкро, эй рабби дин!
Аз ту нӯшанд, ар зукуранд, ар унос,
Бе дареғе дар ато ё мустағос!
Эй дуъо ногуфта аз ту мустаҷоб,
Дода дилро ҳар даме сад фатҳи боб.
Чанд ҳарфе нақш кардӣ аз руқум,
Сангҳо аз ишқи он шуд ҳамчу мум.
«Нун»-и абрӯ, «сод»-и чашму «ҷим»-и гӯш
Барнавиштӣ фитнаи сад ақлу ҳуш.
З-он ҳуруфат, шуд хирад борикрес,
Насх мекун, эй адиби хушнавис.
Дархури ҳар фикр баста бар адам,
Дам ба дам нақши хаёле хушрақам.
Ҳарфҳои турфа бар лавҳи хаёл
Барнавишта чашму ораз, хадду хол.
Бар адам бошам, на бар мавҷуд маст,
З-он ки маъшуқи адам вофитар аст.
Ақлро хатхони он ашкол кард,
То диҳад тадбирҳоро з-он наворд.

Тамсили лавҳи маҳфуз ва идроки ақли ҳар касе аз он лавҳ, он ки амру қисмат ва мақдури ҳаррӯзаи вай аст, ҳамчун идроки Ҷабрайил, алайҳиссалом, ҳар рӯзе аз лавҳи аъзам

Чун малак аз лавҳи маҳфуз он хирад,
Ҳар сабоҳе дарси ҳаррӯза барад.
Бар адам таҳрирҳо бин бебанон
В-аз саводаш ҳайрати савдоиён.
Ҳар касе шуд бар хиёли риши гов,
Гашта дар савдои ганҷе кунҷков.
Аз хаёле гашта шахсе пуршукӯҳ,
Рӯй оварда ба маъданҳои кӯҳ.
В-аз хаёле он дигар бо ҷаҳди мурр,
Рӯ ниҳода сӯйи дарё баҳри дурр.
В-он дигар баҳри тараҳҳуб дар куништ
В-он яке андар ҳарисӣ сӯйи кишт.
Аз хаёл он раҳзани раста шуда
В-аз хаёл ин марҳами хаста шуда.
Дар парихонӣ яке дил карда гум,
Бар нуҷум он дигаре бинҳода сум.
Ин равишҳо мухталиф бинад бурун,
З-он хаёлоти мулавван з-андарун.
Ин дар он ҳайрон шуда, к-он бар чӣ аст?
Ҳар чашанда он дигарро нофӣ аст.
Он хаёлот ар набуд номӯъталиф,
Чун зи берун шуд равишҳо мухталиф?
Қиблаи ҷонро чу пинҳон кардаанд,
Ҳар касе рӯ ҷонибе овардаанд.

Тамсили равишҳои мухталиф ва ҳимматҳои гуногун ба ихтилофи таҳаррии мутаҳарриён дар вақти намоз қибларо дар вақти торикӣ ва таҳаррии ғаввосон дар қаъри баҳр

Ҳамчу қавме, ки таҳаррӣ мекунанд,
Бар хаёли қибла сӯйе метананд.
Чунки Каъба рӯ намояд субҳгоҳ,
Кашф гардад, ки кӣ гум кардаст роҳ?
Ё чу ғаввосон ба зери қаъри об,
Ҳар касе чизе ҳамечинад шитоб.

Бар умеди гавҳару дурри самин
Тӯбра пур мекунанд аз ону ин.
Чун бароянд аз таги дарёи жарф,
Кашф гардад соҳиби дурри шигарф.
В-он дигар, ки бурд марвориди хурд
В-он дигар, ки сангреза-в шабба бурд.
«Ҳоказо яблуҳуму биссоҳира,
Фитнатун зоти-фтизоҳин қоҳира».
Ҳамчунин ҳар қавм чун парвонагон,
Гирди шамъе парзанон андар ҷаҳон.
Хештан бар оташе бармезананд,
Гирди шамъи худ тавофе мекунанд.
Бар умеди оташи Мӯсои бахт,
К-аз лаҳебаш сабзтар гардад дарахт.
Фазли он оташ шунида ҳар рама,
Ҳар шарарро он гумон бурда ҳама.
Чун бараяд субҳдам нури хулуд,
Вонамояд ҳар яке чӣ шамъ буд?
Ҳар киро пар сӯхт з-он шамъи зафар,
Бидҳадаш он шамъи хуш ҳаштод пар.
Ҷавқи парвонай ду дида дӯхта,
Монда зери шамъи бад, пар сӯхта.
Метапад андар пушаймониву сӯз,
Мекунад оҳ аз ҳавои чашмдӯз.
Шамъи ӯ гӯяд, ки чун ман сӯхтам,
Кай туро бирҳонам аз сӯзу ситам?
Шамъи ӯ гирён, ки ман сарсӯхта,
Чун кунам, мар ғайрро афрӯхта?

Тафсири «ё ҳасратан ала-л-ибод»
ӯ ҳамегӯяд, ки аз ашколи ту
Ғарра гаштам, дер дидам ҳоли ту,
Шамъ мурда, бода рафта, дилрабо
Ғӯта хӯрд аз нанги кажбинии мо.
«Заллати-л-арбоҳу хусран мағрамо,
Наштакӣ шакво илаллоҳи-л-ъамо.
Ҳаббазо арвоҳу ихвонин сиқот,

Муслимотин мӯъминотин қонитот».
Ҳар касе рӯйе ба сӯйе бурдаанд,
В-он азизон рӯ ба бесӯ кардаанд.
Ҳар кабӯтар мепарад дар мазҳабе,
В-ин кабӯтар ҷониби беҷонибӣ.
Мо на мурғони ҳаво, на хонагӣ,
Донаи мо донаи бедонагӣ.
З-он фарох омад чунин рӯзии мо,
Ки даридан шуд қабодӯзии мо.

Сабаби он ки фараҷиро ном фараҷӣ ниҳоданд аз аввал
Сӯфие бидрид ҷубба дар ҳараҷ,
Пешаш омад баъди бидридан фараҷ.
Кард номи он дарида фараҷӣ,
Ин лақаб шуд фош з-он марди наҷӣ.
Ин лақаб шуд фошу софаш шайх бурд,
Монд андар табъи халқон ҳарфи дурд.
Ҳамчунин ҳар ном софӣ доштаст,
Исмро чун дурдие бигзоштаст.
Ҳар кӣ гилхор аст, дурдиро гирифт,
Рафт сӯфӣ сӯйи софӣ ношигифт.
Гуфт: «Лобуд дурдро софӣ бувад»,
З-ин далолат дил ба сафват меравад.
Дурд уср афтоду софаш юсри ӯ,
Соф чун хурмову дурдӣ бусри ӯ.
Юср бо уср аст, ҳин, ойис мабош,
Роҳ дорӣ з-ин мамот андар маош.
Рӯҳ хоҳӣ, ҷубба бишкоф, эй писар,
То аз он сафват барорӣ зуд сар.
Ҳаст сӯфӣ он ки шуд сафватталаб,
Н-аз либоси суфу хайётиву даб.
Сӯфие гашта ба пеши ин лиом,
«Ал-хиёта ва-л-лавота, вассалом».
Бар хаёли он сафову номи нек
Ранг пӯшидан накӯ бошад, валек
Бар хаёлаш гар равӣ то асли ӯ,
Не чу уббоди хаёли тӯ ба тӯ.

Дурбоши ғайратат омад хаёл
Гирд ба гирди саропардай ҷамол.
Баста ҳар ҷӯяндаро, ки роҳ нест,
Ҳар хаёлаш пеш меояд, ки бист.
Ҷуз магар он тезкӯши тезҳуш,
К-иш бувад аз ҷайши нусратҳош ҷӯш.
Наҷҳад аз тахйилҳо, не шаҳ шавад,
Тири шаҳ бинмояд, он гаҳ раҳ шавад.
Ин дили саргаштаро тадбир бахш
В-ин камонҳои дутӯро тир бахш.
Ҷуръае баррехтӣ з-он хуфя ҷом
Бар замини хок, «мин каъсилкиром».
Ҳаст бар зулфу рух аз ҷуръаш нишон,
Хокро шоҳон ҳамелесанд аз он.
Ҷуръаи ҳусн аст андар хоки каш,
Ки ба сад дил рӯзу шаб мебӯсияш.
Ҷуръа хокомез чун маҷнун кунад,
Мар туро то софи ӯ худ чун кунад?
Ҳар касе пеши кулӯхе ҷомачок,
К-он кулӯх аз ҳусн омад ҷуръанок.
Ҷуръае бар Моҳу Хуршеду Ҳамал,
Ҷуръае бар аршу курсиву Зуҳал.
Ҷуръа гӯиш, эй аҷаб, ё кимиё?
Ки зи осебаш бувад чандин баҳо.
Ҷид талаб осеби ӯ, эй зуфунун,
«Ло ямассу зока илла-л-мутҳарун».
Ҷуръае бар зарру бар лаълу дурар,
Ҷуръае бар хамру бар нуқлу самар.
Ҷуръае бар рӯйи хубони литоф,
То чӣ гуна бошад он ровоқи соф.
Чун ҳамемолӣ забонро андар ин,
Чун шавӣ, чун бинӣ онро бе зи тин?
Чунки вақти марг он ҷуръай сафо
З-ин кулӯхи тан ба мурдан шуд ҷудо.
Он чӣ мемонад, кунӣ дафнаш ту зуд
Инчунин зиштӣ бад-он чун гашта буд?
Ҷон чу бе ин ҷифа бинмояд ҷамол,

Ман натонам гуфт лутфи он висол.
Маҳ чу бе ин абр бинмояд зиё,
Шарҳ натвон кард з-он кору киё.
Ҳаббазо, он матбахи пурнӯшу қанд,
К-ин салотин косалесони вайанд.
Ҳаббазо, он хирмани саҳрои дин,
Ки бувад ҳар хирман онро доначин.
Ҳаббазо, дарёи умри беғамӣ,
Ки бувад з-ӯ ҳафт дарё шабнаме.
Ҷуръае чун рехт соқии аласт,
Бар сари ин шӯрахоки зердаст,
Ҷӯш кард он хоку мо з-он ҷӯшишем,
Ҷуръаи дигар, ки бас бекӯшишем.
Гар раво буд, нола кардам аз адам
В-ар набуд ин гуфтанӣ, нак тан занам.
Ин баёни батти ҳирси мунсанист,
Аз Халил омӯз, к-он бат куштанист.
Ҳаст дар бат ғайри ин бас хайру шар,
Тарсам аз фавти суханҳои дигар.

## Сифати товус ва табъи ӯ ва сабаби куштани Иброҳим алайҳиссалом ӯро

Омадем акнун ба товуси дуранг,
К-ӯ кунад ҷилва барои ному нанг.
Ҳиммати ӯ сайди халқ аз хайру шар
В-аз натиҷа-в фоидай он бехабар.
Бехабар чун дом мегирад шикор,
Домро чӣ илм аз мақсуди кор?
Домро чӣ зарру чӣ нафъ аз гирифт?
З-ин гирифти беҳуда-ш дорам шигифт.
Эй бародар, дӯстон афроштӣ
Бо дусад дилдориву бигзоштӣ?
Корат ин будаст аз вақти вилод
Сайди мардум кардан аз доми видод?
З-он шикору анбӯҳаву боду буд
Даст даркун, ҳеч ёбӣ тору пуд?
Бештар рафтасту бегоҳ аст рӯз,
Ту ба ҷид дар сайди халқонӣ ҳанӯз.

Он яке мегиру он меҳил зи дом
В-ин дигарро сайд мекун чун лиом.
Боз инро меҳилу меҷӯ дигар,
Ин-т лаъби кӯдакони бехабар.
Шаб шавад, дар доми ту як сайд не,
Дом бар ту ҷуз судоъу қайд не.
Пас ту худро сайд мекардӣ ба дом,
Ки шудӣ маҳбусу маҳрумӣ зи ком.
Дар замона соҳиби доме бувад?
Ҳамчу мо аҳмақ, ки сайди худ кунад?
Чун шикори хук омад сайди ом,
Ранҷи беҳад луқма хӯрдан з-ӯ ҳаром.
Он ки арзад сайдро, ишқ асту бас,
Лек ӯ кай гунҷад андар доми кас?
Ту магар оиву сайди ӯ шавӣ,
Дом бигзорӣ, ба доми ӯ равӣ.
Ишқ мегӯяд ба гӯшам паст-паст:
«Сайд будан хуштар аз сайёдӣ аст.
Гӯли ман кун хешрову ғарра шав,
Офтобиро раҳо кун, зарра шав.
Бар дарам сокин шаву бехона бош,
Даъвии шамъӣ макун, парвона бош.
То бибинӣ чошнии зиндагӣ,
Салтанат бинӣ ниҳон дар бандагӣ.
Наъл бинӣ божгуна дар ҷаҳон,
Тахтабандонро лақаб гашта шаҳон.
Бас таноб андар гулӯву тоҷи дор,
Бар вай анбӯҳе, ки инак тоҷдор.
Ҳамчу гӯри кофирон, берун ҳулал,
Андарун қаҳри Худо азза ва ҷал.
Чун қубур онро муҷассас кардаанд,
Пардаи пиндор пеш овардаанд.
Табъи мискинат муҷассас аз ҳунар,
Ҳамчу нахли мум, бебаргу самар».

Дар баёни он ки лутфи Ҳақро ҳама кас донад ва қаҳри Ҳақро ҳама кас донад ва ҳама аз қаҳри Ҳақ гурезонанд ва ба лутфи Ҳақ даровезон, аммо Ҳақ таъоло

қаҳрҳоро дар лутф пинҳон кард ва лутфҳоро дар қаҳр пинҳон кард, наъли божгуна ва талбису макри Аллоҳ буд то аҳли тамйиз ва янзур бинуриллоҳи аз ҳолибинон ва зоҳирбинон ҷудо шуданд, ки «лийаблувакум аййукум аҳсану амалан»

Гуфт дарвеше ба дарвеше, ки ту
Чун бидидӣ ҳазрати Ҳақро? Бигӯ.
Гуфт: «Бечун дидам, аммо баҳри қол
Бозгӯям мухтасар онро мисол.
Дидамаш, сӯйи чапи ӯ озаре,
Сӯйи дасти рост ҷӯйи Кавсаре.
Сӯйи чаппаш бас ҷаҳонсӯз оташе,
Сӯйи дасти росташ ҷӯйи х(в)аше.
Сӯйи он оташ гурӯҳе бурда даст,
Баҳри он Кавсар гурӯҳе шоду маст.
Лек лаъби божгуна буд сахт,
Пеши пойи ҳар шақиву некбахт.
Ҳар кӣ дар оташ ҳамерафту шарар,
Аз миёни об бармекард сар.
Ҳар кӣ сӯйи об мерафт аз миён,
ӯ дар оташ ёфт мешуд дарзамон.
Ҳар кӣ сӯйи рост шуд в-оби зулол,
Сар зи оташ барзад аз сӯйи шамол.
В-он кӣ шуд сӯйи шамоли оташин,
Сар бурун мекард аз сӯйи ямин.
Кам касе бар сирри ин музмар задӣ,
Лоҷарам кам кас дар он оташ шудӣ.
Ҷуз касе, ки бар сараш иқбол рехт,
К-ӯ раҳо кард обу дар оташ гурехт.
Карда завқи нақдро маъбуд халқ,
Лоҷарам з-ин лаъб мағбун буд халқ.
Ҷавқ-ҷавқу саф-саф аз ҳирсу шитоб
Мӯҳтариз з-оташ гурезон сӯйи об.
Лоҷарам з-оташ баровar данд сар,
Эътибор! Ал-эътибор! Эй бехабар!
Бонг мезад оташ, эй гиҷони гӯл,
Ман наям оташ, манам чашмай қабул.
Чашмбандӣ кардаанд, эй беназар,

Дар ман ойу ҳеч магрез аз шарар.
Эй Халил, ин ҷо шарору дуд нест,
Ҷуз ки сеҳру худъаи Намруд нест.
Чун Халили Ҳақ агар фарзонаӣ,
Оташ оби тусту ту парвонаӣ.
Ҷони парвона ҳамедорад нидо,
К-эй дареғо, сад ҳазорам пар будо.
То ҳамесӯзид з-оташ беамон
Кӯрии чашму дили номаҳрамон.
Бар ман орад раҳм ҷоҳил аз харӣ,
Ман бар ӯ раҳм орам аз бинишварӣ.
Хоса ин оташ, ки ҷони обҳост,
Кори парвона ба акси кори мост.
ӯ бибинад нуру дар норе равад,
Дил бибинад нору дар нуре шавад.
Инчунин лаъб омад аз Рабби ҷалил,
То бибинӣ кист аз оли Халил.
Оташеро шакли обе додаанд
В-андар оташ чашмае бигшодаанд.
Соҳире саҳни биринҷеро ба фан
Саҳни пуркирме кунад дар анҷуман.
Хонаро ӯ пур зи каждумҳо намуд
Аз дами сеҳру худ, он каждум набуд.
Чунки ҷоду менамояд сад чунин,
Чун бувад дастони ҷодуофарин?
Лоҷарам аз сеҳри Яздон қарн-қарн
Андарафтоданд чун зан зер паҳн.
Соҳироншон банда буданду ғулом,
Андарафтоданд чун саъва ба дом.
Ҳин, бихон Қуръон, бибин сеҳри ҳалол,
Сарнигуний, макрҳои «ка-л-ҷибол».
Ман наям Фиръавн, к-оям сӯйи Нил,
Сӯйи оташ меравам ман чун Халил.
Нест оташ, ҳаст он моъи маъин
В-он дигар аз макр оби оташин.
Бас накӯ гуфт он расули хушҷавоз:
«Зарраи ақлат беҳ аз савму намоз».

З-он ки ақлат ҷавҳар аст ин ду араз,
Ин ду дар такмили он шуд муфтараз.
То ҷило бошад мар он ойинаро,
Ки сафо ояд зи тоат синаро.
Лек гар ойина аз бун фосид аст,
Сайқал ӯро дер боз орад ба даст.
В-он гузин ойина, ки хуш мағрас аст,
Андаке сайқалгарӣ онро бас аст.

Тафовути уқул дар асли фитрат, хилофи мӯътазила, ки эшон гӯянд: дар асл уқули ҷузвӣ баробаранд, ин афзуниву тафовут аз тааллум аст ва риёзату таҷриба

Ин тафовут ақлҳоро нек дон
Дар маротиб аз замин то осмон.
Ҳаст ақле ҳамчу қурси офтоб,
Ҳаст ақле камтар аз заҳра-в шаҳоб.
Ҳаст ақле чун чароғе, сарх(в)аше,
Ҳаст ақле чун ситорай оташе.
З-он ки абр аз пеши он чун воҷаҳад,
Нури Яздон бин, хирадҳо бардиҳад.
Ақли ҷузвӣ ақлро бадном кард,
Коми дунё мардро беком кард.
Он зи сайдӣ ҳусни сайёдӣ бидид
В-ин зи сайёдӣ ғами сайдӣ кашид.
Он зи хидмат нози махдумӣ биёфт
В-он зи махдумӣ зи роҳи (ъ)из битофт.
Он зи Фиръавнӣ асири об шуд
В-аз асирӣ сибт сад Сӯҳроб шуд.
Лаъби маъкус асту фарзинбанди сахт,
Ҳила кам кун, кори иқбол асту бахт.
Бар хаёлу ҳила кам тан торро,
Ки ғанӣ раҳ кам диҳад маккорро.
Макр кун дар роҳи некӯ хидмате,
То нубувват ёбӣ андар уммате.
Макр кун, то ворахӣ аз макри х(в)ад,
Макр кун, то фард гардӣ аз ҷасад.
Макр кун, то камтарин банда шавӣ,

Дар камӣ рафтӣ, худованда шавӣ.
Рӯбаҳиву хидмат, эй гурги куҳун,
Ҳеч бар қасди худовандӣ макун.
Лек чун парвона дар оташ битоз,
Кисае з-он бармадӯзу пок боз.
Зӯрро бигзору зориро бигир.
Раҳм сӯйи зорӣ ояд, эй фақир!
Зории музтарри ташна маънавист,
Розии сарди дурӯғ они ғавист.
Гиряи ихвони Юсуф ҳилат аст,
Ки даруншон пур зи рашку иллат аст.

Ҳикояти он аъробӣ, ки саги ӯ аз гуруснагӣ мемурд ва анбони ӯ пури нон ва бар саг наҳва мекард ва шеър мегуфт ва мегирист ва сару рӯ мезад ва дареғаш меомад луқмае аз анбон ба саг додан
Он саге мемурду гирён он араб,
Ашк мебориду мегуфт: «Эй кураб».
Соиле бигзашту гуфт: «Ин гиря чист?
Навҳаву зории ту аз баҳри кист?»
Гуфт: «Дар мулкам саге буд некхӯ,
Нак, ҳамемирад миёни роҳ ӯ.
Рӯз сайёдам буду шаб посбон,
Тезчашму сайдгиру дуздрон.
Гуфт: «Ранҷаш чист? Захме х(в)ардааст?»
Гуфт: «Ҷӯъулкалб зораш кардааст».
Гуфт: «Сабре кун бар ин ранҷу ҳараз,
Собиронро фазли Ҳақ бахшад иваз».
Баъд аз он гуфташ, ки эй солори ҳур,
Чист андар дастат ин анбони пур?
Гуфт: «Нону зоду лути дӯш ман,
Мекашонам баҳри тақви(я)ти бадан».
Гуфт: «Чун надҳӣ бад-он саг нону зод?»
Гуфт: «То ин ҳад надорам меҳру дод.
Даст н-ояд бедирам дар роҳ нон,
Лек ҳаст оби ду дида ройгон».
Гуфт: «Хокат бар сар, эй пурбод машк,
Ки лаби нон пеши ту беҳтар зи ашк?»

Ашк хун асту ба ғам обе шуда,
Менаярзад хок хуни беҳуда.
Кулли худро хор кард ӯ чун Билис,
Пораи ин кул набошад ҷуз хасис.
Ман ғуломи он ки нафрӯшад вуҷуд,
Ҷуз бад-он султони бо ифзолу ҷуд.
Чун бигиряд, осмон гирён шавад,
Чун бинолад, чарх «ёрабхон» шавад.
Ман ғуломи он миси ҳимматпараст,
К-ӯ ба ғайри кимиё н-орад шикаст.
Дасти ишкаста баровар дар дуъо,
Сӯйи ишкаста барад фазли Худо.
Гар раҳоӣ боядат з-ин чоҳи танг,
Эй бародар, рав бар озар бедиранг.
Макри Ҳақро бину макри худ биҳил,
Эй зи макраш макри маккорон хиҷил.
Чунки макрат шуд фанои макри раб,
Баргушоӣ як камине булаҷаб.
Ки каминай он камин бошад бақо,
То абад андар уруҷу иртиқо.

Дар баёни он ки ҳеч чашми баде одамиро чунон муҳлик нест, ки чашми писанди хештан, магар ки чашми ӯ мубаддал шуда бошад ба нури Ҳақ, ки бе ясмаъ ва бе ябсир ва хештани ӯ бе хештан шуда
Парри товусат мабину пой бин,
То ки суъулайн нагшояд камин,
Ки билағзад кӯҳ аз чашми бадон,
«Юзлиқунак» аз нубӣ бархон бад-он.
Аҳмади чун кӯҳ лағзид аз назар
Дар миёни роҳ бегил, бематар.
Дар аҷаб дармонд, к-ин лағзиш зи чист?
Ман напиндорам, ки ин ҳолат тиҳист.
То биёмад ояту огоҳ кард,
К-он зи чашми бад расидат в-аз набард.
Гар будӣ ғайри ту дардам «ло» шудӣ,
Сайди чашму сухраи ифно шудӣ.
Лек омад исмате доманкашон

В-ин ки лағзидӣ, буд аз баҳри нишон.
Ибрате гир, андар он кӯҳ кун нигоҳ,
Барги худ арза макун, эй кам зи коҳ!

Тафсири «ва ин якоду-л-лазина кафару лаюзлиқунака биабсориҳим, ал-оя»
Ё расулуллаҳ, дар он нодӣ касон
Мезананд аз чашми бад бар каргасон.
Аз назаршон каллаи шери арин
Вошикофад, то кунад он шер анин.
Бар шутур чашм афганад ҳамчун ҳимом
В-онгаҳон бифристад андар пай ғулом,
Ки бирав, аз пиҳи ин уштур бихар,
Бинад уштурро сақат ӯ роҳ-бар.
Сар бурида аз мараз он уштуре,
К-ӯ ба таг бо асб мекардӣ мирӣ.
К-аз ҳасад в-аз чашми бад бе ҳеч шак,
Сайру гардишро бигардонад фалак.
Об пинҳон асту дӯлоб ошкор,
Лек дар гардиш бувад об асли кор.
Чашми некӯ шуд давои чашми бад,
Чашми бадро «ло» кунад зери лагад.
Сабқ раҳматрост ӯ аз раҳмат аст,
Чашми бад маҳсули қаҳру лаънат аст.
Раҳматаш бар ниқматаш ғолиб шавад,
Чира з-ин шуд ҳар набӣ бар зидди х(в)ад.
К-ӯ натиҷай раҳмат асту зидди ӯ,
Аз натиҷай қаҳр буд он зиштхӯ.
Ҳирси бат яктост, ин панҷоҳтост,
Ҳирси шаҳват мору мансаб аждаҳост.
Ҳирси бат аз шаҳвати ҳалқ асту фарҷ,
Дар риёсат бистчандон аст дарҷ.
Аз улуҳийят занад дар ҷоҳ лоф,
Томеъи ширкат куҷо бошад муоф?
Заллати Одам зи ишкам буду боҳ
В-они Иблис аз такаббур буду ҷоҳ.
Лоҷарам ӯ зуд истиғфор кард,
В-он лаъин аз тавба истикбор кард.

Ҳирси ҳалқу фарҷ ҳам худ бадрагист,
Лек мансаб нест он ишкастагист.
Беху шохи ин раёсатро агар
Бозгӯям, дафтаре бояд дигар.
Асби саркашро араб шайтон-ш хонд,
Не сутуреро, ки дар маръо бимонд.
Шайтанат гарданкашӣ буд дар луғат,
Мустаҳиққи лаънат омад ин сифат.
Сад хуранда гунҷад андар гирди хон,
Ду риёсатҷӯ нагунҷад дар ҷаҳон.
Он нахоҳад, к-ин бувад бар пушти хок,
То малак бикшад падарро з-иштирок.
Он шунидастӣ, ки «Ал-мулку ақим?»
Қатъи хешӣ кард мулкатҷӯ зи бим,
Ки ақим асту варо фарзанд нест,
Ҳамчу оташ бо касаш пайванд нест.
Ҳар чӣ ёбад ӯ, бисӯзад, бардарад,
Чун наёбад ҳеч, худро мех(в)арад.
Ҳеч шав, ворах ту аз дандони ӯ,
Раҳм кам ҷӯ аз дили сандони ӯ.
Чунки гаштӣ ҳеч, аз сандон матарс,
Ҳар сабоҳ аз қаъри мутлақ гир дарс.
Ҳаст улуҳийят ридои зулҷалол,
Ҳар кӣ дарпӯшад, бар ӯ гардад вубол.
Тоҷ аз они ӯст, они мо камар,
Войи ӯ, к-аз ҳадди худ дорад гузар.
Фитнаи туст ин пари товусият,
К-иштирокат бояду қуддусият.

Қиссаи он ҳаким, ки дид товусеро, ки пари зебои худро меканд ба минқор ва меандохт ва тани худро калу зишт мекард, аз тааҷҷуб пурсид, ки дареғат намеояд? Гуфт: «Меояд, аммо пеши ман ҷон аз пар азизтар аст ва ин пар адӯи ҷони ман аст»

Парри худ меканд товусе ба дашт,
Як ҳакиме рафта буд он ҷо ба гашт.
Гуфт: «Товусо, чунин парри санӣ
Бедареғ аз бех чун бармеканӣ?

Худ дилат чун медиҳад, то ин ҳулал
Барканӣ, андозияш андар ваҳал?
Ҳар паратро аз азизиву писанд
Ҳофизон дар тайи мусҳаф мениҳанд.
Баҳри таҳрики ҳавои судманд
Аз пари ту бодбезан мекунанд.
Ин чӣ ношукриву чӣ бебокӣ аст?
Ту намедонӣ, ки наққошаш кӣ аст?
Ё ҳамедониву нозе мекунӣ?
Қосидан қалъи тирозе мекунӣ?»
Эй басо нозо, ки гардад он гуноҳ,
Афганад мар бандаро аз чашми шоҳ.
Ноз кардан хуштар ояд аз шакар,
Лек кам хояш, ки дорад сад хатар.
Эминобод аст он роҳи ниёз,
Тарки нозаш гиру бо он раҳ бисоз.
Эй басо нозоваре зад парру бол,
Охируламр он бар он кас шуд вабол.
Хушшии ноз ар даме бифрозадат,
Биму тарси музмараш бигдозадат.
В-ин ниёз, арчи ки лоғар мекунад,
Садрро чун бадри анвар мекунад.
Чун зи мурда зинда берун мекашад,
Ҳар кӣ мурда гашт, ӯ дорад рашад.
Чун зи зинда мурда берун мекунад,
Нафси зинда сӯйи марге метанад.
Мурда шав, то «мухриҷу-л-ҳаййи-с-самад»
Зиндае з-ин мурда берун оварад.
Дай шавӣ, бинӣ ту ихроҷи баҳор,
Лайл гардӣ, бинӣ ӣлоҷи наҳор.
Бармакан он пар, ки напзирад руфӯ,
Рӯй махрош аз азо, эй хубрӯ.
Ончунон рӯйе, ки чун шамси зуҳост,
Ончунон рухро харошидан хатост.
Захми нохун бар чунон рух кофирист,
Ки рухи маҳ дар фироқи ӯ гирист.
Ё намебинӣ ту рӯйи хешро,

Тарк кун хӯйи лаҷоҷандешро.

Дар баёни он ки сафо ва содагии нафси мутмаъинна аз фикратҳо мушавваш шавад, чунонки бар рӯйи ойина чизе нависӣ ё нақш кунӣ, агарчи пок кунӣ, доғе бимонад ва нуқсоне

Рӯйи нафси мутмаъинна дар ҷасад
Захми нохунҳои фикрат мекашад.
Фикрати бад нохуни пурзаҳр дон,
Мехарошад дар тааммуқ рӯйи ҷон.
То гушояд уқдаи ишколро,
Дар ҳадас кардаст заррин болро.
Уқдаро бигшода гир, эй мунтаҳӣ,
Уқдаи сахт аст бар кисай тиҳӣ.
Дар гушоди уқдаҳо гаштӣ ту пир,
Уқдаи чанди дигар бигшода гир.
Уқдае, к-он бар гулӯи мост сахт,
Ки бидонӣ, ки хасӣ ё некбахт?
Ҳалли ин ишкол кун, гар одамӣ,
Харҷи ин кун дам, агар одамдамӣ.
Ҳадди аъёну араз диниста гир,
Ҳадди худро дон, ки набвад з-ин гузир.
Чун бидонӣ ҳадди худ, з-ин ҳад гурез,
То ба беҳад даррасӣ, эй хокбез!
Умр дар маҳмулу дар мавзӯъ рафт,
Бебасират умр дар масмӯъ рафт.
Ҳар далеле бенатиҷа-в беасар
Ботил омад, дар натиҷай худ нигар.
Ҷуз ба маснӯъе надидӣ сониъе,
Бар қиёси иқтиронӣ қониъе.
Мефизояд дар васоит фалсафӣ,
Аз далоил, боз бар аксаш сафӣ.
Ин гурезад аз далелу аз ҳиҷеб,
Аз пайи мадлул сар бурда ба ҷеб.
Гар духон ӯро далели оташ аст,
Бе духон моро дар он оташ х(в)аш аст.
Хоса ин оташ, ки аз қурби вало
Аз духон наздиктар омад ба мо.

Пас сияҳкорӣ бувад рафтан зи ҷон,
Баҳри тахйилоти ҷон, сӯйи духон.

Дар баёни қавли расул алайҳиссалом, ки «ло руҳбониятан фи-л-ислом»
Бармакан паррову дил баркан аз ӯ,
З-он ки шарти ин ҷиҳод омад адӯ.
Чун адӯ набвад, ҷиҳод омад муҳол,
Шаҳватат набвад, набошад имтисол.
Сабр набвад, чун набошад майли ту,
Хасм чун набвад, чӣ ҳоҷат хайли ту?
Ҳин, макун худро хасӣ, руҳбон машав,
З-он ки иффат ҳаст шаҳватро гарав.
Беҳаво найҳ аз ҳаво мумкин набуд,
Ғозие бар мурдагон натвон намуд.
«Анфиқу» гуфтаст, пас касбе бикун,
З-он ки набвад харҷ бе дахли куҳун.
Гарчи овард «анфиқу»-ро мутлақ ӯ,
Ту бихон, ки «аксибу сумма-нфиқу».
Ҳамчунон чун шоҳ фармуд: «исбиру»,
Рағбате бояд, к-аз он тобӣ ту рӯ.
Пас «кулу» аз баҳри доми шаҳват аст,
Баъд аз он «ло тусрифу» он иффат аст.
Чунки «маҳмулун биҳи» набвад «ладайҳ»,
Нест мумкин буди «маҳмулун алайҳ».
Чунки ранҷи сабр набвад мар туро,
Шарт набвад, пас фурӯ н-ояд ҷазо.
Ҳаббазо он шарту шодо он ҷазо,
Он ҷазои дилнавози ҷонфизо.

Дар баёни он ки савоби амали ошиқ аз Ҳақ ҳам ҳақ аст
Ошиқонро шодмониву ғам ӯст,
Дастмузду уҷрати хидмат ҳам ӯст.
Ғайри маъшуқ ар тамошое бувад,
Ишқ набвад, ҳарза савдое бувад.
Ишқ он шӯъласт, к-ӯ чун барфурӯхт,
Ҳар чӣ ҷуз маъшуқ, боқӣ ҷумла сӯхт.
Теғи «ло» дар қатли ғайри Ҳақ биронд,

Дарнигар з-он пас ки баъди «ло» чӣ монд?
Монд «иллаллоҳ» боқӣ, ҷумла рафт,
Шод бош, эй ишқи ширкатсӯзи зафт.
Худ ҳам ӯ буд охирину аввалин,
Ширк ҷуз аз дидаи аҳвал мабин.
Эй аҷаб, ҳусне бувад ҷуз акси он,
Нест танро ҷунбише аз ғайри ҷон.
Он танеро, ки бувад дар ҷон халал,
Хуш нагардад, гар бигирӣ дар асал.
Ин касе донад, ки рӯзе зинда буд,
Аз кафи ин ҷони ҷон ҷоме рабуд.
В-он ки чашми ӯ надидаст он рухон,
Пеши ӯ ҷон аст ин таффи духон.
Чун надид ӯ Уммари Абдулазиз,
Пеши ӯ одил бувад Ҳаҷҷоҷ низ.
Чун надид ӯ мори Мӯсоро субот,
Дар ҳиболи сеҳр пиндорад ҳаёт.
Мурғ, к-ӯ нохӯрдааст оби зулол,
Андар оби шӯр дорад парру бол.
Ҷуз ба зид, зидро ҳаменатвон шинохт,
Чун бибинад захм, бишносад навохт.
Лоҷарам дунё муқаддам омадаст,
То бидонӣ қадри иқлими аласт.
Чун аз ин ҷо ворахӣ, он ҷо равӣ,
Дар шакархонай абад шокир шавӣ.
Гӯйӣ он ҷо хокро мебехтам,
З-ин ҷаҳони пок мебигрехтам.
Эй дареғо, пеш аз ин будим аҷал,
То азобам кам будӣ андар ваҷал.

Дар тафсири қавли расул алайҳиссалом «мо мота ман мота илло ва таманно ан ямута қабла мо мота ин кона барран лиякуна ило вусули-л-бирри аъҷала ва ин кона фоҷиран лияқилла фаҷуруҳ»
З-ин бифармудаст он огаҳ расул,
Ки ҳар он кӣ мурду кард аз тан нузул,
Набвад ӯро ҳасрати нуқлону мавт,
Лек бошад ҳасрати тақсиру фавт.

Ҳар кӣ мирад, худ таманно бошадаш,
Ки будӣ з-ин пеш нақли мақсадаш.
Гар бувад бад, то бадӣ камтар будӣ
В-ар тақо, то хона зутар омадӣ.
Гӯяд он бад: «Бехабар мебудаам.
Дам ба дам ман парда меафзудаам.
Гар аз ин зутар маро маъбар будӣ,
Ин ҳиҷобу пардаам камтар будӣ».
Аз ҳарисӣ кам дарон рӯйи қунӯъ
В-аз такаббур кам дарон чеҳрай хушӯъ.
Ҳамчунин аз бухл кам дар рӯйи ҷуд
В-аз билисӣ чеҳраи хуби суҷуд,
Бармакан он парри хулдоройро,
Бармакан он парри раҳпаймойро.
Хуш шунид ин панд, дар вай бингарист,
Баъд аз он дар навҳа омад, мегирист.
Навҳаву гиряй дарози дардманд,
Ҳар кӣ он ҷо буд, бар гиряш фиганд.
В-он ки мепурсид: «Пар кандан зи чист?»
Бе ҷавобе шуд пушаймон, мегирист.
К-аз фузулӣ ман чаро пурсидамаш?
ӯ зи ғам пур буд, шӯронидамаш.
Мечакид аз чашми тар бар хок об,
Андар он ҳар қатра мудраҷ сад ҷавоб.
Гиряи босидқ бар ҷонҳо занад,
То ки чарху аршро гирён кунад.
Ақлу дилҳо бе гумоне аршиянд,
Дар ҳиҷоб аз нури аршӣ мезиянд.

Дар баёни он ки ақлу рӯҳ дар обу гил маҳбусанд, ҳамчун Ҳоруту Морут дар чоҳи Бобил

Ҳамчу Ҳоруту чу Морут он ду пок
Бастаанд ин ҷо ба чоҳи саҳмнок.
Олами сифливу шаҳвонӣ - даранд,
Андар ин чаҳ гаштаанд аз ҷурм банд.
Сеҳру зидди сеҳрро бе ихтиёр
З-ин ду омӯзанд некону широр.

Лек аввал панд бидҳандаш, ки ҳин!
Сеҳрро аз мо маёмӯзу мачин.
Мо биёмӯзем ин сеҳр, эй фалон!
Аз барои ибтилову имтиҳон,
К-имтиҳонро шарт бошад ихтиёр,
Ихтиёре набвадат бе иқтидор.
Майлҳо ҳамчун сагони хуфтаанд,
Андар эшон хайру шар бинҳуфтаанд.
Чунки қудрат нест, хуфтанд ин рада
Ҳамчу ҳезум пораҳову танзада.
То ки мурдоре дарояд дар миён,
Нафхи сури ҳирс кӯбад бар сагон.
Чун дар он кӯча харе мурдор шуд,
Сад саги хуфта бад-он бедор шуд.
Ҳирсҳои рафта андар катми ғайб
Тохтан овард, сар барзад зи ҷайб.
Мӯ ба мӯйи ҳар саге дандон шуда
В-аз барои ҳила дум ҷунбон шуда.
Ними зераш ҳила, боло он ғазаб,
Чун заиф оташ, ки ёбад ӯ ҳатаб.
Шӯъла-шӯъла мерасад аз ломакон,
Меравад дуди лаҳаб то осмон.
Сад чунин саг андар ин тан хуфтаанд,
Чун шикоре нестшон, бинҳуфтаанд.
Ё чу бозонанду дида дӯхта,
Дар ҳиҷоб аз ишқи сайде сӯхта.
То кулаҳ бардориву бинад шикор,
Онгаҳон созад тавофи кӯҳсор.
Шаҳвати ранҷур сокин мебувад,
Хотири ӯ сӯйи сиҳҳат меравад.
Чун бибинад нону себу харбуза,
Дар масоф ояд маза-в хавфи база.
Гар бувад саббор, дидан суди ӯст,
Он таҳайюҷ табъи сусташро накӯст.
В-ар набошад сабр, пас нодида беҳ,
Тир дур авло зи марди безиреҳ.

Ҷавоб гуфтани товус он соилро
Чун зи гиря фориғ омад, гуфт: «Рав,
Ки ту рангу бӯйро ҳастӣ гарав.
Он намебинӣ, ки ҳар сӯ сад бало
Сӯйи ман ояд пайи ин болҳо.
Ай басо сайёди бераҳмат мудом,
Баҳри ин парҳо ниҳад ҳар сӯм дом.
Чанд тирандоз баҳри болҳо
Тир сӯйи ман кашад андар ҳаво.
Чун надорам зӯру забти хештан,
З-ин қазову з-ин балову з-ин фитан.
Он беҳ ояд, ки шавам зишту кареҳ,
То бувад омин дар ин кӯҳсору теҳ.
Ин силоҳи уҷби ман шуд, эй фато!
Уҷб орад мӯъҷибонро сад бало».

Баёни он ки ҳунарҳову зиракиҳо ва моли дунё ҳамчун парҳои товус адувви ҷон аст
Пас ҳунар омад ҳалокат хомро,
К-аз пайи дона набинад домро.
Ихтиёр онро накӯ бошад, ки ӯ,
Молики худ бошад андар «иттақу».
Чун набошад ҳифзу тақво, зинҳор
Дур кун олат, бияндоз ихтиёр.
Ҷилвагоҳу ихтиёрам он пар аст,
Барканам парро, ки дар қасди сар аст.
Нест ангорад пари худро сабур,
То параш дарнафганад дар шарру шӯр.
Пас зиёнаш нест пар, гӯ бармакан,
Гар расад тире, ба пеш орад миҷан.
Лек бар ман парри зебо душманест,
Чунки аз ҷилвагарӣ сабрем нест.
Гар будӣ сабру ҳифозам роҳбар,
Барфузудӣ з-ихтиёрам карру фар.
Ҳамчу тифлам ё чу маст андар фитан,
Нест лоиқ теғ андар дасти ман.
Гар маро ақле будиву мунзаҷар,

Теғ андар дасти ман будӣ зафар.
Ақл бояд нурдеҳ чун офтоб,
То занад теғе, ки набвад ҷуз савоб.
Чун надорам ақли тобону салоҳ,
Пас, чаро дар чоҳ нандозам силоҳ?
Дар чаҳ андозам кунун теғу миҷан,
К-ин силоҳи хасми ман хоҳад шудан.
Чун надорам зӯру ёреву санад,
Теғам ӯ бистонаду бар ман занад.
Рағми ин нафси вақеҳарӯйро,
Ки напӯшад рӯ, харошам рӯйро.
То шавад кам ин ҷамолу ин камол,
Чун намонад рӯ, кам афтам дар вабол.
Чун бад-ин нийят харошам, базза нест,
Ки ба захм ин рӯйро пӯшиданист.
Гар дилам хӯйи сатире доштӣ,
Рӯйи хубам ҷуз сафо нафроштӣ.
Чун надидам зӯру фарҳангу салоҳ,
Хасм дидам, зуд бишкастам силоҳ.
То нагардад теғи ман ӯро камол,
То нагардад ханҷарам бар ман вабол.
Мегурезам, то рагам ҷунбон бувад,
Кай фароз аз хештан осон бувад?
Он ки аз ғайре бувад ӯро фарор,
Чун аз ӯ бибрид, гирад ӯ қарор.
Ман, ки хасмам, ҳам манам андар гурез,
То абад кори ман омад хез-хез.
На ба Ҳинд аст эману на дар Хутан,
Он ки хасми ӯст сояй хештан.

Дар сифати он бехудон, ки аз шарри худ ва ҳунари худ эмин шудаанд, ки фонианд дар бақои Ҳақ, ҳамчун ситорагон, ки фонианд рӯз дар офтоб ва фониро хавфи офат ва хатар набошад
Чун фанош аз фақр пироя шавад,
ӯ муҳаммадвор бесоя шавад.
Фақру фахреро фано пироя шуд,
Чун забонай шамъ ӯ бесоя шуд.

Шамъ ҷумла шуд забона пову сар,
Сояро набвад ба гирди ӯ гузар.
Мум аз хешу зи соя даргурехт,
Дар шуоъ аз баҳри ӯ, ки шамъ рехт.
Гуфт ӯ: «Баҳри фаноят рехтам»,
Гуфт: «Ман ҳам дар фано бигрехтам».
Ин шуоъи боқӣ омад муфтараз,
На шуоъи шамъи фонии араз.
Шамъ чун дар нор шуд куллӣ фано,
На асар бинӣ зи шамъу на зиё.
Ҳаст андар дафъи зулмат ошкор,
Оташи сурат ба муме пойдор.
Бар хилофи муми шамъи ҷисм, к-он,
То шавад кам, гардад афзун нури ҷон.
Ин шуоъи боқиву он фонӣ аст,
Шамъи ҷонро шӯълаи раббонӣ аст.
Ин забонай оташе чун нур буд,
Сояи фонӣ шудан з-ӯ дур буд.
Абрро соя бияфтад дар замин,
Моҳро соя набошад ҳамнишин.
Бехудӣ беабрӣ аст, эй некхоҳ,
Бошӣ андар бехудӣ чун қурси моҳ.
Боз чун абре биёяд ронда,
Рафт нур аз маҳ хаёле монда.
Аз ҳиҷоби абр нураш шуд заъиф,
Кам зи моҳи нав шуд он бадри шариф.
Маҳ хаёле менамояд з-абру гард,
Абри тан моро хаёландеш кард.
Лутфи маҳ бингар, ки ин ҳам лутфи ӯст,
Ки бигуфт ӯ: «Абрҳо моро адӯст».
Маҳ фароғат дорад аз абру ғубор,
Бар фарози чарх дорад маҳ мадор.
Абр моро шуд адӯву хасми ҷон,
Ки кунад маҳро зи чашми мо ниҳон.
Ҳурро ин парда золе мекунад,
Бадрро кам аз ҳилоле мекунад.
Моҳ моро дар канори из нишонд,

Душмани моро адӯи хеш хонд.
Тоби абру оби ӯ худ з-ин маҳ аст,
Ҳар кӣ маҳ хонд абрро, бас гумраҳ аст.
Нури маҳ бар абр чун мунзал шудаст,
Рӯйи торикаш зи маҳ мубдал шудаст.
Гарчи ҳамранги маҳ асту давлатест,
Андар абр он нури маҳ ориятист.
Дар қиёмат шамсу маҳ маъзул шуд,
Чашм дар асли зиё машғул шуд.
То бидонад мулкро аз мустаъор
В-ин работи фонӣ аз дорулқарор.
Доя ория бувад рӯзе се-чор,
Модаро, моро ту гир андар канор.
Парри ман абр асту пардасту касиф,
З-инъикоси лутфи Ҳақ ӯ шуд латиф.
Барканам паррову ҳуснашро зи роҳ,
То бибинам ҳусни маҳро ҳам зи моҳ.
Ман нахоҳам доя, модар хуштар аст,
Мӯсиям ман, дояи ман модар аст.
Ман нахоҳам лутфи маҳ аз восита,
Ки ҳалоки қавм шуд ин робита.
Ё магар абре шавад фонии роҳ,
То нагардад ӯ ҳиҷоби рӯйи моҳ.
Сураташ бинмояд ӯ дар васфи «ло»
Ҳамчу ҷисми анбиёву авлиё.
Ончунон абре набошад пардабанд,
Пардадар бошад ба маънӣ судманд.
Ончунон-к андар сабоҳи равшане
Қатра мебориду боло абр не.
Мӯъҷизай пайғамбарӣ буд он сақо,
Гашта абр аз маҳв ҳамранги само.
Буд абру рафта аз вай хӯйи абр,
Инчунин гардад тани ошиқ ба сабр.
Тан бувад, аммо тане гум гашта з-ӯ,
Гашта мубдал, рафта аз вай рангу бӯ.
Пар пайи ғайр асту сар аз баҳри ман,
Хонаи самъу басар устуни тан.

Ҷон фидо кардан барои сайди ғайр
Куфри мутлақ дону навмедӣ зи хайр.
Ҳин, машав чун қанд пеши тӯтиён,
Балки захре шав, шав эмин аз зиён.
Ё барои шодбошӣ дар хитоб
Хеш чун мурдор кун пеши килоб.
Пас, Хизир киштӣ барои ин шикаст,
То ки он киштӣ зи ғосиб бозраст.
Фақру фахре баҳри он омад санӣ,
То зи таммоъон гузинам дар ғанӣ.
Ганҷҳоро дар харобе з-он ниҳанд,
То зи ҳирси аҳли Умрон вораҳанд.
Пар натонӣ канд? Рав, хилват гузин,
То нагардӣ ҷумла харҷи ону ин.
З-он ки ту ҳам луқмаӣ, ҳам луқмахор,
Окилу маъкулӣ, эй ҷон, ҳуш дор.

Дар баёни он ки «мосиваллоҳ» ҳар чизе окилу маъкул аст ҳамчун он мурғе, ки қасди сайди малах мекард ва ба сайди малах машғул мебуд ва ғофил буд аз бози гурусна, ки аз паси қафои ӯ қасди сайди ӯ дошт. Акнун эй одамии сайёди окил! Аз сайёду окили худ эмин мабош, агарчи намебинияш ба назари чашм, ба назари далелу ибраташ мебин то чашми сар боз шудан, «иншоаллоҳу таъоло»
Мурғаке андар шикори кирм буд,
Гурба фурсат ёфт, ӯро даррабуд.
Окилу маъкул буду бехабар,
Дар шикори худ зи сайёде дигар.
Дузд гарчи дар шикори колаест,
Шаҳна бо хасмон-ш дар дунболаест.
Ақли ӯ машғули рахту қуфлу дар,
Ғофил аз шаҳнасту аз оҳи саҳар.
ӯ чунон ғарқ аст дар савдои худ,
Ғофил аст аз толибу ҷӯёи худ.
Гар ҳашиш обу ҳавое мех(в)арад,
Меъдаи ҳайвон-ш дар пай мечарад.
Окилу маъкул омад он гиёҳ,
Ҳамчунин ҳар ҳастие, ғайри Илоҳ.

«Ва-ҳва ютъимкум ва ло ютъам» чу ӯст,
Нест Ҳақ маъкулу окил лаҳму пӯст.
Окилу маъкул кай эман бувад,
З-окиле, к-андар камин сокин бувад?
Амни маъкулон ҷазуби мотам аст,
Рав бад-он даргоҳ, к-ӯ «ло ютъам» аст.
Ҳар хаёлеро хаёле мех(в)арад,
Фикри он фикри дигарро мечарад.
Ту натонӣ, к-аз хаёле вораҳӣ,
Ё бихуспӣ, ки аз он берун ҷаҳӣ.
Фикр занбӯр асту он хоби ту об,
Чун шавӣ бедор, бозояд зубоб.
Чанд занбӯри хаёлӣ дарпарад,
Мекашад ин сӯву он сӯ мебарад.
Камтарини окилон аст ин хаёл
В-он дигарҳоро шиносад зулҷалол.
Ҳин, гурез аз ҷавқи акколи ғализ,
Сӯйи ӯ, ки гуфт: «Моемат ҳафиз».
Ё ба сӯйи он ки ӯ ин ҳифз ёфт,
Гар натонӣ сӯйи он ҳофиз шитофт.
Дастро маспор ҷуз дар дасти пир,
Ҳақ шудаст он дасти ӯро дастгир.
Пири ақлат кӯдакӣ хӯ кардааст,
Аз ҷавори нафс, к-андар парда аст.
Ақли комилро қарин кун бо хирад,
То ки бозояд хирад з-он хӯйи бад.
Чунки дасти худ ба дасти ӯ ниҳӣ,
Пас зи дасти окилон берун ҷаҳӣ.
Дасти ту аз аҳли он байъат шавад,
Ки «ядуллаҳ фавқа айдиҳим» бувад.
Чун бидодӣ дасти худ дар дасти пир,
Пири ҳикмат, ки алим асту хатир.
К-ӯ набии вақти хеш аст, эй мурид,
То аз ӯ нури набӣ ояд падид.
Дар Ҳудайбия шудӣ ҳозир ба дин
В-он саҳобай байъатиро ҳамқарин.
Пас зи даҳ ёри мубашшир омадӣ,

Ҳамчу зарри даҳдаҳӣ холис шудӣ.
То маъайят рост ояд, з-он ки мард
Бо касе ҷуфт аст, к-ӯро дӯст кард.
Ин ҷаҳону он ҷаҳон бо ӯ бувад
В-ин ҳадиси Аҳмади хушхӯ бувад.
Гуфт: «Ар-маръа маъа маҳбубиҳи,
*Ло юфакку-л-қалбу мин матлубиҳи*».
Ҳар куҷо дом асту дона, кам нишин,
Рав, забунгиро, забунгирон бибин.
Эй забунгири забунон, ин бидон,
Даст ҳам болои даст аст, эй ҷавон!
Ту забуниву забунгир, эй аҷаб,
Ҳам ту сайду сайдгир андар талаб.
«Байна айдӣ халфаҳум саддан» мабош,
Ки набинӣ хасмро в-он хасм фош.
Ҳирси сайёдӣ зи сайдӣ муғфил аст,
Дилбарие мекунад, ӯ бедил аст.
Ту кам аз мурғе мабош андар нашид,
«Байна айдӣ халфа» усфуре бидид.
Чун ба назди дона ояд пешу пас,
Чанд гардонад сару рӯ он нафас.
К-эй аҷаб! Пешу пасам сайёд ҳаст,
То кашам аз бими ӯ з-ин луқма даст.
Ту бибин пас қиссаи фуҷҷорро,
Пеш бингар марги ёру ҷорро,
Ки ҳалокат додашон беолате,
ӯ қарини туст дар ҳар ҳолате.
Ҳақ шиканҷа карду гурзу даст нест,
Пас бидон, бе даст Ҳақ доваркунест.
Он ки мегуфтӣ агар Ҳақ ҳаст, ку?
Дар шиканҷай ӯ муқир мешав, ки ҳу.
Он ки мегуфт, ин баъид асту аҷиб,
Ашк меронду ҳамегуфт, эй қариб!
Чун фирор аз доми воҷиб дидааст,
Доми ту худ бар парат чафсидааст.
Барканам ман мехи ин манҳус дом,
Аз пайи коме набошам талхком.

Дархури ақли ту гуфтам ин ҷавоб,
Фаҳм кун в-аз ҷустуҷӯ рӯ барматоб.
Бискул ин ҳабле, ки ҳирс асту ҳасад,
Ёд кун: «фӣ ҷидиҳо ҳаблун масад».

Сабаби куштани Халил алайҳиссалом зоғро, ки он ишорат ба қамъи кадом сифат буд аз сифоти мазмумаи мӯҳлика дар мурид
Ин суханро нест поёну фароғ,
Эй Халили Ҳақ, чаро куштӣ ту зоғ?
Баҳри фармон? Ҳикмати фармон чӣ буд?
Андаке з-асрори он бояд намуд.
Коғ-коғу наъраи зоғи сиёҳ
Доимо бошад ба дунё умрхоҳ.
Ҳамчу Иблис аз Худои поки фард
То қиёмат умри тан дархост кард.
Гуфт: «Анзирнӣ ило явми-л-ҷазо»,
Кошкӣ гуфтӣ, ки «тубно раббано».
Умри бетавба ҳама ҷон кандан аст,
Марги ҳозир ғойиб аз Ҳақ будан аст.
Умру марг ин ҳар ду бо Ҳақ х(в)аш бувад,
Бе Худо оби ҳаёт оташ бувад.
Он ҳам аз таъсири лаъниат буд, к-ӯ
Дар чунон ҳазрат ҳамешуд умрҷӯ.
Аз Худо ғайри Худоро хостан
Занни афзунесту куллӣ костан.
Хоса умре ғарқ дар бегонагӣ,
Дар ҳузури шер рӯбаҳшонагӣ.
Умри бешам деҳ, ки то пастар равам,
Маҳлам афзун кун, ки то камтар шавам.
То ки лаънатро нишона ӯ бувад,
Бад касе бошад, ки лаънатҷӯ бувад.
Умри хуш дар қурб ҷон парвардан аст,
Умри зоғ аз баҳри саргин х(в)ардан аст.
Умри бешам деҳ, ки то гуҳ мех(в)арам,
Доим инам деҳ, ки бас бадгавҳарам.
Гар на гуҳхор аст он гандадаҳон,
Гӯядӣ, к-аз хӯйи зоғам вораҳон.

Муноҷот

Эй мубаддал карда хокеро ба зар,
Хоки дигарро бикарда булбашар.
Кори ту табдили аъёну ато,
Кори ман саҳв асту нисёну хато.
Саҳву нисёнро мубаддал кун ба илм,
Ман ҳама хилмам, маро кун сабру ҳилм.
Эй ки хоки шӯраро ту нон кунӣ,
В-эй ки нони мурдаро ту ҷон кунӣ.
Эй ки ҷони хираро раҳбар кунӣ
В-эй ки бераҳро ту пайғамбар кунӣ.
Мекунӣ ҷузви заминро осмон,
Мефизоӣ дар замин аз ахтарон.
Ҳар кӣ созад з-ин ҷаҳон оби ҳаёт,
Зӯдтараш аз дигарон ояд мамот.
Дидаи дил, к-ӯ ба гардун бингарист,
Дид, к-ин ҷо ҳар даме миногарист.
Қалби аъён асту иксире муҳит,
Эътилофи хирқаи тан бемухит.
Ту аз он рӯзе, ки дар ҳаст омадӣ,
Оташе ё боде ё хоке будӣ.
Гар бар он ҳолат туро будӣ бақо,
Кай расидӣ мар туро ин иртиқо?
Аз мубаддал ҳастии аввал намонд,
Ҳастии беҳтар ба ҷойи он нишонд.
Ҳамчунин қосид ҳазорон ҳастҳо,
Баъди якдигар дувум беҳ з-ибтидо.
Аз мубаддал бин, васоитро бимон,
К-аз васоит дур гардӣ з-асли он.
Восита ҳар ҷо фузун шуд, васл ҷаст,
Восита кам, завқи васл афзунтар аст.
Аз сабабдонӣ шавад кам ҳайратат,
Ҳайрати ту раҳ диҳад дар ҳазратат.
Ин бақоҳо аз фаноҳо ёфтӣ,
Аз фанояш рӯ чаро бартофтӣ?
З-он фаноҳо чӣ зиён будат? Ки то

Бар бақо чафсидаӣ, эй нофиқо!
Чун дувум аз аввалинат беҳтар аст,
Пас фано ҷӯву мубаддалро параст.
Садҳазорон ҳашр дидӣ, эй ануд,
То кунун ҳар лаҳза аз бадви вуҷуд.
Аз ҷамодӣ бехабар сӯйи намо
В-аз намо сӯйи ҳаёту ибтило.
Боз сӯйи ақлу тамийизоти х(в)аш,
Боз сӯйи хориҷи ин панҷу шаш.
То лаби баҳр, ин нишони пойҳост,
Пас нишони по даруни баҳри «ло»-ст.
З-он ки манзилҳои хушкӣ з-эҳтиёт
Ҳаст деҳҳову ватанҳову работ.
Боз манзилҳои дарё дар вуқуф,
Вақти мавҷу ҳабси беарса-в суқуф.
Нест пайдо он мароҳилро саном,
На нишон аст он манозилро, на ном.
Ҳаст садчандон миёни манзилайн,
Он тараф, ки аз намо то рӯҳи айн.
Дар фаноҳо ин бақоҳо дидаӣ,
Бар бақои ҷисм чун чафсидаӣ?
Ҳин, бидеҳ, эй зоғ ин ҷон, боз бош,
Пеши табдили Худо ҷонбоз бош.
Тоза мегиру куҳанро месупор,
Ки ҳар имсолат фузун аст аз се пор.
Гар набошӣ нахлвор, исор кун,
Кӯҳна бар кӯҳна неҳу анбор кун.
Кӯҳнаву гандидаву пӯсидаро
Тӯҳфа мебар баҳри ҳар нодидаро.
Он ки нав дид, ӯ харидори ту нест,
Сайди Ҳақ аст ӯ, гирифтори ту нест.
Ҳар куҷо бошанд ҷавқи мурғи кӯр,
Бар ту ҷамъ оянд, эй селоби шӯр!
То физояд кӯрӣ аз шӯробҳо,
З-он ки оби шӯр афзояд амо.
Аҳли дунё з-он сабаб аъмодиланд,
Шорибi шӯробаи обу гиланд.

Шӯр медеҳ, кӯр мехар дар ҷаҳон,
Чун надорӣ оби ҳайвон дар ниҳон.
Бо чунин ҳолат бақо хоҳиву ёд,
Ҳамчу зангӣ дар сияхрӯйӣ ту шод.
Дар сиёҳӣ зангӣ з-он осуда аст,
К-ӯ зи зоду асл зангӣ будааст.
Он ки рӯзе шоҳиду хушрӯ бувад,
Гар сияҳ гардад, тадорукҷӯ бувад.
Мурғи парранда чу монад дар замин,
Бошад андар ғуссаву дарду ҳанин.
Мурғи хона бар замин хуш меравад,
Доначину шоду шотир медавад.
З-он ки ӯ аз асл бепарвоз буд
В-он дигар паррандаву парвоз буд.

Қола-н-набию алайҳиссалом «ирҳаму салосан: азиза қавмин залла ва ғанниа қавмин афтақара ва олиман ялъабу биҳи-л-ҷуҳҳол»
Гуфт пайғамбар, ки раҳм оред бар
Ҷони ман «кона ғанийян фафтақар.
Валлазӣ кона азизан фафтақар,
Ав сафийян олиман байна-л-музар».
Гуфт пайғамбар, ки бо ин се гурӯҳ
Раҳм оред, ар зи сангеду зи кӯҳ.
Он ки ӯ баъд аз раисӣ хор шуд
В-он тавонгар ҳам, ки бединор шуд.
В-он севум, он олиме, к-андар ҷаҳон
Мубтало гардад миёни аблаҳон.
З-он ки аз иззат ба хорӣ омадан,
Ҳамчу қатъи узв бошад аз бадан.
Узв гардад мурда, к-аз тан вобурид,
Навбурида ҷунбад, аммо не мадид.
Ҳар кӣ аз ҷоми аласт ӯ хӯрд пор,
Ҳасташ имсол офати ранҷу хумор
В-он ки чун саг з-асл каҳдонӣ бувад,
Кай мар ӯро ҳирси султонӣ бувад?
Тавба ӯ ҷӯяд, ки кардаст ӯ гуноҳ,
Оҳ ӯ гӯяд, ки гум кардаст роҳ.

Қиссаи маҳбус шудани оҳубача дар охури харон ва таънаи он харон бар он ғариб гоҳ ба ҷангу гоҳ ба тасхур ва мубтало гаштани ӯ ба коҳи хушк, ки ғизои ӯ нест ва ин сифати бандаи хосси Худост миёни аҳли дунё ва аҳли ҳавову шаҳват, ки «ал-ислому бадаъа ғарибан ва саяъуду ғарибан фатубо ли-л-ғурабоъи садақа расулуллоҳ»

Оҳуеро кард сайёде шикор,
Андар охур кардаш он безинҳор.
Охуреро пур зи говону харон,
Ҳабси оҳу кард чун истамгарон.
Оҳу аз ваҳшат ба ҳар сӯ мегурехт,
ӯ ба пеши он харон шаб коҳ рехт.
Аз маҷоат в-иштиҳо ҳар гову хар
Коҳро мехӯрд хуштар аз шакар.
Гоҳ оҳу мерамид аз сӯ ба сӯ,
Гаҳ зи дуду гарди каҳ метофт рӯ.
Ҳар киро бо зидди худ бигзоштанд,
Он уқубатро чу марг ангоштанд.
То Сулаймон гуфт, к-он ҳудҳуд агар
Ҳаҷрро узре нагӯяд мӯътабар,
Букшамаш, ё худ диҳам ӯро азоб,
Як азоби сахт берун аз ҳисоб.
Ҳон, кадом аст он азоб, эй мӯътамад?
Дар қафас будан ба ғайри ҷинси х(в)ад.
З-ин бадан андар азобӣ, эй башар,
Мурғи рӯҳат баста бо ҷинсе дигар.
Рӯҳ боз асту табоеъ зоғҳо,
Дорад аз зоғону ҷуғдон доғҳо.
ӯ бимонда дар миёншон зор-зор
Ҳамчу Бӯбакре ба шаҳри Сабзавор.

Ҳикояти Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки шаҳри Сабзвор, ки ҳама рофизӣ бошанд, ба ҷанг бигирифт, амони ҷон хостанд, гуфт: «Он гаҳ амон диҳам, ки аз ин шаҳр пеши ман ба ҳадя Абӯбакр номе биёваред»

Шуд Муҳаммад Алпулуғ Хоразмшоҳ
Дар қитоли Сабзвори пурпаноҳ.
Ташнагон овард лашкарҳои ӯ,

Испаҳаш афтод дар қатли адӯ.
Саҷда овარданд пешаш к-ал-амон,
Ҳалқамон дар гӯш кун, вобахш ҷон.
Ҳар хироҷу силате, ки боядат,
Он зи мо ҳар мавсиме афзоядат.
Ҷони мо они ту аст, эй шерхӯ!
Пеши мо чанде амонат бош, гӯ.
Гуфт: «Нарҳонед аз ман ҷони хеш,
То наёредам Абӯбакре ба пеш.
То маро Бӯбакр ном аз шаҳратон
Ҳадя н-оред, эй рамида умматон!
Бидравамтон ҳамчу кишт, эй қавми дун,
На хироҷ истонаму на ҳам фусун.
Бас ҷуволи зар кашидандаш ба роҳ,
К-аз чунин шаҳре Абӯбакре махоҳ.
Кай бувад Бӯбакр андар Сабзвор?
Ё кулӯхи хушк андар ҷӯйбор?
Рӯ битобид аз зару гуфт: «Эй муғон,
То наёредам Абӯбакр армуғон,
Ҳеч суде нест, кӯдак нестам,
То ба зарру сим ҳайрон бистам.
То наёрӣ саҷда, нарҳӣ, эй забун,
Гар бипаймоӣ ту масҷидро ба кун».
Мунҳиён ангехтанд аз чаппу рост,
К-андар ин вайрона Бӯбакре куҷост?
Баъди се рӯзу се шаб, к-иштофтанд,
Як Абӯбакре, низоре ёфтанд.
Раҳгузар буду бимонда аз мараз
Дар яке гӯшай харобай пурҳараз.
Хуфта буд ӯ дар яке кунҷе хароб,
Чун бидидандаш бигуфтандаш: «Шитоб,
Хез, ки султон туро толиб шудаст,
К-аз ту хоҳад шаҳри мо аз қатл раст».
Гуфт: «Агар поям будӣ ё мақдаме,
Худ ба роҳи худ ба мақсад рафтаме.
Андар ин душманкада кай мондаме?
Сӯйи шаҳри дӯстон мерондаме».

Тахтаи мурдакашон бифроштанд
В-он Абӯбакри маро бардоштанд.
Сӯйи Хорамшоҳ ҳаммолон кашон
Мекашидандаш, ки то бинад нишон.
Сабзвор аст ин ҷаҳону марди Ҳақ
Андар ин ҷо зоеъ асту мамтаҳақ.
Ҳаст Хорамшоҳ Яздони халил,
Дил ҳамехоҳад аз ин қавми разил.
Гуфт: «Ло янзур ило тасвирикум,
Фабтағу залқалби фӣ тадбирикум».
Ман зи соҳибдил кунам дар ту назар,
На ба нақши саҷдаву исори зар.
Ту дили худро чу дил пиндоштӣ,
Ҷустуҷӯйи аҳли дил бигзоштӣ.
Дил, ки гар ҳафсад чу ин ҳафт осмон
Андар ӯ ояд, шавад ёва-в ниҳон.
Инчунин дилрезаҳоро дил магӯ,
Сабзвор - андар Абӯбакре биҷӯ.
Соҳиби дил ойинай шашрӯ шавад,
Ҳақ аз ӯ дар шаш ҷиҳат нозир бувад.
Ҳар кӣ андар шаш ҷиҳат дорад мақар,
Накнадаш бе воситай ӯ Ҳақ назар.
Гар кунад рад, аз барои ӯ кунад
В-ар қабул орад, ҳам ӯ бошад санад.
Бе аз ӯ надҳад касеро Ҳақ навол,
Шаммае гуфтам ман аз соҳибвисол.
Мавҳибатро бар кафи дасташ ниҳад
В-аз кафаш онро ба марҳумон диҳад.
Бо кафаш дарёи кулро иттисол,
Ҳаст бечуну чигуна-в баркамол.
Иттисоле, ки нагунҷад дар калом,
Гуфтамаш таклиф бошад, вассалом.
Сад ҷуволи зар биёрӣ, эй ғанӣ!
Ҳақ бигӯяд: «Дил биёр, эй мунҳанӣ!
Гар зи ту розист дил, ман розиям.
В-ар зи ту мӯъриз бувад, эърозиям.
Нангарам дар ту, дар он дил бингарам,

Тӯҳфа ӯро ор, эй ҷон, бар дарам.
Бо ту ӯ чун аст? Ҳастам ман чунон,
Зери пойи модарон бошад ҷинон.
Модару бобову асли халқ ӯст,
Эй хунук он кас, ки донад дил зи пӯст».
Ту бигӯйӣ: «Нак, дил овардам ба ту»,
Гӯядат: «Пур аст аз ин дилҳо қуту.
Он диле овар, ки қутби олам аст,
Ҷони ҷони ҷони ҷони одам аст».
Аз барои он дили пурнуру бир
Ҳаст он султони дилҳо мунтазир.
Ту бигардӣ рӯзҳо дар Сабзвор,
Ончунон дилро наёбӣ з-эътибор.
Пас дили пажмурдаи пӯсидаҷон
Бар сари тахта ниҳӣ, он сӯ кашон.
Ки дил овардам туро, эй шаҳрёр!
Беҳ аз ин дил набвад андар Сабзвор.
Гӯядат: «Ин гӯрхонаст, эй ҷарӣ,
Ки дили мурда бад-ин ҷо оварӣ?
Рав, биёвар он диле, к-ӯ шоҳхӯст,
Ки амони Сабзвори кавн аз ӯст».
Гӯйӣ: «Он дил з-ин ҷаҳон пинҳон бувад,
З-он ки зулмат бо зиё зиддон бувад».
Душмании он дил аз рӯзи аласт
Сабзвори табъро меросӣ аст.
З-он ки ӯ боз асту дунё шаҳри зоғ,
Дидани ноҷинс бар ноҷинс доғ.
В-ар кунад нармӣ, нифоқе мекунад,
З-истимолат иртифоқе мекунад.
Мекунад, оре, на аз баҳри ниёз,
То ки носеҳ кам кунад нусҳи дароз.
З-он ки ин зоғи хаси мурдорҷӯ
Садҳазорон макр дорад тӯ ба тӯ.
Гар пазирад он нифоқашро, раҳид,
Шуд нифоқаш айни сидқи мустафид.
З-он ки он соҳибдили бокарру фар,
Ҳаст дар бозори мо маъюбхар.

Соҳиби дил ҷӯ, агар беҷон найӣ,
Ҷинси дил шав, гар зиди султон найӣ.
Он ки зарқи ӯ хуш ояд мар туро,
Он валии туст, на хоси Худо.
Ҳар кӣ ӯ бар хӯву бар табъи ту зист,
Пеши табъи ту валӣ асту набист.
Рав, ҳаво бигзор, то бӯят шавад
В-он машоми хуш абар ҷӯят шавад.
Аз ҳаворонӣ димоғат фосид аст,
Мушку анбар пеши мағзат косид аст.
Ҳад надорад ин сухан в-оҳуи мо
Мегурезад андар охур ҷо ба ҷо.

Бақияи қиссаи оҳу ва охури харон
Рӯзҳо он оҳуи хушнофи нар
Дар шиканҷа буд дар истабли хар.
Музтариб, дар назъ, чун моҳӣ зи хушк
Дар яке ҳуққа, муаззаб, пушку мушк.
Як хараш гуфтӣ, ки ҳо, ин булвуҳуш
Табъи шоҳон дораду мирон, хамӯш!
В-он дигар тасхур задӣ, к-аз ҷарру мад
Гавҳар овардаст, кай арзон диҳад?
В-он харе гуфтӣ, ки бо ин нозукӣ
Бар сарири шоҳ шав, гӯ, муттакӣ.
Он харе шуд тухма в-аз хӯрдан бимонд,
Пас ба расми даъват оҳуро бихонд.
Сар чунин кард ӯ, ки на, рав, эй фалон,
Иштиҳоям нест, ҳастам нотавон.
Гуфт: «Медонам ки нозе мекунӣ,
Ё зи номус эҳтирозе мекунӣ».
Гуфт ӯ бо худ, ки он тӯъмай тув-аст,
Ки аз он аҷзои ту зинда-в нав аст.
Ман алӣфи марғзоре будаам,
Дар зулолу равзаҳо осудаам.
Гар қазо андохт моро дар азоб,
Кай равад он хӯву табъи мустатоб?
Гар гадо гаштам, гадорӯ кай шавам?

В-ар либосам кӯҳна гардад, ман навам.
Сунбулу лола-в сипарғам низ ҳам
Бо ҳазорон нозу нафрат хӯрдаам.
Гуфт: «Оре, лоф мезан, лоф, лоф,
Дар ғарибӣ бас тавон гуфтан газоф».
Гуфт: «Нофам худ гувоҳӣ медиҳад,
Миннате бар уду анбар мениҳад.
Лек онро кӣ шнавад! Соҳибмашом,
Бар хари саргинпараст он шуд ҳаром.
Хар кумизи хар бибӯяд бар тариқ,
Мушк чун арза кунам бо ин фариқ?»
Баҳри ин гуфт он набии мустаҷиб
Рамзи «ал-ислому фӣ-д-дунё ғариб».
З-он ки хешонаш ҳам аз вай мераманд,
Гарчи бо зоташ малоик ҳамдаманд.
Сураташро ҷинс мебинанд аном,
Лек аз вай менаёбанд он машом.
Ҳамчу шере дар миёни нақши гов,
Дур мебинаш, вале ӯро маков.
В-ар биковӣ, тарки гови тан бигӯ,
Ки бидаррад говро он шерхӯ.
Табъи говӣ аз сарат берун кунад,
Хӯйи ҳайвонӣ зи ҳайвон барканад.
Гов бошӣ, шер гардӣ назди ӯ,
Гар ту бо говӣ хушӣ, шерӣ маҷӯ.

Тафсири «инни аро сабъ бифаротин самонин яъкулуҳунна сабъун иҷофан», он говони лоғарро Худо ба сифати шерони гурусна офарида буд, то он ҳафт гови фарбеҳро ба иштиҳо мехӯрданд, агарчи он хаёлоти сувари говон дар ойинаи хоб бинамуданд, ту маънӣ бигир
Он Азизи Миср медидӣ ба хоб,
Чунки чашми ғайбро шуд фатҳи боб.
Ҳафт гови фарбеҳи бас парварӣ,
Хӯрдашон он ҳафт гови лоғаре.
Дар дарун шерон буданд он лоғарон
В-арна говонро набудандӣ х(в)арон.
Пас, башар омад ба сурат марди кор,

Лек дар вай шер пинҳон, мардхор.
Мардро хуш вохурад, фардаш кунад,
Соф гардад дурдаш, ар дардаш кунад.
З-он яке дард ӯ зи ҷумлай дардҳо
Вораҳад, по барниҳад ӯ бар суҳо.
Чанд гӯйӣ ҳамчу зоғи пурнуҳус:
Эй Халил, аз баҳри чӣ куштӣ хурӯс?
Гуфт: «Фармон», ҳикмати фармон бигӯ,
То мусаббиҳ гардам онро мӯ ба мӯ.

Баёни он ки куштани Халил алайҳиссалом хурӯсро, ишорат ба қамъу қаҳри кадом сифат буд аз сифоти мазмумоти мӯҳликот дар ботини мурид?
Шаҳватӣ аст ӯву бас шаҳватпараст,
З-он шароби заҳрноки жож маст.
Гарна баҳри насл будӣ, эй васӣ,
Одам аз нангаш бикардӣ худ хасӣ.
Гуфт Иблиси лаъин додорро,
Доми зафте хоҳам ин ишкорро.
Зарру симу галлаи асбаш намуд,
Ки бад-ин тонӣ халоиқро рабуд?
Гуфт: «Шобош»-у туруш овехт лунҷ,
Шуд турунҷида-в туруш ҳамчун турунҷ.
Пас зару гавҳар зи маъданҳои х(в)аш
Кард он пасмондаро Ҳақ пешкаш:
«Гир он доми дигарро, эй лаъин»,
Гуфт: «З-ин афзун деҳ, эй неъмалмуъин».
Чарбу ширину шароботи самин
Додашу бас ҷомаи абрешимин.
Гуфт: «Ё раб, беш аз ин хоҳам мадад,
То бибандамшон ба «ҳаблин мин масад».
То ки мастонат, ки нарру пурдиланд,
Мардвор он бандҳоро бискуланд.
То бад-ин дому расанҳои ҳаво
Марди ту гардад зи номардон ҷудо.
Доми дигар хоҳам, эй султони тахт,
Доми мардандозу ҳилатсози сахт.
Хамру чанг овард, пеши ӯ ниҳод,

Нимханда зад, бад-он шуд нимшод.
Сӯйи излоли азал пайғом кард,
Ки барор аз қаъри баҳри фитна гард.
Не яке аз бандагонат Мӯсӣ аст,
Пардаҳо дар баҳр ӯ аз гард баст.
Об аз ҳар сӯ инонро вокашид,
Аз таги дарё ғуборе барҷаҳид.
Чунки хубии занон фо ӯ намуд,
Ки зи ақлу сабри мардон мефузуд.
Пас зад ангуштак, ба рақс – андар фитод,
Ки бидеҳ зутар, расидам дар мурод.
Чун бидид он чашмҳои пурхумор,
Ки кунад ақлу хирадро беқарор.
В-он сафои оразн он дилбарон,
Ки бисӯзад чун сипанд ин дил бар он.
Рӯву холу абруву лаб чун ақиқ,
Гӯиё Ҳақ тофт аз пардай рақиқ.
Дид ӯ он ғанҷу барҷасти сабук,
Чун таҷаллии Ҳақ аз пардай тунук.

Тафсири «халақна-л-инсона фӣ аҳсани тақвимин, сумма рададноҳу асфала софилина» ва тафсири «ва ман нуъаммирҳу нунаккисҳу фи-л-халқ»
Одами ҳусну малак соҷид шуда,
Ҳамчу Одам боз маъзул омада.
Гуфт: «О ваҳ! Баъди ҳастӣ нестӣ?»
Гуфт: «Ҷурмат ин ки афзун зистӣ».
Ҷабрайилаш мекашонад мӯкашон,
Ки бирав з-ин хулду аз ҷавқи х(в)ашон.
Гуфт: «Баъд аз изз ин излол чист?»
Гуфт: «Он дод асту инат доварист».
Ҷабрайило, саҷда мекардӣ ба ҷон,
Чун кунун мерониям ту аз ҷинон?
Ҳулла мепаррад зи ман дар имтиҳон,
Ҳамчу барг аз нахл дар фасли хазон.
Он рухе, ки тоби ӯ буд моҳвор,
Шуд ба пирӣ ҳамчу пушти сусмор.
В-он сару фарқи каши шаъшаъ шуда,

Вақти пирӣ нохушу аслаъ шуда.
В-он қади сафдарри нозон чун синон
Гашта дар пирӣ дуто ҳамчун камон.
Ранги лола гашта ранги заъфарон,
Зӯри шераш гашта чун захрай занон.
Он ки марде дар бағал кардӣ ба фан,
Мебигирандаш бағал вақти шудан.
Ин худ осори ғаму пажмурдагист,
Ҳар яке з-инҳо расули мурдагист.

Тафсири «асфала софилина илла-л-лазина оману ва ъамилу-с-солиҳот фалаҳум ачрун ғайру мамнунин»
Лек гар бошад табибаш нури Ҳақ,
Нест аз пириву таб нуқсону дақ.
Сустии ӯ ҳаст чун сустии маст,
К-андар он сустиш рашки Рустам аст.
Гар бимирад, устухонаш ғарқи завқ,
Зарра-зарраш дар шуоъи нури шавқ.
В-он ки онаш нест боғи бесамар,
Ки хазонаш мекунад зеру забар.
Гул намонад, хорҳо монад сиёҳ,
Зарду бемағз омада чун талли коҳ.
То чӣ заллат кард он боғ, эй Худо,
Ки аз ӯ ин ҳуллаҳо гардад чудо?
Хештанро диду диди хештан,
Заҳри қаттол аст, ҳин, эй мумтаҳан!
Шоҳиде, к-аз ишқи ӯ олам гирист,
Оламаш меронад аз худ, ҷурм чист?
Ҷурм он ки зевари ория баст,
Кард даъво, к-ин ҳулал мулки ман аст.
Воситонем он, ки то донад яқин,
Хирман они мост, хубон доначин.
То бидонад, к-он ҳулал ория буд,
Партаве буд он зи хуршеди вуҷуд.
Он ҷамолу қудрату фазлу ҳунар,
З-офтоби ҳусн кард ин сӯ сафар.
Бозмегарданд чун исторахо,

Нури он хуршед з-ин деворҳо.
Партави хуршед шуд воҷойгоҳ,
Монд ҳар девор торику сиёҳ.
Он ки кард ӯ дар рухи хубон-т данг,
Нури хуршед аст аз шишай серанг.
Шишаҳои ранр-ранг он нурро
Менамояд инчунин рангин ба мо.
Чун намонад шишаҳои ранг-ранг,
Нури берангат кунад он гоҳ данг.
Хӯй кун бешиша дидан нурро,
То чу шиша бишканад, набвад амо.
Қонеъӣ бо дониши омӯхта,
Дар чароғи ғайр чашм афрӯхта.
ӯ чароғи хеш бирбояд, ки то
Ту бидонӣ мустаъирӣ, не фато.
Гар ту кардӣ саъйу шукри муҷтаҳад,
Ғам махур, ки сад чунон бозат диҳад
В-ар накардӣ шукр, акнун хун гирӣ,
Ки шудаст он ҳусн аз кофир барӣ.
«Уммату-л-куфрон азалл аъмолаҳум,
Уммату-л-имони аслаҳ болаҳум».
Гум шуд аз бешукр хубиву ҳунар,
Ки дигар ҳаргиз набинад з-он асар.
Хешиву бехешиву шукру вадод
Рафт з-он сон, ки наёрадшон ба ёд.
Ки «азалл аъмолаҳум», эй кофирон,
Ҷустани ком аст аз ҳар комрон.
Ҷуз зи аҳли шукру асҳоби вафо,
Ки мар эшонрост давлат дар қафо.
Давлати рафта куҷо қувват диҳад?
Давлати оянда хосийят диҳад.
Қарз деҳ з-ин давлат андар «ақризу»,
То ки сад давлат бибинӣ пеши рӯ.
Андаке з-ин шурб кам кун баҳри хеш,
То ки ҳавзи Кавсаре ёбӣ ба пеш.
Ҷуръа бар хоки вафо он кас, ки рехт,
Кай тавонад сайди давлат з-ӯ гурехт?

Хуш кунад дилшон, ки «аслаҳ болаҳум»,
«Радда мин баъди-т-таво анзолаҳум».
Эй аҷал в-эй турки ғоратсоз деҳ
Ҳарчи бурдӣ з-ин шакурон, боздеҳ.
Водиҳад, эшон бинапзиранд он,
З-он ки мунъим гаштаанд аз рахти ҷон.
Сӯфиему хирқаҳо андохтем,
Боз настонем, чун дарбохтем.
Мо иваз дидем, он гаҳ чун иваз
Рафт аз мо ҳоҷату ҳирсу ғараз.
З-оби шӯру мӯҳлике берун шудем,
Бар раҳиқу чашмаи Кавсар задем.
Он чӣ кардӣ, эй ҷаҳон бо дигарон,
Бевафоиву фану нози гарон.
Бар сарат резем мо баҳри ҷазо,
Ки шаҳидем, омада андар ғазо.
То бидонӣ, ки Худои покро
Бандагон ҳастанд пурҳамла-в миро.
Сиблати тазвири дунё барканaнд,
Хаймаро бар боруи нусрат заннанд.
Ин шаҳидон боз навғозӣ шуданд
В-ин асирон боз бар нусрат заданд.
Сар баровардaнд боз аз нестӣ,
Ки бибин моро, гар акмаҳ нестӣ.
То бидонӣ дар адам хуршедҳост
В-он чӣ ин ҷо офтоб, он ҷо суҳост.
Дар адам ҳастӣ бародар, чун бувад?
Зидд андар зидд, чун макнун бувад?
«Юхриҷу-л-ҳайя мин ал-маййит» бидон,
Ки адам омад умеди обидон.
Марди коранда, ки анбораш тиҳист,
Шоду хуш на бар умеди нестист.
Ки бирӯяд он зи сӯйи нестӣ,
Фаҳм кун гар воқифи маънистӣ.
Дам ба дам аз нестӣ ту мунтазир,
Ки биёбӣ фаҳму завқ, орому бир.
Нест дастурий гушод ин розро

В-арна Бағдоде кунам Абхозро.
Пас, хизонай сунъи Ҳақ бошад адам,
Ки барорад з-ӯ атоҳо дам ба дам.
Мубдеъ омад Ҳаққу мубдеъ он бувад,
Ки барорад фаръ бе аслу санад.

Мисоли олами ҳасти нестнамо ва олами нести ҳастнамо
Нестро бинмуд ҳасту мӯҳташам,
Ҳастро бинмуд бар шакли адам.
Баҳрро пӯшиду каф кард ошкор,
Бодро пӯшиду бинмудат ғубор.
Чун манорай хок печон дар ҳаво,
Хок аз худ чун барояд бар уло?
Хокро бинӣ ба боло, эй алил,
Бодро не, ҷуз ба таърифи делел.
Каф ҳамебинӣ равона ҳар тараф,
Каффи бедарё надорад мунсараф.
Каф ба ҳис биниву дарё аз далел,
Фикр пинҳон, ошкоро қолу қил.
Нафйро исбот мепиндоштем,
Дидаи маъдумбине доштем.
Дидае, к-андар нуъосе шуд падид,
Кай тавонад ҷуз хаёлу нест дид?
Лоҷарам саргашта гаштем аз залол,
Чун ҳақиқат шуд ниҳон, пайдо хаёл.
Ин адамро чун нишонд андар назар?
Чун ниҳон кард он ҳақиқатро басар?
Офарин, эй устоди сеҳрбоф,
Ки намудӣ мӯъризонро дурд соф.
Соҳирон маҳтоб паймоянд зуд
Пеши бозаргону зар гиранд суд.
Сим бирбоянд з-ин гун печ-печ,
Сим аз каф рафтаву карбос ҳеч.
Ин ҷаҳон ҷодуст, мо он тоҷирем,
Ки аз ӯ маҳтоби паймуда харем.
Газ кунад карбос, понсад газ, шитоб,
Соҳирона ӯ зи нури моҳтоб.

Чун ситад ӯ сими умрат, эй раҳӣ!
Сим шуд, карбос не, киса тиҳӣ.
«Қул аъуз»-ат хонд бояд, к-эй аҳад!
Ҳин зи «наффосот» афғон в-аз «уқад».
Медаманд андар гиреҳ он соҳирот,
Ал-ғиёс! Ал-мустағос! Аз бурду мот.
Лек бархон аз забони феъл низ,
Ки забони қавл суст аст, эй азиз!
Дар замона мар туро се ҳамраҳанд,
Он яке вофиву ин ду ғадрманд:
Он яке ёрону дигар рахту мол
В-он севум вофист в-он ҳусну-л-фиъол.
Мол н-ояд бо ту берун аз қусур,
Ёр ояд, лек ояд то ба гӯр.
Чун туро рӯзи аҷал ояд ба пеш,
Ёр гӯяд аз забони ҳоли хеш,
То бад-ин ҷо беш ҳамраҳ нестам,
Бар сари гӯрат замоне бистам.
Феъли ту вофист, з-ӯ кун мултаҳад,
Ки дарояд бо ту дар қаъри лаҳад.

Дар тафсири қавли Мустафо алайҳиссалом: «лобудда мин қаринин юдфану маъака ва ҳува ҳаййун ва тудфану маъаҳу ва анта майийтун ин кона кариман акрамака ва ин кона лаъиман асламака ва золика-л-қарину амалука фаслиҳҳу мо астатаъта садақа расулуллоҳ»
Пас паямбар гуфт, баҳри ин тариқ
Бовафотар аз амал набвад рафиқ.
Гар бувад некӯ, абад ёрат шавад
В-ар бувад бад, дар лаҳад морат шавад.
Ин амал в-ин касб дар роҳи садод
Кай тавон кард, эй падар беустод?
Дунтарин касбе, ки дар олам равад,
Ҳеч беиршоди устоде бувад?
Аввалаш илм аст, он гоҳе амал,
То диҳад бар баъди мӯҳлат ё аҷал.
«Истаъину фӣ-л-ҳираф ё за-н-нуҳо,
Мин каримин солиҳин мин аҳлиҳо.

Утлуби-д-дурра ахӣ васта-с-садаф,
Ватлуби-л-фанна мин арбоби-л-ҳираф.
Ин раъайтум носеҳина ансифу,
Бодиру-т-таълима ло тастанкифу».
Дар дабоғӣ гар халақ пӯшид мард,
Хоҷагии хоҷаро он кам накард.
Вақти дам оҳангар ар пӯшид далқ,
Эҳтишоми ӯ нашуд кам пеши халқ.
Пас либоси кибр берун кун зи тан,
Малбаси зул пӯш дар омӯхтан.
Илм омӯзӣ, тариқаш қавлӣ аст,
Ҳирфат омӯзӣ, тариқаш феълӣ аст.
Фақр хоҳӣ, он ба сӯҳбат қоим аст,
На забонат кор меояд, на даст.
Дониши онро ситонад ҷон зи ҷон
На зи роҳи дафтару на аз забон.
Дар дили солик агар ҳаст он румуз,
Рамздонӣ нест соликро ҳанӯз.
То дилашро шарҳ он созад зиё,
Пас «алам нашраҳ» бифармояд Худо
Ки даруни сина шарҳат додаем,
Шарҳ андар синаат бинҳодаем.
Ту ҳанӯз аз хориҷ онро толибӣ?
Маҳлабӣ, аз дигарон чун ҳолибӣ?
Чашмаи шир аст дар ту беканор,
Ту чаро ме-шир ҷӯйӣ аз тағор?
Манфазе дорӣ ба баҳр, эй обгир,
Нанг дор аз об ҷустан аз ғадир.
Ки «алам нашраҳ» на шарҳат ҳаст боз?
Чун шудӣ ту шарҳҷӯву гидясоз?
Дарнигар дар шарҳи дил, дар андарун,
То наёяд таънаи «ло тубсирун».

Тафсири «ва ҳува маъакум»
Як сабад пур нон туро бар фарқи сар,
Ту ҳамехоҳӣ лаби нон дар ба дар?
Дар сари худ печ, ҳил хирасарӣ,

Рав дари дил зан, чаро бар ҳар дарӣ?
То ба зонуӣ миёни оби ҷӯ,
Ғофил аз худ, з-ину он ту обҷӯ.
Пеш обу пас ҳам оби бомадад,
Чашмҳоро пеш садду халф сад.
Асб зери рону форис асбҷӯ,
Чист ин? Гуфт: «Асб, лекин асб ку?»
Ҳай, на асб аст ин ба зери ту падид,
Гуфт: «Оре, лек худ асбе кӣ дид?»
Масти чизу пеши рӯйи ӯст чиз,
Бехабар з-он чизу шарҳи хеш низ.
Масти обу пеши рӯйи ӯст он,
Андар обу бехабар з-оби равон.
Чун гуҳар дар баҳр гӯяд: «Баҳр ку?»
В-он хаёли чун садаф девори ӯ.
Гуфтани «Он ку?» ҳиҷобаш мешавад,
Абри тоби офтобаш мешавад.
Банди чашми ӯст ҳам чашми бадаш,
Айни рафъи садди ӯ гашта садаш.
Банди гӯши ӯ шуда ҳам ҳуши ӯ,
Ҳуш бо Ҳақ дор, эй мадҳуши ӯ.

Дар тафсири қавли Мустафо алайҳиссалом: «ман ҷаъала-л-ҳумума ҳамман воҳидан, кафоҳу-л-лоҳу соира ҳумумиҳи ва ман тафаррақат биҳи-л-ҳумуму ло юболиллоҳу фи аййи водин аҳлакаҳ»
Ҳушро тавзеъ кардӣ бар ҷиҳот,
Менаярзад таррае он турраҳот.
Оби ҳушро мекашад ҳар бехи хор,
Оби ҳушат чун расад сӯйи симор?
Ҳин, бизан он шохи бадро, хав кунаш,
Об деҳ ин шохи хушро, нав кунаш.
Ҳар ду сабзанд ин замон, охир нигар,
К-ин шавад ботил, аз он рӯяд самар.
Оби боғ инро ҳалол, онро ҳаром,
Фарқро охир бибинӣ, вассалом.
Адл чӣ бвад? Об деҳ ашҷорро,
Зулм чӣ бвад? Об додан хорро.

Адл вазъи неъмате дар мавзиъаш,
На ба ҳар бехе, ки бошад обкаш.
Зулм чӣ бвад? Вазъ дар номавзиъе,
Ки набошад ҷуз балоро манбаъе.
Неъмати Ҳақро ба ҷону ақл деҳ,
На ба табъи пурзаҳири пургиреҳ.
Бор кун бегори ғамро бар танат,
Бар дилу ҷон кам неҳ он ҷон канданат.
Бар сари Исо ниҳода танги бор,
Хар сикеза мезанад дар марғзор.
Сурмаро дар гӯш кардан шарт нест,
Кори дилро ҷустан аз тан шарт нест.
Гар дилӣ, рав ноз кун, хорӣ макаш
В-ар танӣ, шаккар манӯшу заҳр чаш.
Заҳр танро нофеъ асту қанд бад,
Тан ҳамон беҳтар, ки бошад бемадад.
Ҳезуми дӯзах тан асту кам кунаш
В-ар бирӯяд ҳезуме, рав барканаш.
В-арна ҳаммоли ҳатаб бошӣ, ҳатаб,
Дар ду олам ҳамчу ҷуфти Бӯлаҳаб.
Аз ҳатаб бишнос шохи сидраро,
Гарчи ҳар ду сабз бошанд, эй фато.
Асли он шох аст ҳафтум осмон,
Асли ин шох аст аз нору духон.
Ҳаст монандо ба сурат, пеши ҳис,
Ки ғалатбин аст чашму кеши ҳис.
Нест монандо ба пеши чашми дил,
Ҷаҳд кун, сӯйи дил о, «ҷаҳду-л-мақил».
В-ар надорӣ по, биҷунбон хешро,
То бибинӣ ҳар каму бар бешро.

Дар маънии ин байт:
Гар роҳ равӣ, роҳ барат бигшоянд.
В-ар нест шавӣ, ба ҳастият бигроянд,
Гар Зулайхо баст дарҳо ҳар тараф,
Ёфт Юсуф ҳам зи ҷунбиш мунсараф.
Боз шуд қуфлу дар ӯ шуд раҳ падид,

Чун таваккул кард Юсуф, барҷаҳид.
Гарчи рахна нест оламро падид,
Хира юсуфвор мебояд давид.
То гушояд қуфлу дар пайдо шавад,
Сӯйи беҷойӣ шуморо ҷо шавад.
Омадӣ андар ҷаҳон, эй мумтаҳан,
Ҳеч мебинӣ тариқи омадан?
Ту зи ҷойе омадӣ в-аз мавтине,
Омаданро роҳ донӣ ҳеч? Не.
Гар надонӣ, то нагӯйӣ роҳ нест,
З-ин раҳи бероҳа моро рафтанест.
Меравӣ дар хоб шодон чаппу рост,
Ҳеч донӣ роҳи он майдон куҷост?
Ту бибанд он чашму худ таслим кун,
Хешро бинӣ дар он шаҳри куҳун.
Чашм чун бандӣ? Ки сад чашми хумор,
Банди чашми туст ин сӯ аз ғирор.
Чорчашмӣ ту зи ишқи муштарӣ,
Бар умеди меҳтариву сарварӣ.
В-ар бихуспӣ, муштарӣ бинӣ ба хоб,
Ҷуғди бад кай хоб бинад ҷуз хароб?
Муштарӣ хоҳӣ ба ҳар дам печ-печ,
Ту чӣ дорӣ, ки фурӯшӣ? Ҳеч, ҳеч.
Гар дилатро нон будӣ, ё чошнӣ,
Аз харидорон фароғат доштӣ.

Қиссаи он шахс, ки даъвои пайғамбарӣ мекард, гуфтандаш: «Чӣ хӯрдаӣ, ки гиҷ шудаӣ ва ёва мегӯйӣ?» Гуфт: «Агар чизе ёфтаме, ки хӯрдаме, на гиҷ шудаме ва на ёва гуфтаме, ки ҳар сухани нек, ки бо ғайри аҳлаш г
ӯянд, ёва гуфта бошанд, агарчи дар он ёва гуфтан маъмуранд»
Он яке мегуфт: «Ман пайғамбарам,
Аз ҳама пайғамбарон фозилтарам».
Гарданаш бастанду бурдандаш ба шоҳ,
К-ин ҳамегӯяд расулам аз Илоҳ.
Халқ ба вай ҷамъ чун мӯру малах,
Ки чӣ макр асту чӣ тазвиру чӣ фах?
Гар расул он аст, к-ояд аз адам,

Мо ҳама пайғамбарему мӯҳташам.
Мо аз он ҷо омадем, ин ҷо ғариб,
Ту чаро махсус бошӣ, эй адиб?
На шумо чун тифл хуфта омадет?
Бехабар аз роҳ в-аз манзил будет?
Аз манозил хуфта бигзаштеду маст,
Бехабар аз роҳу аз болову паст.
Мо ба бедорӣ равон гаштему х(в)аш,
Аз вароӣ панҷу шаш то панҷу шаш.
Дида манзилҳо зи аслу аз асос,
Чун қаловузон хабиру раҳшинос.
Шоҳро гуфтанд: «Ишканҷаш бикун,
То нагӯяд ҷинси ӯ ҳеч ин сухун».
Шоҳ дидаш бас низору бас заъиф,
Ки ба як силӣ бимирад он наҳиф:
«Кай тавон ӯро фишурдан, ё задан?
Ки чу шиша гаштааст ӯро бадан.
Лек бо ӯ гӯям аз роҳи х(в)ашӣ,
Ки чаро дорӣ ту лофи саркашӣ?
Ки дуруштӣ н-ояд ин ҷо ҳеч кор,
Ҳам ба нармӣ сар кунад аз ғор мор».
Мардумонро дур кард аз гирди вай,
Шаҳ латифе буду нармӣ вирди вай.
Пас нишондаш, боз пурсидаш зи ҷо,
Ки куҷо дорӣ маъошу мултаҷо?
Гуфт: «Эй шаҳ, ҳастам аз доруссалом,
Омада аз раҳ дар ин дорулмалом.
На маро хонасту на як ҳамнишин,
Хона кай кардаст моҳе дар замин?»
Боз шаҳ аз рӯйи лоғаш гуфт боз,
Ки чӣ хӯрдиву чӣ дорӣ чоштсоз!
Иштиҳо дорӣ? Чӣ хӯрдӣ бомдод?
Ки чунин сармастиву пурлофу бод.
Гуфт: «Агар нонам будӣ, хушку таре,
Кай кунеме даъвии пайғамбарӣ?»
Даъвии пайғамбарӣ бо ин гурӯҳ,
Ҳамчунон бошад, ки дил ҷустан зи кӯҳ.

Кас зи кӯҳу санг ақлу дил начуст,
Фаҳму забти нуктаи мушкил начуст.
Ҳар чӣ гӯйӣ боз гӯяд, ки ҳамон,
Мекунад афсӯс чун мустаҳзиён.
Аз куҷо ин қавму пайғом аз куҷо?
Аз ҷимоде, ҷон киро бошад риҷо?
Гар ту пайғоми зане ориву зар,
Пеши ту бинҳанд ҷумла симу сар,
Ки фалон ҷо шоҳиде мехонадат.
Ошиқ омад бар ту, ӯ медонадат
В-ар ту пайғоми Худо орӣ чу шаҳд,
Ки биё сӯйи Худо, эй некаҳд?
Аз ҷаҳони марг сӯйи барг рав,
Чун бақо мумкин бувад, фонӣ машав.
Қасди хуни ту кунанду қасди сар,
Н-аз барои ҳамяти дину ҳунар.

Сабаби адовати ом ва бегона зистани эшон бо авлиёи Худо, ки ба ҳаққашон мехонанд ва бо оби ҳаёти абадӣ
Балки аз чафсидагӣ дар хону мон
Талхашон ояд шунидан ин баён.
Хирқае бар реши хар чафсид сахт,
Чунки хоҳӣ барканӣ з-ӯ лахт-лахт.
Ҷуфта андозад яқин он хар зи дард,
Ҳаббазо он кас, к-аз ӯ парҳез кард.
Хоса панҷаҳ решу ҳар ҷо хирқае,
Бар сараш чафсида дар нам ғарқае.
Хону мон чун хирқаву ин ҳирс реш,
Ҳирси ҳар кӣ беш бошад, реш беш.
Хону мони ҷуғд вайрон асту бас,
Нашнавад авсофи Бағдоду Табас.
Гар биёяд бози султонӣ зи роҳ,
Сад хабар орад бад-ин ҷуғдон зи шоҳ.
Шарҳи дорулмулку боғистону ҷӯ,
Пас бар ӯ афсӯс дорад сад адӯ
Ки чӣ боз овард? Афсонай куҳан,
К-аз газофу лоф мебофад сухан.

Кӯҳна эшонанду пӯсидай абад
В-арна он дам кӯҳнаро нав мекунад.
Мурдагони кӯҳнаро ҷон медиҳад,
Тоҷи ақлу нури имон медиҳад.
Дил мадузд аз дилрабои рӯҳбахш,
Ки саворат мекунад бар пушти Рахш.
Сар мадузд аз сарфарози тоҷдеҳ,
К-ӯ зи пойи дил гушояд сад гиреҳ.
Бо кӣ гӯям? Дар ҳамай деҳ зинда ку?
Сӯйи оби зиндагӣ пӯянда ку?
Ту ба як хорӣ гурезонӣ зи ишқ?
Ту ба ҷуз номе чӣ медонӣ зи шқ?
Ишқро сад нозу истикбор ҳаст,
Ишқ бо сад ноз меояд ба даст.
Ишқ чун вофисту вофӣ мехарад,
Дар ҳарифи бевафо менангарад.
Чун дарахт аст одамиву бех аҳд
Бехро тимор мебояд ба ҷаҳд.
Аҳди фосид бехпӯсида бувад
В-аз симору лутф бубрида бувад.
Шоху барги нахл гарчи сабз буд,
Бо фасоди бехи сабзӣ нест суд.
В-ар надорад барги сабзу бех ҳаст,
Оқибат берун кунад сад барг даст.
Ту машав ғирра ба илмаш, аҳд ҷӯ,
Илм чун қишр асту аҳдаш мағзи ӯ.

Дар баёни он ки марди бадкор чун мутамаккин шавад дар бадкорӣ ва асари давлати некӯкорон бибинад, шайтон шавад ва монеъи хайр гардад аз ҳасад ҳамчун шайтон, ки хирмансӯхта ҳамаро хирмансӯхта хоҳад, «араъайта ал-лазӣ янҳо абдан изо салло?»

Вофиёнро чун бибинӣ карда суд,
Ту чу шайтоне шавӣ он ҷо ҳасуд.
Ҳар киро бошад мизоҷу табъи суст,
ӯ нахоҳад ҳеч касро тандуруст.
Гар нахоҳӣ рашки иблисӣ, биё
Аз дари даъво ба даргоҳи вафо.

Гар вафоят нест, боре дам мазан,
Ки сухан даъвист, ағлаб мову ман.
Ин сухан дар сина дахли мағзҳост,
Дар хамӯшӣ мағзи ҷонро сад намост.
Чун биёмад дар забон, шуд харҷи мағз,
Харҷ кам кун, то бимонад мағзи мағз.
Марди камгӯяндаро фикр аст зафт,
Қишри гуфтан чун фузун шуд, мағз рафт.
Пӯст афзун буд, лоғар буд мағз,
Пӯст лоғар шуд, чу комил гашту нағз.
Бингар ин ҳар се зи хомӣ растаро,
Ҷавзрову лавзрову пистаро.
Ҳар кӣ ӯ исён кунад, шайтон шавад,
Ки ҳасуди давлати некон шавад.
Чунки дар аҳди Худо кардӣ вафо,
Аз карам аҳдат нигаҳ дорад Худо.
Аз вафои Ҳақ ту бастадидаӣ,
«Узкуру азкурукум» нашнидаӣ.
Гӯш неҳ, «уфу биаҳдӣ» гӯш дор,
То ки «уфӣ аҳдакум» ояд зи ёр.
Аҳду қарзи мо чӣ бошад? Эй ҳазин!
Ҳамчу донай хушк киштан дар замин.
На заминро з-он фурӯғу ламтурӣ,
На худованди заминро тонгарӣ.
Ҷуз ишорат, ки аз ин мебоядам,
Ки ту додӣ асли инро аз адам.
Хӯрдаму дона биёвардам нишон,
Ки аз ин неъмат ба сӯйи мо кашон.
Пас дуъои хушк ҳил, эй некбахт,
Ки фишонди дона мехоҳад дарахт.
Гар надорӣ дона, Эзид з-он дуъо
Бахшадат нахле, ки «неъма мосаъо».
Ҳамчу Марям дард будаш, дона не,
Сабз кард он нахлро соҳибфане.
З-он ки вофӣ буд он хотуни род,
Бе муродаш дод Яздон сад мурод.
Он ҷамоатро, ки вофӣ будаанд,

Бар ҳама аснофашон афзудаанд.
Гашт дарёҳо мусаххаршону кӯҳ,
Чор унсур низ бандай он гурӯҳ.
Ин худ икромест аз баҳри нишон,
То бибинанд аҳли инкор он аён.
Он кароматҳои пинҳоншон, ки он
Дарнаёяд дар ҳавосу дар баён.
Кори он дорад, худ он бошад абад,
Доимо на мунқатеъ, на мустарад.

Муноҷот
Эй диҳандай қуту тамкину субот,
Халқро з-ин бесуботӣ деҳ наҷот.
Андар он коре, ки собит буданист,
Қоимӣ деҳ нафсро, ки мунсанист.
Сабрашон бахшу кафай мизон гарон,
Вораҳоншон аз фани суратгарон.
В-аз ҳасудӣ бозашон хар, эй карим,
То набошанд аз ҳасад деви раҷим.
Дар наъими фонии молу ҷасад,
Чун ҳамесӯзанд ома аз ҳасад.
Подшоҳон бин, ки лашкар мекашанд,
Аз ҳасад хешони худро мекушанд.
Ошиқони лӯъбатони пурқазар
Карда қасди хуну ҷони ҳамдигар
Вису Ромин, Хусраву Ширин бихон,
Ки чӣ карданд аз ҳасад он аблаҳон,
Ки фано шуд ошиқу маъшуқ низ,
Ҳам на чизанду ҳавошон ҳам на чиз.
Пок Илоҳе, ки адам барҳам занад,
Мар адамро бар адам ошиқ кунад.
Дар дили на дил ҳасадҳо сар кунад,
Нестро ҳаст инчунин музтар кунад.
Ин заноне, к-аз ҳама мушфиқтаранд,
Аз ҳасад ду зарра худро мех(в)аранд.
То ки мардоне, ки худ сангиндиланд,
Аз ҳасад то дар кадомин манзиланд?

Гар накардӣ шаръ афсуне латиф,
Бардаридӣ ҳар касе ҷисми ҳариф.
Шаръ баҳри дафъи шар ройе занад,
Девро дар шишаи ҳуҷҷат кунад.
Аз гувоҳу аз ямину аз нукул
То ба шиша дарравад деви фазул.
Мисли мизоне, ки хушнудий ду зид,
Ҷамъ меояд яқин дар ҳазлу ҷид.
Шаръ чун кийла-в тарозу дон яқин,
Ки бад-&;#1263; хасмон раҳанд аз ҷангу кин.
Гар тарозу набвад, он хасм аз ҷидол
Кай раҳад аз ваҳми ҳайфу эҳтиёл.
Пас дар ин мурдори зишти бевафо,
Ин ҳама рашк асту хасм асту ҷафо.
Пас дар он иқболу давлат чун бувад?
Чун шавад ҷинниву инсӣ дар ҳасад.
Он шаётин худ ҳасуди кӯҳнаанд,
Як замон аз раҳзанӣ холӣ наянд
В-он банӣ Одам, ки исён киштаанд,
Аз ҳасудӣ низ шайтон гаштаанд.
Аз нубӣ бархон, ки шайтонони инс
Гаштаанд аз масхи Ҳақ бо дев ҷинс.
Дев чун оҷиз шавад дар ифтитон,
Истиъонат ҷӯяд ӯ з-ин инсиён,
Ки шумо ёред бо мо, ёрие
Ҷониби моед, ҷонибдорие.
Гар касеро раҳ зананд андар ҷаҳон,
Ҳар ду гун шайтон бароянд шодмон.
В-ар касе ҷон бурду шуд дар дин баланд,
Навҳа медоранд он ду рашкманд.
Ҳар ду мехоянд дандони ҳасад
Бар касе, ки дод адиб ӯро хирад.

Пурсидани он подшоҳ аз он муддаъии нубувват, ки он ки расули ростин бошад ва собит шавад, бо ӯ чӣ бошад, ки касеро бахшад, ё ба сӯҳбату хидмати ӯ чӣ бахшиш ёбанд ғайри насиҳат ба забон, ки мегӯяд?
Шоҳ пурсидаш, ки боре ваҳй чист?

Ё чӣ ҳосил дорад он кас, к-ӯ набист?
Гуфт: «Худ он чист, к-аш ҳосил нашуд?
Ё чӣ давлат монд, к-ӯ восил нашуд?»
Гирам ин ваҳйи набӣ ганҷур нест,
Ҳам кам аз ваҳйи дили занбӯр нест.
Чунки «авҳо рабб ила-н-наҳл» омадаст,
Хонаи ваҳяш пур аз ҳалво шудаст.
Ӯ ба нури ваҳйи Ҳақ азза ва ҷалл,
Кард оламро пур аз шамъу асал.
Ин ки «каррамно»-сту боло меравад,
Ваҳяш аз занбӯр камтар кай бувад?
На ту «аътайнока Кавсар» хондаӣ?
Пас, чаро хушкеву ташна мондаӣ?
Ё магар Фиръавниву Кавсар чу Нил
Бар ту хун гаштасту нохуш, эй алил!
Тавба кун, безор шав аз ҳар адӯ,
К-ӯ надорад оби Кавсар дар каду.
Ҳар киро дидӣ зи Кавсар сурхрӯ,
Ӯ муҳаммадхӯст, бо ӯ гир хӯ.
То аҳаблиллоҳ ойӣ дар ҳисеб,
К-аз дарахти аҳмадӣ бо ӯст себ.
Ҳар киро дидӣ зи Кавсар хушклаб,
Душманаш медор ҳамчун маргу таб.
Гарчи бобои ту асту моми ту,
К-ӯ ҳақиқат ҳаст хуношоми ту.
Аз Халили Ҳақ биёмӯз ин сияр,
Ки шуд ӯ безор аввал аз падар.
То ки «абғаз *лиллаҳ*» ойӣ пеши Ҳақ,
То нагирад бар ту рашки ишқ дақ.
То нахонӣ «*ло*»-ву «*иллаллоҳ*»-ро,
Дарнаёбӣ минҳаҷи ин роҳро.

Достони он ошиқ, ки бо маъшуқи худ бармешумурд хидматҳо ва вафоҳои худро ва шабҳои дароз «татаҷофаӣ ҷунубуҳум ани-*л*-мазоҷеъ»-ро ва бенавоиву ҷигарташнагии рӯзҳои дарозро ва мегуфт, ки ман ҷуз ин хидмат намедонам, агар хидмати дигар ҳаст, маро иршод кун, ки ҳар чӣ фармойӣ, мунқодам, агар дар оташ рафтан аст, чун Халил алайҳиссалом ва агар дар даҳони наҳанги дарё

фитодан аст, чун Юнус алайҳиссалом ва агар ҳафтод бор кушта шудан аст, чун Ҷирҷис алайҳиссалом ва агар аз гиря нобино шудан аст, чун Шуъайб алайҳиссалом ва вафову ҷонбозии анбиёро алайҳимуссалом шумор нест ва ҷавоб гуфтани маъшуқ ӯро

Он яке ошиқ ба пеши ёри худ
Мешумурд аз хидмату аз кори худ.
К-аз барои ту чунин кардам, чунон,
Тирҳо хӯрдам дар ин разму синон.
Мол рафту зӯр рафту ном рафт,
Бар ман аз ишқат басе ноком рафт.
Ҳеч субҳам хуфта ё хандон наёфт,
Ҳеч шомам бо сару сомон наёфт.
Он чӣ ӯ нӯшида буд аз талху дард,
ӯ ба тафсилаш якояк мешумард.
На-з барои миннате, бал менамуд,
Бар дурустии муҳаббат сад шуҳуд.
Оқилонро як ишорат бас бувад,
Ошиқонро ташнагӣ з-он кай равад?
Мекунад такрори гуфтан бемалол,
Кай з-ишорат бас кунад ҳут аз зулол?
Сад сухан мегуфт з-он дарди куҳан,
Дар шикоят, ки нагуфтам як сухан!
Оташе будаш, намедонист чист,
Лек чун шамъ аз тафи он мегирист.
Гуфт маъшуқ: «Ин ҳама кардӣ, валек
Гӯш бигшо паҳну андарёб нек.
К-он чӣ асли асли ишқ асту валост,
Он накардӣ, ин чӣ кардӣ, фаръҳост».
Гуфташ он ошиқ: «Бигӯ, к-он асл чист?»
Гуфт: «Аслаш мурдан асту нестист.
Ту ҳама кардӣ, намурдӣ, зиндаӣ,
Ҳин, бимир ар ёри ҷонбозандаӣ».
Ҳам дар он дам шуд дарозу ҷон бидод,
Ҳамчу гул дарбохт сар хандону шод.
Монд он ханда бар ӯ вақфи абад,
Ҳамчу ҷону ақл, ориф бекабад.
Нури маҳолуда кай гардад абад?

Гар занад он нур бар ҳар неку бад.
ӯ зи ҷумла пок вогардад ба моҳ,
Ҳамчу нури ақлу ҷон сӯйи Илоҳ.
Васфи покӣ вақф бар нури маҳ аст,
Тобишаш гар бар наҷосоти раҳ аст.
З-он наҷосоти раҳу олудагӣ
Нурро ҳосил нагардад бадрагӣ.
«Ирҷиъӣ» бишнуд нури офтоб,
Сӯйи асли хеш бозомад шитоб.
На зи гулханҳо бар ӯ нанге бимонд,
На зи гулшанҳо бар ӯ ранге бимонд.
Нури дида-в нурдида боз гашт,
Монд дар савдои ӯ саҳрову дашт.

Яке пурсид аз олими орифе, ки: «Агар дар намоз касе бигиряд ба овоз ва оҳ кунаду навҳа кунад, намозаш ботил шавад?» Ҷавоб гуфт, ки номи он оби дида аст, то он гирянда чӣ дидааст? Агар шавқи Худо дидааст ва мегиряд, ё пушаймонии гуноҳе, намозаш табоҳ нашавад, балки камол гирад, ки «ло салота илло биҳузури-л-қалб» ва агар ӯ ранҷурии тан ё фироқи фарзанд дидааст, намозаш табоҳ шавад, ки асли намоз тарки тан аст ва тарки фарзанд иброҳимвор, ки фарзандро қурбон мекард аз баҳри такмили намоз ва танро ба оташи Намруд месупурд ва амр омад Мустафоро алайҳиссалом бад-ин хисол, ки «фа-т-табиъ миллата Иброҳима лақад конат лакум усутун ҳасанатун фӣ Иброҳим»
Он яке пурсид аз муфтӣ ба роз:
«Гар касе гиряд ба навҳа дар намоз,
Он намози ӯ аҷаб ботил шавад?
Ё намозаш ҷоизу комил бувад?»
Гуфт: «Оби дида номаш баҳри чист?
Бингарӣ, то ки чӣ дид ӯву гирист?
Оби дида, то чӣ дид ӯ аз ниҳон?
То бад-он шуд ӯ зи чашмай худ равон.
Он ҷаҳон гардидааст он пурниёз,
Равнақе бояд зи навҳа он намоз.
В-ар зи ранҷи тан буд он гиря-в зи сӯк,
Ресмон бискусту ҳам бишкаст дук».

Мурида даромад ба хидмати шайх ва аз ин шайх пири синн намехоҳам, балки пири ақлу маърифат ва агарчи Исост алайҳиссалом дар гаҳвора ва Яҳё аст алайҳиссалом дар мактаби кӯдакон. Муриде шайхро гирён дид, ӯ низ мувофиқат кард ва гирист, чун фориғ шуд ва бадар омад, муриде дигар, ки аз ҳоли шайх воқифтар буд, аз сари ғайрат дар ақиби ӯ тез берун омад. Гуфт: «Эй бародар!» Ман туро гуфта бошам: Аллоҳ, Аллоҳ, ки то наяндешӣ ва нагӯйӣ, ки шайх мегирист ва ман низ мегиристам, ки сӣ сол риёзати бериё бояд кард ва аз ақабот ва дарёҳои пурнаҳанг ва кӯҳҳои баланди пуршеру паланг мебояд гузашт, то бад-он гиряи шайх расӣ ё нарасӣ, агар расӣ, шукри «зувият лия-л-арз» гӯйӣ бисёр

Як муриде андаромад пеши пир,
Пир андар гиря буду дар нафир.
Шайхро чун дид гирён он мурид,
Гашт гирён, об аз чашмаш давид.
Гӯшвар як бор хандад, кар ду бор,
Чунки лоғ имло кунад ёре ба ёр.
Бори аввал аз раҳи тақлиду савм,
Ки ҳамебинад, ки механданд қавм.
Кар бихандад ҳамчу эшон он замон,
Бехабар аз ҳолати хандандагон,
Боз вопурсад, ки ханда бар чӣ буд?
Пас дувум каррат бихандад, чун шунуд.
Пас муқаллид низ монанди кар аст,
Андар он шодӣ, ки ӯро дар сар аст.
Партави шайх омаду манҳал зи шайх,
Файзи шодӣ на-з муридон, бал зи шайх.
Чун сабад дар обу нуре бар зуҷоҷ,
Гар зи худ донанд, он бошад хидоҷ.
Чун ҷудо гардад зи ҷӯ, донад ануд,
К-андар ӯ он оби хуш аз ҷӯй буд.
Обгина ҳам бидонад аз ғуруб,
К-он ламаъ буд аз маҳи тобони хуб.
Чунки чашмашро гушояд амри «қум»,
Пас бихандад чун саҳар бори дувум.
Хандаш ояд ҳам бар он хандай худаш,
Ки дар он тақлид бармеомадаш.
Гӯяд аз чандин раҳи дуру дароз,

К-ин ҳақиқат буду ин асрору роз.
Ман дар он водӣ чӣ гуна худ зи дур
Шодие мекардам аз амёву шӯр.
Ман чӣ мебастам хаёлу он чӣ буд?
Дарки сустам суст нақше менамуд.
Тифли раҳро фикрати мардон куҷост?
Ку хаёли ӯву ку таҳқиқи рост?
Фикри тифлон доя бошад, ё ки шир,
Ё мавизу ҷавз, ё гиря-в нафир.
Он муқаллид ҳаст чун тифли алил,
Гарчи дорад баҳси борику далел.
Он тааммуқ дар далелу дар шикел,
Аз басират мекунад ӯро гусел.
Мояе, к-ӯ сурмаи сирри вай аст,
Бурду дар ишкол гуфтан кор баст.
Эй муқаллид, аз Бухоро бозгард,
Рав ба хорӣ, то шавӣ ту шермард.
То Бухорои дигар бинӣ дарун,
Сафдарон дар маҳфилаш «ло яфқаҳун».
Пайк агарчи дар замин чобуктагест,
Чун ба дарё рафт, бискустарагест.
ӯ «ҳамалноҳум» бувад «фи-л-барру» бас,
Он ки маҳмул аст, дар баҳр ӯст кас.
Бахшиши бисёр дорад шаҳ, бидав,
Эй шуда дар ваҳму тасвире гарав.
Он муриди сода аз тақлид низ
Гиряе мекард вафқи он азиз.
ӯ муқаллидвор ҳамчун марди кар
Гиря медиду зи мӯҷиб бехабар.
Чун басе бигрист, хидмат карду рафт,
Аз пайаш омад муриди хос тафт.
Гуфт: «Эй гирён чу абри бехабар,
Бар вифоқи гиряи шайхи назар,
Аллаҳ, Аллаҳ, Аллаҳ, эй вофӣ мурид!
Гарчи дар тиқлид ҳастӣ мустафид.
То нагӯйӣ дидам он шаҳ мегирист,
Ман чу ӯ бигристам, к-он мункирест.

Гиряи пурҷаҳлу пуртақлиду зан
Нест ҳамчун гиряи он мӯътаман.
Ту қиёси гиря бар гиря масоз,
Ҳаст з-ин гиря бад-он роҳи дароз.
Ҳаст он аз баъди сисола ҷиҳод,
Ақл он ҷо ҳеч натвонад фитод.
Ҳаст з-он сӯйи хирад сад марҳала,
Ақлро воқиф мадон з-он қофила.
Гиряи ӯ на-з ғам асту на-з фараҳ,
Рӯҳ донад гиряи айну-л-мулаҳ.
Гиряи ӯ, хандаи ӯ, он сарист,
З-он чӣ ваҳми ақл бошад, он барист.
Оби дидай ӯ чу дидай ӯ бувад,
Дидаи нодида дида кай шавад?
Он чӣ ӯ бинад, натон кардан масос,
На-з қиёси ақлу на-з роҳи ҳавос.
Шаб гурезад, чунки нур ояд зи дур,
Пас чӣ донад зулмати шаб ҳоли нур?
Пашша бигрезад зи боди бодаҳо,
Пас чӣ донад пашша завқи бодҳо.
Чун қадим ояд, ҳадас гардад абас,
Пас куҷо донад қадимеро ҳадас?
Бар ҳадас чун зад қидам, дангаш кунад,
Чунки кардаш нест, ҳамрангаш кунад.
Гар бихоҳӣ ту, биёбӣ сад назир,
Лек ман парво надорам, эй фақир!
Ин «алиф», «лом», «мим»-у «ҳо» «мим» – ин ҳуруф
Чун асои Мӯсӣ омад дар вуқуф.
Ҳарфҳо монад бад-ин ҳарф аз бурун,
Лек бошад дар сифоти ин забун.
Ҳар кӣ гирад ӯ асое з-имтиҳон,
Кай бувад чун он асо вақти баён?
Исавист ин дам на ҳар боду даме,
Ки барояд аз фараҳ, ё аз ғаме.
Ин «алиф» «лом» асту «ҳо» «мим», эй падар!
Омадаст аз ҳазрати мавлалбашар.
Ҳар «алиф» «лом»-е чӣ мемонад бад-ин?

Гар ту ҷон дорӣ, бад-ин чашмаш мабин.
Гарчи таркибаш ҳуруф аст, эй ҳумом,
Мебимонад ҳам ба таркиби авом.
Ҳаст таркиби Муҳаммад лаҳму пӯст,
Гарчи дар таркиб ҳар тан ҷинси ӯст.
Гӯшт дорад, пӯст дорад, устухон,
Ҳеч ин таркибро бошад ҳамон?
К-андар он таркиб омад мӯъҷизот,
Ки ҳама таркибҳо гаштанд мот.
Ҳамчунон таркиби «ҳо» «мим»-и китеб,
Ҳаст бас болову дигарҳо нишеб.
З-он ки з-ин таркиб ояд зиндагӣ,
Ҳамчу нафхи сур дар дармондагӣ.
Аждаҳо гардад, шикофад баҳрро,
Чун асо «ҳо» «мим» аз доди Худо.
Зоҳираш монад ба зоҳирҳо, валек
Қурси нон аз қурси маҳ дур аст нек.
Гиряи ӯ, хандаи ӯ, нутқи ӯ
Нест аз вай, ҳаст маҳзи хулқи ҳӯ.
Чунки зоҳирҳо гирифтанд аҳмақон
В-он дақоиқ шуд аз эшон бас ниҳон.
Лоҷарам маҳбуб гаштанд аз ғараз,
Ки дақиқа фавт шуд дар мӯътараз.

Достони он канизак, ки бо хари хотун шаҳват меронд ва ӯро чун бузу хирс омӯхта буд шаҳват рондан одамиёна ва кадуе дар қазиби хар мекард, то аз андоза нагузарад. Хотун бар он вуқуф ёфт, локин дақиқаи кадуро надид. Канизакро ба баҳона ба роҳ кард ҷойе дур ва бо хар ҷамъ шуд бекаду ва ҳалок шуд ба фазиҳат. Канизак бегоҳ бозомад ва навҳа кард, ки эй ҷонам ва эй чашми равшанам, кер дидӣ, каду надидӣ, закар дидӣ, он дигар надидӣ. «Куллу ноқисин малъунун», яъне «куллу назарин ва фаҳмин ноқисин малъунун» ва агар на ноқисони зоҳири ҷисм марҳуманд, малъун наянд, бархон: «лайса ала-л-аъмо ҳараҷун», нафйи харҷ кард ва нафйи лаънат ва нафйи итоб ва ғазаб
Як канизак як харе бар худ фиганд
Аз вуфури шаҳвату фарти газанд.
В-он хари нарро ба гон хӯ карда буд,
Хар ҷимоъи одамӣ пай бурда буд.

Як кадуе буд ҳилатсозаро,
Дар нара-ш кардӣ пайи андозаро.
Дар закар кардӣ кадуро он аҷуз,
То равад ними закар вақти супуз.
Гар ҳама кери хар андар вай равад,
Он раҳим в-он рӯдаҳо вайрон шавад.
Хар ҳамешуд лоғару хотуни ӯ
Монда оҷиз, к-аз чӣ шуд ин хар чу мӯ?
Наълбандонро намуд он хар, ки чист
Иллати ӯ, ки натиҷаш лоғарист?
Ҳеч иллат андар ӯ зоҳир нашуд,
Ҳеч кас аз сирри он мухбир нашуд.
Дар тафаҳҳус андар афтод ӯ ба ҷидд,
Шуд тафаҳҳусро дамодам мустаъидд.
Ҷиддро бояд, ки ҷон банда бувад,
З-он ки ҷид ҷӯянда ёбанда бувад.
Чун тафаҳҳус кард аз ҳоли ишак,
Дид хуфта зери хар он наргисак.
Аз шикофи дар бидид он ҳолро,
Бас аҷаб омад аз он он золро.
Хар ҳамегояд канизакро чунон,
Ки ба ақлу расм мардон бо занон.
Дар ҳасад шуд, гуфт: «Чун ин мумкин аст,
Пас ман авлотар, ки хар милки ман аст.
Хар муҳаззаб гаштаву омӯхта,
Хон ниҳодасту чароғ афрӯхта».
Кард нодида-в дари хона бикӯфт,
К-эй канизак, чанд хоҳӣ хона рӯфт?
Аз пайи рӯпӯш мегуфт ин сухун,
К-эй канизак, омадам дар боз кун.
Кард хомӯшу канизакро нагуфт,
Розро аз бахри тамъи худ ниҳуфт.
Пас канизак ҷумла олоти фасод
Кард пинҳон, пеш шуд, дарро гушод.
Рӯ туруш карду ду дида пур зи нам,
Лаб фурӯ молид, яъне: соимам.
Дар кафи ӯ нармаҷорӯбе, ки ман

Хонаро мерӯфтам баҳри атан.
Чунки бо ҷорӯб дарро вогушод,
Гуфт хотун зери лаб, к-эй устод!
Рӯ туруш кардиву ҷорӯбе ба каф!
Чист он хар баргусаста аз алаф?
Нимкора-в хашмгин, ҷунбон закар,
З-интизори ту ду чашмаш сӯйи дар.
Зери лаб гуфт ин, ниҳон кард аз каниз,
Дошташ он дам чу беҷурмон азиз.
Баъд аз он гуфташ, ки чодар неҳ ба сар,
Рав фалон хона, зи ман пайғом бар.
Инчунин гӯ в-ин чунин кун в-он чунон,
Мухтасар кардам ман афсонай занон.
Он чӣ мақсуд аст, мағзи он бигир,
Чун ба роҳаш кард он золи сатир,
Буд аз мастии шаҳват шодмон,
Дар фурӯ басту ҳамегуфт он замон:
Ёфтам хилват, занам аз шукр бонг,
Растаам аз чордонгу аз дудонг.
Аз тараб гашта бузони зан ҳазор,
Дар шарори шаҳвати хар беқарор.
Чӣ бузон? К-он шаҳват ӯро буз гирифт,
Буз гирифтан гичро набвад шигифт.
Майли шаҳват кар кунад дилрову кӯр,
То намояд хар чу Юсуф, нор нур.
Эй басо сармасти нору норҷӯ,
Хештанро нури мутлақ донад ӯ,
Ҷуз магар бандай Худо, ё ҷазби Ҳақ,
Бо раҳаш орад, бигардонад варақ.
То бидонад, к-он хаёли нория,
Дар тариқат нест илло ория.
Зиштҳоро хуб бинмояд шараҳ,
Нест чун шаҳват батар з-офоти раҳ.
Садҳазорон номи хушро кард нанг,
Садҳазорон зираконро кард данг.
Чун хареро Юсуфи Мисрӣ намуд,
Юсуферо чун намояд он ҷуҳуд?

Бар ту саргинро фусунаш шаҳд кард,
Шаҳдро худ чун кунад вақти набард?
Шаҳват аз хӯрдан бувад, кам кун зи х(в)ар,
Ё никоҳе кун, гурезон шав зи шар.
Чун бихӯрдӣ, мекашад сӯйи ҳарам,
Дахлро харҷе бибояд лоҷарам.
Пас никоҳ омад чу «ло ҳавла вало»,
То ки деват нафганад андар бало.
Чун ҳариси хӯрданӣ, зан хоҳ зуд
В-арна омад гурбаву дунба рабуд.
Бори сангӣ бар харе, ки меҷаҳад,
Зуд барнеҳ, пеш аз он, к-ӯ барниҳад.
Феъли оташро намедонӣ ту бард,
Гирди оташ бо чунин дониш магард.
Илми дегу оташ ар набвад туро,
Аз шарар на дег монад, на або.
Об ҳозир бояду фарҳанг низ,
То пазад он деги солим дар азиз.
Чун надонӣ дониши оҳангарӣ,
Ришу мӯ сӯзад, чу он ҷо бигзарӣ.
Дар фурӯ баст он зану харро кашид
Шодмона, лоҷарам кайфар чашид.
Дар миёни хона овардаш кашон,
Хуфт андар зери он нархар ситон.
Ҳам бар он курсӣ, ки дид ӯ аз каниз,
То расад дар коми худ он қаҳба низ.
По бароварду хар андар вай сипӯхт,
Оташе аз кери хар дар вай фурӯхт.
Хар муҳаззаб гашта дар хотун фишурд
То ба хоя, дарзамон хотун бимурд.
Бардарид аз захми кери хар ҷигар,
Рӯдаҳо бискуста шуд аз ҳамдигар.
Дам назад, дарҳол он зан ҷон бидод,
Курсӣ аз як сӯ, зан аз як сӯ фитод.
Саҳни хона пур зи хун шуд, зан нигун,
Мурд ӯву бурд ҷон раббулманун.
Марги бад, бо сад фазеҳат, эй падар,

Ту шаҳиде дидайӣ аз кери хар?
Ту азобулхизӣ бишнав аз нубо,
Дар чунин нанге макун ҷонро фидо.
Дон, ки ин нафси баҳимӣ нархар аст,
Зери ӯ будан аз он нангинтар аст.
Дар раҳи нафс ар бимирӣ дар манӣ,
Ту ҳақиқат дон, ки мисли он занӣ.
Нафси моро сурати хар бидҳад ӯ,
З-он ки суратҳо кунад бар вифқи хӯ.
Ин бувад изҳори сир дар растахез,
Аллаҳ, аллаҳ аз тани чун хар гурез.
Кофиронро бим кард Эзид зи нор,
Кофирон гуфтанд: «Нор авло зи ор».
Гуфт: «Не, он нор асли орҳост,
Ҳамчу ин норе, ки ин занро бикост.
Луқма андоза нахӯрд аз ҳирси х(в)ад,
Дар гулӯ бигрифт луқмай марги бад».
Луқма андоза хур, эй марди ҳарис!
Гарчи бошад луқма ҳалвову хабис.
Ҳақ таъоло дод мизонро забон,
Ҳин, зи Қуръон сураи «Раҳмон» бихон.
Ҳин, зи ҳирси хеш мизонро маҳил,
Озу ҳирс омад туро хасми музил.
Ҳирс ҷӯяд кул, барояд ӯ зи кулл,
Ҳирс мапраст, эй фуҷулл ибни-л-фуҷул.
Он канизак мешуду мегуфт: «Оҳ,
Кардӣ, эй хотун, ту усторо ба роҳ.
Кори беустод хоҳӣ сохтан,
Ҷоҳилона ҷон бихоҳӣ бохтан.
Эй зи ман дуздида илме нотамом,
Нангат омад, ки бипурсӣ ҳоли дом?
Ҳам бичидӣ дона мурғ аз хирманаш,
Ҳам наяфтодӣ расан дар гарданаш».
Дона камтар хур, макун чандин руфӯ,
Чун «кулу» хондӣ, бихон «ло тусрифу».
То хурӣ дона, наяфтӣ ту ба дом,
Ин кунад илму қаноат, вассалом.

Неъмат аз дунё хурад оқил, на ғам,
Ҷоҳилон маҳрум монда дар надам.
Чун дарафтад дар гулӯшон ҳабли дом,
Дона хӯрдан гашт бар ҷумла ҳаром.
Мурғ андар дом дона кай хурад?
Дона чун заҳр аст дар дом, ар чарад.
Мурғи ғофил мехурад дона зи дом,
Ҳамчу андар доми дунё ин авом.
Боз мурғони хабири ҳушманд
Кардаанд аз дона худро хушкбанд,
К-андаруни дом, дона заҳрбост,
Кӯр он мурғе, ки дар фах дона хост.
Соҳиби дом аблаҳонро сар бурид
В-он зарифонро ба маҷлисҳо кашид.
Ки аз онҳо гӯшт меояд ба кор
В-аз зарифон бонгу нолай зеру зор.
Пас канизак омад аз ишкофи дар,
Дид хотунро бимурда зери хар.
Гуфт: «Эй хотуни аҳмақ, ин чӣ буд?
Гар туро устод худ нақше намуд.
Зоҳираш дидӣ, сараш аз ту ниҳон,
Усто ногашта бигшодӣ дукон?
Кер дидӣ ҳамчу шаҳду чун хабис,
Он кадуро чун надидӣ? Эй ҳарис!
Ё чу мустағриқ шудӣ дар ишқи хар,
Он каду пинҳон бимондат аз назар?
Зоҳири санъат бидидӣ з-устод
Устодӣ баргирифтӣ шоди шод?»
Эй басо зарроқи гӯли бевуқуф
Аз раҳи мардон надида ғайри суф.
Эй басо шӯхон зи андак эҳтироф
Аз шаҳон н-омӯхта ҷуз гуфту лоф.
Ҳар яке дар каф асо, ки Мӯсиям,
Медамад бар аблаҳон, ки Исиям.
Оҳ аз он рӯзе, ки сидқи содиқон
Бозхоҳад аз ту санги имтиҳон.
Охир аз устод боқиро бипурс,

Ё ҳарисон ҷумла кӯронанду хурс.
Ҷумла ҷустӣ, бозмондӣ аз ҳама,
Сайди гургонанд ин аблаҳ рама.
Сурате бишнида, гаштӣ тарҷумон
Бехабар аз гуфти худ чун тӯтиён.

Тамсили талқини шайх муридонро ва паёмбари умматро, ки эшон тоқати талқини Ҳақ надоранд ва бо Ҳақ улфат надоранд, чунонки тӯтӣ бо сурати одамӣ улфат надорад, ки аз ӯ талқин тавонад гирифт. Ҳақ таъоло шайхро чун ойинае пеши муриди ҳамчу тӯтӣ дорад ва аз паси ойина талқин мекунад, ки «ло туҳаррик биҳи лисонака ин ҳува илло ваҳйун юҳо». Ин аст ибтидои масъалаи бемунтаҳо, чунонки минқор ҷунбонидани тӯтӣ андаруни ойина, ки хаёлаш мехонӣ, беихтиёр ва тасарруфи ӯст, акси хондани тӯтии берунӣ, ки мутааллим аст, на акси он муаллим, ки паси ойина аст, валекин хондани тӯтии берунӣ тасарруфи он муаллим аст. Пас, ин мисол омад, на масал.
Тӯтие дар ойина мебинад ӯ,
Акси худро пеши ӯ оварда рӯ.
Дар пайи ойина он усто ниҳон,
Ҳарф мегӯяд адиби хушзабон.
Тӯтияк пиндошта, к-ин гуфти паст
Гуфтани тӯтист, к-андар ойинаст.
Пас зи ҷинси хеш омӯзад сухан
Бехабар аз макри он гурги куҳан.
Аз паси ойина меомӯзадаш
В-арна н-омӯзад ҷуз аз ҷинси х(в)адаш.
Гуфтро омӯхт з-он марди ҳунар,
Лек аз маъниву сирраш бехабар.
Аз башар бигрифт мантиқ як ба як,
Аз башар ҷуз ин чӣ донад тӯтияк?
Ҳамчунон дар ойинай ҷисми валӣ
Хешро бинад муриди мумталӣ.
Аз паси ойина ақли куллро
Кай бибинад вақти гуфту моҷаро?
ӯ гумон дорад, ки мегӯяд башар
В-он дигар сирр асту ӯ з-он бехабар.
Ҳарф омӯзад, вале сирри қадим
ӯ надонад, тӯтӣ аст ӯ, не надим.

Ҳам сафири мурғ омӯзанд халқ,
К-ин сухан кори даҳон афтоду ҳалқ.
Лек аз маънии мурғон бехабар,
Ҷуз Сулаймони қироний хушназар.
Ҳарф дарвешон басе омӯхтанд,
Минбару маҳфил бад-он афрӯхтанд.
Ё ба ҷуз он ҳарфашон рӯзӣ набуд,
Ё дар охир раҳмат омад, раҳ намуд.

Соҳибдиле дид саге ҳомила, дар шиками он саг баччагон бонг мекарданд, дар тааҷҷуб монд, ки ҳикмати бонги саг посбонист, бонг дар андаруни шиками модар посбонӣ нест ва низ бонг ҷиҳати ёрӣ хостан ва шир хостан бошад ва ғайра ва ин ҷо ҳеч аз ин фоидаҳо нест. Чун ба хеш омад, бо ҳазрат муноҷот кард «ва мо яъламу таъвилаҳу иллаллоҳу» ҷавоб омад, ки он сурати ҳоли қавмест аз ҳиҷоб берун наёмада ва чашми дил боз нокушуда, даъвои басират кунанд ва мақолот гӯянд аз он на эшонро қуввате ю ёрие расад ва на мустамеъонро ҳидояте ю рашаде
Он яке медид хоб-андар чила,
Дар раҳе модасаге буд ҳомила.
Ногаҳон овози сагбачгон шунид,
Сагбача андар шикам буд нопадид.
Пас аҷаб омад варо он бонгҳо:
«Сагбача андар шикам чун зад нидо?
Сагбача андар шикам нолакунон,
Ҳеч кас дидаст ин андар ҷаҳон?»
Чун биҷуст ӯ воқеъа, омад ба хеш,
Ҳайрати ӯ дам ба дам мегашт беш.
Дар чила кас не, ки гардад уқда ҳалл,
Ҷуз ки даргоҳи Худо азза ва ҷалл.
Гуфт: «Ё раб, з-ин шиколу гуфтугӯ
Дар чила вомондаам аз зикри ту.
Парри ман бигшой, то паррон шавам,
Дар ҳадиқай зикру себистон шавам».
Омадаш овози ҳотиф дарзамон,
К-он мисоле дон зи лофи ҷоҳилон.
К-аз ҳиҷобу парда берун н-омада,
Чашм баста, беҳуда гӯён шуда.

Бонги саг андар шикам бошад зиён,
На шикорангезу на шаб посбон.
Гург нодида, ки манъи ӯ бувад,
Дузд нодида, ки рафъи ӯ шавад.
Аз ҳарисӣ в-аз ҳавои сарварӣ
Дар назар кунду ба лофидан ҷарӣ.
Аз ҳавои муштариву гармдор,
Бебасират по ниҳода дар фишор.
Моҳ нодида нишонҳо медиҳад,
Рустоиро бад-он каж мениҳад.
Аз барои Муштарӣ дар васфи моҳ,
Сад нишон нодида гӯяд баҳри ҷоҳ.
Муштарӣ, к-ӯ суд дорад, худ якест,
Лек эшонро дар ӯ райбу шакест.
Аз ҳавои муштарии бешукӯҳ
Муштариро бод доданд ин гурӯҳ.
Муштарии мост Аллоҳ аштаро,
Аз ғами ҳар муштарӣ, ҳин, бартар о.
Муштарие ҷӯ, ки ҷӯёни ту аст,
Олами оғозу поёни ту аст.
Ҳин, макаш ҳар муштариро ту ба даст,
Ишқбозӣ бо ду маъшуқа бад аст.
З-ӯ наёбӣ суду моя, гар харад,
Набвадаш худ қимати ақлу хирад.
Нест ӯро худ баҳои ними наъл,
Ту бар ӯ арза кунӣ ёқуту лаъл?
Ҳирс кӯрат карду маҳрумат кунад,
Дев ҳамчун хеш марҷумат кунад.
Ҳамчунон, к-асҳоби Филу қавми Лут
Кардашон марҷум чун худ он сахут.
Муштариро собирон дарёфтанд,
Чун сӯйи ҳар муштарӣ наштофтанд.
Он ки гардонид рӯ з-он муштарӣ,
Бахту иқболу бақо шуд з-ӯ барӣ.
Монд ҳасрат бар ҳарисон то абад,
Ҳамчу ҳоли аҳли Зарвон дар ҳасад.

Қиссаи аҳли Зарвон ва ҳасади эшон бар дарвешон, ки «падари мо аз салимӣ ағлаби дахли боғро ба мискинон медод». Чун ангур будӣ, ушр додӣ ва чун мавизу дӯшоб шудӣ, ушр додӣ ва чун ҳалвову полуда кардӣ, ушр дорӣ ва аз қасил ушр додӣ ва чун дар хирман кӯфтӣ, аз каффаи омехта ушр додӣ ва чун гандум аз коҳ ҷудо шудӣ, ушр додӣ ва чун орд кардӣ, ушр додӣ ва чун хамир кардӣ, ушр додӣ ва чун нон кардӣ, ушр додӣ. Лоҷарам Ҳақ таъоло дар он боғу кишт баракате ниҳода буд, ки ҳамаи асҳоби боғҳо мӯҳтоҷи ӯ будандӣ, ҳам ба мева ва ҳам ба сим ӯ мӯҳтоҷи ҳеч кас не аз эшон. Фарзандонашон харҷи ушр медиданд мукаррар ва он баракатро намедиданд, ҳамчун он зани бадбахт, ки харро дид у кадуро надид

Буд марде, солуҳе, раббоние,
Ақли комил дошту поёндоние.
Дар деҳи Зарвон ба наздики Яман,
Шӯҳра андар садқаву хулқи ҳасан.
Каъбаи дарвеш будӣ кӯйи ӯ,
Омадандӣ мустамандон сӯйи ӯ.
Ҳам зи хӯша ушр додӣ бериё,
Ҳам зи гандум чун шудӣ аз каҳ ҷудо.
Орд гаштӣ, ушр додӣ ҳам аз он,
Нон шудӣ, ушри дигар додӣ зи нон.
Ушри ҳар дахле фурӯ нагзоштӣ,
Чорбора додӣ з-он чӣ коштӣ.
Бас васиятҳо бигуфтӣ ҳар замон,
Ҷамъи фарзандони худро он ҷавон:
«Аллаҳ, аллаҳ қисми мискин баъди ман
Вомагиредаш зи ҳирси хештан
То бимонад бар шумо кишту симор
Дар паноҳи тоати Ҳақ пойдор.
Дахлҳову меваҳо ҷумла зи ғайб
Ҳақ фиристодаст бетахмину райб.
Дар маҳалли дахл агар харҷе кунӣ,
Даргаҳи суд аст, суде барзанӣ».
Турк ағлаб дахлро дар киштзор
Бозкорад, ки вай аст асли симор.
Бештар корад, хӯрад з-он андаке,
Ки надорад дар бирӯйидан шаке.
З-он бияфшонад ба киштан турк даст,

К-он ғала-ш ҳам з-он замин ҳосил шудаст.
Кафшгар ҳам он чӣ афзояд зи нон,
Мехарад чарму адиму сахтиён
Ки усули дахлам инҳо будаанд,
Ҳам аз инҳо мегушояд ризқ банд.
Дахл аз он ҷо омадасташ лоҷарам,
Ҳам дар он ҷо мекунад доду карам.
Ин замину сахтиён пардасту бас,
Асли рӯзӣ аз Худо дон ҳар нафас.
Чун бикорӣ, дар замини асл кор,
То бирӯяд ҳар якеро сад ҳазор.
Гирам акнун тухмро гар коштӣ,
Дар замине, ки сабаб пиндоштӣ,
Чун ду-се сол он нарӯяд, чун кунӣ?
Ҷуз ки дар лоба-в дуъо каф дарзанӣ.
Даст бар сар мезанӣ пеши Илоҳ,
Дасту сар бар додани ризқаш гувоҳ.
То бидонӣ асли асли ризқ ӯст,
То ҳам ӯро ҷӯяд он ки ризқҷӯст.
Ризқ аз вай ҷӯ, маҷӯ аз Зайду Амр,
Мастӣ аз вай ҷӯ, маҷӯ аз бангу хамр.
Тонгарӣ з-ӯ хоҳ, на аз ганҷу мол,
Нусрат аз вай хоҳ, на аз амму хол.
Оқибат з-инҳо бихоҳӣ мондан,
Ҳин, киро хоҳӣ дар он дам хондан?
Ин дам ӯро хону боқиро бимон,
То ту бошӣ ворисси мулки ҷаҳон.
Чун «яфирру-л-маръу» ояд «мин ахиҳ»,
«Яҳрабу-л-мавлуду явман мин абиҳ».
З-он шавад ҳар дӯст он соат адӯ,
Ки бути ту буду аз раҳ монеъ ӯ.
Рӯй аз наққоши румӣ тофтӣ,
Чун зи нақше унси дил меёфтӣ.
Ин дам ар ёрон-т бо ту зид шаванд
В-аз ту баргарданду дар хасмӣ раванд.
Ҳин, бигӯ: «Нак, рӯзи ман пирӯз шуд,
Он чӣ фардо хост шуд, имрӯз шуд.

Зидди ман гаштанд аҳли ин саро,
То қиёмат айн шуд пешин маро.
Пеш аз он ки рӯзгори худ барам,
Умр бо эшон ба поён оварам.
Колаи маъюб бихрида будам,
Шукр, к-аз айбаш пагаҳ воқиф шудам».
Пеш аз он к-аз даст сармоя шудӣ,
Оқибат маъюб берун омадӣ.
Мол рафта, умр рафта, эй насиб,
Молу ҷон дода пайи колай маъиб.
Рахт додам, зарри қалбе бистадам,
Шод-шодон сӯйи хона мешудам.
Шукр, к-ин зар қалб пайдо шуд кунун,
Пеш аз он ки умр бигзаштӣ фузун.
Қалб мондӣ то абад дар гарданам,
Ҳайф будӣ умр зоеъ карданам.
Чун пагаҳтар қалбии ӯ рӯ намуд,
Пойи худ з-ӯ вокашам ман зуд-зуд.
Ёри ту чун душмане пайдо кунад,
Гарри ҳиқду рашки ӯ берун занад.
Ту аз он эърози ӯ афғон макун,
Хештанро аблаҳу нодон макун.
Балки шукри Ҳақ куну нон бахш кун,
Ки нагаштӣ дар ҷуволи ӯ кухун.
Аз ҷуволаш зуд берун омадӣ,
То биҷӯйӣ ёри сидқи сармадӣ.
Нозанин ёре, ки баъд аз марги ту
Риштаи ёрии ӯ гардад сетӯ.
Он магар султон бувад, шоҳи рафеъ,
Ё бувад мақбули султону шафеъ.
Ростӣ аз қаллобу солусу дағал,
Ғурри ӯ дидӣ аён пеш аз аҷал.
Ин ҷафои халқ бо ту дар ҷаҳон,
Гар бидонӣ, ганҷи зар омад ниҳон.
Халқро бо ту чунин бадхӯ кунанд,
То туро ночор рӯ з-он сӯ кунанд.
Ин яқин дон, ки дар охир ҷумлашон,

Хасм гарданду адӯву саркашон.
Ту бимонӣ бо фиғон андар лаҳад,
«Ло тазарнӣ фард» хоҳон аз аҳад:
«Эй ҷафоят беҳ зи аҳди вофиён,
Ҳам зи доди туст шаҳди вофиён».
Бингар аз ақли худ, эй анбордор,
Гандуми худро ба арзиллаҳ супор.
То шавад эмин зи дузду аз шапуш,
Девро бо девча зутар бикуш.
К-ӯ ҳаметарсонадат ҳар дам зи факр,
Ҳамчу кабкаш сайд кун, эй наррасақр.
Бози султони азизи комёр
Нанг бошад, ки кунад кабкаш шикор.
Бас васийят карду тухми ваъз кошт,
Чун заминшон шӯра буд, суде надошт.
Гарчи носеҳро бувад сад доъия,
Пандро изне бибояд воъия.
Ту ба сад талтиф пандаш медиҳӣ,
Ӯ зи пандат мекунад паҳлӯ тиҳӣ.
Як каси номустамеъ з-истезу рад
Сад каси гӯяндаро оҷиз кунад.
З-анбиё носеҳтару хушлаҳҷатар
Кӣ бувад? Ки-грифт дамшон дар ҳаҷар.
З-он чӣ кӯҳу санг дар кор омаданд,
Менашуд бадбахтро бигшода банд.
Ончунон дилҳо, ки будшон мову ман,
Наътошон шуд: «бал ашадду қасватан».

Баёни он ки атои Ҳақ ва қудрат мавқуфи қобилийят нест, ҳамчун доди халқон, ки онро қобилийят бояд, зеро ато қадим асту қобилийят ҳодис, ато сифати Ҳақ аст ва қобилийят сифати махлуқ ва қадим мавқуфи ҳодис набошад вагарна ҳудус муҳол бошад

Чораи он дил атои мубдилист,
Доди ӯро қобилийят шарт нест.
Балки шарти қобилийят доди ӯст,
Дод луббу қобилийят ҳаст пӯст.
Ин ки Мӯсоро асо сӯъбон шавад,

Ҳамчу хуршеде кафаш рахшон шавад.
Садҳазорон мӯъҷизоти анбиё,
К-он нагунҷад дар замиру ақли мо.
Нест аз асбоб, тасрифи Худост,
Нестҳоро қобилийят аз куҷост?
Қобилӣ гар шарти феъли Ҳақ будӣ,
Ҳеч маъдуме ба ҳастӣ н-омадӣ.
Суннате бинҳоду асбобу турук
Толибонро зери ин азрақ тутуқ.
Бештар аҳвол бар суннат равад,
Гоҳ қудрат хориқи суннат шавад.
Суннату одат ниҳода бо маза,
Боз карда хирқи одат мӯъҷиза.
Бесабаб гар из ба мо мавсул нест,
Қудрат аз азли сабаб маъзул нест.
Эй гирифтори сабаб, берун мапар,
Лек азли он мусаббиб зан мабар.
Ҳарчи хоҳад, он мусаббиб оварад,
Қудрати мутлақ сабабҳо бардарад.
Лек ағлаб бар сабаб ронад нафоз,
То бидонад толибӣ ҷустан мурод.
Чун сабаб набвад, чӣ раҳ ҷӯяд мурид?
Пас сабаб дар роҳ мебояд падид.
Ин сабабҳо бар назарҳо пардаҳост,
Ки на ҳар дидор сунъашро сазост.
Дидае бояд, сабаб сӯрох кун,
То ҳуҷубро барканад аз беху бун.
То мусаббиб бинад андар ломакон,
Ҳарза донад ҷаҳду аксобу дукон.
Аз мусаббиб мерасад ҳар хайру шар,
Нест асбобу васоит, эй падар!
Ҷуз хаёле мунъақид бар шоҳроҳ,
То бимонад дур ғафлат чанд гоҳ.

Дар ибтидои хилқати ҷисми Одам алайҳиссалом, ки Ҷабрайил алайҳиссаломро ишорат кард, ки бирав, аз замин муште хок баргир ва ба ривояте дигар аз ҳар навоҳӣ мушт-мушт баргир

Чунки сонеъ хост эҷоди башар,
Аз барои ибтилои хайру шар.
Ҷабрайили сидқро фармуд: «Рав,
Мушти хоке аз замин бистон гарав.
Ӯ миён басту биёмад то замин,
То гузорад амри Раббулъоламин.
Даст сӯйи хок бурд он мӯътамир,
Хок худро даркашиду шуд ҳазир.
Пас забон бигшод хоку лоба кард,
К-аз барои ҳурмати халлоқи фард
Тарки ман гӯву бирав, ҷонам бибахш,
Рав, битоб аз ман инони хинги рахш.
Дар кашокашҳои таклифу хатар
Баҳри лиллаҳ ҳил маро, андармабар.
Баҳри он лутфе, ки Ҳаққат баргузид,
Кард бар ту илми лавҳи кул падид.
То малоикро муаллим омадӣ
Доимо бо Ҳақ мукаллим омадӣ.
Ки сафири анбиё хоҳӣ будан,
Ту ҳаёти ҷони ваҳйӣ, не бадан.
Бар Сирофилат фазилат буд аз он,
К-ӯ ҳаёти тан бувад, ту они ҷон.
Бонги сураш нашъати танҳо бувад,
Нафхи ту нашви дили якто бувад.
Ҷони ҷони тан ҳаёти дил бувад,
Пас зи додаш доди ту фозил бувад.
Боз Микойил ризқи тан диҳад,
Саъйи ту ризқи дили рӯшан диҳад.
Ӯ ба доди кайл пур кардаст зайл,
Доди ризқи ту намегунҷад ба кайл.
Ҳам зи Азройили боқаҳру атаб
Ту беҳӣ, чун сабқи раҳмат бар ғазаб.
Ҳомили арш ин чаҳоранду ту шоҳ,
Беҳтарини ҳар чаҳорӣ з-интибоҳ.
Рӯзи маҳшар ҳашт бинӣ ҳомилон-ш,
Ҳам ту бошӣ афзали ҳашт он замон-ш.
Ҳамчунин бармешумурду мегирист,

Бӯй мебурд ӯ, к-аз ин мақсуд чист.
Маъдани шарму ҳаё буд Ҷабрайил,
Баст он савгандҳо бар вай сабил.
Баски лоба кардашу савганд дод,
Бозгашту гуфт: «Ё раббулибод.
Ки набудам ман ба корат сарсарӣ,
Лек з-он чӣ рафт, ту донотарӣ.
Гуфт: «Номе, ки зи ҳавлаш, эй басир!
Ҳафт гардун боз монад аз масир,
Шармам омад, гаштам аз номат хиҷил
В-арна осон аст нақли мушти гил.
Ки ту зӯре додаӣ амлокро,
Ки бидарронанд ин афлокро».

Фиристодан Микойилро алайҳиссалом ба қабзи ҳафнаи хок аз замин, ҷиҳати таркиби тартиби ҷисми муборакаи Абулбашар халифатулҳақ, масҷудулмалак ва муаллимуҳум Одам алайҳиссалом
Гуфт Микойилро: «Ту рав ба зер,
Мушти хоке даррабо аз вай чу шер».
Чунки Микойил шуд то хокдон,
Даст кард ӯ, то ки бирбояд аз он.
Хок ларзиду даромад дар гурез,
Гашт ӯ лобакунону ашкрез.
Синасӯзон лоба карду иҷтиҳод,
Бо сиришки пур зи хун савганд дод.
Ки ба Яздони латифи бенадид,
Ки бикардат ҳомили арши маҷид.
Кайли арзоқи ҷаҳонро мушрифӣ,
Ташнагони фазлро ту муғрифӣ.
З-он ки Микойил аз кайл иштиқоқ
Дораду кайёл шуд дар иртизоқ,
Ки амонам деҳ, маро озод кун,
Бин, ки хунолуд мегӯям сухун.
Маъдани раҳми Илоҳ омад малак,
Гуфт: «Чун резам бар он реш ин намак?»
Ҳамчунон, ки маъдани қаҳр аст дев,
Ки баровард аз банӣ Одам ғирев.

Сабқи раҳмат бар ғазаб буд, эй фато,
Лутф ғолиб буд дар васфи Худо.
Бандагон доранд лобуд хӯйи ӯ,
Машкҳошон пур зи оби ҷӯйи ӯ.
ӯ расули Ҳақ, қаловузи сулук,
Гуфт: «Ан-носу ало дини мулук».
Рафт Микойил сӯйи рабби дин,
Холӣ аз мақсуд дасту остин,
Гуфт: «Эй донои сирру шоҳи фард,
Хокам аз зориву гиря баста кард.
Оби дида пеши ту боқадр буд,
Ман натонистам, ки орам ношунуд.
Оҳу зорӣ пеши ту бас қадр дошт,
Ман натонистам ҳуқуқи он гузошт.
Пеши ту бас қадр дорад чашми тар,
Ман чӣ гуна гаштаме истезагар?»
Даъвати зорист рӯзе панҷ бор
Бандаро, ки дар намоз ову бизор.
Наъраи муъзин, ки «ҳаййа ал фалоҳ»
В-он «фалоҳ» ин зорӣ асту иқтироҳ.
Он ки хоҳӣ, к-аз ғамаш хаста кунӣ,
Роҳи зорӣ бар дилаш баста кунӣ.
То фурӯ ояд бало бедофиъе,
Чун набошад аз тазаррӯъ шофиъе
В-он ки хоҳӣ, к-аз балояш вохарӣ,
Ҷони ӯро дар тазаррӯъ оварӣ.
Гуфтаӣ андар нубӣ, к-он умматон,
Ки бар эшон омад он қаҳри гарон
Чун тазаррӯъ менакарданд он нафас?
То бало з-эшон бигаштӣ бозпас.
Лек дилҳошон чу қосӣ гашта буд,
Он гунаҳҳошон ибодат менамуд.
То надонад хешро муҷрим, анид,
Об аз чашмаш куҷо донад давид?

Қиссаи қавми Юнус алайҳиссалом баён ва бурҳони он аст, ки тазаррӯъ ва зорӣ дофеъи балои осмонист ва Ҳақ таъоло фоъили мухтор аст, пас, тазаррӯъ ва

таъзим пеши ӯ муфид бошад ва фалосифа гӯянд фоъил ба табъ аст ва ба иллат, на мухтор, пас тазаррӯъ табъро нагардонад

Қавми Юнусро чу пайдо шуд бало,
Абри пуроташ ҷудо шуд аз само.
Барқ меандохт, месӯзид санг,
Абр меғуррид, рух мерехт ранг.
Ҷумлагон бар бомҳо буданд шаб,
Ки падид омад зи боло он кураб.
Ҷумлагон аз бомҳо зер омаданд,
Сарбараҳна ҷониби саҳро шуданд.
Модарон бачгон бурун андохтанд,
То ҳама нола-в нафир афрохтанд.
Аз намози шом то вақти саҳар
Хок мекарданд бар сар он нафар.
Ҷумлагӣ овозҳо бигрифта шуд,
Раҳм омад бар сари он қавми луд.
Баъди навмедиву оҳи ношигифт
Андак-андак абр вогаштан гирифт.
Қиссаи Юнус дароз асту ариз,
Вақти хок асту ҳадиси мустафиз.
Чун тазаррӯъро бари Ҳақ қадрҳост
В-он баҳо, к-он ҷост зориро, куҷост?
Ҳин умед, акнун миёнро чуст банд,
Хез, эй гиряндаву доим биханд,
Ки баробар мениҳад шоҳи маҷид
Ашкро дар фазл бо хуни шаҳид.

Фиристодан Исрофилро алайҳиссалом ба хок, ки ҳафнае баргир аз хок баҳри таркиби ҷисми Одам алайҳиссалом

Гуфт Исрофилро Яздони мо,
Ки бирав з-он хок пур кун каф, биё.
Омад Исрофил ҳам сӯйи замин,
Боз оғозид хокистон ҳанин.
К-эй фариштай суру эй баҳри ҳаёт,
Ки зи дамҳои ту ҷон ёбад мавот.
Дардамӣ аз сур як бонги азим,
Пур шавад маҳшар, халоиқ аз рамим.

Дардамӣ дар сур, гӯйӣ: «Ас-сало,
Барҷаҳед, эй куштагони Карбало.
Эй ҳалокатдидагон аз теғи марг,
Барзанед аз хок сар чун шоху барг».
Раҳмати ту в-он дами гирои ту,
Пур шавад ин олам аз эҳёи ту.
Ту фариштай раҳматӣ, раҳмат намо,
Ҳомили аршиву қиблай додҳо.
Арш маъдангоҳи доду маъдилат,
Чор ҷӯ дар зери ӯ пурмағфират.
Ҷӯйи ширу ҷӯйи шаҳди ҷовидон,
Ҷӯйи хамру Даҷлаи оби равон.
Пас зи арш андар биҳиштистон равад,
Дар замин ҳам чизаке зоҳир шавад.
Гарчи олудаст ин ҷо он чаҳор,
Аз чӣ? Аз захри фанову ногувор.
Ҷуръае бар хоки тира рехтанд
З-он чаҳору фитнае ангехтанд.
То биҷӯянд асли онро ин хасон,
Худ бар ин қонеъ шуданд ин нокасон.
Шир доду парвариш атфолро,
Чашма кардӣ синаи ҳар золро.
Хамр дафъи ғуссаву андешаро
Чашма карда аз инаб дар иҷтиро.
Ангубин доруи тан ранҷурро
Чашма карда ботини занбӯрро.
Об додӣ ом аслу фаръро,
Аз барои туҳру бахри каръро.
То аз инҳо пай барӣ сӯйи усул,
Ту бар ин қонеъ шудӣ, эй булфузул?
Бишнав акнун моҷарои хокро,
Ки чӣ мегӯяд фусун мехрокро.
Пеши Исрофил гашта ӯ абус,
Мекунад сад гуна шаклу чоплус.
Ки ба ҳаққи зоти поки зулҷалол,
Ки мадор ин қаҳрро бар ман ҳалол.
Ман аз ин тақлиб бӯйе мебарам,

Бадгумонӣ медавад андар сарам.
Ту фариштай раҳматӣ, раҳмат намо,
З-он ки мурғеро наёзорад ҳумо.
Эй шифову раҳмати асҳоби дард,
Ту ҳамон кун, к-он ду некӯкор кард.
Зуд Исрофил бозомад ба шоҳ,
Гуфт узру моҷаро назди Илоҳ,
К-аз бурун фармон бидодӣ, ки бигир,
Акси он илҳом додӣ дар замир?
Амр кардӣ дар гирифтан сӯйи гӯш,
Наҳй кардӣ аз қасоват сӯйи ҳуш?
Сабқи раҳмат гашт ғолиб бар ғазаб,
Эй бадеъафъолу некӯкор раб».

Фиристодан Азройил малакулазм ва-л-ҳазмро алайҳиссалом ба баргирифтани ҳафнае хок, то шавад ҷисми Одами чолок алайҳиссалом
Гуфт Яздон зуд Азройилро,
Ки бибин он хоки пуртахйилро.
Он зиъифи золи золимро биёб,
Мушти хоке ҳин, биёвар бошитоб.
Рафт Азройил, сарҳанги қазо
Сӯйи куррай хок баҳри иқтизо.
Хок бар қонун нафир оғоз кард,
Дод савгандаш, басе савганд х(в)ард.
К-эй ғуломи хос в-эй ҳаммоли арш!
Эй мутоъу-л-амр андар аршу фарш.
Рав, ба ҳаққи раҳмати раҳмони фард,
Рав, ба ҳаққи он ки бо ту лутф кард.
Ҳаққи шоҳе, ки ҷуз ӯ маъбуд нест,
Пеши ӯ зории кас мардуд нест».
Гуфт: «Натвонам бад-ин афсун, ки ман
Рӯ битобам з-омири сирру алан».
Гуфт: «Охир амр фармуд ӯ ба ҳилм,
Ҳар ду амранд, он бигир аз роҳи илм».
Гуфт: «Он таъвил бошад, ё қиёс,
Дар сареҳи амр кам ҷӯ илтибос.
Фикри худро гар кунӣ таъвил, беҳ,

Ки кунӣ таъвили ин номуштабеҳ.
Дил ҳамесӯзад маро бар лобаат,
Синаам пурхун шуд аз шӯробаат.
Нестам бераҳм, бал з-он ҳар се пок
Раҳм беш астам зи дарди дарднок.
Гар тапонча мезанам ман бар ятим
В-ар диҳад ҳалво ба дасташ он ҳалим.
Ин тапонча хуштар аз ҳалвои ӯ
В-ар шавад ғарра ба ҳалво, вои ӯ.
Бар нафири ту ҷигар месӯзадам,
Лек Ҳақ лутфе ҳамеомӯзадам.
Лутфи махфӣ дар миёни қаҳрҳо,
Дар ҳадас пинҳон ақиқи бебаҳо.
Қаҳри Ҳақ беҳтар зи сад ҳилми ман аст,
Манъ кардан ҷон зи Ҳақ ҷон кандан аст.
Баттарин қаҳраш беҳ аз ҳилми ду кавн,
Неъма Раббулоламину неъма авн.
Лутфҳои музмар андар қаҳри ӯ,
Ҷон супурдан ҷон физояд баҳри ӯ.
Ҳин, раҳо кун, бадгумониву залол,
Сар қадам кун чунки фармудат «таъол».
Он «таъол»-и ӯ таъолиҳо диҳад,
Мастиву ҷуфти ниҳолиҳо диҳад.
Боре, он амри саниро ҳеч-ҳеч
Ман наёрам кард ваҳну печ-печ.
Ин ҳама бишнид он хоки нажанд,
З-он гумони бад будаш дар гӯш банд.
Боз аз навъе дигар он хоки паст
Лобаву саҷда ҳамекард ӯ чу маст.
Гуфт: «На, бархез, набвад з-ин зиён,
Ман сару ҷон м-ениҳам раҳну замон.
Лоба мандешу макун лоба дигар
Ҷуз бад-он шоҳи раҳими додгар.
Бандафармонам, наёрам тарк кард
Амри ӯ, к-аз баҳр ангезид гард.
Ҷуз аз он халлоқи гӯшу чашму сар,
Нашнавам аз ҷони худ ҳам хайру шар.

Гӯши ман аз гуфти ғайри ӯ кар аст,
ӯ маро аз ҷони ширин ҷонтар аст.
Ҷон аз ӯ омад, наёмад ӯ зи ҷон,
Садҳазорон ҷон диҳад ӯ ройгон.
Ҷон кӣ бошад, к-иш гузинам бар карим?
Кайк чӣ бвад, ки бисӯзам з-ӯ гилем?
Ман надонам хайр, илло хайри ӯ,
Сумму букму умй ман аз ғайри ӯ.
Гӯши ман карр аст аз зорикунон,
Ки манам дар каффи ӯ ҳамчун синон.

Баёни он ки махлуқ, ки туро аз ӯ зулме расад, ба ҳақиқати ӯ ҳамчун олатест. Ориф он бувад, ки ба Ҳақ руҷӯъ кунад, на ба олат ва агар ба олат руҷӯъ кунад, ба зоҳир, на аз ҷаҳл кунад, балки барои маслиҳате, чунонки Абоязид қаддасаллоҳу сирраҳу гуфт, ки чандин сол аст, ки ман бо махлуқ сухан нагуфтаам ва аз махлуқ сухан нашнидаам, валекин халқ чунин пиндоранд, ки бо эшон сухан мегӯям ва аз эшон мешунавам, зеро эшон мухотиби акбарро намебинанд, ки эшон чун садоанд ӯро нисбат ба ҳоли ман, илтифоти мустамеъи оқил ба садо набошад, чунонки масал аст маъруф «*қола-л-ҷидору лилватади лима ташуққунӣ? Қола-л-ватаду анзур ало ман ядуққунӣ*»
Аҳмақона аз синон раҳмат маҷӯ,
З-он шаҳе ҷӯ, к-он бувад дар дасти ӯ.
Бо синону теғ лоба чун кунӣ?
К-ӯ асир омад ба дасти он санӣ.
ӯ ба санъат озар асту ман санам,
Олате, к-ӯ созадам, ман он шавам.
Гар маро соғар кунад, соғар шавам
В-ар маро ханҷар кунад, ханҷар шавам.
Гар маро чашма кунад, обе диҳам
В-ар маро оташ кунад, тобе диҳам.
Гар маро борон кунад, хирман диҳам
В-ар маро новак кунад, дар тан ҷаҳам.
Гар маро море кунад, заҳр афганам
В-ар маро ёре кунад, хидмат кунам.
Ман чу килкам дар миёни исбаъайн,
Нестам дар саффи тоат байн-байн.
Хокро машғул кард ӯ дар сухан,

Як кафе бирбуд аз он хоки куҳан.
Соҳирона даррабуд аз хокдон,
Хок машғули сухан чун бехудон.
Бурд то Ҳақ турбати беройро,
То ба мактаб он гурезонпойро.
Гуфт Яздон, ки ба илми равшанам,
Ки туро ҷаллоди ин халқон кунам.
Гуфт: «Ё раб душманам гиранд халқ,
Чун фишорам халқро дар марг ҳалқ?
Ту раво дорӣ, Худованди санӣ,
Ки маро мабғузу душманрӯ кунӣ?»
Гуфт: «Асбобе падид орам аён,
Аз табу қуланҷу сарсому синон.
Ки бигардонам назаршонро зи ту,
Дар маразҳову сабабҳои сетӯ».
Гуфт: «Ё раб бандагон ҳастанд низ,
Ки сабабҳоро бидарранд, эй азиз!
Чашмашон бошад гузора аз сабаб,
Даргузашта аз ҳуҷуб аз фазли Раб.
Сурмаи тавҳид аз каҳҳоли ҳол
Ёфта, раста зи иллат в-эътилол.
Нангаранд андар табу қуланҷу сил,
Роҳ надҳанд ин сабабҳоро ба дил.
З-он ки ҳар як з-ин маразҳоро давост,
Чун даво напзирад он феъли қазост.
Ҳар мараз дорад даво, медон яқин,
Чун давои ранҷи сармо, пӯстин.
Чун Худо хоҳад, ки марде бифсурад,
Сардӣ аз сад пӯстин ҳам бигзарад.
Дар вуҷудаш ларзае бинҳад, ки он
На ба ҷома беҳ шавад, на-з ошён.
Чун қазо ояд, табиб аблаҳ шавад
В-он даво дар нафъ ҳам гумраҳ шавад.
Кай шавад маҳҷуб идроки басир?
З-ин сабабҳои ҳиҷоби гӯлгир.
Асл бинад дида, чун акмал бувад,
Фаръ бинад, чунки мард аҳвал бувад.

Ҷавоб омадан, ки он ки назари ӯ бар асбоб ва маразу захм наёяд, бар кори ту, Азройил! Ҳам наёяд, ки ту ҳам сабабӣ, агарчи махфитарӣ аз он сабабҳо ва бувад, ки бар он ранҷур махфӣ набошӣ. «Ва ҳува ақрабу илайҳи минкум ва локин ло тубсирун»

Гуфт Яздон: «Он ки бошад аслдон,
Пас, туро кай бинад ӯ андар миён?
Гарчи хеш аз ома пинҳон кардаӣ,
Пеши равшандидагон ҳам пардаӣ.
В-он гаҳ эшонро шакар бошад аҷал,
Чун назаршон маст бошад дар дувал.
Талх набвад пеши эшон марги тан,
Чун раванд аз чоҳу зиндон дар чаман.
Вораҳиданд аз ҷаҳони печ-печ,
Кас нагирад бар фавоти ҳеч-ҳеч».
Бурҷи зиндонро шикаст аркопие,
Ҳеч аз ӯ ранҷад дили зиндоние?
К-эй дареғ ин санги мармарро шикаст,
То равону ҷони мо аз ҳабс раст.
Он рухоми хубу он санги шариф
Бурҷи зиндонро баҳӣ буду алиф.
Чун шикасташ, то ки зиндонӣ бираст?
Дасти ӯ дар ҷурми ин бояд шикаст.
Ҳеч зиндонӣ нагӯяд ин фишор
Ҷуз касе, к-аз ҳабс орандаш ба дор.
Талх кай бошад касеро, к-иш баранд,
Аз миёни захри морон сӯйи қанд?
Ҷон муҷаррад гашта аз ғавғои тан,
Мепарад бо парри дил, бе пойи тан.
Ҳамчу зиндонии чаҳ, к-андар шабон
Хуспаду бинад ба хоб ӯ гулситон.
Гӯяд: «Эй Яздон, маро дар тан мабар,
То дар ин гулшан кунам ман карру фар».
Гӯядаш Яздон: «Дуъо шуд мустаҷоб,
Вомарав». Валлоҳу аълам биссавоб!
Инчунин хобе бибин, чун хуш бувад,
Марг нодида ба ҷаннат дарравад.

Ҳеч ӯ ҳасрат хурад бар интибоҳ,
Бар тани бо силсила дар қаъри чоҳ?
Мӯъминӣ, охир даро дар саффи разм,
Ки туро дар осмон будаст базм.
Бар умеди роҳи боло кун қиём,
Ҳамчу шамъе пеши меҳроб, эй ғулом!
Ашк мебору ҳамесӯз аз талаб
Ҳамчу шамъи сарбурида ҷумла шаб.
Лаб фурӯ банд аз таому аз шароб,
Сӯйи хони осмонӣ кун шитоб.
Дам ба дам бар осмон медор умед
Дар ҳавои осмон рақсон чу бед.
Дам ба дам аз осмон меоядат
Обу оташ, ризқ меафзоядат.
Гар туро он ҷо барад, набвад аҷаб,
Мангар андар аҷзу бингар дар талаб.
К-ин талаб дар ту гаравгони Худост,
З-он ки ҳар толиб ба матлубе сазост.
Ҷаҳд кун, то ин талаб афзун шавад,
То дилат з-ин чоҳи тан берун шавад.
Халқ гӯяд: «Мурд мискин он фалон»,
Ту бигӯйӣ: «Зиндаам, эй ғофилон!»
Гар тани ман ҳамчу танҳо хуфтааст,
Ҳашт ҷаннат дар дилам бишкуфтааст.
Ҷон чу хуфта дар гулу насрин бувад,
Чӣ ғам аст ар тан дар он саргин бувад?
Ҷони хуфта чӣ хабар дорад зи тан?
К-ӯ ба гулшан хуфт, ё дар гӯлхан?
Мезанад ҷон дар ҷаҳони обгун,
Наъраи «ё лайта қавмӣ яъламун».
Гар нахоҳад зист ҷон бе ин бадан,
Пас, фалак айвони кӣ хоҳад будан?
Гар нахоҳад бебадан ҷони ту зист,
«Фи-с-самои ризқукум» рӯзии кист?

Дар баёни вахомати чарбу ширини дунё ва монеъ шудани ӯ аз таъомуллоҳ, чунон ки фармуд: «Ал-ҷӯъу таъомуллоҳ юҳйӣ биҳи абдона-с-сиддиқин, ай фи-

л-ҷӯъи таъомуллоҳ ва қавлуҳу абиту инда раббӣ ютъумунӣ ва ясқинӣ ва қавлуҳу юрзақуна фариҳин»
Ворахӣ з-ин рӯзии резай касиф,
Дар фато дар луту дар қути шариф.
Гар ҳазорон ратл луташ мех(в)арӣ,
Меравӣ поку сабук ҳамчун парӣ.
Ки на ҳабси боду қуланҷат кунад,
Чормехи меъда оҳанҷат кунад.
Гар хурӣ кам, гурсна монӣ чу зоғ
В-ар хурӣ пур, гирад оруғат димоғ.
Камхурӣ хӯйи баду хушкиву дақ,
Пурхурӣ шуд тухмаро тан мустаҳақ.
Аз таъомуллоҳу қути хушгувор
Бар чунон дарё чу киштӣ шав савор.
Бош дар рӯза шикебову мусирр,
Дам ба дам қути Худоро мунтазир.
К-он Худои хубкори бурдбор
Ҳадяҳоро медиҳад дар интизор.
Интизори нон надорад марди сер,
Ки сабук ояд вазифа, ё ки дер.
Бенаво ҳар дам ҳамегӯяд, ки ку?
Дар муҷоат мунтазир, дар ҷустуҷӯ.
Чун набошӣ мунтазир, н-ояд ба ту
Он наволай давлати ҳафтодтӯ.
Эй падар! Ал-интизор! Ал-интизор!
Аз барои хони боло, мардвор.
Ҳар гурусна оқибат қуте биёфт,
Офтоби давлате бар вай битофт.
Зайфи боҳиммат чу з-оше кам х(в)арад,
Соҳиби хон оши беҳтар оварад.
Ҷуз ки соҳибхони дарвешӣ лаъим,
Занни бад кам бар ба раззоқи карим.
Сар баровар ҳамчу кӯҳе, эй санад,
То нахустин нури хур бар ту занад.
К-он сари кӯҳи баланди мустақир,
Ҳаст хуршеди саҳарро мунтазир.

Ҷавоби он муғаффал, ки гуфтааст хуш будӣ ин ҷаҳон, агар марг набудӣ ва хуш будӣ мулки дунё, агар заволаш набудӣ «ва ало ҳозиҳи-л-ватирати мина-л-фушорот»
Он яке мегуфт: «Хуш будӣ ҷаҳон,
Гар набудӣ пойи марг андар миён».
Он дигар гуфт: «Ар набудӣ марг ҳеч,
Гуҳ наярзидӣ ҷаҳони печ-печ.
Хирмане будӣ ба дашт афрошта,
Мӯҳмалу нокӯфта бигзошта.
Маргро ту зиндагӣ пиндоштӣ,
Тухмро дар шӯрахоке коштӣ.
Ақли козиб ҳаст худ маъкусбин,
Зиндагиро марг бинад, эй ғабин!»
Эй Худо, бинмой ту ҳар чизро,
Ончунон ки ҳаст дар ҳадясаро.
Ҳеч мурда нест пурҳасрат зи марг,
Ҳасраташ он аст, к-иш кам буд барг.
В-арна аз чоҳе ба саҳро уфтод
Дар миёни давлату айшу гушод.
З-ин мақоми мотаму нангин мунох,
Нақл афтодаш ба саҳрои фарох.
Мақъади сидқе, на айвони дурӯғ,
Бодаи хосе, на мастие зи дӯғ.
Мақъади сидқу ҷалисаш Ҳақ шуда,
Раста з-ин обу гили оташкада.
В-ар накардӣ зиндагонии мунир,
Як ду дам мондаст, мардона бимир.

«Фимо юрҷо мин раҳматуллоҳи таъоло муътийа-н-ниъам қабла-стеҳқоқиҳо ва ҳува-ллазӣ юназзилу-л-ғайса мин баъди мо қанату ва рубба буъдин юрису қурбан ва рубба маъсиятин маймунатин ва рубба саъодатин таъти мин ҳайсу юрҷа-н-ниқаму лиюълама анналлоҳа юбаддилу саййиотиҳим ҳасанотин»
Дар ҳадис омад, ки рӯзи растахез
Амрояд ҳар яке танро, ки хез.
Нафхи сур амр аст аз Яздони пок,
Ки барserved, эй зароир сар зи хок.
Боз ояд ҷони ҳар як дар бадан,

Ҳамчу вақти субҳ, ҳуш ояд ба тан.
Ҷон тани худро шиносад вақти рӯз,
Дар хароби худ дарояд чун кунуз.
Ҷисми худ бишносаду дар вай равад,
Ҷони заргар сӯйи дарзӣ кай равад?
Ҷони олим сӯйи олим меравад,
Рӯҳи золим сӯйи золим меравад,
Ки шиносо кардашон илми Илоҳ,
Чунки барра-в меш вақти субҳгоҳ.
Пой кафши худ шиносад дар зулам,
Чун надонад ҷон тани худ? Эй санам!
Субҳ ҳашри кӯчак аст, эй мустаҷир!
Ҳашри акбарро қиёс аз вай бигир.
Ончунон ки ҷон бипаррад сӯйи тин,
Нома паррад то ясору то ямин.
Дар кафаш бинҳанд номай бухлу ҷуд,
Фисқу тақво он чӣ дӣ хӯ карда буд.
Чун шавад бедор аз хоб ӯ саҳар,
Боз ояд сӯйи ӯ он хайру шар.
Гар риёзат дода бошад хӯйи хеш,
Вақти бедорӣ ҳамон ояд ба пеш
В-ар буд ӯ дӣ хому зишту дар залол,
Чун азо, номи сияҳ ёбад шамол.
В-ар буд ӯ дӣ поку ботақвову дин,
Вақти бедорӣ барад дурри самин.
Ҳаст моро хобу бедории мо,
Бар нишони маргу маҳшар ду гуво.
Ҳашри асғар ҳашри акбарро намуд,
Марги асғар марги акбарро зудуд.
Лек ин нома хаёл асту ниҳон
В-он шавад дар ҳашри акбар бас аён.
Ин хаёл ин ҷо ниҳон, пайдо асар,
З-ин хаёл он ҷо бирӯёнад сувар.
Дар муҳандис бин хаёли хонае,
Дар дилаш чун дар замине донае.
Он хаёл аз андарун ояд бурун,
Чун замин, ки зояд аз тухми дарун.

Ҳар хаёле, к-ӯ кунад дар дил ватан,
Рӯзи маҳшар сурате хоҳад шудан.
Чун хаёли он муҳандис дар замир,
Чун набот андар замини донагир.
Махласам з-ин ҳар ду маҳшар қиссаест,
Мӯъминонро дар баёнаш ҳиссаест.
Чун барояд офтоби растахез,
Барҷаҳанд аз хок зишту хуб тез.
Сӯйи девони қазо пӯён шаванд,
Нақди неку бад ба кӯра меравaнд.
Нақди некӯ шодмону ноз-ноз,
Нақди қалб андар заҳиру дар гудоз.
Лаҳза-лаҳза имтиҳонҳо мерасад,
Сирри дилҳо менамояд дар ҷасад.
Чун зи қандил оби равған гашта фош,
Ё чу хоке, ки бирӯяд сиррҳош.
Аз пиёзу ганданову кӯкнор
Сирри дай пайдо кунад дасти баҳор.
Он яке сарсабз, наҳну-л-муттақун
В-он дигар ҳамчун бунафша сарнигун.
Чашмҳо берун ҷаҳида аз хатар,
Гашта даҳ чашма зи бими мустақар.
Бозмонда дидаҳо дар интизор,
То ки нома н-ояд аз сӯйи ясор.
Чашм гардон сӯйи росту сӯйи чап,
З-он ки набвад бахти номай рост зап.
Номае ояд ба дасти бандае,
Сар сияҳ аз ҷурму фисқ огандае.
Андар ӯ як хайру як тавфиқ на,
Ҷуз ки озори дили сиддиқ на,
Пур зи сар то пой зиштиву гуноҳ,
Тасхуру хунбак задан бар аҳли роҳ.
Он дағалкориву дуздиҳои ӯ
В-он чу фиръавнон ано в-иннои ӯ.
Чун бихонад номаи худ он сақил,
Донад ӯ, ки сӯйи зиндон шуд раҳил.
Пас равон гардад чу дуздон сӯйи дор,

Ҷурм пайдо, баста роҳи эътизор.
Он ҳазорон ҳуҷҷату гуфтори бад
Бар даҳонаш гашта чун мисмори бад.
Рахти duzдӣ бар тану дар хонааш
Гашта пайдо, гум шуда афсонааш.
Пас равон гардад ба зиндони саъир,
Ки набошад хорро з-оташ гузир.
Чун муваккал он малоик пешу пас,
Буда пинҳон, гашта пайдо чун асас.
Мебарандаш, месипӯзандаш ба неш,
Ки бирав, эй саг ба каҳдонҳои хеш.
Мекашад по бар сари ҳар роҳ ӯ,
То бувад, ки барҷаҳад з-он чоҳ ӯ.
Мунтазир меистад, тан мезанад,
Дар умеде рӯй вопас мекунад.
Ашк меборад чу борони хазон,
Хушк уммеде, чӣ дорад ӯ ҷуз он?
Ҳар замоне рӯй вопас мекунад,
Рӯ ба даргоҳи муқаддас мекунад.
Пас зи Ҳақ амр ояд, аз иқлими нур,
Ки бигӯедаш, ки эй баттоли ур!
Интизори чистӣ? Эй кони шар!
Рӯ чӣ вопас мекунӣ? Эй хирасар!
Номаат он аст, к-ит омад ба даст,
Эй худоозору эй шайтонпараст!
Чун бидидӣ номаи кирдори хеш,
Чӣ-нгарӣ пас? Бин ҷазои кори хеш.
Беҳуда чӣ мул-муле мезанӣ?
Дар чунин чаҳ, ку умеди равшанӣ?
На туро аз рӯйи зоҳир тоате,
На туро дар сирру ботин нийяте.
На туро шабҳо муноҷоту қиём,
На туро дар рӯз парҳезу сиём.
На туро ҳифзи забон з-озори кас,
На назар кардан ба ибрат пешу пас.
Пеш чӣ бвад? Ёди маргу назъи хеш,
Пас чӣ бошад? Мурдани ёрон зи пеш.

На туро бар зулм тавбай пурхурӯш,
Эй дағо, гандумнамои ҷавфурӯш!
Чун тарозуи ту каж буду дағо,
Рост чун ҷӯйӣ тарозуи ҷазо?
Чунки пойи чап будӣ дар ғадру кост,
Нома чун ояд туро дар дасти рост?
Чун ҷазо саяст, эй қадди ту хам,
Сояи ту каж фитад дар пеши ҳам».
З-ин қабил ояд хитоботи дурушт,
Ки шавад кӯҳро аз он ҳам кӯж пушт.
Банда гӯяд: «Он чӣ фармудӣ баён,
Садчунонам, садчунонам, садчунон.
Худ ту пӯшидӣ батарҳоро ба ҳилм
В-арна медонӣ фазеҳатҳо ба илм.
Лек берун аз ҷиҳоду феъли хеш,
Аз варои хайру шарру куфру кеш
В-аз ниёзи оҷизонай хештан
В-аз хаёлу ваҳми ман, ё сад чу ман.
Будам уммеде ба маҳзи луфти ту,
Аз варои рост бошӣ, ё уту.
Бахшиши маҳзе зи лутфи беиваз,
Будам уммед, эй карими беғараз!
Рӯ сипас кардам бад-он маҳзи карам,
Сӯйи феъли хештан менангарам.
Сӯйи он уммед кардам рӯйи хеш,
Ки вуҷудам додай аз пеш-пеш.
Хилъати ҳастӣ бидодӣ ройгон,
Ман ҳамеша мӯътамад будам бар он».
Чун шуморад ҷурми худрову хато,
Маҳзи бахшоиш дарояд дар ато.
К-эй малоик, боз оредаш ба мо,
Ки будасташ чашми дил сӯйи раҷо.
Лоуболивор озодаш кунем
В-он хатоҳоро ҳама хат барзанем.
Лоуболӣ мар касеро шуд мубоҳ,
К-иш зиён набвад зи ғадру аз салоҳ.
Оташе хуш барфурӯзем аз карам,

То намонад ҷурму заллат бешу кам.
Оташе, к-аз шӯълааш камтар шарор
Мебисӯзад ҷурму ҷабру ихтиёр.
Шӯъла дар бунгоҳи инсонӣ занем,
Хокро гулзори рӯҳонӣ кунем.
Мо фиристодем аз чархи нӯҳум
Кимиё, юслиҳ лакум аъмолакум».
Худ чӣ бошад пеши нури мустақар
Карру фарри ихтиёри Булбашар?
Гӯштпора олати гӯёи ӯ,
Пиҳпора манзари бинои ӯ.
Масмаъи ӯ он ду пора устухон,
Мадракаш ду қатра хун, яъне ҷанон.
Кирмакеву аз қазар огандае,
Тумтуроқе, дар ҷаҳон афгандае.
Аз манӣ будӣ, маниро вогузор,
Эй Аёз, он пӯстинро ёд дор.

Қиссаи Аёз ва ҳуҷра доштани ӯ ҷиҳати чоруқ ва пӯстин ва гумон омадан хоҷатошонашро, ки ӯро дар он ҳуҷра дафина аст, ба сабаби муҳкамии дару гаронии қуфл

Он Аёз аз зиракӣ ангехта,
Пӯстину чоруқаш овехта.
Меравад ҳар рӯз дар ҳуҷра, хало:
«Чоруқат ин аст, мангар дар уло».
Шоҳро гуфтанд: «ӯро ҳуҷраест,
Андар он ҷо зарру симу хумраест.
Роҳ менадҳад касеро андар ӯ,
Баста медорад ҳамеша он дар ӯ».
Шоҳ фармуд: «Эй аҷаб! Он бандаро
Чист худ пинҳону пӯшида зи мо?»
Пас ишорат кард миреро, ки «Рав,
Нимшаб бигшою андар ҳуҷра шав.
Ҳар чӣ ёбӣ, мар туро, яғмош кун,
Сирри ӯро бар надимон фош кун.
Бо чунин икрому лутфи беадад
Аз лаъимӣ симу зар пинҳон кунад?

Менамояд ӯ вафову ишқу ҷӯш
В-он гаҳ ӯ гандумнамои ҷавфурӯш.
Ҳар кӣ андар ишқ ёбад зиндагӣ,
Куфр бошад пеши ӯ ҷуз бандагӣ».
Нимшаб он мир бо сӣ мӯътамад
Дар гушоди ҳуҷраи ӯ рой зад.
Машъала баркарда чандин паҳлавон,
Ҷониби ҳуҷра равона, шодмон.
К-амри султон аст, бар ҳуҷра занем,
Ҳар яке ҳамёни зар дар каш кунем.
Он яке мегуфт: «Ҳай, чӣ ҷойи зар?
Аз ақиқу лаъл гӯю аз гуҳар.
Хоси хоси махзани султон вай аст,
Балки акнун шоҳро худ ҷон вай аст.
Чӣ маҳал дорад ба пеши ин ашиқ
Лаълу юқуту зумуррад ё ақиқ?»
Шоҳро бар вай набудӣ бад гумон,
Тасхуре мекард баҳри имтиҳон.
Пок медонисташ аз ҳар ғашшу ғил,
Боз аз ваҳмаш ҳамеларзид дил
Ки мабодо к-ин бувад, хаста шавад,
Ман нахоҳам, ки бар ӯ хиҷлат равад.
Ин накардаст ӯву гар кард ӯ, равост,
Ҳар чӣ хоҳад, гӯ, бикун, маҳбуби мост.
Ҳар чӣ маҳбубам кунад, ман кардаам,
ӯ манам, ман ӯ, чӣ гар дар пардаам.
Боз гуфтӣ: «Дур аз он хӯву хисол
Инчунин тахлит жож асту хаёл.
Аз Аёз ин худ муҳол асту баъид,
К-ӯ яке дарёст, қаъраш нопадид.
Ҳафт дарё андар ӯ як қатрае,
Ҷумлаи ҳастӣ зи мавҷаш чакрае.
Ҷумла покиҳо аз он дарё баранд,
Қатраҳояш як ба як миногаранд.
Шоҳи шоҳон асту балки шоҳсоз
В-аз барои чашми бад номаш Аёз.
Чашмҳои нек ҳам бар вай бад аст,

Аз раҳи ғайрат, ки ҳуснаш беҳад аст».
Як даҳон хоҳам ба паҳнои фалак,
То бигӯям васфи он рашки малак
В-ар даҳон ёбам чунину сад чунин,
Танг ояд дар фиғони ин ҳанин.
Ин қадар гар ҳам нагӯям, эй санад!
Шишаи дил аз заъифӣ бишканад.
Шишаи дилро чу нозук дидаам,
Баҳри таскин бас қабо бидридаам.
Ман сари ҳар моҳ се рӯз, эй санам!
Бегумон бояд, ки девона шавам.
Ҳин, ки имрӯз аввали серӯза аст,
Рӯзи пирӯз аст, на пирӯза аст.
Ҳар диле, к-андар ғами шаҳ мебувад,
Дам ба дам ӯро сари маҳ мебувад.
Қиссаи Маҳмуду авсофи Аёз,
Чун шудам девона, рафт акнун зи соз.

Баёни он ки он чӣ баён карда мешавад, сурати қисса аст ва он ки он суратест, ки дархурди ин суратгирон аст ва дархурди ойинаи тасвири эшон ва аз қуддусийяте, ки ҳақиқати ин қиссарост, нутқро аз ин танзил шарм меояд ва аз хиҷолат сару ришу қалам гум мекунад ва «ал-оқилу якфиҳи-л-ишора»
З-он ки пилам дид Ҳиндустон ба хоб,
Аз хароҷ уммед бур, деҳ шуд хароб.
«Кайфа яъти-н-назму лӣ ва-л-қофия,
Баъда мо соат усулу-л-офия.
Мо ҷунунун воҳидун лӣ фӣ-ш-шуҷун,
Бал ҷунунун фӣ ҷунунин фӣ ҷунун.
Зота ҷисми мин ишороти-л-куно,
Мунзу оянту-л-бақоа, фи-л-қано.»
Эй Аёз, аз ишқи ту гаштам чу мӯй,
Мондам аз қиссай ту, қиссай ман бигӯй.
Бас фасонай ишқи ту хондам ба ҷон,
Ту маро, к-афсона гаштастам, бихон.
Худ ту мехонӣ, на ман эй муқтадо,
Ман куҳи Тӯрам, ту Мӯсо в-ин садо.
Кӯҳи бечора чӣ донад гуфт чист?

З-он ки Мӯсо мебидонад, кух тиҳист.
Кӯҳ медонад ба қадри хештан,
Андаке дорад зи лутфи рӯҳ тан.
Тан чу устурлоб бошад з-эҳтисоб,
Ояте аз рӯҳи ҳамчун офтоб.
Он мунаҷҷим чун набошад чашмтез,
Шарт бошад марди устурлобрез.
То сутурлобе кунад аз баҳри ӯ,
То барад аз ҳолати хуршед бӯ.
Ҷон, к-аз устурлоб ҷӯяд ӯ савоб,
Чӣ қадар донад зи чарху офтоб?
Ту ки з-устурлоби дида бингарӣ,
Дар ҷаҳон дидан яқин бас қосирӣ.
Ту ҷаҳонро қадри дида дидаӣ,
Ку ҷаҳон? Сиблат чаро молидаӣ?
Орифонро сурмае ҳаст, он биҷӯй,
То ки дарё гардад ин чашми чу ҷӯй.
Заррае аз ақлу ҳуш ар бо ман аст,
Ин чӣ савдову парешон гуфтан аст?
Чунки мағзи ман зи ақлу ҳуш тиҳист,
Пас гуноҳи ман дар ин тахлит чист?
На гуноҳ ӯрост, ки ақлам бибурд,
Ақли ҷумла оқилон пешаш бимурд.
«Ё муҷира-л-ақл фаттона-л-ҳиҷо,
Мо сивока ли-л-уқули муртаҷо.
Маштаҳайту-л-ақла муз ҷаннантанӣ,
Мо ҳасадта-л-ҳусна муз заййантанӣ.
Ҳал ҷунунӣ фӣ ҳалока мустатоб?
Қул: бало валлоҳу юҷзика-с-савоб».
Гар ба тозӣ гӯяд ӯ в-ар порсӣ,
Гӯшу ҳуше ку, ки дар фаҳмаш расӣ?
Бодаи ӯ дархури ҳар ҳуш нест,
Ҳалқаи ӯ сухраи ҳар гӯш нест.
Бори дигар омадам девонавор,
Рав рав, эй ҷон, зуд занҷире биёр.
Ғайри он занҷири зулфи дилбарам
Гар дусад занҷир орӣ, бардарам.

Ҳикмати назар кардан дар чоруқу пӯстин, ки «фалянзура-л-инсону мимма хулиқа?»
Бозгардон қиссаи ишқи Аёз,
К-он яке ганҷест моломоли роз.
Меравад ҳар рӯз дар ҳуҷрай барин,
То бибинад чоруқе бо пӯстин.
З-он ки ҳастӣ сахт мастӣ оварад,
Ақл аз сар, шарм аз дил мебарад.
Садҳазорон қарни пешинро ҳамин
Мастии ҳастӣ бизад раҳ з-ин камин.
Шуд Азозиле аз ин мастӣ Билис,
Ки чаро Одам шавад бар ман раис?
Хоҷаам ман низу хоҷазодаам,
Сад ҳунарро қобилу омодаам.
Дар ҳунар ман аз касе кам нестам,
То ба хидмат пеши душман бистам.
Ман зи оташ зодаам, ӯ аз ваҳал,
Пеши оташ мар ваҳалро чӣ маҳал?
Ӯ куҷо буд андар он давре, ки ман
Садри олам будаму фахри заман?

«Халақа-л-ҷонна мин мориҷин мин норин ва қавлуҳу таъоло фӣ ҳаққи Иблиси: кона мин ал-ҷинна фафасақа»
Шӯъла мезад оташи ҷони сафеҳ,
К-оташе буд, «ал-валад сирру абиҳ».
На, ғалат гуфтам, ки буд қаҳри Худо,
Иллатеро пеш овардан чаро?
Кори беиллат мубарро аз илал,
Мустамарру мустақарр аст аз азал.
Дар камоли сунъи поки мустаҳас
Иллати ҳодис чӣ гунҷад ё ҳадас?
Сирри аб чӣ бвад? Аби мо сунъи ӯст,
Сунъ мағз асту аби сурат чу пӯст.
Ишқ дон, эй фундуқи тан, дӯстат,
Ҷон-т ҷӯяд мағзу кӯбад пӯстат.
Дӯзахе, ки пӯст бошад дӯсташ,

Дод «баддално ҷулудан» пӯсташ.
Маъниву мағзат бар оташ ҳоким аст,
Лек оташро қушурат ҳезум аст.
Кӯзаи чӯбин, ки дар вай оби ҷӯст,
Қудрати оташ ҳама бар зарфи ӯст.
Маънии инсон бар оташ молик аст,
Молики дӯзах дар ӯ кай ҳолик аст?
Пас маяфзо ту бадан, маънӣ физо,
То чу молик бошӣ оташро киё.
Пӯстҳо бар пӯст меафзудаӣ,
Лоҷарам чун пӯст андар дудаӣ.
З-он ки оташро алаф ҷуз пӯст нест,
Қаҳри Ҳақ он кибрро пӯстинканест.
Ин такаббур аз натиҷаи пӯст аст,
Ҷоҳу мол он кибрро з-он дӯст аст.
Ин такаббур чист? Ғафлат аз лубоб,
Мунҷамид чун ғафлати ях з-офтоб.
Чун хабар шуд з-офтобаш, ях намонд,
Нарм гашту гарм гашту тез ронд.
Шуд зи диди лубби ҷумлаи тан тамаъ,
Хору ошиқ шуд, ки «залла, ман тамаъ».
Чун набинад мағз, қонеъ шуд ба пӯст,
Банди азза, ман қанаъ зиндони ӯст.
Иззат ин ҷо габрӣ асту зулли дин,
Санг то фонӣ нашуд, кай шуд нигин?
Дар мақоми сангӣ, он гоҳе «ано»,
Вақти мискин гаштани тусту фано.
Кибр з-он ҷӯяд ҳамеша ҷоҳу мол,
Ки зи саргин аст гулханро камол.
К-ин ду доя, пӯстро афзун кунанд,
Шаҳму лаҳму кибру нахват оганд.
Дидаро бар лубби луб нафроштанд,
Пӯстро з-он рӯй луб пиндоштанд.
Пешво Иблис буд ин роҳро,
К-ӯ шикор омад шабикаи ҷоҳро.
Мол чун мор асту он ҷоҳ аждаҳо,
Сояи мардон зумуррад ин дуро.

З-он зумуррад морро дида ҷаҳад,
Кӯр гардад мору раҳрав вораҳад.
Чун бар ин раҳ хор бинҳод он раис,
Ҳар кӣ хаст ӯ, гуфт: «Лаънат бар Билис.
Яъне ин ғам бар ман аз ғадри вай аст,
Ғадрро он муқтадо собиқпай аст.
Баъд аз ӯ худ қарн бар қарн омаданд,
Ҷумлагон бар суннати ӯ по заданд.
Ҳар кӣ бинҳад суннати бад, эй фато,
То дарафтад баъди ӯ халқ аз амо.
Ҷамъ гардад бар вай он ҷумла базаҳ
К-ӯ саре будасту эшон думғазаҳ
Лек Одам чоруқу он пӯстин
Пеш меовард, ки ҳастам зи тин.
Чун Аёз он чоруқаш мавруд буд,
Лоҷарам ӯ оқибатмаҳмуд буд.
Ҳасти мутлақ корсози нестист,
Коргоҳи ҳасткун ҷуз нест чист?
Бар навишта ҳеч бинвисад касе?
Ё ниҳола корад андар мағрасе?
Коғазе ҷӯяд, ки он бинвишта нест,
Тухм корад мавзиъе, ки кишта нест.
Ту бародар, мавзиъи нокишта бош,
Коғази испеди нобинвишта бош.
То мушарраф гардӣ аз «нун ва-л-қалам»,
То бикорад дар ту тухм он зулкарам.
Худ аз ин полуда нолесида гир,
Матбахе, ки дидаӣ, нодида гир.
З-он, к-аз ин полуда мастиҳо бувад,
Пӯстину чоруқ аз ёдат равад.
Чун дарояд назъу марг, оҳе кунӣ,
Зикри далқу чоруқ он гоҳе кунӣ.
То намонӣ ғарқи мавҷи зиштие,
Ки набошад аз паноҳе пуштие.
Ёд н-орӣ аз сафинаи ростин,
Нангарӣ дар чоруқу дар пӯстин.
Чунки дармонӣ ба ғарқоби бало,

Пас «заламно» вирд созӣ бар «вало».
Дев гӯяд: «Бингаред ин хомро,
Сар буред ин мурғи беҳангомро».
Дур ин хислат зи фарҳанги Аёз,
Ки падид ояд намозаш бенамоз.
Ӯ хурӯси осмон буда зи пеш,
Наъраҳои ӯ ҳама дар вақти хеш.

Дар маънии ин, ки «арина-л-ашёъа камо ҳия» ва маънии ин, ки «лав кушифа-л-ғитоъу мо аздадту яқинан ва қавлуҳу»:
Дар ҳар кӣ ту аз дидаи бад менигарӣ,
Аз чанбараи вуҷуди х(в)ад менигарӣ.

Пояи каж каж афганад соя

Эй хурӯсон, аз вай омӯзед бонг,
Бонг баҳри Ҳақ кунад, на баҳри донг.
Субҳи козиб ояду нафребадаш,
Субҳи козиб оламу неку бадаш.
Аҳли дунё ақли ноқис доштанд,
То ки субҳи содиқаш пиндоштанд.
Субҳи козиб корвонҳоро задаст,
Ки ба бӯйи рӯз берун омадаст.
Субҳи козиб халқро раҳбар мабод,
К-ӯ диҳад бас корвонҳоро ба бод.
Эй шуда ту субҳи козибро раҳин,
Субҳи содиқро ту козиб ҳам мабин.
Гар надорӣ аз нифоқу бад амон,
Аз чӣ дорӣ бар бародар зан(н) ҳамон?
Бадгумон бошад ҳамеша зишткор,
Номаи худ хонад андар ҳаққи ёр.
Он хасон, ки дар кажиҳо мондаанд,
Анбиёро соҳиру каж хондаанд
В-он амирони хасиси қалбсоз
Ин гумон бурданд бар ҳуҷрай Аёз
К-ӯ дафина дораду ганҷ андар он,
З-ойинай худ мангар андар дигарон.

Шоҳ медонист худ покии ӯ,
Баҳри эшон кард ӯ он ҷустуҷӯ.
К-эй амир, он ҳуҷраро бигшой дар
Нимшаб, ки бошад ӯ з-он бехабар.
То падид ояд сиголишҳои ӯ,
Баъд аз он бар мост молишҳои ӯ.
Мар шуморо додам он зарру гуҳар,
Баъд аз он зарҳо нахоҳам ҷуз хабар.
Ин ҳамегуфту дили ӯ метапид,
Аз барои он Аёзи бенадид
Ки манам, к-ин бар забонам меравад?
Ин ҷафо, гар бишнавад ӯ, чун шавад?
Боз мегӯяд: «Ба ҳаққи дини ӯ,
Ки аз ин афзун бувад тамкини ӯ.
Ки ба қазфи зишти ман тайра шавад
В-аз ғараз в-аз сирри ман ғофил бувад.
Мубтало чун дид таъвилоти ранҷ,
Бурд бинад, кай шавад ӯ моти ранҷ?
Соҳиби таъвил Аёзи собир аст,
К-ӯ ба баҳри оқибатҳо нозир аст.
Ҳамчу Юсуф, хоби ин зиндониён
Ҳаст таъбираш ба пеши ӯ аён.
Хоби худро чун надонад марди хайр?
К-ӯ бувад воқиф зи сирри хоби ғайр.
Гар занам сад теғ ӯро з-имтиҳон,
Кам нагардад васлати он меҳрубон.
Донад ӯ, к-он теғ бар худ мезанам,
Ман вайам андар ҳақиқат, ӯ манам».

Баёни иттиҳоди ошиқ ва маъшуқ аз рӯйи ҳақиқат, агарчи мутазоданд аз рӯйи он ки ниёз зидди бениёзӣст, чунон ки ойина бесурат асту сода аст ва бесуратӣ зидди сурат аст, валекин миёни эшон иттиҳодест дар ҳақиқат, ки шарҳи он дароз аст «ва-л-оқилу якфиҳи-л-ишорат»

Ҷисми Маҷнунро зи ранҷу дурие
Андар омад ногаҳон ранҷурие.
Хун ба ҷӯш омад зи шӯълай иштиёқ,
То падид омад бар он Маҷнун хуноқ.

Пас табиб омад ба дору карданаш,
Гуфт: «Чора нест ҳеч аз рагзанаш.
Раг задан бояд барои дафъи хун»,
Рагзане омад бад-он ҷо зуфунун.
Бозуяш басту гирифт он неш ӯ,
Бонг барзад дар замон он ишқхӯ:
«Музди худ бистону тарки фасд кун,
Гар бимирам, гӯ, бирав ҷисми куҳун».
Гуфт: «Охир аз чӣ метарсӣ аз ин?
Чун наметарсӣ ту аз шери арин?
Шеру гургу хирсу ҳар гӯру дада
Гирд бар гирди ту шаб гирд омада.
Менаоядшон зи ту бӯйи башар
З-анбӯҳии ишқу ваҷд андар ҷигар».
Гургу хирсу шер донад ишқ чист,
Кам зи саг бошад, ки аз ишқ ӯ амист.
Гар раги ишқе набудӣ калбро,
Кай биҷустӣ калби каҳфӣ қалбро.
Ҳам зи ҷинси ӯ ба сурат чун сагон,
Гар нашуд машҳур, ҳаст андар ҷаҳон.
Бӯ набурдӣ ту дил андар ҷинси хеш,
Кай барӣ ту бӯйи дил аз гургу меш?
Гар набудӣ ишқ, ҳастӣ кай будӣ?
Кай задӣ нон бар туву кай ту шудӣ?
Нони ту шуд, аз чӣ? З-ишқу иштиҳо
В-арна нонро кай будӣ то ҷон раҳо?
Ишқ нони мурдаро ме-ҷон кунад,
Ҷон, ки фонӣ буд, ҷовидон кунад.
Гуфт Маҷнун: «Ман наметарсам зи неш,
Сабри ман аз кӯҳи сангин ҳаст беш.
Манбалам, бе захм н-осояд танам,
Ошиқам, бар захмҳо барметанам.
Лек аз Лайлӣ вуҷуди ман пур аст,
Ин садаф пур аз сифоти он дур аст.
Тарсам, эй фассод гар фасдам кунӣ,
Нешро ногоҳ бар Лайлӣ занӣ.
Донад он ақле, ки ӯ дилравшанест,

Дар миёни Лайливу ман фарқ нест».

Маъшуқе аз ошиқ пурсид, ки худро дӯсттар дорӣ ё маро? Гуфт: «Ман аз худ мурдаам ва ба ту зиндаам, аз худ ва аз сифоти худ нест шудаам ва ба ту ҳаст шудаам, илми худро фаромӯш кардаам ва аз илми ту олим шудаам, қудрати худро аз ёд додаам ва аз қудрати ту қодир шудаам. Агар худро дӯст дорам, туро дӯст дошта бошам ва агар туро дӯст дорам, худро дӯст дошта бошам.»
Ҳар киро ойинай яқин бошад,
Гарчи худбин, Худойбин бошад.
«Ухруҷ бисифотиило халқи ман рока рани ва ман қасадака қасадани ва ало ҳозо»

Гуфт маъшуқе ба ошиқ з-имтиҳон
Дар сабӯҳе, к-эй фалон ибни фалон!
Мар маро ту дӯсттар дорӣ, аҷаб
Ё ки худро? Рост гӯ, ё залкураб!
Гуфт: «Ман дар ту чунон фонӣ шудам,
Ки пурам аз ту зи сорон то қадам.
Бар ман аз ҳастии ман ҷуз ном нест,
Дар вуҷудам ҷуз ту, эй хушком нест!
З-он сабаб фонӣ шудам ман инчунин
Ҳамчу сирка, дар ту баҳри ангубин».
Ҳамчу санге, к-ӯ шавад кул лаъли ноб,
Пур шавад ӯ аз сифоти офтоб.
Васфи он санге намонад андар ӯ,
Пур шавад аз васфи хур ӯ пушту рӯ.
Баъд аз он, гар дӯст дорад хешро,
Дӯстии худ бувад он, эй фато.
В-арки худро дӯст дорад ӯ ба ҷон,
Дӯстии хеш бошад бегумон.
Хоҳ худро дӯст дорад лаъли ноб,
Хоҳ то ӯ дӯст дорад офтоб.
Андар ин ду дӯстӣ худ фарқ нест,
Бар ду ҷониб ҷуз зиёи Шарқ нест.
То нашуд ӯ лаъл, худро душман аст,
З-он ки як «ман» нест ин ҷо ду «ман» аст.
З-он ки зулмонист сангу рӯз кӯр,

Ҳаст зулмонӣ, ҳақиқат, зидди нур.
Хештанро дӯст дорад, кофир аст,
З-он ки ӯ манноъи шамси акбар аст.
Пас нашояд, ки бигӯяд санг «ано»,
ӯ ҳама торикӣ асту дар фано.
Гуфт Фиръавне «аналҳақ», гашт паст,
Гуфт Мансуре «аналҳаққ»-у бираст.
Он «ано»-ро лаънатуллаҳ дар ақиб
В-ин «ано»-ро раҳматуллаҳ, эй муҳиб!
З-он ки ӯ санги сияҳ буд, ин ақиқ,
Он адӯи нур буду ин ашиқ.
Ин «ано» «ҳу» буд дар сирр, эй фузул!
З-иттиҳоди нур, н-аз ройи ҳулул.
Ҷаҳд кун, то сангият камтар шавад,
То ба лаълӣ санги ту анвар шавад.
Сабр кун андар ҷиҳоду дар ано,
Дам ба дам мебин бақо андар фано.
Васфи сангӣ ҳар замон кам мешавад,
Васфи лаълӣ дар ту муҳкам мешавад.
Васфи ҳастӣ меравад аз пайкарат,
Васфи мастӣ мефизояд дар сарат.
Самъ шав якборагӣ ту гӯшвор,
То зи ҳалқай лаъл ёбӣ гӯшвор.
Ҳамчу чаҳкан хок мекан, гар касӣ,
З-ин тани хокӣ, ки дар обе расӣ.
Гар расад ҷазбай Худо, оби маъин
Чоҳ ноканда, биҷӯшад аз замин.
Кор мекун ту, ба гӯши он мабош,
Андак-андак хоки чаҳро метарош.
Ҳар кӣ ранҷе дид, ганҷе шуд падид,
Ҳар кӣ ҷидде кард, дар ҷадде расид.
Гуфт пайғамбар: «Рукӯъ асту суҷуд
Ҳар дари Ҳақ кӯфтан ҳалқай вуҷуд».
Ҳалқаи он дар ҳар он, к-ӯ мезанад,
Баҳри ӯ давлат саре берун кунад.

Омадани он амири наммом бо сарҳангон нимшаб ба гушодани он ҳуҷраи Аёз ва пӯстину чоруқ дидан овехта ва гумон бурдан, ки он макр асту рӯпӯш ва хонаро ҳуфра кардан ба ҳар гӯшае, ки гумон омад ва чоҳканон овардан ва деворҳоро сӯрох кардан ва чизе наёфтан ва хиҷилу навмед шудан, чунон ки бадгумонон ва хаёландешон дар кори анбиё ва авлиё, ки мегуфтанд, ки соҳиранд ва хештан сохтаанд ва тасаддур меҷӯянд баъд аз тафаҳҳус хиҷил шаванд ва суд надорад

Он аминон бар дари ҳуҷра шуданд,
Толиби ганҷу зару хумра буданд.
Қуфлро бармегушоданд аз ҳавас
Бо дусад фарҳангу дониш чанд кас.
З-он ки қуфли саъбу пурпечида буд,
Аз миёни қуфлҳо бигзида буд.
На зи бухли симу молу зарри хом,
Аз барои катми он сирр аз авом
Ки гурӯҳе бар хаёли бад тананд,
Қавми дигар ном солусам кунанд.
Пеши боҳиммат бувад асрори ҷон
Аз хасон маҳфузтар аз лаъли кон.
Зар беҳ аз ҷон аст пеши аблаҳон,
Зар нисори ҷон бувад назди шаҳон.
Мешитобиданд тафт аз ҳирси зар,
Ақлашон мегуфт: «На, оҳистатар».
Ҳирс тозад беҳуда сӯйи сароб,
Ақл гӯяд: «Нек бин, к-он нест об».
Ҳирс ғолиб буд, зар чун ҷон шуда,
Наъраи ақл он замон пинҳон шуда.
Гашта садтӯ ҳирсу ғавғоҳои ӯ,
Гашта пинҳон ҳикмату имои ӯ.
То ки дар чоҳи ғурур-андар фитад,
Он гаҳ аз ҳикмат маломат бишнавад.
Чун зи банди дом боди ӯ шикаст,
Нафси лаввома бар ӯ ёбид даст.
То ба девори бало н-ояд сараш,
Нашнавад панди дил он гӯши караш.
Кӯдаконро ҳирси гавзина-в шакар
Аз насиҳатҳо кунад ду гӯш кар.

Чунки дарди дунбулаш оғоз шуд,
Дар насиҳат ҳар ду гӯшаш боз шуд.
Ҳуҷраро бо ҳирсу сад гуна ҳавас
Боз карданд он замон он чанд кас.
Андар афтоданд аз дар з-издиҳом,
Ҳамчу андар дӯғи гандида ҳавом.
Ошиқона дарфитад бо карру фар,
Хурд имкон неву баста ҳар ду пар.
Бингариданд аз ясору аз ямин,
Чоруқе бидрида буду пӯстин.
Бозгуфтанд: «Ин макон бенӯш нест,
Чоруқ ин ҷо ҷуз пайи рӯпӯш нест.
Ҳин, биёвар сихҳои тезро,
Имтиҳон кун ҳуфраву корезро».
Ҳар тараф канданду ҷустанд он фариқ,
Ҳуфраҳо карданду гавҳои амиқ.
Ҳуфраҳошон бонг медод он замон:
«Кандаҳои холиям, эй гандагон».
З-он сиголиш шарм ҳам медоштанд,
Кандаҳоро боз меанбоштанд.
Беадад «ло ҳавл» дар ҳар синае,
Монда мурғи ҳирсашон бечинае.
З-он залолатҳои ёватозашон,
Ҳуфраи девору дар ғаммозашон.
Мумкини андои он девор не,
Бо Аёз имкони ҳеч инкор не.
Гар хидоъи бегуноҳӣ медиҳанд,
Ҳоиту арса гувоҳӣ медиҳанд.
Боз мегаштанд сӯйи шаҳрёр,
Пур зи гарду рӯйзарду шармсор.

Бозгаштани наммомон аз ҳуҷраи Аёз ба сӯйи шоҳ тӯбратиҳӣ ва хиҷил ҳамчун бадгумонон дар ҳаққи анбиё алайҳимуссалом ба вақти зуҳури бароат ва покии эшон, ки «явма табйаззу вуҷуҳун ва насвадду вуҷуҳун ва қавлуҳу: ватара-л-лазина казабу алаллоҳи вуҷуҳуҳум мусаваддатун»

Шоҳ қосид гуфт: «Ҳин, аҳвол чист?
Ки бағалтон аз зару ҳамён тиҳист.

В-ар ниҳон кардед динору тасу,
Фарру шодӣ дар руху рухсор ку?
Гарчи пинҳон бехи ҳар беховар аст,
Барги «симоҳум вуҷуҳум» ахзар аст.
Он чӣ хурд он бех аз заҳру зи қанд,
Нак, мунодӣ мекунад шохи баланд.
Бех агар бебаргу аз моя тиҳист,
Баргҳои сабз андар шох чист?
Бар забони бех гил мӯҳре кунад,
Шохи дасту по гувоҳӣ медиҳад».
Он аминон ҷумла дар узр омаданд,
Ҳамчу соя пеши маҳ соҷид шуданд.
Узри он гармиву лофу мову ман
Пеши шаҳ рафтанд бо теғу кафан.
Аз хиҷолат ҷумла ангуштон газон,
Ҳар яке мегуфт, к-эй шоҳи ҷаҳон!
Гар бирезӣ хун, ҳалол астат, ҳалол
В-ар бибахшӣ, ҳаст инъому навол.
Кардаем онҳо, ки аз мо месазид,
То чӣ фармоӣ ту, эй шоҳи маҷид!
Гар бибахшӣ ҷурми мо, эй дилфурӯз!
Шаб шабиҳо карда бошад, рӯз рӯз.
Гар бибахшӣ, ёфт навмедӣ касод
В-арна сад чун мо фидои шоҳ бод.
Гуфт шаҳ: «На, ин навозу ин гудоз
Ман нахоҳам кард, ҳаст они Аёз.

Ҳавола кардани подшоҳ қабул ва тавбаи наммомон ва ҳуҷрагушоён ва сазо додани эшон ба Аёз, ки яъне ин ҷиноят бар ирзи ӯ рафтааст
Ин ҷиноят бар тану ирзи вай аст,
Захм бар рагҳои он некӯпай аст.
Гарчи нафси воҳидем аз рӯйи ҷон,
Зоҳиран дурам аз ин суду зиён».
Тӯҳмате бар банда шаҳро ор нест,
Ҷуз мазиди ҳилму истизҳор нест.
Муттаҳамро шоҳ чун Қорун кунад,
Бегунаҳро ту назар кун, чун кунад?

Шоҳро ғофил мадон аз кори кас,
Монеъи изҳори он ҳилм асту бас.
«Ман ҳуно яшфаъ» ба пеши илми ӯ,
Лоуболивор илло ҳилми ӯ?
Он гунаҳ аввал зи ҳилмаш меҷаҳад
В-арна ҳайбат он маҷолаш кай диҳад?
Хунбаҳои ҷурми нафси қотила
Ҳаст бар ҳилмаш, дият бар оқила.
Масту бехуд нафси мо з-он ҳилм буд,
Дев дар мастӣ кулоҳ аз вай рабуд.
Гар на соқий ҳилм будӣ бодарез,
Дев бо Одам куҷо кардӣ ситез?
Гоҳи илм Одам малоикро кӣ буд?
Устоди илму наққоди нуқуд.
Чунки дар ҷаннат шароби ҳилм х(в)ард,
Шуд зи як бозии шайтон рӯйзард.
Он балодурҳои таълими вадуд
Зираку донову чусташ карда буд.
Боз он афюни ҳилми сахти ӯ,
Дуздро оварди сӯйи рахти ӯ.
Ақл ояд сӯйи ҳилмаш мустаҷир:
«Соқиям ту будаӣ, дастам бигир».

Фармудани шоҳ Аёзро, ки ихтиёр кун аз афв ва мукофот, ки аз адлу лутф ҳар чӣ кунӣ, ин ҷо савоб аст ва дар ҳар яке маслиҳатҳост, ки дар адл ҳазор лутф ҳаст дарҷ ва «лакум фи-л-қисоси ҳаётун», он кас, ки кароҳат медорад қисосро, дар ин як ҳаёти қотил назар мекунад ва дар сад ҳазор ҳаёт, ки маъсум ва маҳқун хоҳанд шуд дар ҳисни бими сиёсат, наменигарад
Кун миёни муҷримон ҳукм, эй Аёз,
Эй Аёзи пок, бо сад эҳтироз.
Гар дусад борат биҷӯшам дар амал,
Дар кафи ҷӯшат наёбам як дағал.
З-имтиҳон шарманда халқе бешумор,
Имтиҳонҳо аз ту ҷумла шармсор.
Баҳри беқаър аст, танҳо илм нест,
Кӯҳу сад кӯҳ аст ин худ, ҳилм нест.
Гуфт: «Ман донам атои туст ин

В-арна ман он чоруқам в-он пӯстин».
Баҳри он пайғамбар инро шарҳ сохт,
Ҳар кӣ худ бишнохт, Яздонро шинохт.
Чоруқат нутфасту хунат пӯстин,
Боқӣ, эй хоҷа, атои ӯст ин.
Баҳр он додаст, то ҷӯйе дигар
Ту магӯ, ки несташ ҷуз ин қадар.
З-он намояд чанд себ он боғбон,
То бидонӣ нахлу дахли бӯстон.
Каффи гандум з-он диҳад харёрро,
То бидонад гандуми анборро.
Нуктае з-он шарҳ гӯяд устод,
То шиносӣ илми ӯро мустазод.
В-ар бигӯйӣ худ ҳаминаш буду бас,
Дурат андозад, чунон, к-аз реш хас.
Эй Аёз, акнун биёву дод деҳ,
Доди нодир дар ҷаҳон бунёд неҳ.
Муҷримонат мустаҳиққи куштананд
В-аз тамаъ бар афву ҳилмат метананд.
То ки раҳмат ғолиб ояд, ё ғазаб?
Оби Кавсар ғолиб ояд, ё лаҳаб?
Аз пайи мардумрабоӣ ҳар ду ҳаст
Шохи ҳилму хашм аз аҳди аласт.
Баҳри ин лафзи аласти мустабин
Нафйю исбот аст дар лафзе қарин.
З-он ки истифҳоми исботест ин,
Лек дар вай лафзи «лайса» шуд дафин.
Тарк кун, то монад ин тақрири хом,
Косаи хосон манеҳ бар хони ом.
Қаҳру лутфе чун сабову чун вабо,
Он яке оҳанрабо в-ин каҳрабо.
Мекашад Ҳақ ростонро то рашад,
Қисми ботил ботилонро мекашад.
Меъда ҳалвоӣ бувад, ҳалво кашад,
Меъда сафроӣ бувад, сирко кашад.
Фарши сӯзон сардӣ аз ҷолис барад,
Фарши афсурда ҳароратро х(в)арад.

Дӯст бинӣ, аз ту раҳмат меҷаҳад,
Хасм бинӣ, аз ту сатват меҷаҳад.
Эй Аёз, ин корро зутар гузор,
З-он ки навъе интиқом аст интизор.

Таъҷил фармудани подшоҳ Аёзро, ки зуд ин ҳукмро ба файсал расон ва мунтазир мадор ва айёму байнано магӯ, ки «ал-интизору мавту-л-аҳмар» ва ҷавоб гуфтани Аёз шоҳро

Гуфт: «Эй шаҳ, ҷумлагӣ фармон туръост,
Бо вуҷуди офтоб ахтар фаност.
Зӯҳра кӣ бвад ё Уторид ё шаҳоб?
К-ӯ бурун ояд ба пеши офтоб.
Гар зи далқу пӯстин бигзаштаме,
Кай чунин тухми маломат киштаме?
Қуфл кардан бар дари ҳуҷра чӣ буд?
Дар миёни сад хаёлии ҳасуд.
Даст дар карда даруни оби ҷӯ,
Ҳар яке з-эшон кулӯхи хушкҷӯ.
Пас, кулӯхи хушк дар ҷӯ кай бувад?
Моҳие бо об осӣ кай шавад?
Бар мани мискин, ҷафо доранд зан(н),
Ки вафоро шарм меояд зи ман».
Гар набудӣ заҳмати номаҳраме,
Чанд ҳарфе аз вафо вогуфтаме.
Чун ҷаҳоне шубҳату ишколҷӯст,
Ҳарф меронем мо беруни пӯст.
Гар ту худро бишканӣ, мағзе шавӣ,
Достони мағзи нағзе бишнавӣ.
Ҷавзро дар пӯстҳо овозҳост,
Мағзу равғанро худ овозе куҷост?
Дорӣ овозе, на андархурди гӯш,
Ҳаст овозаш ниҳон дар гӯши нӯш.
Гарна хушовозии мағзе бувад,
Жағ-жағи овози қишре кӣ шнавад?
Жағ-жағи он з-он таҳаммул мекунӣ,
То ки хомӯшона бар мағзе занӣ.
Чанд гоҳе бе лабу бе гӯш шав

В-онгаҳон чун лаб ҳарифи нӯш шав.
Чанд гуфтӣ назму насру рози фош,
Хоҷа, як рӯз имтиҳон кун, гунг бош.

Ҳикоят дар тақрири ин сухан, ки чандин гоҳ гуфтугӯро озмудем, муддате сабру хомӯширо биёзмоем
Чанд пухтӣ талху тезу шӯр газ,
Ин яке бор, имтиҳон, ширин бипаз.
Он якеро дар қиёмат з-интибоҳ
Дар каф ояд номаи исён сиёҳ.
Сарсияҳ чун номаҳои таъзия,
Пурмаъосӣ матннома-в ҳошия.
Ҷумла фисқу маъсият буд яксарӣ,
Ҳамчу дорулҳарб пур аз кофире.
Ончунон номай палиди пурвабол,
Дар ямин н-ояд, дарояд дар шимол.
Худ ҳамин ҷо номаи худро бибин,
Дасти чапро шояд он, ё дар ямин?
Мӯзаи чап, кафши чап ҳам дар дукон
Они чап дони-ш, пеш аз имтиҳон.
Чун набошӣ рост медон, ки чапӣ,
Ҳаст пайдо наъраи шеру капӣ.
Он ки гулро шоҳиду хушбӯ кунад,
Ҳар чаперо рост фазли ӯ кунад.
Ҳар шимолиро яминӣ ӯ диҳад,
Баҳрро моъи маъинӣ ӯ диҳад.
Гар чапӣ, бо ҳазрати ӯ рост бош,
То бибинӣ дастбурди лутфҳош.
Ту раво дорӣ, ки ин номай маҳин,
Бигзарад аз чап, дарояд дар ямин?
Инчунин нома, ки пурзулму ҷафост,
Кай бувад худ дархур андар дасти рост?

Дар баёни касе, ки сухане гӯяд, ки ҳоли ӯ муносиби он сухан ва он даъво набошад, чунон ки «кафара ва лаъин саъалтаҳум ман халақа-с-самовоти ва-л-арза? *Лаяқулунна-ллоҳу*». Хидмати бути сангин кардан ва ҷону зар фидои ӯ

кардан чӣ муносиб бошад бо ҷоне, ки донад, ки холиқи самовоту арз ва халоиқ
Илоҳест, самиъе, басире, ҳозире, муроқибе, муставлибе, ғаюре ило охириҳ
Зоҳидеро як зане буд бас ғаюр,
Ҳам буд ӯро як канизак ҳамчу ҳур.
Зан зи ғайрат поси шавҳар доштӣ,
Бо канизак хилваташ нагзоштӣ.
Муддате зан шуд муроқиб ҳар дуро,
То к-ишон фурсат наяфтад дар хало.
То даромад ҳукму тақдири Илоҳ,
Ақли ҳорис хирасар гашту табоҳ.
Ҳукму тақдираш чу ояд бевуқуф,
Ақл кӣ бвад? Дар қамар афтад хусуф.
Буд дар ҳаммом он зан ногаҳон,
Ёдаш омад ташту дар хона буд он.
Бо канизак гуфт: «Рав, ҳин, мурғвор,
Ташти симинро зи хонай мо биёр».
Он канизак зинда шуд, чун ин шунид,
Ки ба хоҷа ин замон хоҳад расид.
Хоҷа дар хонасту хилват ин замон,
Пас давон шуд сӯйи хона шодмон.
Ишқи шашсола канизакро буд ин,
Ки биёбад хоҷаро хилват чунин.
Гашт паррон, ҷониби хона шитофт,
Хоҷаро дар хонаи хилват биёфт.
Ҳар ду ошиқро чунон шаҳват рабуд,
К-эҳтиёту ёди дар бастан набуд.
Ҳар ду бо ҳам дар хазидан аз нишот,
Ҷон ба ҷон пайваст он дам з-ихтилот.
Ёд омад дарзамон занро, ки ман
Чун фиристодам варо сӯйи ватан?
Пунба дар оташ ниҳодам ман ба хеш,
Андарафгандам қуҷи нарро ба меш.
Гил фурӯ шуст аз сару бе ҷон давид,
Дар пайи ӯ рафту чодар мекашид.
Он зи ишқи ҷон давиду ин зи бим,
Ишқ куву бим ку? Фарқе азим.
Сайри ориф ҳар даме то тахти шоҳ,

Сайри зоҳид ҳар маҳе якрӯза роҳ.
Гарчи зоҳидро бувад рӯзе шигарф,
Кай бувад як рӯзи ӯ хамсина алф?
Қадри ҳар рӯзе зи умри марди кор
Бошад аз соли ҷаҳон панҷаҳ ҳазор.
Ақлҳо з-ин сар бувад беруни дар,
Заҳраи ваҳм ар бидаррад, гӯ, бидар.
Тарс мӯйе нест андар пеши ишқ,
Ҷумла қурбонанд андар кеши ишқ.
Ишқ васфи Эзид аст, аммо ки хавф,
Васфи бандай мубталои фарҷу ҷавф.
Чун «юҳиббуна» бихондӣ дар нубӣ,
Бо «юҳиббуҳум» қарин дар матлабӣ.
Пас муҳаббат васфи Ҳақ дон, ишқ низ,
Хавф набвад васфи Яздон, эй азиз.
Васфи Ҳақ ку? Васфи муште хок ку?
Васфи ҳодис куву васфи пок ку?
Шарҳи ишқ ар ман бигӯям бардавом,
Сад қиёмат бигзарад в-он нотамом.
З-он ки таърихи қиёматро ҳад аст,
Ҳад куҷо он ҷо, ки васфи Эзад аст?
Ишқро понсад пар асту ҳар паре
Аз фарози арш то таҳтуссарӣ.
Зоҳиди ботарс метозад ба по,
Ошиқон парронтар аз барқу ҳаво.
Кай расанд ин хоифон дар гарди ишқ?
К-осмонро фарш созад дарди ишқ.
Ҷуз магар ояд инобатҳои зав,
К-аз ҷаҳону з-ин равиш озод шав.
Аз қуши худ в-аз души худ бозраҳ,
Ки суйи шаҳ ёфт он шаҳбоз раҳ.
Ин қушу душ ҳаст ҷабру ихтиёр,
Аз варои ин ду омад ҷазби ёр.
Чун расид он зан ба хона, дар гушод,
Бонги дар дар гӯши эшон дарфитод.
Он канизак ҷаст ошуфта зи соз,
Мард барҷасту даромад дар намоз.

Зан канизакро пажӯлида бидид,
Дарҳаму ошуфтаву дангу марид.
Шӯйи худро дид қоим дар намоз,
Дар гумон афтод зан з-он эҳтизоз.
Шӯйро бардошт доман бехатар,
Дид олудай манӣ хуся-в закар.
Аз закар боқии нутфа мечакид,
Рону зону гашта олуда-в палид.
Ба сараш зад силиву гуфт: «Эй маҳин!»
Хусяи марди намозӣ бошад ин?
Лоиқи зикру намоз аст ин закар?
В-ин чунин рону заҳори пурқазар?»
Номаи пурзулму фисқу куфру кин
Лоиқ аст, инсоф деҳ, андар ямин?
Гар бипурсӣ габрро, к-ин осмон
Офаридай кист в-ин халқу ҷаҳон?
Гӯяд ӯ, к-ин офаридай он Худост,
К-офариниш бар худоияш гувост.
Куфру фисқу истами бисёри ӯ
Ҳаст лоиқ бо чунин иқрори ӯ?
Ҳаст лоиқ бо чунин иқрори рост
Он фазиҳатҳову он кирдори кост?
Феъли ӯ карда дурӯғ он қавлро,
То шуд ӯ лоиқ азоби ҳавлро.
Рӯзи маҳшар ҳар ниҳон пайдо шавад,
Ҳам зи худ ҳар муҷриме расво шавад.
Дасту по бидҳад гувоҳӣ бо баён
Бар фасоди ӯ ба пеши мустаъон.
Даст гӯяд: «Ман чунин дуздидаам»,
Лаб бигӯяд: «Ман чунин пурсидаам».
Пой гӯяд: «Ман шудастам то манӣ»,
Фарҷ гӯяд: «Ман бикардастам занӣ».
Чашм гӯяд: «Кардаам ғамзай ҳаром»,
Гӯш гӯяд: «Чидаам сӯъулкалом».
Пас дурӯғ омад зи сар то пойи хеш,
Ки дурӯғаш кард ҳам аъзои хеш.
Ончунон ки дар намози бофурӯғ,

Аз гувоҳий хуся шуд зарқаш дурӯғ.
Пас, чунон кун феъл, к-он худ безабон
Бошад «ашҳад» гуфтану айни баён.
То ҳамай тан, узв-узват, эй писар,
Гуфта бошад «ашҳад» андар нафъу зар.
Рафтани банда пайи хоҷа гувост,
Ки манам маҳкуму ин мавлои мост.
Гар сияҳ кардӣ ту номай умри хеш,
Тавба кун з-онҳо, ки кардастӣ ту пеш.
Умр агар бигзашт, бехаш ин дам аст,
Оби тавба-ш деҳ, агар ӯ бенам аст.
Бехи умратро бидеҳ оби ҳаёт,
То дарахти умр гардад бо набот.
Ҷумла мозиҳо аз ин некӯ шаванд,
Заҳри порина аз ин гардад чу қанд.
Хоҷа бар тавбай насӯҳӣ хуш битан,
Кӯшише кун ҳам ба ҷону ҳам ба тан.
Шарҳи ин тавбай Насӯҳ аз ман шунав,
Бигравидастӣ, валек аз нав гарав.

Ҳикоят дар баёни тавбаи Насӯҳ, ки чунон ки шир аз пистон берун ояд, боз дар пистон наравад, он ки тавбаи насӯҳе кард, ҳаргиз аз он гуноҳ ёд накунад ба тариқи рағбат, балки ҳар дам нафраташ афзун бошад ва он нафрат далели он бувад, ки лаззати қабул ёфт, он шаҳвати аввал белаззат шуд, ин ба ҷойи он нишаст
Набуррад ишқро ҷуз ишқи дигар,
Чаро ёре наҷӯйӣ з-ӯ накӯтар.
В-он ки дилаш боз бад-он гуноҳ рағбат мекунад, аломати он аст, ки лаззати қабул наёфтааст ва лаззати қабул ба ҷойи он лаззати гуноҳ нанишастааст, «сануяссируҳу лилус-ро» нашудааст, лаззати «ва нуяссируҳу лилус»-ро боқист бар вай

Буд марде пеш аз ин, номаш Насӯҳ,
Буд зи даллокии зан ӯро футӯҳ.
Буд рӯйи ӯ чу рухсори занон,
Мардии худро ҳамекард ӯ ниҳон.
ӯ ба ҳаммоми занон даллок буд,

Дар дағову ҳила бас чолок буд.
Солҳо мекард даллокиву кас
Бӯ набурд аз ҳолу сирри он ҳавас.
З-он ки овозу рухаш занвор буд,
Лек шаҳват комилу бедор буд.
Чодару сарбанд пӯшида-в ниқоб
Марди шаҳвониву дар ғуррай шубоб.
Духтарони хусравонро з-он тариқ
Хуш ҳамемолиду мешуст он ашиқ.
Тавбаҳо мекарду по дармекашид,
Нафси кофир тавбаашро медарид.
Рафт пеши орифе он зиштkор,
Гуфт: «Моро дар дуъое ёд дор».
Сирри ӯ донист он озодмард,
Лек чун ҳилми Худо, пайдо накард.
Бар лабаш қуфл асту дар дил розҳо,
Лаб хамӯшу дил пур аз овозҳо.
Орифон, ки ҷоми Ҳақ нӯшидаанд,
Розҳо дониставу пӯшидаанд.
Ҳар киро асрори кор омӯхтанд,
Мӯҳр карданду даҳоншон дӯхтанд.
Суст хандиду бигуфт, эй бадниҳод,
З-он ки донӣ, Эзидат тавба диҳод!

Дар баёни он ки дуъои орифи восил ва дархости ӯ аз Ҳақ ҳамчу дархости Ҳақ аст аз хештан, ки «кунту лаҳу самъан ва басаран ва лисонан ва ядан ва қавлуҳу: ва мо рамайта из рамайта ва локин Аллоҳа рамо» ва оёту ахбору осор дар ин бисёр аст ва шарҳи сабаб сохтани Ҳақ то муҷримро гӯш гирифта ва ба тавбаи Насӯҳ овард

Он дуъо аз ҳафт гардун даргузашт,
Кори он мискин ба охир хуб гашт.
К-он дуъои шайх на чун ҳар дуъост,
Фонӣ асту гуфти ӯ гуфти Худост.
Чун Худо аз худ суолу кад(д) кунад,
Пас дуъои хешро чун рад кунад?
Як сабаб ангехт сунъи зулҷалол,
Ки раҳонидаш зи нафрину вабол.

Андар он ҳаммом пур мекард ташт,
Гавҳаре аз духтари шаҳ ёва гашт.
Гавҳаре аз ҳалқаҳои гӯши ӯ,
Ёва гашту ҳар зане дар ҷустуҷӯ.
Пас дари ҳаммомро бастанд сахт,
То биҷӯянд аввалаш дар печи рахт.
Рахтҳо ҷустанду он пайдо нашуд,
Дузди гавҳар низ ҳам расво нашуд.
Пас ба ҷид ҷустан гирифтанд аз газоф
Дар даҳону гӯшу андар ҳар шикоф.
Дар шикофи таҳту фавқи ҳар тараф
Ҷустуҷӯ карданд дурре хушсадаф.
Бонг омад, ки ҳама урён шавед,
Ҳар кӣ ҳастед, ар аҷузу гар навед.
Як ба якро ҳоҷиба ҷустан гирифт,
То падид ояд гуҳардонай шигифт.
Он Насӯҳ аз тарс шуд дар хилвате,
Рӯй зарду лаб кабуд аз хашйате.
Пеши чашми хеш ӯ медид марг,
Рафту меларзид ӯ монанди барг.
Гуфт: «Ё раб, борҳо баргаштаам,
Тавбаҳову аҳдҳо бишкастаам.
Кардаам онҳо, ки аз ман месазид,
То чунин сели сиёҳе даррасид.
Навбати ҷустан агар дар ман расад,
Ваҳ, ки ҷони ман чӣ сахтиҳо кашад.
Дар ҷигар афтодаастам сад шарар,
Дар муноҷотам бибин бӯйи ҷигар.
Инчунин андӯҳ кофирро мабод,
Домани раҳмат гирифтам, дод, дод!
Кошкӣ модар назодӣ мар маро,
Ё маро шере бихӯрдӣ дар чаро.
Эй Худо, он кун, ки аз ту месазад,
Ки зи ҳар сӯрох морам мегазад.
Ҷони сангин дораму дил оҳанин
В-арна хун гаштӣ дар ин ранҷу ҳанин.
Вақт танг омад марову як нафас

Подшоҳӣ кун, маро фарёд рас.
Гар маро ин бор сатторӣ кунӣ,
Тавба кардам ман зи ҳар нокарданӣ.
Тавбаам бипзир ин бори дигар,
То бибандам баҳри тавба сад камар.
Ман агар ин бор тақсире кунам,
Пас дигар машнав дуъову гуфтанам».
Ин ҳамезориду сад қатра равон,
Ки дарафтодам ба ҷаллоду авон.
То намирад ҳеч афранге чунин,
Ҳеч мулҳидро мабодо ин ҳанин.
Навҳаҳо мекард ӯ бар ҷони хеш,
Рӯйи Азройил дида пеш-пеш.
Эй Худову, эй Худо чандон бигуфт,
К-он дару девор бо ӯ гашт ҷуфт.
Дар миёни ё рабу ё раб буд ӯ,
Бонг омад аз миёни ҷустуҷӯ:

Навбати ҷустан расидан ба Насӯҳ ва овоз омадан, ки ҳамаро ҷустем, Насӯҳро биҷӯед ва беҳуш шудани Насӯҳ аз он ҳайбат ва гушода шудани кор баъд аз ниҳояти бастагӣ «камо кона яқулу расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам изо асобаҳу маразун ав ҳаммун: ашатадди азматун танфариҷи»

«Ҷумларо ҷустем пеш ой, эй Насӯҳ»,
Гашт беҳуш он замон, паррид рӯҳ.
Ҳамчу девори шикаста дарфитод,
Ҳушу ақлаш рафт, шуд ӯ чун ҷамод.
Чунки ҳушаш рафт аз тан, беамон,
Сирри ӯ бо Ҳақ бипайваст он замон.
Чун тиҳӣ гашту вуҷуди «ӯ» намонд,
Бози ҷоншро Худо дар пеш хонд.
Чун шикаст он киштии ӯ бемурод,
Дар канори раҳмати дарё фитод.
Ҷон ба Ҳақ пайваст чун беҳуш шуд,
Мавҷи раҳмат он замон дар ҷӯш шуд.
Чунки ҷонаш вораҳид аз нанги тан,
Рафт шодон пеши асли хештан.
Ҷон чу бозу тан мар ӯро кундае,

Пойбаста, паршикаста, бандае.
Чунки ҳушаш рафту পояш баргушод,
Мепарад он боз сӯйи Кайқубод.
Чунки дарёҳои раҳмат ҷӯш кард,
Сангҳо ҳам оби ҳайвон нӯш кард.
Зарраи лоғар шигарфу зафт шуд,
Фарши хокӣ атласу зарбафт шуд.
Мурдаи садсола берун шуд зи гӯр,
Деви малъун шуд ба хубӣ рашки ҳур.
Ин ҳама рӯйи замин сарсабз шуд,
Чӯби хушк ушкуфа карду нағз шуд.
Гург бо барра ҳарифи май шуда,
Ноумедон хушрагу хушпай шуда.

Ёфта шудани гавҳар ва ҳалолӣ хостани ҳоҷибагон ва канизакони шоҳзода аз Насӯҳ

Баъд аз он хавфе ҳалоки ҷон буда,
Муждаҳо омад, ки инак гумшуда.
Бонг омад ногаҳон, ки рафт бим,
Ёфт шуд гумгашта – он дурри ятим.
Ёфт шуд в-андар фараҳ дарёфтем,
Муждагонӣ деҳ, ки гавҳар ёфтем.
Аз ғиреву наъраву дастак задан
Пур шуда ҳаммом «қад зола-л-ҳазан».
Он Насӯҳи рафта боз омад ба хеш,
Дид чашмаш тобиши сад рӯз беш.
Ме-ҳалолӣ хост аз вай ҳар касе,
Бӯса медоданд бар дасташ басе:
«Бад гумон бурдему кун моро ҳалол,
Гӯшти ту хӯрдем андар қилу қол».
З-он ки занни ҷумла бар вай беш буд,
З-он ки дар қурбат зи ҷумла пеш буд.
Хоси даллокаш буду маҳрам, Насӯҳ,
Балки ҳамчун ду тане, як гашта рӯҳ.
«Гавҳар ар бурдаст, ӯ бурдасту кас
З-ӯ мулозимтар ба хотун нест кас».
Аввал ӯро хост ҷустан дар набард,

Баҳри ҳурмат дошташ, таъхир кард.
То бувад, к-онро бияндозад ба ҷо,
Андар ин мӯҳлат раҳонад хешро.
Ин ҳалолиҳо аз ӯ мехостанд
В-аз барои узр бармехостанд.
Гуфт: «Буд фазли Худои додгар
В-арна з-он чи-м гуфта шуд, ҳастам батар.
Чӣ ҳалолӣ хост мебояд зи ман?
Ки манам муҷримтари аҳли заман.
Он чӣ гуфтандам зи бад аз сад якест,
Бар ман ин кашф аст, ар касро шакест.
Кас чӣ медонад зи ман ҷуз андаке
Аз ҳазорон ҷурму бад феълам яке.
Ман ҳамедонам ва он саттори ман
Ҷурмҳову зиштии кирдори ман.
Аввал Иблисе маро устод буд,
Баъд аз он Иблис пешам бод буд.
Ҳақ бидид он ҷумларо, нодида кард,
То нагардам дар фазиҳат рӯйзард.
Боз раҳмат пӯстиндӯзим кард,
Тавбаи ширин чу ҷон рӯзим кард.
Ҳар чӣ кардам, ҷумла нокарда гирифт,
Тоати нокарда оварда гирифт.
Ҳамчу сарву савсанам озод кард,
Ҳамчу бахту давлатам дилшод кард.
Номи ман дар номаи покон навишт,
Дӯзахӣ будам, бибахшидам биҳишт.
Оҳ кардам, чун расан шуд оҳи ман,
Гашт овезон расан дар чоҳи «ман».
Он расан бигрифтаму берун шудам,
Шоду зафту фарбеҳу гулгун шудам.
Дар буни чоҳе ҳамебудам забун,
Дар ҳамай олам намегунҷам кунун.
Офаринҳо бар ту бодо, эй Худо!
Ногаҳон кардӣ маро аз ғам ҷудо.
Гар сари ҳар мӯйи ман ёбад забон,
Шукрҳои ту наёяд дар баён.

Мезанам наъра дар ин рӯза-в ъуюн,
Халқро: «Ё лайта қавми яъламун».

Бозхондани шаҳзода Насӯҳро аз баҳри даллокӣ, баъд аз истеҳкоми тавба ва қабули тавба ва баҳона кардани ӯ ва дафъ гуфтан
Баъд аз он омад касе, к-аз марҳамат
Духтари султони мо мехонадат.
Духтари шоҳат ҳамехонад, биё,
То сараш шӯӣ кунун, эй порсо!
Ҷуз ту даллоке намехоҳад дилаш,
Ки бимолад, ё бишӯяд бо гилаш.
Гуфт: «Рав, рав, дасти ман бекор шуд
В-ин Насӯҳи ту кунун бемор шуд.
Рав, касе дигар биҷӯ иштобу тафт,
Ки маро, валлоҳ, даст аз кор рафт».
Бо дили худ гуфт, к-аз ҳад рафт ҷурм,
Аз дили ман кай равад он тарсу гурм?
Ман бимурдам як раҳу боз омадам,
Ман чашидам талхии маргу адам.
Тавбае кардам ҳақиқат бо Худо,
Нашканам, то ҷон шудан аз тан ҷудо.
Баъд аз он меҳнат киро бори дигар
По равад сӯйи хатар? Илло, ки хар.

Ҳикоят дар баёни он ки касе тавба кунад ва пушаймон шавад ва боз он пушаймониҳоро фаромӯш кунад ва озмударо боз озмояд, дар хисорати абад афтад, чун тавбаи ӯро суботеву қуввате ва ҳаловатеву қабуле мадад нарасад, чун дарахти бебех ҳар рӯз зардтар ва хушктар «наъузубиллоҳ»
Гозуре буду мар ӯро як харе,
Пуштреш, ишкамтиҳиву лоғаре.
Дар миёни санглохи бегиёҳ,
Рӯз то шаб бенавову бепаноҳ.
Баҳри хӯрдан ҷуз ки об он ҷо набуд,
Рӯзу шаб буд хар дар он кӯру кабуд.
Он ҳаволий найситону беша буд,
Шер буд он ҷо, ки сайдаш пеша буд.
Шерро бо пили нар ҷанг уфтод,

Хаста шуд он шеру монд аз истиёд.
Муддате вомонд з-он заъф аз шикор,
Бенаво монданд дад аз чоштхор.
З-он ки боқихори шер эшон буданд,
Шер чун ранҷур шуд, танг омаданд.
Шер як рӯбоҳро фармуд: «Рав,
Мар хареро баҳри ман сайёд шав.
Гар харе ёбӣ ба гирди марғзор,
Рав фусунаш хон, фиребонаш, биёр.
Чун биёбам қуввате аз гӯшти хар,
Пас бигирам баъд аз он сайде дигар.
Андаке ман мехурам, боқӣ шумо,
Ман сабаб бошам шуморо дар наво.
Ё харе, ё гов, баҳри ман биҷӯй,
З-он фусунҳое, ки медонӣ, бигӯй.
Аз фусуну аз суханҳои х(в)ашаш
Аз сараш берун куну ин ҷо кашаш».

Ташбеҳ кардани қутб, ки орифи восил аст дар уҷро додани халқ аз қути мағфират ва раҳмат бар маротибе, ки Ҳаққаш илҳом диҳад ва тамсил ба шер, ки дад уҷрохор ва боқихори вайанд, бар маротиби қурби эшон ба шер, на қурби макони, балки қурби сифатӣ ва тафосили ин бисёр аст «валлоҳу-л-ҳодӣ»
Қутби шеру сайд кардан кори ӯ,
Боқиён ин халқ боқихори ӯ.
То тавонӣ, дар ризои қутб кӯш,
То қавӣ гардад, кунад сайди вуҳуш.
Чун биранҷад, бенаво монанд халқ,
К-аз кафи ақл аст ҷумлай зарқи ҳалқ.
З-он ки ваҷди халқ боқихӯрди ӯст,
Ин нигаҳ дор, ар дили ту сайдҷӯст.
Ӯ чӣ ақлу халқ чун аъзои тан,
Бастаи ақл аст тадбири бадан.
Заъфи қутб аз тан бувад, аз рӯҳ не,
Заъф дар киштӣ бувад, дар Нӯҳ не.
Қутб он бошад, ки гирди худ танад,
Гардиши афлок гирди ӯ бувад.
Ёрие деҳ дар мараммай киштияш,

Гар ғуломи хосу банда гаштияш.
Ёрият дар ту физояд, н-андар ӯ,
Гуфт Ҳақ: «Ин тансуруллаҳ, тунсару».
Ҳамчу рӯбаҳ сайд гиру кун фидеш,
То иваз гирӣ ҳазорон сайд беш.
Рӯбаҳона бошад он сайди мурид,
Мурда гирад сайд кафтори марид.
Мурда пеши ӯ кашӣ, зинда шавад,
Чирк дар полиз рӯянда шавад.
Гуфт рӯбаҳ: «Шерро хидмат кунам,
Ҳилаҳо созам, зи ақлаш барканам.
Ҳилаву афсунгарӣ кори ман аст,
Кори ман дастону аз раҳ бурдан аст».
Аз сари куҳ ҷониби ҷӯ мешитофт,
Он хари мискини лоғарро биёфт.
Пас саломи гарм карду пеш рафт,
Пеши он содадили дарвеш рафт.
Гуфт: «Чунӣ андар ин саҳрои хушк?
Дар миёни санглоху ҷойи хушк».
Гуфт хар: «Гар дар ғамам, гар дар Ирам,
Қисматам Ҳақ кард, ман з-он шокирам.
Шукр гӯям дӯстро дар хайру шар,
З-он ки ҳаст андар қазо аз бад батар.
Чунки қассом ӯст, куфр омад гила,
Сабр бояд, «сабру мифтоҳуссила».
Ғайри Ҳақ ҷумла адӯанд, ӯст дӯст,
Бо адӯ аз дӯст шикват кай накӯст?
То диҳад дӯғам, нахоҳам ангубин,
З-он ки ҳар неъмат ғаме дорад қарин».

Ҳикояти дидани хари ҳезумфурӯш бонавоии асбони тозиро бар охури хосс ва таманно бурдан он давлатро, дар мавъизаи он, ки таманно набояд бурдан илло мағфират ва иноят ва ҳидоят, ки агар дар сад лавн ранҷе, чун лаззати мағфират бувад, ҳама ширин шавад. Боқии ҳар давлате, ки онро ноозмуда таманно мебарӣ, бо он ранҷе қарин аст, ки онро намебинӣ, чунонки аз ҳар доме дона пайдо бувад ва фах пинҳон. Ту дар ин як дом мондаӣ, таманно мебарӣ, ки кошкӣ бо он донаҳо рафтаме. Пиндорӣ, ки он донаҳо бедом аст?

Буд саққое, мар ӯро як харе,
Гашта аз меҳнат дуто чун чанбаре.
Пушташ аз бори гарон сад ҷой реш,
Ошиқу ҷӯёни рӯзи марги хеш.
Ҷав куҷо? Аз коҳи хушк ӯ сер не,
Дар ақиб захмеву сихи оҳанӣ.
Мири охур дид ӯро, раҳм кард,
К-ошнои соҳиби хар буд мард.
Пас саломаш карду пурсидаш зи ҳол,
К-аз чӣ ин хар гашт дуто ҳамчу дол?
Гуфт: «Аз дарвешиву тақсири ман
Kaҳ намеёбад худ ин бастадаҳан».
Гуфт: «Биспораш ба ман ту рӯз чанд,
То шавад дар охури шаҳ зӯрманд».
Хар бад-ӯ биспурду он раҳматпараст
Дар миёни охури султон-ш баст.
Хар зи ҳар сӯ маркаби тозӣ бидид,
Бонавову фарбеҳу хубу ҷадид.
Зери пошон рӯфта, обе зада,
Kaҳ ба вақту ҷав ба ҳангом омада.
Хоришу молиш мар асбонро бидид,
Пӯз боло кард, к-эй рабби маҷид!
На ки махлуқи туам? Гирам харам,
Аз чӣ зору пуштрешу лоғарам?
Шаб зи дарди пушту аз ҷӯъи шикам
Орзумандам ба мурдан дам ба дам.
Ҳоли ин асбон чунин хуш, бонаво,
Ман чӣ махсусам ба таъзибу бало?»
Ногаҳон овозаи бегор шуд,
Тозиёнро вақти зину кор шуд.
Захмҳои тир хӯрданд аз адӯ,
Рафт пайконҳо дар эшон сӯ ба сӯ.
Аз ғазо бозомаданд он тозиён,
Андар охур ҷумла афтода ситон.
Пойҳошон баста муҳкам бо навор,
Наълбандон истода бар қатор.
Мешикофиданд танҳошон ба неш,

То бурун оранд пайконҳо зи реш.
Он хар онро диду мегуфт: «Эй Худо!
Ман ба фақру офият додам ризо.
З-он наво безораму з-он захми зишт,
Ҳар кӣ хоҳад офият, дунё биҳишт».

Нописандидани рӯбоҳ гуфтани харро, ки ман розиям ба қисмат
Гуфт рӯбаҳ: «Ҷустани ризқи ҳалол
Фарз бошад аз барои имтисол.
Олами асбобу чизе бесабаб
Менаёяд, пас муҳим бошад талаб.
«Ибтағу мин фазли Аллоҳ» аст амр,
То набояд ғасб кардан ҳамчу намр.
Гуфт пайғамбар, ки бар ризқ, эй фато,
Дар фурӯ бастасту бар дар қуфлҳо.
Ҷунбишу омадшуди мо в-иктисоб,
Ҳаст мифтоҳе бар он қуфлу ҳиҷоб.
Бекалид ин дар гушодан роҳ нест,
Бе талаб нон суннати Аллоҳ нест».

Ҷавоб гуфтани хар рӯбоҳро
Гуфт: «Аз заъфи таваккул бошад он
В-арна бидҳад нон касе, ки дод ҷон.
Ҳар кӣ ҷӯяд подшоҳиву зафар,
Кам наёяд луқмае нон, эй писар!
Дому дад, ҷумла ҳама акколи ризқ,
На пайи касбанд, на ҳаммоли ризқ.
Ҷумларо раззоқ рӯзӣ медиҳад,
Қисмати ҳар як ба пешаш мениҳад.
Ризқ ояд пеши ҳар кӣ сабр ҷуст,
Ранҷи кӯшишҳо зи бесабрии туст».

Ҷавоб гуфтани рӯбаҳ харро
Гуфт рӯбаҳ: «Он таваккул нодир аст,
Кам касе андар таваккул моҳир аст.
Гирди нодир гаштан аз нодонӣ аст,
Ҳар касеро кай раҳи султонӣ аст?

Чун қаноатро паямбар ганҷ гуфт,
Ҳар касеро кай расад ганҷи ниҳуфт?
Ҳадди худ бишносу бар боло мапар,
То наяфтӣ дар нишеби шӯру шар».

Ҷавоб гуфтани хар рӯбоҳро
Гуфт: «Ин маъкус мегӯйӣ, бидон,
Шӯру шар аз тамъ ояд сӯйи ҷон.
Аз қаноат ҳеч кас беҷон нашуд,
Аз ҳарисӣ ҳеч кас султон нашуд.
Нон зи хукону сагон набвад дареғ,
Касби мардум нест ин борону меғ,
Ончунон ки ошиқе бар ризқ зор,
Ҳаст ошиқ ризқ ҳам бар ризқхор».

Дар тақрири маънии таваккул, ҳикояти он зоҳид, ки таваккулро имтиҳон мекард аз миёни асбоб ва аз шаҳр берун омад ва аз қавореъу раҳгузари халқ дур шуд ва ба буни кӯҳе, маҳҷуре, мафқуде, дар ғояти гуруснагӣ сар бар сари санге ниҳоду хуфт ва бо худ гуфт: «Таваккул кардам бар сабабсозӣ ва раззоқии ту ва аз асбоб мунқатеъ шудам, то бибинам сабабийяти таваккулро»
Он яке зоҳид шунуд аз Мустафо,
Ки яқин ояд ба ҷон ризқ аз Худо.
Гар бихоҳӣ в-ар нахоҳӣ, ризқи ту
Пеши ту ояд давон аз ишқи ту.
Аз барои имтиҳон он мард рафт,
Дар биёбон назди кӯҳе хуфт тафт,
Ки бибинам, ризқ меояд ба ман?
То қавӣ гардад маро дар ризқ зан.
Корвоне роҳ гум карду кашид
Сӯйи кӯҳ, он мумтаҳанро хуфта дид.
Гуфт: «Ин мард ин тараф чун аст ур?
Дар биёбон, аз раҳу аз шаҳр дур.
Эй аҷаб! Мурда-ст ё зинда? Ки ӯ
Менатарсад ҳеч аз гургу адӯ».
Омаданду даст бар вай мезananд,
Қосидан чизе нагуфт он арҷманд.
Ҳам наҷунбиду наҷунбонид сар,

Во накард аз имтиҳон ҳам ӯ басар.
Пас бигуфтанд: «Ин заъифи бемурод
Аз маҷоъат сакта андар ӯ фитод».
Нон биёварданду дар деге таъом,
То бирезандаш ба ҳалқуму ба ком.
Пас ба қосид мард дандон сахт кард,
То бибинад сидқи он миъод мард.
Раҳмашон омад, ки ин бас бенавост
В-аз маҷоат ҳолики маргу фаност.
Корд оварданд қавм, иштофтанд,
Баста дандонҳошро бишкофтанд.
Рехтанд андар даҳонаш шӯрбо,
Мефишурданд андар ӯ нонпораҳо.
Гуфт: «Эй дил, гарчи худ тан мезанӣ,
Роз медониву нозе мекунӣ».
Гуфт дил: «Донам ва қосид мекунам,
Розиқ Аллоҳ аст бар ҷону танам».
Имтиҳон з-ин бештар худ чун бувад?
Ризқ сӯйи собирон хуш меравад.

Ҷавоб додани рӯбаҳ харро ва таҳриз кардани ӯ харро бар касб
Гуфт рӯбаҳ: «Ин ҳикоятро биҳил,
Дастҳо бар касб зан, «ҷаҳду-л-муқил».
Даст додастат Худо, коре бикун,
Максабе кун, ёрии ёре бикун.
Ҳар касе дар максабе по мениҳад,
Ёрии ёрони дигар медиҳад.
З-он ки ҷумла касб н-ояд аз яке,
Ҳам даравгар, ҳам сақо, ҳам ҳоике.
Ин ба ҳанбозист олам барқарор,
Ҳар касе коре гузинад з-ифтиқор.
Таблхорӣ дар миёна шарт нест,
Роҳи суннат кору максаб карданест».

Ҷавоб гуфтани хар рӯбоҳро, ки таваккул беҳтарини касбҳост, ки ҳар касе мӯҳтоҷ аст ба таваккул, ки эй Худо, ин кори маро рост ор ва дуъо мутазаммини таваккул аст ва таваккул касбест, ки ба ҳеч касбе дигар мӯҳтоҷ нест, ило охириҳ

Гуфт: «Ман беҳ аз таваккул бар рабе
Менадонам дар ду олам максабе.
Касби шукрашро намедонам надид,
То кашад шукри Худо ризқу мазид».
Баҳсашон бисёр шуд андар хитоб,
Монда гаштанд аз суолу аз ҷавоб.
Баъд аз он гуфташ: «Бидон дар мамлика
«Наҳйи ло тулқу биайдӣ таҳлика».»
Сабр дар саҳрои хушку санглох
Аҳмақӣ бошад, ҷаҳони Ҳақ фарох.
Нақл кун ин ҷо ба сӯйи марғзор,
Мечар он ҷо сабза гирди ҷӯйбор.
Марғзоре сабз монанди ҷинон,
Сабза руста андар он ҷо то миён.
Хуррам он ҳайвон, ки ӯ он ҷо шавад,
Уштур андар сабза нопайдо шавад.
Ҳар тараф дар вай яке чашмай равон,
Андар ӯ ҳайвон мураффаҳ, дар амон».
Аз харӣ ӯро намегуфт: «Эй лаъин!
Ту аз он ҷойӣ, чаро зорӣ чунин?
Ку нишоту фарбеҳиву фарри ту?
Чист ин лоғартани музтарри ту?
Шарҳи равза гар дурӯғу зӯр нест,
Пас, чаро чашмаш аз ӯ махмур нест?
Ин гадочашмиву ин нодидагӣ
Аз гадойий туст, н-аз бегларбагӣ.
Чун зи чашма омадӣ, чунӣ ту хушк?
В-ар ту нофи оҳуӣ, ку бӯйи мушк?
З-он ки мегӯиву шарҳаш мекунӣ,
Чун нишоне дар ту н-омад? Эй санӣ!»

Масал овардани уштур дар баёни он, ки дар мухбири давлате фарру асари он чун набинӣ, ҷойи муттаҳам доштан бошад, ки ӯ муқаллид аст дар он
Он яке пурсид уштурро, ки ҳай!
Аз куҷо меойӣ? Эй иқболпай!
Гуфт: «Аз ҳаммоми гарми кӯйи ту»,
Гуфт: «Худ пайдост дар зонуйи ту».

Мори Мӯсо дид Фиръавни ануд,
Мӯҳлате мехост, нармӣ менамуд.
Зиракон гуфтанд: «Боястӣ, ки ин
Тундтар гаштӣ, чу ҳаст ӯ рабби дин.
Мӯъҷиза гар аждаҳо, гар мор буд,
Нахвату хашми худоияш чӣ шуд?
Рабби аъло гар вай аст андар ҷулус,
Баҳри як кирме чӣ аст ин чоплус?»
Нафси ту то масти нуқл асту набид,
Дон, ки рӯҳат хӯшаи ғайбе надид.
Ки аломот аст з-он дидори нур:
«Ат-таҷофӣ минка ъан дори-л-ғурур».
Мурғ чун бар оби шӯре метанад,
Оби ширинро надидаст ӯ мадад.
Балки тақлид аст он имони ӯ,
Рӯйи имонро надида ҷони ӯ.
Пас хатар бошад муқаллидро азим,
Аз раҳу раҳзан, зи шайтони раҷим.
Чун бибинад нури Ҳақ, омин шавад,
З-изтироботи шак ӯ сокин шавад.
То кафи дарё наёяд сӯйи хок,
К-асли ӯ омад бувад дар истикок.
Хокӣ аст он каф, ғариб аст андар об,
Дар ғирибӣ чора набвад з-изтироб.
Чунки чашмаш боз шуд в-он нақш хонд,
Девро бар вай дигар дасте намонд.
Гарчи бо рӯбоҳ хар асрор гуфт,
Сар-сарӣ гуфту муқаллидвор гуфт.
Обро бистуду ӯ қоиқ набуд,
Рух дариду ҷома, ӯ ошиқ набуд.
Аз мунофиқ узр радд омад на хуб,
З-он ки дар лаб буд он, на дар қулуб.
Бӯйи себаш ҳаст, ҷузви себ нест,
Бӯ дар ӯ ҷуз аз пайи осеб нест.
Ҳамлаи зан дар миёни корзор
Нашканад саф, балки гардад кор зор.
Гарчи мебинӣ чу шер андар сафаш,

Теғ бигрифта, ҳамеларзад кафаш.
Войи он, ки ақли ӯ мода бувад,
Нафси зишташ нарру омода бувад.
Лоҷарам мағлуб бошад ақли ӯ,
Ҷуз сӯйи хусрон набошад нақли ӯ.
Эй хунук он кас, ки ақлаш нар бувад,
Нафси зишташ модаву музтар бувад.
Ақли ҷузвиаш нару ғолиб бувад,
Нафси унсоро хирад солиб бувад.
Ҳамлаи мода ба сурат ҳам ҷарист,
Офати ӯ ҳамчу он хар аз харист.
Васфи ҳайвонӣ бувад бар зан фузун,
З-он ки сӯйи рангу бӯ дорад рукун.
Рангу бӯйи сабзазор он хар шунид,
Ҷумла ҳуҷҷатҳо зи табъи ӯ рамид.
Ташна мӯҳтоҷи матар шуд в-абр на,
Нафсро ҷӯъулбақар буд, сабр на.
Испари оҳан бувад сабр, эй падар!
Ҳақ набишта бар сипар: «Ҷоъа-з-зафар».
Сад далел орад муқаллид дар баён,
Аз қиёсе гӯяд онро, н-аз аён.
Мушки олудаст, илло мушк нест,
Бӯйи мушк асташ, вале ҷуз пушк нест.
То ки пушке мушк гардад, эй мурид,
Солҳо бояд дар он равза чарид,
Ки набояд хӯрду ҷав ҳамчун харон,
Оҳувона дар Хутан чар арғавон.
Ҷуз қаранфул, ё саман, ё гул мачар,
Рав ба саҳрои Хутан бо он нафар.
Меъдаро хӯ кун бад-он райҳону гул,
То биёбӣ ҳикмату қути русул.
Хӯйи меъда з-ин каҳу ҷав боз кун,
Хӯрдани райҳону гул оғоз кун.
Меъдаи тан сӯйи каҳдон мекашад,
Меъдаи дил сӯйи райҳон мекашад.
Ҳар кӣ коҳу ҷав хурад, қурбон шавад,
Ҳар кӣ нури Ҳақ хурад, Қуръон шавад.

Ними ту мушк асту ниме пушк, ҳин!
Ҳин, маяфзо пушк, афзо мушки Чин.
Он муқаллид сад далелу сад баён
Дар забон орад, надорад ҳеч ҷон.
Чунки гӯянда надорад ҷону фар,
Гуфти ӯро кай бувад баргу самар?
Мекунад густох мардумро ба роҳ,
Ӯ ба ҷон ларзонтар аст аз барги коҳ.
Пас ҳадисаш гарчи бас бофар бувад,
Дар ҳадисаш ларза ҳам музмар бувад.

Фарқ миёни даъвати шайхи комили восил ва миёни сухани ноқисони фозили фазли таҳсилии барбаста
Шайхи нуронӣ зи раҳ огаҳ кунад,
Бо сухан ҳам нурро ҳамраҳ кунад.
Ҷаҳд кун, то масту нуронӣ шавӣ,
То ҳадисатро шавад нураш равӣ.
Ҳар чӣ дар дӯшоб ҷӯшида шавад,
Дар ақида таъми дӯшобаш бувад.
Аз ҷазар в-аз себу биҳ в-аз гирдакон,
Лаззати дӯшоб ёбӣ ту аз он.
Илм андар нур чун фарғарда шуд,
Пас зи илмат нур ёбад қавми луд.
Ҳар чӣ гӯйӣ, бошад он ҳам нурнок,
К-осмон ҳаргиз наборад ғайри пок.
Осмон шав, абр шав, борон бибор,
Новадон бориш кунад, набвад ба кор.
Об андар новадон орияtист,
Об андар абру дарё фитратист.
Фикру андешаст мисли новадон,
Вайҳу макшуф аст абру осмон.
Оби борон боғи садранг оварад,
Новадон ҳамсоя дар ҷанг оварад.
Хар ду-се ҳамла ба рӯбаҳ баҳс кард,
Чун муқаллид буд, фиреби ӯ бих(в)ард.
Тантанай идроки бинойӣ надошт,
Дамдамай рӯбаҳ бар ӯ сакта гумошт.

Ҳирси хӯрданончунон кардаш залил,
Ки забунаш гашт бо понсад далел.

Ҳикояти он муханнас ва пурсидани лутӣ аз ӯ ду ҳолати лавота, ки ин ханҷар аз баҳри чист? Гуфт: «Аз барои он ки ҳар кӣ бо ман бад андешад, ишкамаш бишикофам». Лутӣ бар сари ӯ омадшуд мекард ва мегуфт: «Алҳамдулиллоҳ, ки ман бад намеандешам бо ту»
Байти ман байт нест, иқлим аст,
Ҳазли ман ҳазл нест, таълим аст.

Кундаеро лутие дар хона бурд,
Сарнигун афгандашу дар вай фишурд.
Бар миёнаш ханҷаре дид он лаъин,
Пас бигуфташ: «Бар миёнат чист ин?»
Гуфт: «Он ки бо ман ар як бадманиш
Бад бияндешад, бидаррам ишкамаш».
Гуфт лутӣ: «Ҳамдулиллаҳро, ки ман
Бад наяндешидаам бо ту ба фан».
Чунки мардӣ нест, ханҷарҳо чӣ суд?
Чун набошад дил, надорад суд хӯд.
Гар фусуне ёд дорӣ аз Масеҳ,
Ку лабу дандони Исо? Эй қабеҳ!
Киштие созӣ зи тавзеъу футӯҳ,
Ку яке маллоҳи киштӣ ҳамчу Нӯҳ?
Бут шикастӣ гирам иброҳимвор,
Ку бути танро фидо кардан ба нор?
Гар далелат ҳаст, андар феъл ор,
Теғи чӯбинро бад-он кун зулфиқор.
Он далеле, ки туро монеъ шавад,
Аз амал, он ниқмати сонеъ бувад.
Хойифони роҳро кардӣ далер,
Аз ҳама ларзонтарӣ ту зер-зер.
Бар ҳама дарси таваккул мекунӣ,
Дар ҳаво ту пашшаро раг мезанӣ.
Эй муханнас, пеш рафта аз сипоҳ,
Бар дурӯғи риши ту керат гувоҳ.
Чун зи номардӣ дил оганда бувад,

Ришу сиблат мӯҷиби ханда бувад.
Тавбае кун, ашк борон чун матар,
Ришу сиблатро зи ханда бозхар.
Доруи мардӣ бихур андар амал,
То шавӣ хуршеди гарм андар ҳамал.
Меъдаро бигзору сӯйи дил хиром,
То ки бепарда зи Ҳақ ояд салом.
Як-ду гоме рав, такаллуф соз х(в)аш,
Ишқ гирад гӯш, ту он гоҳ каш.

Ғолиб шудани ҳилаи рӯбоҳ бар истеъсом ва тааффуфи хар ва кашидани рӯбаҳ харро ба сӯйи шери беша
Рӯбаҳ андар ҳила пойи худ фишурд,
Риши хар бигрифту он харро бибурд.
Мутриби он хонақаҳ ку? То ки тафт
Даф занад, ки хар бирафту хар бирафт.
Чунки харгӯше барад шере ба чоҳ,
Чун наёрад рӯбаҳе хар то гиёҳ?
Гӯшро барбанду афсунҳо мах(в)ар
Ҷуз фусуни он валии додгар.
Он фусуни хуштар аз ҳалвойи ӯ,
Он ки сад ҳалвост хоки пойи ӯ.
Хунбҳои хусравонӣ пур зи май,
Моя бурда аз майи лабҳои вай.
Ошиқи май бошад он ҷони баъид,
К-ӯ майи лабҳои лаълашро надид.
Оби ширин чун набинад мурғи кӯр,
Чун нагардад гирди чашмаи оби шӯр?
Мӯсии ҷон синаро Сино кунад,
Тӯтиёни кӯрро бино кунад.
Хусрави Ширини ҷон навбат задаст,
Лоҷарам дар шаҳр қанд арзон шудаст.
Юсуфони ғайб лашкар мекашанд,
Тунгҳои қанду шаккар мекашанд.
Уштурони Мисрро рӯ сӯйи мо,
Бишнавед, эй тӯтиён, бонги даро.
Шаҳри мо фардо пур аз шаккар шавад,

Шаккар арзон аст, арзонтар шавад.
Дар шакар ғалтед, эй ҳалвоиён!
Ҳамчу тӯтӣ, кӯрии сафроиён.
Найшакар кӯбед, кор ин асту бас,
Ҷон барафшонед, ёр ин асту бас.
Як туруш дар шаҳри мо акнун намонд,
Чунки Ширин хусравонро барнишонд.
Нуқл бар нуқл асту май бар май, ҳало!
Бар манора рав, бизан бонги сало.
Сиркаи нӯҳсола ширин мешавад,
Сангу мармар лаълу заррин мешавад.
Офтоб андар фалак дастакзанон,
Зарраҳо чун ошиқон бозикунон.
Чашмҳо махмур шуд аз сабзазор,
Гул шукуфа мекунад бар шохсор.
Чашми давлат сеҳри мутлақ мекунад,
Рӯҳ шуд Мансур, «аналҳақ» мезанад.
Гар хареро мебарад рӯбаҳ зи сар,
Гӯ, бибар, ту хар мабошу ғам мах(в)ар.

Ҳикояти он шахс, ки аз тарс хештанро дар хонае андохт, рухҳо зард чун заъфарон, лабҳо кабуд чун Нил, даст ларзон чун барги дарахт.
Худованди хона пурсид, ки хайр аст, чӣ воқеа аст? Гуфт: «Берун хар мегиранд ба сухра», гуфт: «Муборак хар мегиранд, ту хар нестӣ, чӣ метарсӣ?» Гуфт: «Хар ба ҷид мегиранд. Тамйиз бархостааст имрӯз, тарсам, ки маро хар гиранд»

Он яке дар хонае дармегурехт
Зардрӯву лабкабуду рангрехт.
Соҳиби хона бигуфташ: «Хайр ҳаст?
Ки ҳамеларзад туро чун пир даст.
Воқиъа чун аст? Чун бигрехтӣ?
Ранги рухсора чунин чун рехтӣ?»
Гуфт: «Баҳри сухраи шоҳи ҳарун
Хар ҳамегиранд имрӯз аз бурун».
Гуфт: «Мегиранд, гӯ, хар, ҷони ам?
Чун найӣ хар, рав, туро з-ин чист ғам?»
Гуфт: «Бас ҷидданду гарм андар гирифт,

Гар харам гиранд, ҳам набвад шигифт.
Баҳри харгирӣ баровარданд даст,
Ҷидди ҷид, тамйиз ҳам бархостаст.
Чунки бетамйизиёнмон сарваранд,
Соҳиби харро ба ҷойи хар баранд».
Нест шоҳи шаҳри мо беҳудагир,
Ҳаст тамйизаш, самеъ асту басир.
Одамӣ бошу зи харгирон матарс,
Хар наӣ, эй Исии даврон, матарс.
Чархи чорум ҳам зи нури ту пур аст,
Ҳошалиллаҳ, ки мақомат охур аст.
Ту зи чарху ахтарон ҳам бартарӣ,
Гарчи баҳри маслиҳат дар охурӣ.
Мири охур дигару хар дигар аст,
На ҳар он ки андар охур шуд, хар аст.
Чӣ дарафтодем дар дунболи хар?
Аз гулистон гӯю аз гулҳои тар.
Аз анору аз турунҷу шохи себ
В-аз шаробу шоҳидони беҳисеб.
Ё аз он дарё, ки мавҷаш гавҳар аст,
Гавҳараш гӯяндаву биновар аст.
Ё аз он мурғон, ки гулчин мекунанд,
Байзаҳо заррину симин мекунанд.
Ё аз он борон, ки кабкон парваранд,
Ҳам нигун ишкам, ҳам истон мепаранд.
Нардбонҳоест пинҳон дар ҷаҳон
Поя-поя то инони осмон.
Ҳар гурӯҳро нардбоне дигар аст,
Ҳар равишро осмоне дигар аст.
Ҳар яке аз ҳоли дигар бехабар,
Мулк бопаҳнову бепоёну сар.
Ин дар он ҳайрон, ки ӯ аз чист х(в)аш?
В-он дар ин хира, ки ҳайрат чисташ?
«Саҳни арзуллоҳи восеъ» омада,
Ҳар дарахте аз замине сар зада.
Бар дарахтон шукргӯён баргу шох,
Ки зиҳӣ мулку зиҳӣ арсай фарох.

Булбулон гирди шукуфай пургирех,
Ки аз он чӣ мехурӣ, моро бидех.
Ин сухан поён надорад, кун руҷӯъ
Сӯйи он рӯбоҳу шеру суқму ҷӯъ:

Бурдани рӯбаҳ харро пеши шер ва ҷастани хар аз шер ва итоб кардани рӯбоҳ пеши шер, ки ҳанӯз хар дур буд, таъҷил кардӣ ва узр гуфтани шер ва лоба кардани рӯбаҳро шер, ки бирав, бори дигараш бифиреб
Чунки бар кӯҳаш ба сӯйи марҷ бурд,
То кунад шераш ба ҳамла хурду мурд.
Дур буд аз шеру он шер аз набард
То ба наздик омадан сабре накард.
Гунбаде кард аз баландӣ шери ҳавл,
Худ набудаш қуввату имкони ҳавл.
Хар зи дураш диду баргашту гурез,
То ба зери кӯҳ, тозон, наълрез.
Гуфт рӯбаҳ шерро: «Эй шоҳи мо!
Чун накардӣ сабр дар вақти ваѓо?
То ба наздики ту ояд он ғавӣ,
То ба андак ҳамлае ғолиб шавӣ.
Макри шайтон аст таъҷилу шитоб,
Лутфи раҳмон аст сабру эҳтисоб.
Дур буду ҳамларо диду гурехт,
Заъфи ту зоҳир шуду оби ту рехт».
Гуфт: «Ман пиндоштам барҷост зӯр,
То бад-ин ҳад менадонистам футур.
Низ ҷӯъу ҳоҷатам аз ҳад гузашт,
Сабру ақлам аз таҷаввӯъ ёва гашт.
Гар тавонӣ бори дигар аз хирад
Боз овардан мар ӯро мустарад,
Миннати бисёр дорам аз ту ман,
Ҷаҳд кун, бошад биёрияш ба фан».
Гуфт: «Оре. Гар Худо ёрӣ диҳад,
Бар дили ӯ аз ъамо мӯҳре ниҳад.
Пас фаромӯшаш шавад ҳавле, ки дид,
Аз харии ӯ набошад ин баъид.
Лек чун орам мар ӯро, барматоз,

То ба бодаш надҳӣ аз таъҷил боз».
Гуфт: «Оре, таҷриба кардам, ки ман
Сахт ранҷурам, мухалхал гашта тан.
То ба наздикам наёяд хар тамом,
Ман наҷунбам, хуфта бошам дар қавом».
Рафт рӯбаҳ, гуфт: «Эй шаҳ, ҳиммате,
То бипӯшад ақли ӯро ғафлате».
Тавбаҳо кардаст хар бо кирдгор,
Ки нагардад ғарраи ҳар нобакор.
Тавбаҳояшро ба фан барҳам занем,
Мо адувви аҳду ақли равшанем.
Каллаи хар гӯйи фарзандони мост,
Фикраташ бозичаи дастони мост.
Ақл, к-он бошад зи даврони Зуҳал,
Пеши ақли кул надорад он маҳал.
Аз Уторид в-аз Зуҳал доно шуд ӯ,
Мо зи доди кирдгори лутфҷӯ.
«Аллама-л-инсон» хами туғрои мост,
«Илму индаллоҳ» мақсадҳои мост.
Тарбияй он офтоби равшанем,
Раббия-л-аъло аз он рӯ мезанем.
Таҷриба гар дорад ӯ, бо ин ҳама,
Бишканад сад таҷриба з-ин дамдама.
Бӯ, ки тавба бишканад он сустхӯ,
Даррасад шумии ишкасташ дар ӯ.

Дар баёни он ки нақзи аҳд ва тавба мӯҷиби бало бувад, балки мӯҷиби масх аст, чунонки дар ҳаққи асҳоби Сабт ва дар ҳаққи асҳоби моидаи Исо: «ва ҷаъала минҳуму-л-қирадата ва-л-ханозир» ва андар ин уммат масхи дил бошад ва ба қиёмат танро сурати дил диҳанд, «наъузубиллоҳ»
Нақзи мисоқу шикасти тавбаҳо
Мӯҷиби лаънат шавад дар интиҳо.
Нақзи тавба-в аҳди он асҳоби Сабт
Мӯҷиби масх омаду иҳлоку мақт.
Пас Худо он қавмро бӯзина кард,
Чунки аҳди Ҳақ шикастанд аз набард.
Андар ин уммат набуд масхи бадан,

Лек масхи дил бувад, эй булфитан!
Чун дили бӯзина гардад он дилаш,
Аз дили бӯзина шуд хор он гилаш.
Гар ҳунар будӣ дилашро з-ихтиёр,
Хор кай будӣ зи сурат он ҳимор?
Он саги асҳоб хуш буд сираташ,
Ҳеч будаш манқасат з-он сураташ?
Масхи зоҳир буд аҳли Сабтро,
То бибинад хулқи зоҳир кабтро.
Аз раҳи сир садҳазорони дигар
Гашта аз тавба шикастан хуку хар.

Дуввум бор омадани рӯбаҳ бари он хари гурехта, то боз бифиребадаш
Пас биёмад зуд рӯбаҳ сӯйи хар,
Гуфт хар: «Аз чун ту ёре алҳазар».
Ноҷавонмардо, чӣ кардам ман туро,
Ки ба пеши аждаҳо бурдӣ маро?
Мӯҷиби кини ту бо ҷонам чӣ буд?
Ғайри хубси ҷавҳари ту, эй ануд!»
Ҳамчу каждум, к-ӯ газад пойи фатӣ,
Норасида аз вай ӯро заҳмате.
Ё чу деве, ки адӯи ҷони мост,
Норасида заҳматаш аз мову кост.
Балки табъан хасми ҷони одамист,
Аз ҳалоки одамӣ дар хуррамист.
Аз пайи ҳар одамӣ ӯ наскулад,
Хӯву табъи зишти худ ӯ кай ҳилад?
З-он ки хубси зоти ӯ бемӯҷибе
Ҳаст сӯйи зулму адвон ҷозибе.
Ҳар замон хонад туро то хиргаҳе,
Ки дарандозад туро андар чаҳе.
Ки фалон ҷо ҳавзи об асту уюн,
То дарандозад ба ҳавзат сарнигун.
Одамиро бо ҳама ваҳйу назар
Андарафганд он лаъин дар шӯру шар.
Бе гуноҳе, бе газанди собиқе,
Ки расад ӯро зи Одам ноҳақӣ.

Гуфт рӯбаҳ: «Он тилисми сеҳр буд,
Ки туро дар чашм он шере намуд.
В-арна ман аз ту ба тан мискинтарам,
Ки шабу рӯз андар он ҷо мечарам.
Гарна з-он гуна тилисме сохтӣ,
Ҳар шикамхоре бад-он ҷо тохтӣ.
Як ҷаҳони бенаво пурпилу арҷ,
Бе тилисме кай бимондӣ сабз марҷ?
Ман туро худ хостам гуфтан ба дарс,
Ки чунон ҳавле агар бинӣ, матарс.
Лек рафт аз ёд илмомӯзият,
Ки будам мустағриқи дилсӯзият.
Дидамат дар ҷӯъи калбу бенаво,
Мешитобидам, ки ойӣ то даво.
В-арна бо ту гуфтаме шарҳи тилисм,
К-он хаёле менамояд, нест ҷисм».

Ҷавоб гуфтани хар рӯбоҳро
Гуфт: «Рав, рав, ҳин, зи пешам, эй адӯ!
То набинам рӯйи ту, эй зиштрӯ!
Он Худое, ки туро бадбахт кард,
Рӯйи зиштатро кареҳу сахт кард.
Бо кадомин рӯй меоӣ ба ман?
Инчунин сағрӣ надорад каргадан.
Рафтаӣ дар хуни ҷонам ошкор,
Ки туро ман раҳ барам то марғзор.
То бидидам рӯйи Азройилро,
Боз овардӣ фану тасвилро?
Гарчи ман нанги харонам, ё харам,
Ҷонварам, ҷон дорам, инро кай харам?
Он чӣ ман дидам зи ҳавли беамон,
Тифл дидӣ, пир гаштӣ дарзамон.
Бедилу ҷон, аз ниҳеби он шукӯҳ
Сарнигун худро дарафгандам зи кӯҳ.
Баста шуд поям дар он дам аз ниҳеб,
Чун бидидам он азоби беҳиҷеб.
Аҳд кардам бо Худо, к-эй зулминан!

Баргушо з-ин бастагӣ ту пойи ман.
То нанӯшам васвасай кас баъд аз ин,
Аҳд кардам, назр кардам, эй муъин!
Ҳақ гушода кард он дам пойи ман,
З-он дуъову зориву имои ман
В-арна андар ман расидӣ шери нар,
Чун будӣ дар зери панҷай шер хар?
Боз бифристодат он шери арин
Сӯйи ман аз макр, эй биъсалқарин!
Ҳаққи зоти поки «Аллоҳу-с-самад»,
Ки бувад беҳ мори бад аз ёри бад.
Мори бад ҷоне ситонад аз салим,
Ёри бад орад суйи нори муқим.
Аз қарин беқавлу гуфтугӯйи ӯ
Хӯ бидуздад дил, ниҳон аз хӯйи ӯ.
Чунки ӯ афганд бар ту сояро,
Дуздад он бемоя аз ту мояро.
Ақли ту гар аждаҳое гашт маст,
Ёри бад ӯро зумуррад дон, ки ҳаст.
Дидаи ақлат бад-ӯ берун ҷаҳад,
Таъни ӯ-т андар кафи тоъун ниҳад.

Ҷавоб гуфтани рӯбаҳ харро
Гуфт рӯбаҳ: «Софи моро дурд нест,
Лек тахйилоти ваҳмӣ хурд нест.
Ин ҳама ваҳми ту аст, эй содадил!
В-арна бар ту на ғише дорам, на ғил.
Аз хаёли зишти худ мангар ба ман,
Бар муҳиббон аз чӣ дорӣ сӯизан?
Занни некӯ бар бар ихвони сафо,
Гарчи ояд зоҳир аз эшон ҷафо.
Ин хаёлу ваҳми бад чун шуд падид,
Садҳазорон ёрро аз ҳам бурид.
Мушфиқе гар кард ҷавру имтиҳон,
Ақл бояд, ки набошад бадгумон.
Хоса ман бадраг набудам зиштисм,
Он ки дидӣ бад набуд, буд он тилисм.

В-ар будӣ бад он сиголиш «қаддиро»,
Афв фармоянд ёрон з-он хато.
Олами ваҳму хаёлу тамъу бим
Ҳаст раҳравро яке садде азим.
Нақшҳои ин хаёли нақшбанд
Чун Халилеро, ки кӯҳ буд, шуд газанд.
Гуфт: «Ҳозо раббӣ» Иброҳими род,
Чунки андар олами ваҳм уфтод.
Зикри кавкабро чунин таъвил гуфт,
Он касе, ки гавҳари таъвил суфт.
Олами ваҳму хаёли чашмбанд
Ончунон кӯҳро зи ҷойи хеш канд.
То ки «ҳозо раббӣ» омад қоли ӯ,
Харбату харро чӣ бошад ҳоли ӯ?
Ғарқ гашта ақлҳои чун ҷибол
Дар биҳори ваҳму гирдоби хаёл.
Кӯҳҳоро ҳаст з-ин тӯфон фузӯҳ,
Ку амонӣ? Ҷуз ки дар киштии Нӯҳ.
З-ин хаёли раҳзани роҳи яқин
Гашт ҳафтоду ду миллат аҳли дин.
Марди иқон раст аз ваҳму хаёл,
Мӯйи абрӯро намегӯяд ҳилол
В-он ки нури Уммараш навбад санад,
Мӯйи абрӯи каже роҳаш занад.
Садҳазорон киштии боҳавлу саҳм
Тахта-тахта гашта дар дарёи ваҳм.
Камтарин Фиръавни чусти файласуф,
Моҳи ӯ дар бурҷи ваҳме дар хусуф.
Кас надонад рӯсапизан кист он?
В-он ки донад, несташ бар худ гумон.
Чун туро ваҳми ту дорад хирасар,
Аз чӣ гардӣ гирди ваҳми он дигар?
Оҷизам ман аз мании хештан,
Чӣ нишастӣ пурманӣ ту пеши ман?
Беману моӣ ҳамеҷӯям ба ҷон,
То шавам ман гӯйи он хушсавлаҷон.
Ҳар кӣ бе ман шуд, ҳама манҳо худ ӯст,

Дӯст ҷумла шуд, чу худро нест дӯст.
Ойинай бенақш шуд, ёбад баҳо,
З-он ки шуд ҳокии ҷумлай нақшҳо.

Ҳикояти шайх Муҳаммад Сарразии Ғазнавӣ қаддасаллоҳу сирраҳу
Зоҳиде дар Ғазнӣ, аз дониш мазӣ,
Буд Муҳаммад ному кунят Сарразӣ.
Буд ифтораш сари раз ҳар шабе,
Ҳафт сол ӯ доим андар матлабе.
Бас аҷоиб дид аз шоҳи вуҷуд,
Лек мақсудаш ҷамоли шоҳ буд.
Бар сари кӯҳ рафт он аз хеш сер,
Гуфт: «Бинмо, ё фитодам ман ба зер».
Гуфт: «Н-омад мӯҳлати он макрумат
В-ар фурӯ афтӣ, намирӣ, накшамат».
ӯ фурӯ афганд худро аз вадод,
Дар миёни умқи обе уфтод.
Чун намурд аз нукс он ҷонсер мард,
Аз фироқи марг бар худ навҳа кард.
К-ин ҳаёт ӯро чу марге менамуд,
Кор пешаш божгуна гашта буд.
Мавтро аз ғайб мекард ӯ кадӣ,
«Инна фӣ мавтӣ ҳаётӣ» мезадӣ.
Мавтро чун зиндагӣ қобил шуда,
Бо ҳалоки ҷони худ якдил шуда.
Сайфу ханҷар чун Алӣ райҳони ӯ,
Наргису насрин адувви ҷони ӯ.
Бонг омад: «Рав зи саҳро сӯйи шаҳр»,
Бонги турфа аз вароӣ сирру ҷаҳр.
Гуфт: «Эй донои розам мӯ ба мӯ,
Чӣ кунам дар шаҳр аз хидмат? Бигӯ».
Гуфт: «Хидмат он ки баҳри зулли нафс
Хешро созӣ ту чун Аббоси Дабс.
Муддате аз ағниё зар меситон,
Пас ба дарвешони мискин мерасон.
Хидматат ин аст, то якчанд гоҳ»,
Гуфт: «Самъан тоатан, эй ҷонпаноҳ!»

Бас суолу бас ҷавобу моҷаро
Буд миёни зоҳиду раббулваъо.
Ки замину осмон пурнур шуд,
Дар мақолот он ҳама мазкур шуд.
Лек кӯтаҳ кардам он гуфторро,
То нанӯшад ҳар хасе асрорро.

Омадани шайх баъд аз чандин сол аз биёбон ба шаҳри Ғазнин ва занбил гардонидан ба ишорати ғайбӣ ва тафриқа кардани он чӣ ҷамъ ояд бар фуқаро:
Ҳар киро ҷони иззи лаббайк аст,
Нома бар нома, пайк бар пайк аст.
Чунонки равзани хона боз бошад, офтобу моҳтоб ва борону нома ва ғайра мунқатеъ набошад

Рӯ ба шаҳр овард он фармонпазир,
Шаҳри Ғазнин гашт аз рӯяш мунир.
Аз фараҳ халқе ба истиқбол рафт,
ӯ даромад аз раҳи дуздида тафт.
Ҷумла аъёну меҳон бархостанд,
Қасрҳо аз баҳри ӯ оростанд.
Гуфт: «Ман аз худнамоӣ н-омадам,
Ҷуз ба хориву гадоӣ н-омадам.
Нестам дар азми қолу қил ман,
Дар ба дар гардам ба каф занбил ман.
Бандафармонам, ки амр аст аз Худо,
Ки гадо бошам, гадо бошам, гадо.
Дар гадоӣ лафзи нодир н-оварам,
Ҷуз тариқи хасгадоён наспарам.
То шавам ғарқай мазаллат ман тамом,
То сақатҳо бишнавам аз хосу ом.
Амри Ҳақ ҷон асту ман онро табаъ,
ӯ тамаъ фармуд «зала, ман тамаъ».
Чун тамаъ хоҳад зи ман султони дин,
Хок бар фарқи қаноат баъд аз ин.
ӯ мазаллат хост, кай иззат танам?
ӯ гадоӣ хост, кай мирӣ кунам?
Баъд аз ин кадду мазаллат, ҷони ман,

Бист Аббосанд дар анбони ман».
Шайх бармегашт занбиле ба даст:
«Шайъулиллаҳ, хоҷа! Тавфиқет ҳаст?»
Бартар аз курсиву арш асрори ӯ,
«Шайъулиллаҳ, шайъулиллаҳ» кори ӯ.
Анбиё ҳар як ҳамин фан мезананд,
Халқ муфлис, кудя эшон мекунанд.
«Ақризуллаҳ, ақризуллаҳ» мезананд,
Божгун бар «унсуруллаҳ» метананд.
Дар ба дар ин шайх меорад ниёз,
Бар фалак сад дар барои шайх боз
К-он гадоӣ, ки ба ҷид мекард ӯ,
Баҳри Яздон буд, на аз баҳри гулӯ.
В-ар бикардӣ низ аз баҳри гулӯ,
Он гулӯ аз нури Ҳақ дорад ғулӯ.
Дар ҳақи ӯ хӯрди нону шаҳду шир
Беҳ зи чилла в-аз зи рӯзай сад фақир.
Нур менӯшад, магӯ нон меха(в)рад,
Лола мекорад, ба сурат мечарад.
Чун шароре, к-ӯ хурад равған зи шамъ,
Нур афзояд зи хӯрдаш баҳри ҷамъ.
Нонхуреро гуфт Ҳақ: «ло тусрифу»,
Нур хӯрданро нагуфтаст: «иктифу».
Он гулӯи ибтило буд в-ин гулӯ
Фориғ аз исрофу омин аз ғулӯ.
Амру фармон буд, на ҳирсу тамаъ,
Ончунон ҷон ҳирсро набвад табаъ.
Гар бигӯяд кимиё мисро: «Бидеҳ
Ту ба ман худро», тамаъ набвад фиреҳ.
Ганҷҳои хок то ҳафтум табақ
Арза карда буд пеши шайх Ҳақ.
Шайх гуфто: «Холиқо, ман ошиқам,
Гар биҷӯям ғайри ту, ман фосиқам.
Ҳашт ҷаннат гар дарорам дар назар
В-ар кунам хидмат ман аз хавфи сақар.
Мӯъмине бошам саломатҷӯй ман,
З-он ки ин ҳар ду бувад ҳаззи бадан».

Ошиқе, к-аз ишқи Яздон хӯрд қут,
Сад бадан пешаш наярзад тарратут.
В-ин бадан, ки дорад он шайхи фитан,
Чизи дигар гашт, кам хонаш бадан.
Ошиқи ишқи Худо в-он гоҳ музд?
Ҷабрайили мӯътаман в-он гоҳ дузд?
Ошиқи он Лайлии кӯру кабуд,
Мулки олам пеши ӯ як тарра буд.
Пеши ӯ яксон шуда буд хоку зар,
Зар чӣ бошад, ки набуд ҷонро хатар.
Шеру гургу дад аз ӯ воқиф шуда,
Ҳамчу хешон гирди ӯ гирд омада,
К-ин шудаст аз хӯйи ҳайвон пок пок,
Пур зи ишқу лаҳму шаҳмаш заҳрнок.
Заҳри дад бошад шакаррези хирад,
З-он ки неки нек бошад зидди бад.
Лаҳми ошиқро наёрад хӯрди дад,
Ишқ маъруф аст пеши неку бад.
В-ар хурад худ филмасал дому дадаш,
Гӯшти ошиқ захр гардад, букшадаш.
Ҳар чӣ ҷуз ишқ аст, шуд маъкули ишқ,
Дар ҷаҳон якдона пеши нули ишқ.
Донае мар мурғро ҳаргиз х(в)арад?
Коҳдон мар асбро ҳаргиз чарад?
Бандагӣ кун, то шавӣ ошиқ лаъал,
Бандагӣ касбест, ояд дар амал.
Банда озодӣ тамаъ дорад зи ҷад,
Ошиқ озодӣ нахоҳад то абад.
Банда доим хилъату идрорҷӯст,
Хилъати ошиқ ҳама дидори дӯст.
Дарнагунҷад ишқ дар гуфту шунид,
Ишқ дарёест, қаъраш нопадид.
Қатраҳои баҳрро натвон шумурд,
Ҳафт дарё пеши он баҳр аст хурд.
Ин сухан поён надорад, эй фалон,
Бозрав дар қиссаи шайхи замон.

Дар маънии «лав лока ламо халақту-л-афлок»
Шуд чунин шайхе гадои кӯ ба кӯ,
Ишқ омад лоуболӣ, «иттақу».
Ишқ ҷӯшад баҳрро монанди дег,
Ишқ сояд кӯҳро монанди рег.
Ишқ бишкофад фалакро сад шикоф,
Ишқ ларзонад заминро аз газоф.
Бо Муҳаммад буд ишқи пок ҷуфт,
Баҳри ишқи ӯ Худо «лавлок» гуфт.
Мунтаҳо дар ишқ чун ӯ буд фард,
Пас мар ӯро з-анбиё тахсис кард:
Гар набудӣ баҳр ишқи покро,
Кай вуҷуде додаме афлокро?
Ман бад-он афроштам чархи санӣ,
То улувви ишқро фаҳме кунӣ.
Манфиатҳои дигар ояд зи чарх,
Он чу байза тобеъ ояд, ин чу фарх.
Хокро ман хор кардам яксарӣ,
То зи хорий ошиқон бӯйе барӣ.
Хокро додем сабзиву навӣ,
То зи табдили фақир огаҳ шавӣ.
Бо ту гӯянд ин ҷиболи росиёт,
Васфи ҳоли ошиқон андар субот.
Гарчи он маънист в-ин нақш, эй писар,
То ба фаҳми ту кунад наздиктар.
Ғуссаро бо хор ташбеҳе кунанд,
Он набошад, лек танбеҳе кунанд.
Он дили қосӣ, ки сангаш хонданд,
Номуносиб буд, мисоле ронданд.
Дар тасаввур дарнаёяд айни он,
Айб бар тасвир неҳ, нафйаш мадон.

Рафтани ин шайх дар хонаи амире баҳри гидя, дар як рӯз чаҳор бор бо занбил ба ишорати ғайб ва итоб кардани амир ӯро бад-он вақоҳат ва узр гуфтани ӯ амирро
Шайх рӯзе чор каррат чун фақир
Баҳри кудя рафт дар қасри амир.

Дар кафаш занбилу шайлиллаҳзанон,
Холиқи ҷон мебиҷӯяд тои нон.
Наълҳои божгуна-ст, эй писар,
Ақли куллиро кунад ҳам хирасар.
Чун амираш дид, гуфташ: «Эй ваqеҳ,
Гӯямат чизе, манеҳ номам шаҳеҳ.
Ин чӣ сағриву чӣ рӯй асту чӣ кор?
Ки ба рӯзе андарой чор бор.
Кист ин ҷо шайх! Андар банди ту?
Ман надидам наргадо монанди ту.
Ҳурмату оби гудоён бурдаӣ,
Ин чӣ аббосии зишт овардаӣ?
Ғошия бар дӯши ту Аббоси Дабс,
Ҳеч мулҳидро мабод ин нафси наҳс».
Гуфт: «Амиро, бандафармонам, хамӯш,
З-оташам огаҳ найӣ, чандин маҷӯш.
Баҳри нон дар хеш ҳирсе дидаме,
Ишками нонхоҳро бидридаме.
Ҳафт сол аз сӯзи ишқи ҷисмпаз
Дар биёбон хӯрдаам ман барги раз.
То зи барги хушку тоза хӯрданам
Сабз гашта буд ин ранги танам.
То ту бошӣ дар ҳиҷоби Булбашар,
Сарсарӣ дар ошиқон камтар нигар.
Зиракон, ки мӯйҳо бишкофтанд,
Илми ҳайатро ба ҷон дарёфтанд.
Илми норанҷоту сеҳру фалсафа,
Гарчи нашносанд «ҳаққа-л-маърифа»,
Лек кӯшиданд то имкони худ,
Баргузаштанд аз ҳама ақрони худ.
Ишқ ғайрат карду з-эшон даркашид,
Шуд чунин хуршед з-эшон нопадид.
Нури чашме, к-ӯ ба рӯз истора дид
Офтобе, чун аз ӯ рӯ даркашид?
З-ин гузар кун, панди ман багзир, ҳин,
Ошиқонро ту ба чашми ишқ бин.
Вақт нозук бошаду ҷон дар расад,

Бо ту натвон гуфт он дам узри х(в)ад.
Фаҳм кун, мавқуфи он гуфтан мабош,
Синаҳои ошиқонро кам харош.
На гумоне бурдаӣ ту з-ин нишот?
Ҳазмро магзор, мекун эҳтиёт.
Воҷиб асту ҷоиз асту мустаҳил,
Ин васатро гир дар ҳазм, эй дахил!»

Гирён шудани амир аз насиҳати шайх ва акси сидқи ӯ ва исор кардани махзан баъд аз он густохӣ ва истеъсоми шайх ва қабул нокардан ва гуфтан, ки ман бе ишорат наёрам тасарруфе кардан

Ин бигуфту гиря – дар шуд ҳой-ҳой,
Ашк ғалтон бар рухи ӯ ҷой-ҷой.
Сидқи ӯ ҳам бар замири мир зад,
Ишқ ҳар дам турфа деге мепазад.
Сидқи ошиқ бар ҷамодӣ метанад,
Чӣ аҷаб гар бар дили доно занад?
Сидқи Мӯсо бар асову кӯҳ зад,
Балки бар дарёи пуришкӯҳ зад.
Сидқи Аҳмад бар ҷамоли моҳ зад,
Балки бар хуршеди рахшон роҳ зад.
Рӯ ба рӯ оварда, ҳар ду дар нафир,
Гашта гирён ҳам амиру ҳам фақир.
Соате бисёр чун бигристанд,
Гуфт мир ӯро, ки хез, эй арҷманд!
Ҳар чӣ хоҳӣ, аз хизона баргузин,
Гарчи истеҳқоқ дорӣ сад чунин.
Хона они туст, ҳар чи-т майл ҳаст
Баргузин, худ ҳар ду олам андак аст».
Гуфт: «Дастуре надодандам чунин,
Ки ба дасти хеш чизе баргузин.
Ман зи худ натвонам ин кардан фузул,
Ки кунам ман ин дахилона духул».
Ин баҳона карду мӯҳра даррабуд,
Монеъ он буд, к-он ато содиқ набуд.
На, ки содиқ буду пок аз ғиллу хашм,
Шайхро ҳар сидқ менояд ба чашм.

Гуфт: «Фармонам чунин додаст Илоҳ,
Ки гадоёна бирав, ноне бихоҳ.

Ишорат омадан аз ғайб ба шайх, ки ин ду сол ба фармон, бистадиву бидодӣ, баъд аз ин бидеҳу маситон, даст зери ҳасир мекун, ки онро чун анбони Бӯҳурайра кардем дар ҳаққи ту, ҳар чӣ хоҳӣ биёбӣ, то яқин шавад оламиёнро, ки варои ин оламест, ки хок ба каф гирӣ, зар шавад, мурда дар ӯ ояд, зинда шавад, наҳси акбар дар вай ояд, саъди акбар шавад, куфр дар ӯ ояд, имон гардад, заҳр дар ӯ ояд, тарёқ шавад. На дохили ин олам аст ва на хориҷи ин олам, на таҳту на фавқ, на муттасил, на мунфасил, бе чуну бе чигуна ҳар дам аз ӯ ҳазорон асар ва намуна зоҳир мешавад, чунонки санъати даст бо сурати даст ва ғамзаи чашм бо сурати чашм ва фасоҳати забон бо сурати забон на дохил аст ва на хориҷи ӯ, на муттасил ва на мунфасил, «ва-л-оқилу якфиҳу-л-ишорат»
То ду сол ин кор кард он марди кор,
Баъд аз он амр омадаш аз кирдгор:
«Баъд аз ин медеҳ, вале аз кас махоҳ,
Мо бидодемат зи ғайб ин дастгоҳ.
Ҳар кӣ хоҳад аз ту, аз як то ҳазор,
Даст дар зери ҳасире кун, барор.
Ҳин, зи ганҷи раҳмати бемар бидеҳ,
Дар кафи ту хок гардад зар, бидеҳ.
Ҳар чӣ хоҳандат, бидеҳ, мандеш аз он,
Доди Яздонро ту беш аз беш дон.
Дар атои мо на таҳшиpõ на кам,
На пушаймонӣ, на ҳасрат з-ин карам.
Даст зери бӯрё кун, эй санад,
Аз барои рӯйпӯши чашми бад.
Пас зи зери бӯрё пур кун ту мушт,
Деҳ ба дасти соили бишкастапушт.
Баъд аз ин аз аҷри номамнун бидеҳ,
Ҳар кӣ хоҳад гавҳари макнун, бидеҳ.
Рав, «ядуллаҳ фавқа айдиҳим» ту бош,
Ҳамчу дасти Ҳақ газофи зарқ пош.
Вомдоронро зи ӯҳда вораҳон,
Ҳамчу борон сабз кун фарши ҷаҳон».
Буд як соли дигар кораш ҳамин,
Ки бидодӣ зар зи кисай рабби дин.

Зар шудӣ хоки сияҳ андар кафаш,
Ҳотами Тоӣ гадое дар сафаш.

Донистани шайх замири соилро бе гуфтан ва донистани қадри воми вомдорон бе гуфтан, ки нишони он бошад, ки «ухруҷ бисифоти ило халқи»

Ҳоҷати худ гар нагуфтӣ он фақир
ӯ бидодиву бидонистӣ замир.
Он чӣ дар дил доштӣ он пуштхам,
Қадри он додӣ бад-ӯ, на бешу кам.
Пас бигуфтандӣ: «Чӣ донистӣ, ки ӯ
Ин қадар андеша дорад? Эй аму!»
ӯ бигуфтӣ: «Хонаи дил хилват аст,
Холӣ аз кудя, мисоли ҷаннат аст.
Андар ӯ ҷуз ишқи Яздон кор нест,
Ҷуз хаёли васли ӯ дайёр нест.
Хонаро ман рӯфтам аз неку бад,
Хонаам пурр аст аз ишқи аҳад.
Ҳар чӣ бинам андар ӯ ғайри Худо,
Они ман набвад, бувад акси гадо.
Гар дар обе нахл ё урҷун намуд,
Ҷуз зи акси нахлаи берун набуд.
Дар таги об ар бибинӣ сурате,
Акси берун бошад он нақш, эй фатӣ.
Лек то об аз қазӣ холӣ шудан,
Танқия шарт аст дар ҷӯйи бадан,
То намонад тирагиву хас дар ӯ,
То амин гардад, намояд акси рӯ.
Ҷуз гилоба дар танат, ку, эй муқил,
Об софӣ кун зи гил, эй хасми дил!
Ту бар онӣ ҳар даме, к-аз хобу х(в)ар
Хок резӣ андар ин ҷӯ бештар».

Сабаби донистани замирҳои халқ

Чун дили он об з-инҳо холӣ аст,
Акси рӯҳо аз бурун дар об ҷаст.
Пас, туро ботин мусаффо ношуда,
Хона пур аз деву насносу дада.

Эй харе з-истеза монда дар харӣ,
Кай зи арвоҳи Масеҳе бӯ барӣ?
Кай шиносӣ, гар хаёле сар кунад,
К-аз кадомин макмане сар баркунад?
Чун хаёле мешавад, дар зӯҳд тан
То хаёлот аз даруна рӯфтан.

Ғолиб шудани макри рӯбаҳ бар истеъсоми хар
Хар басе кӯшиду ӯро дафъ гуфт,
Лек ҷӯъулкалб бо хар буд ҷуфт.
Ғолиб омад ҳирсу сабраш буд заъиф,
Бас гулӯҳо, ки бурад ишқи рағиф.
З-он расулӣ, к-иш ҳақоиқ дод даст,
«Кода фақрун ан якун куфр» омадаст.
Гашта буд он хар маҷоатро асир,
Гуфт: «Агар макр аст, як раҳ мурда гир.
З-ин азоби ҷӯъ боре вораҳам,
Гар ҳаёт ин аст, ман мурда беҳам».
Гар хар аввал тавбаву савганд х(в)ард,
Оқибат ҳам аз харӣ хабте бикард.
Ҳирс кӯру аҳмаку нодон кунад,
Маргро бар аҳмақон осон кунад.
Нест осон марг бар ҷони харон,
Ки надоранд оби ҷони ҷовидон.
Чун надорад ҷони ҷовид, ӯ шақист,
Ҷуръати ӯ бар аҷал аз аҳмақист.
Ҷаҳд кун, то ҷон мухаллад гардадат,
То ба рӯзи марг барге бошадат.
Эътимодаш низ бар розиқ набуд,
Ки барафшонад бар ӯ аз ғайб ҷуд.
То кунунаш фазл берӯзӣ надошт,
Гарчи гаҳ-гаҳ бар танаш ҷӯъе гумошт.
Гар набошад ҷӯъ, сад ранҷи дигар
Аз пайи ҳайза барорад аз ту сар.
Ранҷи ҷӯъ авло бувад худ з-он илал,
Ҳам ба лутфу ҳам ба хиффат, ҳам амал.
Ранҷи ҷӯъ аз ранҷҳо покизатар,

Хоса дар ҷӯъ аст сад нафъу ҳунар.

Дар баёни фазилати эҳтимо ва ҷӯъ
Ҷӯъ худ султони доруҳост, ҳин,
Ҷӯъ дар ҷон неҳ, чунин хораш мабин.
Ҷумла нохуш аз маҷоъат хуш шудаст,
Ҷумла хушҳо бе маҷоъатҳо рад аст.
Он яке мехӯрд нони фахфара,
Гуфт соил: «Чун бад-ин астат шара?»
Гуфт: «Ҷӯъ аз сабр чун дуто шавад,
Нони ҷав дар пеши ман ҳалво шавад.
Пас тавонам, ки ҳама ҳалво х(в)арам,
Чун кунам сабре, сабурам лоҷарам».
Худ набошад ҷӯъ ҳар касро забун,
К-ин алафзорест з-андоза бурун.
Ҷӯъ мар хосони Ҳақро додаанд,
То шаванд аз ҷӯъ шери зӯрманд.
Ҷӯъ ҳар ҷилфи гадоро кай диҳанд?
Чун алаф кам нест, пеши ӯ ниҳанд.
Ки бихур, ки ҳам бад-ин арзонӣ,
Ту найӣ мурғоб, мурғи нонӣ.

Ҳикояти муриде, ки шайх аз ҳирсу замири ӯ воқиф шуд, ӯро насиҳат кард ба забон ва дар зимни насиҳат қуввати таваккул бахшидаш ба амр
Шайх мешуд бо муриде бедиранг
Сӯйи шаҳре, нон бад-он ҷо буд танг.
Тарси ҷӯъу қаҳт дар фикри мурид
Ҳар даме мегашт аз ғафлат падид.
Шайх огаҳ буду воқиф аз замир,
Гуфт ӯро: «Чанд бошӣ дар заҳир?
Аз барои ғуссаи нон сӯхтӣ,
Дидаи сабру таваккул дӯхтӣ.
Ту найӣ з-он нозанинони азиз,
Ки туро доранд беҷавзу мавиз.
Ҷӯъ ризқи ҷони хосони Худост,
Кай забуни ҳамчу ту гиҷи гадост?
Бош фориғ, ту аз онҳо нестӣ,

Ки дар ин матбах ту бенон бистӣ.
Коса бар косасту нон бар нон мудом
Аз барои ин шикамхорони ом.
Чун бимирад, меравад нон пеш-пеш,
К-эй зи бими бенавоӣ гашта хеш!
Ту бирафтӣ, монд нон, бархез, гир,
Эй бикушта хешро андар заҳир!
Ҳин, таваккул кун, маларзон пову даст,
Ризқи ту бар ту зи ту ошиқтар аст.
Ошиқ асту мезанад ӯ мул-мул,
Ки зи бесабрит донад, эй фузул!
Гар туро сабре будӣ, ризқ омадӣ,
Хештан чун ошиқон бар ту задӣ.
Ин таби ларза зи хавфи ҷӯъ чист?
Дар таваккул сер метонанд зист.

Ҳикояти он гов, ки танҳо дар ҷазираест бузург, Ҳақ таъоло он ҷазираи бузургро пур кунад аз набот ва раёҳин, ки алафи гов бошад, то ба шаб он гов ҳамаро бихӯрад ва фарбеҳ шавад чун кӯҳпорае, чун шаб шавад, хобаш набарад аз ғуссаву хавф, ки ҳамаи саҳроро чаридам, фардо чӣ хӯрам? То аз ин ғусса лоғар шавад ҳамчун хилол, рӯз бархезад ҳамаи саҳроро сабзтар ва анбӯҳтар бинад аз дӣ, боз бихӯрад ва фарбеҳ шавад, боз шабаш ҳамон ғам бигирад. Солҳост, ки ӯ ҳамчунин мебинад ва эътимод намекунад
Як ҷазирай сабз ҳаст андар ҷаҳон,
Андар ӯ говест танҳо хушдаҳон.
Ҷумла саҳроро чарад ӯ то ба шаб,
То шавад зафту азиму мунтаҷаб.
Шаб зи андеша, ки фардо чӣ х(в)арам?
Гардад ӯ чун тори мӯ лоғар зи ғам.
Чун барояд субҳ, гардад сабз дашт,
То миён руста қасили сабзу кашт.
Андарафтад гов бо ҷӯъулбақар,
То ба шаб онро чарад ӯ сар ба сар.
Боз зафту фарбеҳу ламтур шавад,
Он танаш аз пиҳу қувват пур шавад.
Боз шаб андар таб афтад аз фазаъ,
То шавад лоғар зи хавфи мунтаҷаъ.

Ки чӣ хоҳам хӯрд фардо вақти х(в)ар?
Солҳо ин аст кори он бақар.
Ҳеч нандешад, ки чандин сол ман
Мехурам з-ин сабзазору з-ин чаман.
Ҳеч рӯзе кам наёмад рӯзиам,
Чист ин тарсу ғаму дилсӯзиам?
Боз чун шаб мешавад, он гови зафт
Мешавад лоғар, ки о ваҳ! Ризқ рафт.
Нафс он гов асту он дашт ин ҷаҳон,
К-ӯ ҳаме лоғар шавад аз хавфи нон.
Ки чӣ хоҳам хӯрд мустақбал? Аҷаб!
Лути фардо аз куҷо созам талаб?
Солҳо хӯрдиву кам н-омад зи х(в)ар,
Тарси мустақбал куну мозӣ нигар.
Луту пути хӯрдаро ҳам ёд ор,
Мангар андар ғобиру кам бош зор.

Сайд кардани шер он харро ва ташна шудани шер аз кӯшиш. Рафт ба чашма, то об хӯрад, то боз омадани шер ҷигарбанду дил ва гурдаро рӯбоҳ хӯрда буд, ки латифтар аст. Шер талаб кард, дилу ҷигар наёфт. Аз рӯбоҳ пурсид, ки ку дилу ҷигар? Рӯбаҳ гуфт: «Агар ӯро дилу ҷигар будӣ, ончунон сиёсате дида буд он рӯз ва ба ҳазор ҳила ҷон бурда, кай бари ту бозомадӣ?» «Лав кунно насмаъу ав наъқилу, мо кунно фӣ асҳоби-с-саъир»

Бурд харро рӯбаҳак то пеши шер,
Пора-пора кардаш он шери далер.
Танша шуд аз кӯшиш он султони дад,
Рафт сӯйи чашма, то обе хурад.
Рӯбаҳак хӯрд он ҷигарбанду дилаш,
Он замон чун фурсате шуд ҳосилаш.
Шер чун вогашт аз чашма ба х(в)ар,
Ҷуст дар хар дил, на дил буд, на ҷигар.
Гуфт рӯбаҳро: «Ҷигар ку? Дил чӣ шуд?
Ки набошад чонварро з-ин ду буд».
Гуфт: «Гар будӣ варо дил, ё ҷигар,
Кай бад-ин ҷо омадӣ бори дигар?
Он қиёмат дида буду растахез
В-он зи кӯҳ афтодану ҳавлу гурез.

Гар ҷигар будӣ варо, ё дил будӣ,
Бори дигар кай бари ту омадӣ?»
Чун набошад нури дил, дил нест он,
Чун набошад рӯҳ, ҷуз гил нест он.
Он зуҷоҷе, к-ӯ надорад нури ҷон,
Бавлу қорура-ст, қандилаш махон.
Нури мисбоҳ аст доди зулҷалол,
Санъати халқ аст он шиша-в сафол.
Лоҷарам дар зарф бошад эътидод,
Дар лаҳабҳо набвад илло иттиҳод.
Нури шаш қиндил чун омехтанд,
Нест андар нурашон аъдоду чанд.
Он ҷуҳуд аз зарфҳо мушрик шудаст,
Нур дид он мӯъмину мудрик шудаст.
Чун назар бар зарф афтад рӯҳро,
Пас ду бинад Шисрову Нӯҳро.
Ҷӯ, ки обаш ҳаст, ҷӯ худ он бувад,
Одамӣ он аст, к-ӯро ҷон бувад.
Ин на мардонанд, инҳо суратанд,
Мурдаи нонанду куштаи шаҳватанд.

Ҳикояти он роҳиб, ки рӯз бо чароғ мегашт дар миёни бозор аз сари ҳолате, ки ӯро буд

Он яке бо шамъ бармегашт рӯз,
Гирди бозоре, дилаш пуришқу сӯз.
Булфузуле гуфт ӯро, к-эй фалон,
Ҳин, чӣ меҷӯйӣ ба сӯйи ҳар дукон?
Ҳин, чӣ мегардӣ ту ҷӯён бо чароғ
Дар миёни рӯзи равшан? Чист лоғ?»
Гуфт: «Меҷӯям ба ҳар сӯ одаме,
Ки бувад ҳайй аз ҳаёти он даме.
Ҳаст марде?» Гуфт: «Ин бозор пур
Мардумонанд охир, эй донои ҳур!»
Гуфт: «Хоҳам мард, бар ҷодаи дураҳ,
Дар раҳи хашму ба ҳангоми шараҳ.
Вақти хашму вақти шаҳват, мард ку?
Толиби марде давонам кӯ ба кӯ.

Ку дар ин ду ҳол марде дар ҷаҳон?
То фидои ӯ кунам имрӯз ҷон».
Гуфт: «Нодир чиз меҷӯйӣ, валек
Ғофил аз ҳукму қазоӣ, бин ту нек.
Нозири фаръӣ, зи асле бехабар,
Фаръ моем, асл аҳкоми қадар».
Чархи гардонро қазо гумраҳ кунад,
Сад Уторидро қазо аблаҳ кунад.
Танг гардонад ҷаҳони чораро,
Об гардонад ҳадиду хорaро.
Эй қароре дода раҳро гом-гом,
Хоми хомӣ, хоми хомӣ, хоми хом.
Чун бидидӣ гардиши сангосиё,
Оби ҷӯро ҳам бибин охир, биё.
Хокро дидӣ, баромад дар ҳаво?
Дар миёни хок бингар бодро.
Дегҳои фикр мебинӣ ба ҷӯш?
Андар оташ ҳам назар мекун ба ҳуш.
Гуфт Ҳақ Айюбро: «Дар макрумат,
Ман ба ҳар мӯет сабре додамат.
Ҳин, ба сабри худ макун чандин назар,
Сабр дидӣ? Сабр доданро нигар».
Чанд бинӣ гардиши дӯлобро?
Сар бурун кун, ҳам бибин тезобро.
Ту ҳамегӯйӣ, ки мебинам, валек
Диди онро бас аломатҳост нек.
Гардиши кафро чу дидӣ мухтасар,
Ҳайратат бояд, ба дарё дарнигар.
Он ки кафро дид, сиргӯён бувад
В-он ки дарё дид, ӯ ҳайрон бувад.
Он ки кафро дид, нийятҳо кунад
В-он ки дарё дид, дил дарё кунад.
Он ки кафҳо дид, бошад дар шумор
В-он ки дарё дид, шуд беихтиёр.
Он ки ӯ каф дид, дар гардиш бувад
В-он ки дарё дид, ӯ беғиш бувад.

Даъват кардани мусулмонон муғро
Мар муғеро гуфт марде, к-эй фалон,
Ҳин, мусулмон шав, бибош аз мӯъминон».
Гуфт: «Агар хоҳад Худо, мӯъмин шавам
В-ар физояд фазл, ҳам мӯқин шавам».
Гуфт: «Мехоҳад Худо имони ту,
То раҳад аз дасти дӯзах ҷони ту.
Лек нафси наҳсу он шайтони зишт
Мекашандат сӯйи куфрону куништ».
Гуфт: «Эй мунсиф, чу эшон ғолибанд,
Ёри ӯ бошам, ки бошад зӯрманд.
Ёри он тонам будан, к-ӯ ғолиб аст,
Он тараф афтам, ки ғолиб ҷозиб аст.
Чун Худо мехост аз ман сидқи зафт,
Хости ӯ чӣ суд? Чун пешаш нарафт.
Нафсу шайтон хости худро пеш бурд
В-он иноят қаҳр гашту хурду мурд.
Ту яке қасру саройе сохтӣ,
Андар ӯ сад нақши хуш афрохтӣ.
Хостӣ масҷид бувад он ҷойи хайр,
Дигаре омад, мар онро сохт дайр.
Ё ту бофидӣ яке карбос, то
Хуш бисозӣ баҳри пӯшидан қабо.
Ту қабо мехостӣ, хасм аз набард
Рағми ту карбосро шалвор кард.
Чораи карбос чӣ бвад ҷони ман!
Ҷуз забуни ройи он ғолиб шудан?
ӯ забун шуд, ҷурми ин карбос чист?
Он ки ӯ мағлуби ғолиб нест, кист?
Чун касе бе хости ӯ бар вай биронд,
Хорбун дар мулку хонай ӯ нишонд.
Соҳиби хона бад-ин хорӣ бувад,
Ки чунин бар вай халоқат меравад.
Ҳам халақ гардам ман, ар тоза-в навам,
Чунки ёри инчунин хорӣ шавам.
Чунки хоҳӣ, нафс омад мустаъон,
Тасхур омад: «айша шоъаллоҳу кон?»

Ман агар нанги муғон ё кофирам,
Он наям, ки бар Худо ин зан барам.
Ки касе нохоҳи ӯву рағми ӯ
Гардад андар мулкати ӯ ҳукмҷӯ!
Мулкати ӯро фурӯ гирад чунин,
Ки наёрад дам задан дамофарин!
Дафъи ӯ мехоҳаду мебоядаш,
Дев ҳар дам ғусса меафзоядаш!
Бандаи ин дев мебояд шудан,
Чунки ғолиб ӯст дар ҳар анҷуман.
То мабодо, к-ин кашад шайтон зи ман,
Пас чӣ дастам гирад он ҷо зулминан?
Он ки ӯ хоҳад, муроди ӯ шавад,
Аз кӣ кори ман дигар некӯ шавад?»

Масали шайтон бар дари раҳмон
«Ҳошалиллаҳ, айша шоаллоҳу кон»
Ҳоким омад дар макону ломакон.
Ҳеч кас дар мулки ӯ бе амри ӯ
Дарнаяфзояд сари як тои мӯ.
Мулк мулки ӯст, фармон они ӯ,
Камтарин саг бар дар он шайтони ӯ.
Туркмонро гар саге бошад ба дар,
Бар дараш бинҳода бошад рӯву сар.
Кӯдакони хона думмаш мекашанд,
Бошад андар дасти тифлон хорманд.
Боз агар бегонае маъбар кунад,
Ҳамла бар вай ҳамчу шери нар кунад.
Ки «ашиддоъу ала-л-куффор» шуд,
Бо валӣ гул, бо адӯ чун хор шуд.
З-оби тутмоҷе, ки додаш туркмон,
Ончунон вофӣ шудасту посбон.
Пас, саги шайтон, ки Ҳақ ҳасташ кунад,
Андар ӯ сад фикрату ҳилат танад.
Обрӯҳоро ғизои ӯ кунад,
То барад ӯ обрӯйи неку бад.
Оби тутмоҷ аст оби рӯйи ом,

Ки саги шайтон аз ӯ ёбад таъом.
Бар дари хиргоҳи қудрат ҷони ӯ
Чун набошад ҳукмро қурбон? Бигӯ.
Галла-галла аз мурида аз марид,
Чун саги босит «зироъа би-л-васид».
Бар дари Каҳфи улуҳийят чу саг
Зарра-зарра амрҷӯ, барҷастараг.
Эй саги дев, имтиҳон мекун, ки то
Чун дар ин раҳ мениҳанд ин халқ по?
Ҳамла мекун, манъ мекун, менигар,
То ки бошад мода андар сидқу нар.
Пас «аъуз» аз баҳри чӣ бошад чу саг,
Гашта бошад аз тарафффӯъ тезтаг?
Ин «аъуз» он аст, к-эй турки Хито!
Бонг барзан бар сагат, раҳ баргушо.
То биёям бар дари хиргоҳи ту,
Ҳоҷате хоҳам зи ҷуду ҷоҳи ту».
Чунки турк аз сатвати саг оҷиз аст,
Ин «аъуз»-у ин фиғон ноҷоиз аст.
Турк ҳам гӯяд: «Аъуз» аз саг, ки ман
Ҳам зи саг дармондаам андар ватан.
Ту намеёрӣ бар ин дар омадан,
Ман намеёрам зи дар берун шудан».
Хок акнун бар сари турку қунуқ,
Ки яке саг ҳар дуро бандад унуқ.
Ҳошалиллаҳ, турк бонге барзанад,
Саг чӣ бошад? Шери нар хун қай кунад.
Эй ки худро шери Яздон хондаӣ,
Солҳо шуд бо саге дармондаӣ.
Чун кунад ин саг барои ту шикор?
Чун шикори саг шудастӣ ошкор.

Ҷавоб додани мӯъмини суннӣ кофири ҷабриро ва дар исботи ихтиёри банда далел гуфтан. Суннат роҳе бошад кӯфтаи иқдоми анбиё алайҳимуссалом. Бар ямини он роҳ биёбони ҷабр, ки худро ихтиёр набинад ва амру наҳйро мункир шавад ва таъвил кунад ва аз мункир шудани амру наҳй лозим ояд инкори биҳишт, ки биҳишт ҷазои мутеъони амр аст ва дӯзах ҷазои мухолифони амр ва

дигар нагӯям ба чӣ анҷомад, ки «ал-оқилу якфиҳ ал-ишорат» ва бар бисёри он роҳи биёбони қадр аст, ки қудрати холиқро мағлуби қудрати халқ донад ва аз он фасодҳо зояд, ки он муғи ҷабрӣ бармешумурд
Гуфт мӯъмин: «Бишнав, эй ҷабрӣ, хитоб,
Они худ гуфтӣ, нак овардам ҷавоб.
Бозии худ дидӣ, эй шатранҷбоз!
Бозии хасмат бибин паҳну дароз.
Номаи узри худат бархондӣ,
Номаи суннӣ бихон, чӣ мондӣ?
Нукта гуфтӣ, ҷабриёна дар қазо,
Сирри он бишнав зи ман дар моҷаро.
Ихтиёре ҳаст моро бегумон,
Ҳисро мункир натонӣ шуд аён.
Сангро ҳаргиз бигӯяд кас биё?
Аз кулӯхе кас куҷо ҷӯяд вафо?
Одамиро кас нагӯяд, ҳин, бипар,
Ё биё, эй кӯр, ту дар ман нигар.
Гуфт Яздон: «Мо ала-л-аъмо ҳараҷ»,
Кай ниҳад бар кас «ҳараҷ раббу-л-фараҷ?»
Кас нагӯяд сангро дер омадӣ,
Ё ки чӯбо, ту чаро бар ман задӣ?
Инчунин воҷустҳо маҷбурро
Кас бигӯяд? Ё занад маъзурро?
Амру наҳйу хашму ташрифу итеб
Нест ҷуз мухторро, эй покҷеб!
Ихтиёре ҳаст дар зулму ситам,
Ман аз ин шайтону нафс ин хостам.
Ихтиёр андар дарунат сокин аст,
То надид ӯ Юсуфе, кафро нахаст.
Ихтиёру доъия дар нафс буд,
Рӯш дид, он гаҳ пару боле гушуд.
Саг бихуфта, ихтиёраш гашта гум,
Чун шикамба дид, ҷунбонид дум.
Асб ҳам ҳу-ҳу кунад чун дид ҷав,
Чун биҷунбад гӯшт, гурба кард мав.
Дидан омад ҷунбиши он ихтиёр,
Ҳамчу нафхе з-оташ ангезад шарор.

Пас биҷунбад ихтиёрат, чун Билис,
Шуд далола, орадат пайғоми Вис.
Чунки матлубе бар ин кас арза кард,
Ихтиёри хуфта бигшояд навард.
В-он фаришта хайрҳо бар рағми дев
Арза дорад, мекунад дар дил ғирев.
То биҷунбад ихтиёри хайри ту,
З-он ки пеш аз арза хуфтаст ин ду хӯ.
Пас фаришта-в дев гашта арзадор
Баҳри таҳрики уруқи ихтиёр.
Мешавад з-илҳомҳову васваса,
Ихтиёри хайру шаррат даҳкаса.
Вақти таҳлили намоз, эй бонамак,
З-он салом овард бояд бар малак
Ки зи илҳому дуъои хубатон
Ихтиёри ин намозам шуд равон.
Боз аз баъди гунаҳ лаънат кунӣ
Бар Билис эро, к-аз ӯй мунҳанӣ.
Ин ду зид арза кунандат дар сирор,
Дар ҳиҷоби ғайб омад арзадор.
Чунки пардай ғайб бархезад зи пеш,
Ту бибинӣ рӯйи даллолони хеш.
В-он суханшон вошиносӣ бегазанд,
К-он сухангӯён ниҳон инҳо буданд.
Дев гӯяд: «Эй асири табъу тан,
Арза мекардам, накардам зӯр ман».
В-он фаришта гӯядат, ман гуфтамат,
Ки аз ин шодӣ фузун гардад ғамат.
Он фалон рӯзат нагуфтам ман чунон?
Ки аз он сӯй аст раҳ сӯйи ҷинон.
Мо муҳибби ҷону рӯҳафзои ту,
Соҷидони мухлиси бобои ту.
Ин замонат хидмате ҳам мекунем,
Сӯйи махдумӣ салоят мезанем.
Он гурӯҳ боботро буда идо,
Дар хитоби «усҷуду» карда ибо.
Он гирифтӣ, они мо андохтӣ,

Ҳаққи хидматҳои мо нашнохтӣ?
Ин замон морову эшонро аён
Дарнигар, бишнос аз лаҳну баён.
Нимшаб чун бишнавӣ розе зи дӯст,
Чун сухан гӯяд саҳар, донӣ, ки ӯст.
В-ар ду кас дар шаб хабар орад туро,
Рӯз аз гуфтан шиносӣ ҳар дуро.
Бонги шеру бонги саг дар шаб расид,
Сурати ҳар ду зи торикӣ надид.
Рӯз шуд, чун боз дар бонг омаданд,
Пас шиносадшон зи бонг он ҳушманд.
Махлас ин ки деву рӯҳи арзадор
Ҳар ду ҳастанд аз татиммаи ихтиёр.
Ихтиёре ҳаст дар мо нопадид,
Чун ду мутлақ дид, ояд дар мазид.
Устодон кӯдаконро мезананд,
Он адаб санги сияҳро кай кунанд.
Ҳеч гӯйӣ сангро: «Фардо биё
В-ар наёӣ, ман диҳам бадро сазо?
Ҳеч оқил мар кулӯхеро занад?
Ҳеч бо санге итобе кас кунад?
Дар хирад ҷабр аз қадар расвотар аст,
З-он ки ҷабрӣ ҳисси худро мункир аст.
Мункири ҳис нест он марди қадар,
Феъли Ҳақ ҳиссӣ набошад, эй писар!
Мункири феъли Худованди ҷалил,
Ҳаст дар инкори мадлули далел.
Он бигӯяд дуд ҳасту нор не,
Нури шамъе, бе зи шамъе равшане.
В-он ҳамебинад муайян норро,
Нест мегӯяд пайи инкорро.
Ҷомааш сӯзад, бигӯяд нор нест,
Ҷомааш дӯзад, бигӯяд тор нест.
Пас тасуфсут омад ин даъвои ҷабр,
Лоҷарам бадтар бувад з-ин рӯ зи габр.
Габр гӯяд ҳаст олам, нест рабб,
Ё рабе гӯяд, ки набвад мустаҳабб.

Ин ҳамегӯяд ҷаҳон худ нест ҳеч,
Ҳаст суфастоӣ андар печ-печ.
Ҷумлаи олам муқир дар ихтиёр,
Амру наҳйи ин маёру он биёр.
Ӯ ҳамегӯяд, ки амру наҳй «ло»-ст,
Ихтиёрӣ нест, ин ҷумла хатост.
Ҳиссро ҳайвон муқирр аст, эй рафиқ!
Лек идроки далел омад дақиқ.
З-он ки маҳсус аст моро ихтиёр,
Хуб меояд бар ӯ таклифи кор.

Дарки виҷдоне чун ихтиёру изтирор ва хашму истибору сериву ноҳор ба ҷойи ҳисс аст, ки зард аз сурх бидонад ва фарқ кунад ва хурд аз бузург ва талх аз ширин ва мушк аз саргин ва дурушт аз нарм ба ҳисси масс ва гарм аз сард ва сӯзон аз ширгарм ва тар аз хушк ва масси девор аз масси дарахт. Пас мункири виҷдонӣ мункири ҳисс бошад ва зиёда, ки виҷдонӣ аз ҳисс зоҳиртар аст, зеро ҳиссро тавон бастан ва манъ кардан аз эҳсос ва бастани роҳ ва мадхал виҷдониётро мумкин нест «ва-л-оқилу якфиҳу-л-ишорат».
Дарки виҷдонӣ ба ҷойи ҳис бувад,
Ҳар ду дар як ҷадвал, эй ам, меравад.
Нағз меояд бар ӯ кун, ё макун,
Амру наҳйу моҷароҳову сухун.
Ин ки фардо ин кунам, ё он кунам?
Ин далели ихтиёр аст, эй санам!
В-он пушаймонӣ, ки хӯрдӣ з-он бадӣ,
З-ихтиёри хеш гаштӣ мӯҳтадӣ.
Ҷумла Қуръон амру наҳй асту ваъид,
Амр кардан санги мармарро кӣ дид?
Ҳеч доно, ҳеч оқил ин кунад?
Бо кулӯху санг хашму кин кунад?
Ки бигуфтам, к-инчунин кун, ё чунон,
Чун накардед? Эй мавоту оҷизон!
Ақл кай ҳукме кунад бар чӯбу санг?
Ақл кай чанге занад бар нақши чанг?
К-эй ғуломи бастадаст, ишкастапо!
Найза баргиру биё сӯйи ваға!
Холиқе, ки ахтару гардун кунад,

Амру наҳйи ҷоҳилона чун кунад?
Эҳтимоли аҷз аз Ҳақ рондӣ,
Ҷоҳилу гиҷу сафеҳаш хондӣ.
Аҷз набвад аз қадар в-ар гар бувад,
Ҷоҳилӣ аз оҷизӣ бадтар бувад.
Турк мегӯяд қунуқро аз карам:
«Бе сагу бе далқ о сӯйи дарам,
В-аз фалон сӯй андаро, ҳин, бо адаб,
То сагам бандад зи ту дандону лаб».
Ту ба акси он кунӣ, бар дар равӣ,
Лоҷарам аз захми саг хаста шавӣ.
Ончунон рав, ки ғуломон рафтаанд,
То сагаш гардад ҳалиму меҳрманд.
Ту саге бо худ барӣ, ё рӯбаҳе,
Саг бишӯрад аз буни ҳар хиргаҳе.
Ғайри Ҳақро гар набошад ихтиёр,
Хашм чун меоядат бар ҷурмдор?
Чун ҳамехоӣ ту дандон бар адӯ?
Чун ҳамебинӣ гуноҳу ҷурм аз ӯ?
Гар зи сақфи хона чӯбе бишканад,
Бар ту афтад, сахт маҷрӯҳат кунад.
Ҳеч хашме оядат бар чӯби сақф?
Ҳеч андар кини ӯ бошӣ ту вақф?
Ки чаро бар ман заду дастам шикаст?
Ӯ адӯву хасми ҷони ман будаст.
Кӯдакони хурдро чун мезанӣ?
Чун бузургонро муназзаҳ мекунӣ?
Он ки дуздад моли ту, гӯйӣ бигир,
Дасту пояшро бибур, созаш асир!
В-он ки қасди аврати ту мекунад,
Садҳазорон хашм аз ту медамад.
Гар биёяд селу рахти ту барад,
Ҳеч бо сел оварад кине хирад?
В-ар биёмад боду дасторат рабуд,
Кай туро бо бод дил хашме намуд?
Хашм дар ту шуд баёни ихтиёр,
То нагӯйӣ ҷабриёна эътизор.

Гар шутурбон уштуреро мезанад,
Он шутур қасди зананда мекунад.
Хашми уштур нест бо он чӯби ӯ,
Пас зи мухторӣ шутур бурдаст бӯ.
Ҳамчунин саг, гар бар ӯ санге занӣ,
Бар ту орад ҳамла, гардад мунсанӣ.
Сангро гар гирад, аз хашми ту аст,
Ки ту дуриву надорад бар ту даст.
Ақли ҳайвонӣ чу донист ихтиёр,
Ин магӯ, эй ақли инсон, шарм дор.
Равшан аст ин, лек аз тамъи саҳур,
Он хуранда чашм мебандад зи нур.
Чунки куллӣ майли ӯ нон хӯрданест,
Рӯ ба торикӣ ниҳад, ки рӯз нест.
Ҳирс чун хуршедро пинҳон кунад,
Чӣ аҷаб гар пушт бар бурҳон кунад?

Ҳикоят ҳам дар баёни тақрири иқтиёри халқ ва баёни он, ки тақдир ва қазо салбкунандаи ихтиёр нест

Гуфт дузде шаҳнаро, к-эй подшоҳ!
Он чӣ кардам, буд он ҳукми Илоҳ.
Гуфт шаҳна: «Он чӣ ман ҳам мекунам,
Ҳукми Ҳаққ аст, эй ду чашми равшанам!»
Аз дуконе гар касе турбе барад,
К-ин зи ҳукми Эзид аст, эй бохирад!
Бар сараш кӯбӣ ду-се мушт: «Эй кареҳ!
Ҳукми Ҳаққ аст ин, ки ин ҷо боз неҳ!»
Дар яке турра чу ин узр, эй фузул!
Менаёяд пеши баққоле қабул.
Чун бад-ин узр эътимоде мекунӣ?
Бар ҳаволӣй аждаҳое метанӣ?
Аз чунин узр, эй салими нонабил,
Хуну молу зан ҳама кардӣ сабил.
Ҳар касе пас сиблати ту барканад,
Узр орад, хешро музтар кунад.
Ҳукми Ҳақ гар узр мешояд туро,
Пас биёмӯзу бидеҳ фатво маро.

Ки маро сад орзуву шаҳват аст,
Дасти ман баста зи биму ҳайбат аст.
Пас карам кун, узрро таълим деҳ,
Баргушо аз дасту пойи ман гиреҳ.
Ихтиёрӣ кардаӣ ту пешае,
К-ихтиёре дораму андешае.
В-арна чун бигзидаӣ он пешаро?
Аз миёни пешаҳо, эй кадхудо!
Чунки ояд навбати нафсу ҳаво,
Бистмарда ихтиёр ояд туро.
Чун барад як ҳабба аз ту ёр суд,
Ихтиёри ҷанг дар ҷонат гушуд.
Чун биёяд навбати шукри ниъам,
Ихтиёрат нест? В-аз сангӣ ту кам?
Дӯзахатро узр ин бошад яқин,
К-андар ин сӯзиш маро маъзур бин.
Кас бад-ин ҳуҷҷат чу маъзурат надошт
В-аз кафи ҷаллод ин дурат надошт.
Пас бад-ин довар ҷаҳон манзум шуд,
Ҳоли он олам ҳамат маълум шуд.

Ҳикоят ҳам дар ҷавоби ҷабрӣ ва исботи ихтиёр ва сиҳҳати амру наҳӣ ва баёни он ки узри ҷабрӣ дар ҳеч миллате ва дар ҳеч дине мақбул нест ва мӯҷиби халос нест аз сазои он кор, ки кардааст, чунонки халос наёфт Иблиси ҷабрӣ бад-он ки гуфт: «Бимо ағвайтанӣ ва-л-қалилу ядуллу ала-л-касир».
Он яке мерафт болои дарахт,
Мефишонд он меваро duздона сахт.
Соҳиби боғ омаду гуфт: «Эй данӣ,
Аз Худо шармет ку? Чӣ мекунӣ?»
Гуфт: «Аз боғи Худо бандай Худо,
Гар хурад хурмо, ки Ҳақ кардаш ато.
Омиёна чӣ маломат мекунӣ?
Бухл бар хони Худованди ғанӣ?»
Гуфт: «Эй айбак, биёвар он расан,
То нагӯям ман ҷавоби булҳасан».
Пас бибасташ сахт он дам бар дарахт,
Мезад ӯ бар пушту соқаш чӯб сахт.

Гуфт: «Охир аз Худо шарме бидор,
Мекушӣ ин бегунаҳро зор-зор».
Гуфт: «Аз чӯби Худо ин бандааш
Мезанад бар пушти дигар банда хваш.
Чӯби Ҳаққу пушту паҳлӯ они ӯ,
Ман ғулому олати фармони ӯ».
Гуфт: «Тавба кардам аз ҷабр, эй аёр,
Ихтиёр аст, ихтиёр аст, ихтиёр».
Ихтиёрот ихтиёраш ҳаст кард,
Ихтиёраш чун саворе зери гард.
Ихтиёраш ихтиёри мо кунад,
Амр шуд бар ихтиёрӣ мустанад.
Ҳокимӣ бар сурати беихтиёр
Ҳаст ҳар махлуқро дар иқтидор.
То кашад беихтиёре сайдро,
То барад бигрифта гӯш ӯ Зайдро.
Лек бе ҳеч олате сунъи самад
Ихтиёрашро каманди ӯ кунад.
Ихтиёраш Зайдро қайдаш кунад,
Бе сагу бе дом Ҳақ сайдаш кунад.
Он даравгар ҳокими чӯбӣ бувад
В-он мусаввир ҳокими хубӣ бувад.
Ҳаст оҳангар бар оҳан қайййме,
Ҳаст банно ҳам бар олат ҳокиме.
Нодир ин бошад, ки чандин ихтиёр
Соҷид андар ихтиёраш бандавор.
Қудрати ту бар ҷамодот аз набард
Кай ҷамодеро аз онҳо нафй кард?
Қудраташ бар ихтиёротончунон,
Нафй накнад ихтиёреро аз он.
Хосташ мегӯйӣ бар ваҷҳи камол,
Ки набошад нисбати ҷабру залол.
Чунки гуфтӣ куфри ман хости вай аст,
Хости худро низ ҳам медон, ки ҳаст.
З-он ки бе хоҳи ту худ куфри ту нест,
Куфри бехоҳиш таноқуз гуфтанест.
Амр оҷизро қабеҳ асту замим,

Хашм баттар, хоса аз рабби раҳим.
Гов гар юғе нагирад, мезананд,
Ҳеч гове, ки напаррад, мезананд?
Гов чун маъзур набвад дар фузул,
Соҳиби гов аз чӣ маъзур асту дул?
Чун найӣ ранҷур, сарро бармабанд,
Ихтиёрат ҳаст, бар сиблат маханд.
Ҷаҳд кун, к-аз ҷоми Ҳақ ёбӣ навӣ,
Бехуду беихтиёр он гаҳ шавӣ.
Он гаҳ он майро бувад кулл ихтиёр,
Ту шавӣ маъзури мутлақ маствор.
Ҳар чӣ кӯбӣ, кӯфта мебошад он,
Ҳар чӣ рӯбӣ, рӯфта мебошад он.
Кай кунад он маст ҷуз адлу савоб,
Ки зи ҷоми Ҳақ кашидаст ӯ шароб.
Ҷодувон Фиръавнро гуфтанд: «Бист,
Мастро парвои дасту пой нест».
Дасту пойи ман майи он воҳид аст,
Дасти зоҳир соя асту косид аст.

Маънии «мошоаллоҳу кона», яъне хост хости ӯст, ризои ӯ ҷӯед, аз хашми дигарон ва радди дигарон дилтанг мабошед. Ин «кона» агарчи лафзи мозист, лекин дар феъли Худо мозӣ ва мустақбал набошад, ки «лайса индаллоҳи сабоҳун ва ло масоун»
Қавли банда «айша шоаллоҳу кон»
Баҳри он набвад, ки тунбал кун дар он.
Балки таҳриз аст бар ихлосу ҷидд,
Ки дар он хидмат фузун шав мустаъидд.
Гар бигӯянд: «Он чӣ мехоҳӣ ту род,
Кор кори туст бар ҳасби мурод».
Он гаҳ он тунбал кунӣ ҷоиз бувад,
К-он чӣ хоҳӣ в-он чӣ гӯйӣ, он шавад.
Чун бигӯянд: «Айша шоъаллоҳу кон,
Ҳукм ҳукми ӯст мутлақ, ҷовидон».
Пас чаро сад марда андар вирди ӯ
Барнагардӣ бандагона гирди ӯ?
Гар бигӯянд: «Он чӣ мехоҳад вазир,

Хост они ӯст андар доругир».
Гирди ӯ гардон шавӣ сад марда зуд,
То бирезад бар сарат эҳсону ҷуд.
Ё гурезӣ аз вазиру қасри ӯ?
Ин набошад ҷустуҷӯйи насри ӯ.
Божгуна з-ин сухан коҳил шудӣ,
Мунъакис идроку хотир омадӣ.
«Амр амри он фалон хоҷаст», ҳин!
Чист? Яъне бо ҷуз ӯ камтар нишин.
Гирди хоҷа гард, чун амр они ӯст,
К-ӯ кушад душман, раҳонад ҷони дӯст.
Ҳар чӣ ӯ хоҳад, ҳамон ёбӣ яқин,
Ёва кам рав, хидмати ӯ баргузин.
Не чу ҳоким ӯст, гирди ӯ магард,
То шавӣ номасиёҳу рӯйзард.
Ҳақ бувад таъвил, к-он гармат кунад,
Пурумеду чусту бошармат кунад
В-ар кунад сустат, ҳақиқат ин бидон:
Ҳаст табдилу на таъвил аст он.
Ин барои гарм кардан омадаст,
То бигирад ноумедонро ду даст.
Маънии Қуръон зи Қуръон пурсу бас
В-аз касе, к-оташ задаст андар ҳавас.
Пеши Қуръон гашт қурбониву паст,
То ки айни рӯҳи ӯ Қуръон шудаст.
Равғане, к-ӯ шуд фидои гул ба кул,
Хоҳ равған бӯй кун, хоҳӣ ту гул.

Ва ҳамчунин «қад ҷаффа-л-қаламу», яъне «ҷаффа-л-қаламу ва катаба ло ястава-т-тоъату ва-л-маъсияту ло ястава-л-амонату ва-с-сариқату, ҷаффа-л-қаламу ан ло ястава-ш-шукуру ва-л-куфрону ҷаффа-л-қаламу инналлоҳа ло юзиъу аҷра-л-мӯҳсинин»

Ҳамчунин таъвили «қад ҷаффа-л-қалам»
Баҳри таҳриз аст бар шуғли аҳам.
Пас қалам бинвишт, ки ҳар корро
Лоиқи он ҳаст таъсиру ҷазо.
Каж равӣ, «ҷаффа-л-қалам» каж оядат,

Ростӣ орӣ, саодат зоядат.
Зулм орӣ, мудбирӣ «ҷаффа-л-қалам»,
Адл орӣ, барх(в)арӣ «ҷаффа-л-қалам».
Чун бидуздад, даст шуд «ҷаффа-л-қалам»,
Хӯрд бода, маст шуд «ҷаффа-л-қалам».
Ту раво дорӣ? Раво бошад, ки Ҳақ
Ҳамчу маъзул ояд аз ҳукми сабақ?
Ки зи дасти ман бурун рафтаст кор,
Пеши ман чандин маё, чандин мазор.
Балки маънӣ он бувад «ҷаффа-л-қалам»:
Нест яксон пеши ман адлу ситам.
Фарқ бинҳодам миёни хайру шар,
Фарқ бинҳодам зи бад ҳам аз батар.
Заррае гар дар ту афзуний адаб
Бошад аз ёрат, бидонад фазли раб.
Қадри он зарра туро афзун диҳад,
Зарра чун кӯҳе қадам берун ниҳад.
Подшоҳе, ки ба пеши тахти ӯ
Фарқ набвад аз амину зулмҷӯ.
Он ки меларзад зи бими радди ӯ
В-он ки таъна мезанад дар ҷадди ӯ,
Фарқ набвад, ҳар ду як бошад бараш,
Шоҳ набвад, хоки тира бар сараш.
Заррае гар ҷаҳди ту афзун бувад,
Дар тарозуи Худо мавзун бувад.
Пеши ин шоҳон, ҳамора ҷон канӣ,
Бехабар эшон зи ғадру равшанӣ.
Гуфти ғаммозе, ки бад гӯяд туро,
Зоеъ орад хидмататро солҳо.
Пеши шоҳе, ки самеъ асту басир,
Гуфти ғаммозон набошад ҷойгир.
Ҷумла ғаммозон аз ӯ оис шаванд,
Сӯйи мо оянду афзоянд панд.
Бас ҷафо гӯянд шаҳро пеши мо,
Ки бирав «ҷаффа-л-қалам» кам кун вафо.
Маънии «ҷаффа-л-қалам» кай он бувад?
Ки ҷафоҳо бо вафо яксон бувад?

Бал ҷафоро, ҳам ҷафо «ҷаффа-л-қалам»
В-он вафоро, ҳам вафо «ҷаффа-л-қалам».
Авф бошад, лек ку фарри умед,
Ки бувад банда зи тақво рӯсапед?
Дуздро гар афв бошад, ҷон барад,
Кай вазиру хозини махзан шавад?
Эй аминуддини раббонӣ, биё,
К-аз амонат руст ҳар тоҷу ливо.
Пури султон гар бар ӯ хоин шавад,
Он сараш аз тан бад-он боин шавад
В-ар ғуломи ҳиндуе орад вафо,
Давлат ӯро мезанад: «тола бақо».
Чӣ ғулом? Ар бар даре саг бовафост,
Дар дили солор, ӯро сад ризост.
З-ин чу сагро бӯса бар пӯзаш диҳад,
Гар бувад шере, чӣ пирӯзаш диҳад?
Ҷуз магар дузде, ки хидматҳо кунад,
Сидқи ӯ бехи ҷафоро барканад.
Чун Фузайли раҳзане, к-ӯ рост бохт,
З-он ки даҳмарда ба сӯйи тавба тохт,
В-он чунон, ки соҳирон Фиръавнро
Рӯсияҳ карданд аз сабру вафо.
Дасту по доданд дар ҷурми қавад,
Он ба садсола ибодат кай шавад?
Ту, ки панҷаҳ сол хидмат кардаӣ,
Кай чунин сидқе ба даст овардаӣ?

Ҳикояти он дарвеш, ки дар Ҳарӣ ғуломони оростаи амиди Хуросонро дид ва бар асбони тозӣ ва қабоҳои зарбафт ва кулоҳҳои муғаррақ ва ғайри он, пурсид, ки инҳо кадом амиронанд ва чӣ шоҳонанд? Гуфтанд ӯро, ки инҳо амирон нестанд, инҳо ғуломони амиди Хуросонанд. Рӯй ба осмон кард, ки, эй Худо ғулом парвардан аз амид биёмӯз. Он ҷо муставфиро амид гӯянд

Он яке густохрӯ андар Ҳарӣ,
Чун бидидӣ ӯ ғуломи меҳтаре,
Ҷомаи атлас, камар заррин, равон,
Рӯй кардӣ сӯйи қиблай осмон,
К-эй Худо, з-ин хоҷаи соҳибминан

Чун наёмӯзӣ ту банда доштан?
Банда парвардан биёмӯз, эй Худо!
З-ин раису ихтиёри шоҳи мо».
Буд мӯҳтоҷу бараҳна-в бенаво,
Дар зимистон ларз-ларзон аз ҳаво.
Инбисоте кард он аз худ барӣ,
Ҷуръате бинмуд ӯ аз ламтурӣ.
Эътимодаш бар ҳазорон мавҳибат,
Ки надими Ҳақ шуд аҳли маърифат.
Гар надими шоҳ густохӣ кунад,
Ту макун он, ки надорӣ он санад.
Ҳақ миён доду миён беҳ аз камар,
Гар касе тоҷе ниҳад, ӯ дод сар.
То яке рӯзе, ки шоҳ он хоҷаро
Муттаҳам карду бибасташ дасту по.
Он ғуломонро шиканҷа менамуд,
Ки дафинай хоҷа бинмоед зуд.
Сирри ӯ бо ман бигӯед, эй хасон!
В-арна буррам аз шумо ҳалқу лисон.
Муддати як моҳашон таъзиб кард,
Рӯзу шаб ишканҷаву ифшору дард.
Пора-пора кардашону як ғулом
Рози хоҷа вонагуфт аз эҳтимом.
Гуфташ андар хоб ҳотиф, к-эй киё,
Банда будан ҳам биёмӯзу биё.
Эй дарида пӯстини Юсуфон,
Гар бидаррад гургат, он аз хеш дон.
З-он ки мебофӣ ҳамасола бипӯш,
З-он ки мекорӣ, ҳамасола бинӯш.
Феъли туст ин ғуссаҳои дамбадам,
Ин бувад маънии «қад ҷаффа-л-қалам».
Ки нагардад суннати мо аз рашад,
Некро некӣ бувад, бадрост бад.
Кор кун ҳин, ки Сулаймон зинда аст,
То ту девӣ, теғи ӯ бурранда аст.
Чун фаришта гашт, аз теғ эминест,
Аз Сулаймон ҳеч ӯро хавф нест.

Ҳукми ӯ бар дев бошад, на малак,
Ранҷ дар хок аст, на фавқи фалак.
Тарк кун ин ҷабрро, ки бас тиҳист,
То бидонӣ сирри сирри ҷабр чист?
Тарк кун ин ҷабри ҷамъи манбалон,
То хабар ёбӣ аз он ҷабри чу ҷон.
Тарки маъшуқӣ куну кун ошиқӣ,
Эй гумон бурда, ки хубу фоиқӣ.
Эй ки дар маънӣ зи шаб хомуштарӣ,
Гуфти худро чанд ҷӯйӣ муштарӣ?
Сар биҷунбонанд пешат баҳри ту,
Рафт дар савдои эшон даҳри ту.
Ту маро гӯйӣ: «Ҳасад - андар мапеч»,
Чӣ ҳасад орад касе аз фавти ҳеч?
Ҳаст таълими хасон, эй чашмшӯх,
Ҳамчу нақши хурд кардан бар кулӯх.
Хешро таълим кун ишқу назар,
К-он бувад чун нақши «фӣ ҷирм ил-ҳаҷар».
Нафси ту бо туст, шогирди вафо,
Ғайр фонӣ шуд, куҷо ҷӯйӣ? Куҷо?
То кунӣ мар ғайрро ҷабру сanӣ,
Хешро бадхӯву холӣ мекунӣ.
Муттасил чун шуд дилат бо он адан,
Ҳин, бигӯ, маҳрос аз холӣ шудан.
Амри «қул» з-ин омадаш, к-эй ростин,
Кам нахоҳад шуд, бигӯ дарёст ин.
«Анситу» яъне ки обатро ба лоғ,
Ҳин, талаф кам кун, ки лабхушк аст боғ.
Ин сухан поён надорад, эй падар,
Ин суханро тарк кун, поён нигар.
Ғайратам ояд, ки пешат бистанд,
Бар ту механданд, ошиқ нестанд.
Ошиқонат дар паси пардай карам
Баҳри ту наъразанон, бин, дам ба дам.
Ошиқи он ошиқони ғайб бош,
Ошиқони панҷрӯза кам тарош,
Ки бихӯрдандат зи худъа-в ҷазбае,

Солҳо з-эшон надидӣ ҳаббае.
Чанд ҳангома ниҳӣ бар роҳи ом,
Гом хастӣ, барнаёмад ҳеч ком.
Вақти сиҳҳат ҷумла ёранду ҳариф,
Вақти дарду ғам ба ҷуз Ҳақ ку алиф?
Вақти дарди чашму дандон ҳеч кас
Дасти ту гирад ба ҷуз фарёдрас?
Пас ҳамон дарду маразро ёд дор,
Чун Аёз аз пӯстин кун эътибор.
Пӯстин он ҳолати дарди ту аст,
Ки гирифтаст он Аёз онро ба даст.

Боз ҷавоб гуфтани он кофири ҷабрӣ он сунниро, ки ба исломаш даъват мекард ва ба тарки эътиқоди ҷабраш даъват мекард ва дароз шудани мунозира аз тарафайн, ки моддаи ишкол ва ҷавобро набуррад, илло ишқи ҳақиқӣ, ки ӯро парвои он намонд, «ва золика фазлуллоҳи юътиҳи ман яшоъ»
Кофири ҷабрӣ ҷавоб оғоз кард,
Ки аз он ҳайрон шуд он мантиқ мард.
Лек гар ман он ҷавоботу суол
Ҷумла вогӯям, бимонам з-ин мақол.
З-он муҳимтар гуфтаниҳо ҳастамон,
Ки бад-он фаҳми ту беҳ ёбад нишон.
Андаке гуфтем з-он баҳс, эй утул,
З-андаке пайдо бувад қонуни кул.
Ҳамчунин баҳс аст то ҳашри башар
Дар миёни ҷабриву аҳли қадар.
Гар фурӯ мондӣ зи дафъи хасми хеш,
Мазҳаби эшон барафтодӣ зи пеш.
Чун буруншавшон набудӣ дар ҷавоб,
Пас рамидандӣ аз он роҳи табоб.
Чунки мақзе буд давоми он равиш,
Медиҳадшон аз далоил парвариш.
То нагардад мулзам аз ишколи хасм,
То бувад маҳҷуб аз иқболи хасм.
То ки ин ҳафтоду ду миллат мудом
Дар ҷаҳон монад «ила-л-явми-л-қиём».
Чун ҷаҳони зулмат асту ғайб ин,

Аз барои соя мебояд замин.
То қиёмат монад ин ҳафтоду ду,
Кам наёяд мубтадеъро гуфтугӯ.
Иззати махзан бувад андар баҳо,
Ки бар ӯ бисёр бошад қуфлҳо.
Иззати мақсад бувад, эй мумтаҳан,
Печ-печи роҳу ақба-в роҳзан.
Иззати Каъба бувад в-он нодия,
Раҳзаний аъробу тӯли бодия.
Ҳар равиш, ҳар раҳ, ки он маҳмуд нест,
Ақбаеву монеъеву раҳзанест.
Ин равиш хасму ҳақуди он шуда,
То муқаллид дар ду раҳ ҳайрон шуда.
Сидқи ҳар ду зидд бинад дар равиш,
Ҳар фариқе дар раҳи худ хушманиш.
Гар ҷавобаш нест, мебандад ситез
Бар ҳамон дам то ба рӯзи растахез.
Ки меҳони мо бидонанд ин ҷавоб,
Гарчи аз мо шуд ниҳон ваҷҳи савоб.
Пӯзбанди васваса ишқ асту бас
В-арна кай васвосро бастаст кас.
Ошиқе шав, шоҳиде, хубе биҷӯ,
Сайди мурғобӣ ҳамекун ҷӯ ба ҷӯ.
Кай барӣ з-он об? К-он обат барад,
Кай кунӣ з-он фаҳм? Фаҳматро х(в)арад.
Ғайри ин маъқулҳо маъқулҳо
Ёбӣ андар ишқи бо фарру баҳо.
Ғайри ин ақли ту Ҳақро ақлҳост,
Ки бад-он тадбири асбоби самост,
Ки бад-ин ақл оварӣ арзоқро,
З-он дигар мафраш кунӣ атбоқро.
Чун бибозӣ ақл дар ишқи самад,
«Ашра амсол»-ат диҳад, ё ҳафтсад.
Он занон чун ақлҳо дарбохтанд,
Бар равоқи ишқи Юсуф тохтанд.
Ақлашон як дам ситад соқии умр,
Сер гаштанд аз хирад боқии умр.

Асли сад Юсуф ҷамоли зулҷалол,
Эй кам аз зан, шав фидои он ҷамол.
Ишқ буррад баҳсро, эй ҷону бас,
К-ӯ зи гуфтугӯ шавад фарёдрас.
Ҳайрате ояд зи ишқ он нутқро,
Заҳра набвад, ки кунад ӯ моҷаро,
Ки битарсад, гар ҷавобе водиҳад,
Гавҳаре аз лунҷи ӯ берун фитад.
Лаб бибандад сахт ӯ аз хайру шар,
То набояд, к-аз даҳон афтад гуҳар.
Ҳамчунон ки гуфт он ёри расул:
Чун набӣ бархондӣ бар мо фусул.
Он расули муҷтабо вақти нисор,
Хостӣ аз мо ҳузуру сад виқор.
Ончунон ки бар сарат мурғе бувад,
К-аз фавоташ ҷони ту ларзон шавад.
Пас наёрӣ ҳеч ҷунбидан зи ҷо,
То нагирад мурғи хуби ту ҳаво.
Дам наёрӣ зад, бибандӣ сурфаро,
То набояд, ки бипаррад он ҳумо
В-ар касат ширин бигӯяд ё туруш,
Бар лаб ангуште ниҳӣ, яъне хамуш!
Ҳайрат он мурғ аст, хомӯшат кунад,
Барниҳад бар дегу пурҷӯшат кунад.

Пурсидани подшоҳ қосиди Аёзро, ки чандин ғаму шодӣ бо чоруқу пӯстин, ки ҷамод аст, мегӯйӣ, то Аёзро дар сухан овард
Эй Аёз, ин меҳрҳо бар чоруқе
Чист охир? Ҳамчу бар бут ошиқе.
Ҳамчу Маҷнун аз рухи Лайлии хеш
Кардаӣ ту чоруқеро дину кеш?
Бо ду кӯҳна меҳри ҷон омехта,
Ҳар дуро дар ҳуҷрае овехта.
Чанд гӯйӣ бо ду кӯҳна нав сухан?
Дар ҷамоде медамӣ сирри куҳан?
Чун араб бо рабъу атлол, эй Аёз!
Мекашӣ аз ишқ гуфти худ дароз.

Чоруқат рабъи кадомин Осаф аст?
Пӯстин гӯйӣ, ки куртай Юсуф аст.
Ҳамчу тарсо, ки шуморад бо кашиш
Ҷурми яксола зинову ғуллу ғиш.
То биёмурзад кашиш з-ӯ он гунаҳ,
Афви ӯро афв донад аз Илоҳ.
Нест огаҳ он кашиш аз ҷурму дод,
Лек бас ҷодуст ишқу эътиқод.
Дӯстиву ваҳм сад Юсуф танад,
Асҳар аз Ҳоруту Морут аст х(в)ад.
Сурате пайдо кунад бар ёди ӯ,
Ҷазби сурат орадат дар гуфтугӯ,
Роз гӯйӣ пеши сурат сад ҳазор,
Ончунон ки ёр гӯяд пеши ёр.
На бад-он ҷо сурате, на ҳайкале,
Зода аз вай сад «аласт»-у сад бале.
Ончунон ки модари дилбурдае
Пеши гӯри баччаи навмурдае,
Розҳо гӯяд ба ҷидду иҷтиҳод,
Менамояд зинда ӯро он ҷамод.
Ҳаййу қойим донад ӯ он хокро,
Чашму гӯше донад ӯ хошокро.
Пеши ӯ ҳар зарраи он хоки гӯр
Гӯш дорад, ҳуш дорад вақти шӯр.
Мустамеъ донад ба ҷидд он хокро,
Хуш нигар ин ишқи соҳирнокро.
Ончунон бар хоки гӯри тоза ӯ
Дам ба дам хуш мениҳад бо ашк рӯ.
Ки ба вақти зиндагӣ ҳаргиз чунон
Рӯй нанҳодаст бар пури чу ҷон.
Аз азо чун чанд рӯзе бигзарад,
Оташи он ишқи ӯ сокин шавад.
Ишқ бар мурда набошад пойдор,
Ишқро бар ҳаййи ҷонафзой дор.
Баъд аз он з-он гӯр худ хоб оядаш,
Аз ҷамодӣ ҳам ҷамоде зоядаш.
З-он ки ишқ афсуни худ бирбуду рафт,

Монд хокистар, чу оташ рафт тафт.
Он чӣ бинад он ҷавон дар ойина,
Пир андар хишт мебинад ҳама.
Пир ишқи туст, на риши сапед,
Дастгири садҳазорон ноумед.
Ишқ суратҳо бисозад дар фироқ,
То мусаввар сар кунад вақти талоқ
Ки манам он асли асли ҳушу маст,
Бар сувар он ҳусн акси мо будаст.
Пардаҳоро ин замон бардоштам,
Ҳуснро бевосита бифроштам.
З-он ки бас бо акси ман дарёфтӣ,
Қуввати таҷриди зотам ёфтӣ,
Чун аз ин сӯ ҷазбаи ман шуд равон,
ӯ кашишро менабинад дар миён.
Мағфират мехоҳад аз ҷурму хато,
Аз паси он парда, аз лутфи Худо.
Чун зи санге чашмае ҷорӣ шавад,
Санг андар чашма мутворӣ шавад.
Кас нахонад баъд аз он ӯро ҳаҷар,
З-он ки ҷорӣ шуд аз он санг он гуҳар.
Косаҳо дон ин суваро в-андар ӯ
Он чӣ Ҳақ резад, бад-он гирад ъулӯ.

Гуфтани хешовандон Маҷнунро, ки ҳусни *Лайлӣ* ба андозаест, чандон нест. Аз ӯ нағзтар дар шаҳри мо бисёр аст, яке ва ду даҳ бар ту арза кунем, ихтиёр кун, моро худро вораҳон. Ва ҷавоб гуфтани Маҷнун эшонро
Аблаҳон гуфтанд Маҷнунро зи ҷаҳл:
«Ҳусни *Лайлӣ* нест чандон, ҳаст саҳл.
Беҳтар аз вай садҳазорон дилрабо
Ҳаст ҳамчун моҳ андар шаҳри мо».
Гуфт: «Сурат кӯза асту ҳусн май,
Май Худоям медиҳад аз нақши вай.
Мар шуморо сирка дод аз кӯзааш,
То набошад ишқи ӯтон гӯшкаш».
Аз яке кӯза диҳад заҳру асал,
Ҳар якеро дасти Ҳақ азза ва ҷал.

Кӯза мебинӣ, валекин он шароб
Рӯй нанмояд ба чашми носавоб.
«Қосироту-т-тарф» бошад завқи ҷон,
Ҷуз ба хасми худ бинанмояд нишон.
«Қосироту-т-тарф» омад он мудом
В-ин ҳиҷоби зарфҳо ҳамчун хиём.
Ҳаст дарё хаймае, дар вай ҳаёт
Баттро, лекин кулоғонро мамот.
Заҳр бошад морро ҳам қуту барг,
Ғайри ӯро заҳри ӯ дард асту марг.
Сурати ҳар неъматеву меҳнате,
Ҳаст инро дӯзах, онро ҷаннате.
Пас ҳамай аҷсому ашё «тубсирун»
В-андар ӯ қут асту сам «ло тубсирун».
Ҳаст ҳар ҷисме чу коса-в кӯзае,
Андар ӯ ҳам қуту ҳам дилсӯзае.
Коса пайдо, андар ӯ пинҳон рағад,
Тоаташ донад, к-аз он чӣ мех(в)арад?
Сурати Юсуф чу ҷоме буд хуб,
З-он падар мехӯрд сад бодай таруб.
Боз ихвонро аз он захр об буд,
К-он дар эшон хашму кина мефузуд.
Боз аз вай мар Зулайхоро сакар
Мекашид аз ишқ афюне дигар.
Ғайри он чӣ буд мар Яъқубро,
Буд аз Юсуф ғизо он хубро.
Гуна-гуна шарбату кӯза яке,
То намонад дар майи ғайбат шаке.
Бода аз ғайб асту кӯза з-ин ҷаҳон,
Кӯза пайдо, бода дар вай бас ниҳон.
Бас ниҳон аз дидаи номаҳрамон,
Лек бар маҳрам ҳувайдову аён.
Ё Илоҳо! «Суккират абсоруно,
Фаъфу ъанно усқилат авзоруно.
Ё хафийян қад малаъта-л-хофиқайн,
Қад ъалавта фавқа нури-л-машриқайн.
Анта сиррун кошифун асрорино,

Анта фаҷрун муфҷирун анҳорино.
Ё хафийя-з-зоти маҳсуса-л-ато,
Анта ка-л-моъи ва наҳну ка-р-раҳо.
Анта ка-р-риҳи ва наҳну ка-л-ғубор,
Тахтафи-р-риҳу ва ғаброҳо ҷиҳор».
Ту баҳорӣ, мо чу боғи сабз х(в)аш,
Ӯ ниҳону ошкоро бахшишаш.
Ту чу ҷонӣ, мо мисоли дасту по,
Қабзу басти даст аз ҷон шуд раво.
Ту чу ақлӣ, мо мисоли ин забон,
Ин забон аз ақл дорад ин баён.
Ту мисоли шодиву мо хандаем,
Ки натиҷай шодии фархундаем.
Ҷунбиши мо ҳар даме худ «ашҳад» аст,
Ки гувоҳи зулҷалоли сармад аст.
Гардиши сангосиё дар изтироб,
«Ашҳад» омад бар вуҷуди ҷӯйи об.
Эй бурун аз ваҳму қолу қили ман,
Хок бар фарқи ману тамсили ман.
Банда нашкебад зи тасвири х(в)ашат,
Ҳар дамат гӯяд, ки ҷонам мафрашат.
Ҳамчу он чӯпон, ки мегуфт, эй Худо!
Пеши чӯпону муҳибби худ биё.
То шапуш ҷӯям ман аз пероҳанат,
Чоруқат дӯзам, бибӯсам доманат.
Кас набудаш дар ҳавову ишқ ҷуфт,
Лек қосир буд аз тасбеҳу гуфт.
Ишқи ӯ хиргоҳ бар гардун зада,
Ҷон саги хиргоҳи он чӯпон шуда.
Чунки баҳри ишқи Яздон ҷӯш зад,
Бар дили ӯ зад, туро бар гӯш зад.

Ҳикояти Ҷӯҳӣ, ки чодар пӯшиду дар ваъз миёни занон нишаст ва ҳаракате кард, зане ӯро бишинохт, ки мард аст, наърае зад
Воизе буд бас гузида дар баён,
Зери минбар ҷамъи мардону занон.
Рафт Ҷӯҳӣ чодару рӯбанд сохт,

Дар миёни он занон шуд ношинохт.
Соиле пурсид воизро ба роз:
«Мӯйи (ъ)она ҳаст нуқсони намоз?»
Гуфт воиз: «Чун шавад (ъ)она дароз,
Пас кароҳат бошад аз вай дар намоз.
Ё ба оҳак, ё сутурра бистураш,
То намозат комил ояд, хубу х(в)аш».
Гуфт соил: «Он дарозӣ то чӣ ҳад
Шарт бошад, то намозам кам бувад?».
Гуфт: «Чун қадри ҷаве гардад ба тӯл,
Пас сутурдан фарз бошад, эй саъул!»
Гуфт Ҷӯҳӣ: «Зуд, эй хоҳар, бибин,
Онаи ман гашта бошад инчунин.
Баҳри хушнудии Ҳақ пеш ор даст,
К-он ба миқдори кароҳат омадаст?»
Даст зан даркард дар шалвори мард,
Кери ӯ бар дасти зан осеб кард.
Наърае зад сахт, андар ҳол зан,
Гуфт воиз: «Бар дилаш зад гуфти ман».
Гуфт: «На, бар дил назад, бар даст зад,
Вой агар бар дил задӣ, эй пурхирад!»
Бар дили он соҳирон зад андаке,
Шуд асову дасти эшонро яке.
Гар асо бистонӣ аз пире, шаҳо!
Беш ранҷад, к-он гурӯҳ аз дасту по.
Наъраи «ло зайр» бар гардун расид,
Ҳин, бибур, ки ҷон зи ҷон кандан раҳид.
Мо бидонистем, мо ин тан наем,
Аз варои тан, ба Яздон мезием.
Эй хунук онро, ки зоти худ шинохт,
Андар амни сармадӣ қасре бисохт.
Кӯдаке гиряд пайи ҷавзу мавиз,
Пеши оқил, бошад он бас саҳл чиз.
Пеши дил ҷавзу мавиз омад ҷасад,
Тифл кай дар дониши мардон расад?
Ҳар кӣ маҳҷуб аст, ӯ худ кӯдак аст,
Мард он бошад, ки берун аз шак аст.

Гар ба ришу хоя мардастӣ касе,
Ҳар бузеро ришу мӯ бошад басе.
Пешвои бад бувад он буз, шитоб
Мебарад асҳобро пеши қасоб.
Риш шона карда, ки ман собиқам,
Собиқе, лекин ба сӯйи маргу ғам.
Ҳин, равиш бигзину тарки риш кун,
Тарки ин мову ману ташвиш кун.
То шавӣ чун бӯйи гул бо ошиқон
Пешвову раҳнамои гулситон.
Кист бӯйи гул? Дами ақлу хирад,
Хуш қаловузи раҳи мулки абад.

Фармудани шоҳ ба Аёз бори дигар, ки шарҳи чоруқ ва пӯстин ошкоро бигӯ, то хоҷатошонат аз он ишорат панд гиранд, ки «ад-дину-н-насиҳат»
Сирри чорукро баён кун, эй Аёз!
Пеши чоруқ чистат чандин ниёз?
То бинӯшад сунқуру бакёруқат
Сирри сирри пӯстину чоруқат.
Эй Аёз, аз ту ғуломӣ нур ёфт,
Нур аз пастӣ суйи гардун шитофт.
Ҳасрати озодагон шуд бандагӣ,
Бандагиро чун ту додӣ зиндагӣ.
Мӯъмин он бошад, ки андар ҷазру мад
Кофир аз имони ӯ ҳасрат хурад.

Ҳикояти кофире, ки гуфтандаш дар аҳди Абоязид, ки мусулмон шав ва ҷавоб гуфтани ӯ эшонро
Буд габре дар замони Боязид,
Гуфт ӯро як мусулмони саъид
Ки чӣ бошад, ки ту ислом оварӣ?
То биёбӣ сад наҷоту сарварӣ.
Гуфт: «Ин имон агар ҳаст, эй мурид!
Он ки дорад шайхи олам Боязид.
Ман надорам тоқати он, тоби он,
К-он фузун ояд зи кӯшишҳои ҷон.
Гарчи дар имону дин номуқинам,

Лек дар имони ӯ бас мӯъминам.
Дорам имон, к-он зи ҷумла бартар аст,
Бас латифу бо фурӯғу бофар аст.
Мӯъмини имони ӯям дар ниҳон,
Гарчи мӯҳрам ҳаст мӯҳкам бар даҳон.
Боз имон худ гар имони шумост,
На бад-он майл астаму на муштаҳост.
Он ки сад майлаш суйи имон бувад,
Чун шуморо дид, он фотир шавад.
З-он ки номе бинаду маъниш не,
Чун биёбонро мафоза гуфтане.
Ишқи ӯ з-оварди имон бифсурад,
Чун ба имони шумо ӯ бингарад».

Ҳикояти он муаззини зиштовоз, ки дар кофиристон бонги намоз дод ва марди кофире ӯро ҳадя дод
Як муаззин дошт бас овози бад,
Дар миёни кофиристон бонг зад.
Чанд гуфтандаш: «Магӯ бонги намоз,
Ки шавад ҷангу адоватҳо дароз».
ӯ ситеза карду пас бе эҳтироз
Гуфт дар кофирситон бонги намоз.
Халқ хоиф шуд зи фитнай омае,
Худ биёмад кофире бо ҷомае.
Шамъу ҳалво бо чунон ҷомай латиф,
Ҳадя оварду биёмад чун алиф.
Пурс-пурсон, к-ин муаззин ку? Куҷост?
Ки салову бонги ӯ роҳатфизост.
Ҳин, чӣ роҳат буд з-он овози зишт?
Гуфт: «Овозаш фитод андар куништ.
Духтаре дорам латифу бас санӣ,
Орзу мебуд ӯро мӯъминӣ.
Ҳеч ин савдо намерафт аз сараш,
Пандҳо медод чандин кофираш.
Дар дили ӯ меҳри имон руста буд,
Ҳамчу миҷмар буд ин ғам, ман чу уд.
Дар азобу дарду ишканҷа будам,

Ки биҷунбад силсилай ӯ дам ба дам.
Ҳеч чора менадонистам дар он,
То фурӯ хонд ин муаззин он азон.
Гуфт духтар: «Чист ин макрӯҳ бонг?
Ки ба гӯшам омад ин ду чор донг?
Ман ҳамай умр ин чунин овози зишт
Ҳеч нашнидам дар ин дайру куништ.
Хоҳараш гуфто, ки ин бонги азон
Ҳаст эълому шиори мӯъминон.
Бовараш н-омад, бипурсид аз дигар,
Он дигар ҳам гуфт оре, эй падар!
Чун яқин гашташ, рухи ӯ зард шуд,
Аз мусулмонӣ дили ӯ сард шуд.
Бозрастам ман зи ташвишу азоб,
Дӯш хуш хуфтам дар он бехавф хоб.
Роҳатам ин буд аз овози ӯ,
Ҳадя овардам ба шукр, он мард ку?»
Чун бидидаш, гуфт: «Ин ҳадя пазир,
Ки маро гаштӣ муҷиру дастгир.
Он чӣ кардӣ бо ман аз эҳсону бирр,
Бандаи ту гаштаам ман, мустамирр.
Гар ба молу милку сарват фардаме,
Ман даҳонатро пур аз зар кардаме».
Ҳаст имони шумо зарқу маҷоз,
Роҳзан ҳамчун ки он бонги намоз.
Лек аз имону сидқи Боязид
Чанд ҳасрат дар дилу ҷонам расид.
Ҳамчу он зан, к-ӯ ҷимоъи хар бидид,
Гуфт: «О ваҳ! Чист ин фаҳли фарид?
Гар ҷимоъ ин аст, бурданд ин харон,
Бар куси мо мериянд ин шавҳарон».
Дод ҷумлай доди имон Боязид,
Офаринҳо бар чунин шери фарид.
Қатрае з-имон-ш дар баҳр ар равад,
Баҳр андар қатрааш ғарқа шавад.
Ҳамчу з-оташ заррае дар бешаҳо,
Андар он зарра шавад беша фано.

Чун хаёле дар дили шаҳ, ё сипоҳ,
Кард андар ҷанг хасмонро табоҳ.
Як ситора дар Муҳаммад рух намуд,
То фано шуд гавҳари габру ҷуҳуд.
Он ки имон ёфт, рафт андар амон,
Куфрҳои боқиён шуд з-ӯ гумон.
Куфри сирфи аввалин боре намонд,
Ё мусулмониву ё биме нишонд.
Ин ба ҳила обу равған карданест,
Ин масалҳо куфви зррай нур нест.
Зарра набвад ҷуз ҳақире мунҷасим,
Зарра набвад шориқи «ло янқасим».
Гуфтани зарра муроде дон, хафӣ,
Маҳрами дарё найӣ ин дам, кафӣ.
Офтоби наййири имони шайх
Гар намояд рух зи шарқи ҷони шайх.
Ҷумла пастӣ ганҷ гирад то сарӣ,
Ҷумла боло хулд гирад ахзарӣ.
Ӯ яке ҷон дорад аз нури мунир,
Ӯ яке тан дорад аз хоки ҳақир.
Эй аҷаб! Ин аст ӯ ё он? Бигӯ,
Ки бимондам андар ин мушкил, аму!
Гар вай ин аст, эй бародар, чист он?
Пур шуда аз нури ӯ ҳафт осмон!
В-ар вай он аст, ин бадан, эй дӯст, чист?
Эй аҷаб! З-ин ду кадомин асту кист?

Ҳикояти он зан, ки гуфт шавҳарро, ки гӯштро гурба хӯрд. Шавҳар гурбаро ба тарозу баркашид. Гурба ним ман баромад, гуфт, эй зан: «Гӯшт ним ман буду афзун. Агар ин гӯшт аст, гурба ку? Ва агар ин гурба аст, гӯшт ку?»
Буд марде кадхудо, ӯро зане,
Сахт таннозу палиду раҳзане.
Ҳар чӣ овардӣ, талаф кардиш зан,
Мард музтар буд андар тан задан.
Баҳри меҳмон гӯшт овард он муъил,
Сӯйи хона бо дусад ҷаҳди тавил.
Зан бихӯрдаш бо кабобу бо шароб,

Мард омад, гуфт дафъи носавоб.
Мард гуфташ: «Гӯшт ку? Меҳмон расид,
Пеши меҳмон лут мебояд кашид».
Гуфт зан: «Ин гурба хӯрд он гӯштро,
Гӯшти дигар хар, агар бошад, ҳало!»
Гуфт: «Эй айбак! Тарозуро биёр,
Гурбаро ман баркашам андар иёр».
Баркашидаш, буд гурба ним ман,
Пас бигуфт он мард, к-эй мӯҳтол зан!
Гӯшт ним ман буду афзун як ситир,
Ҳаст гурба ним ман ҳам, эй сатир!
Ин агар гурбаст, пас он гӯшт ку?
В-ар бувад ин гӯшт, гурба ку? Биҷӯ.
Боязид ар ин бувад, он рӯҳ чист?
В-ар вай он рӯҳ аст, ин тасвир кист?
Ҳайрат андар ҳайрат аст, эй ёри ман,
Ин на кори тусту на ҳам кори ман.
Ҳар ду ӯ бошад, валек аз райъи заръ
Дона бошад аслу он каҳпарра фаръ.
Ҳикмат ин аздодро бо ҳам бибаст,
Эй қасоб, ин гирдрон бо гардан аст.
Рӯҳ бе қолаб надонад кор кард,
Қолибат беҷон фасурда буду сард.
Қолибат пайдову он ҷонат ниҳон,
Рост шуд з-ин ҳар ду асбоби ҷаҳон.
Хокро бар сар занӣ, сар нашканад,
Обро бар сар занӣ, дарнашканад.
Гар ту мехоҳӣ, ки сарро бишканӣ,
Оброву хокро бар ҳам занӣ.
Чун шикастӣ сар, равад обаш ба асл,
Хок сӯйи хок ояд рӯзи фасл.
Ҳикмате, ки буд Ҳақро з-издивоҷ
Гашт ҳосил аз ниёзу аз лиҷоҷ.
Бошад он гаҳ издивоҷоти дигар,
«Ло самеъ узнун ва ло айнун басар».
Гар шунидӣ узн, кай мондӣ узун?
Ё куҷо кардӣ дигар забти сухун?

Гар бидидӣ барфу ях хуршедро,
Аз яхӣ бардоштӣ уммедро.
Об гаштӣ, бе уруқу бе гиреҳ,
З-об Довуди ҳаво кардӣ зиреҳ.
Пас шудӣ дармони ҷони ҳар дарахт,
Ҳар дарахте аз қудумаш некбахт.
Он яхе бифсурда дар худ монда,
«Ломасосӣ» бо дарахтон хонда.
«Лайса яълиф лайса юълаф ҷисмуҳу,
Лайса илло шуҳҳу нафсин қисмуҳу».
Нест зоеъ, з-ӯ шавад тоза ҷигар,
Лек набвад пайку султони хузар.
Эй Аёз, истораи ту бас баланд,
Нест ҳар бурҷе убурашро писанд.
Ҳар вафоро кай писандад ҳимматат?
Ҳар сафоро кай гузинад сафватат?

Ҳикояти он амир, ки ғуломро гуфт, ки май биёр. Ғулом рафт ва сабӯйи май овард, дар роҳ зоҳиде буд, амри маъруф кард, зад санге ва сабӯро бишикаст. Амир бишунид ва қасди гӯшмоли зоҳид кард ва ин қасд дар аҳди дини Исо буд алайҳиссалом, ки ҳанӯз май ҳаром нашуда буд, валекин зоҳид тақаззузе мекард ва аз танаъъум манъ мекард

Буд амире, хушдиле, майборае,
Каҳфи ҳар махмуру ҳар бечорае.
Мушфиқе, мискиннавозе, одиле,
Ҷавҳаре, зарбахшише, дарёдиле.
Шоҳи мардону амиралмӯъминин,
Роҳбону роздону дӯстбин.
Даври Исо буду айёми Масеҳ,
Халқ дилдору камозору малеҳ.
Омадаш меҳмон ба ногоҳон шабе
Ҳам амире, ҷинси ӯ, хушмазҳабе.
Бода мебоясташон дар назми ҳол,
Бода буд он вақт маъзуну ҳалол.
Бода-шон кам буду гуфто: «Эй ғулом!
Рав, сабӯ пур кун, ба мо овар мудом.
Аз фалон роҳиб, ки дорад хамри хос,

То зи хосу ом ёбад ҷон халос».
Ҷуръае з-он ҷоми роҳиб он кунад,
Ки ҳазорон чарраву хумдон кунад.
Андар он май мояи пинҳонӣ аст,
Ончунон, к-андар або султонӣ аст.
Ту ба далқи пора-пора кам нигар,
Ки сияҳ карданд аз беруни зар.
Аз барои чашми бад мардуд шуд
В-аз бурун он лаъл дудолуд шуд.
Ганҷу гавҳар кай миёни хонаҳост?
Ганҷҳо пайваста дар вайронаҳост.
Ганҷи Одам чун ба вайрон буд дафин,
Гашт тинаш чашмбанди он лаъин.
Ӯ назар мекард дар тин суст-суст,
Ҷон ҳамегуфташ, ки тинам садди туст.
Ду сабӯ бистад ғулому хуш давид,
Дарзамон дар дайри руҳбонон расид.
Зар бидоду бодаи чун зар харид,
Санг доду дар иваз гавҳар харид.
Бодае, к-он бар сари шоҳон ҷаҳад,
Тоҷи зар бар тораки соқӣ ниҳад.
Фитнаҳову шӯрҳо ангехта,
Бандагону хусравон омехта.
Устухонҳо рафта, ҷумла ҷон шуда,
Тахту тахта он замон яксон шуда.
Вақти ҳушёрӣ чу обу равғананд,
Вақти мастӣ ҳамчу ҷон андар тананд.
Чун ҳариса гашта, он ҷо фарқ нест,
Нест фарқе, к-андар он ҷо ғарқ нест.
Инчунин бода ҳамебурд он ғулом
Сӯйи қасри он амири некном.
Пешаш омад зоҳиде, ғамдидае,
Хушкмағзе, дар бало печидае.
Тан зи оташҳои дил бигдохта,
Хона аз ғайри Худо пардохта.
Гӯшмоли меҳнати безинҳор,
Доғҳо бар доғҳо чандин ҳазор.

Дида ҳар соат дилаш дар иҷтиҳод,
Рӯзу шаб чафсида ӯ бар иҷтиҳод.
Солу маҳ дар хуну хок омехта,
Сабру ҳилмаш нимшаб бигрехта.
Гуфт зоҳид: «Дар сабӯҳо чист он?»
Гуфт: «Бода». Гуфт: «Они кист он?»
Гуфт: «Они он фалон мири аҷал»,
Гуфт: «Толибро чунин бошад амал?
Толиби Яздону он гаҳ айшу нӯш?
Бодаи шайтону он гаҳ нимҳуш?
Ҳуши ту бе май чунин пажмурда аст,
Ҳушҳо бояд бар он ҳуши ту баст.
То чӣ бошад ҳуши ту ҳангоми сукр?
Эй чу мурғе гашта сайди доми сукр!»

Ҳикояти Зиёи далқ, ки сахт дароз буд ва бародараш шайхи ислом тоҷи Балх бағоят кӯтоҳболо буд ва ин шайхи ислом аз бародараш Зиё нанг доштӣ. Зиё даромад ба дарси ӯ ва ҳамаи судури Балх ҳозир ба дарси ӯ. Зиё хидмате кард ва бигузашт. Шайхи ислом ӯро ним қиёме кард сар-сарӣ. Гуфт, оре сахт дарозӣ, пораe дардузд
Он Зиёи далқ хушилҳом буд,
Додари он тоҷи шайхислом буд.
Тоҷ шайхисломи дорулмулки Балх
Буд кӯҳтаҳқадду кӯчак ҳамчу фарх.
Гарчи фозил буду фаҳлу зуфунун,
Ин Зиё андар зарофат буд фузун.
ӯ басе кӯтаҳ, Зиё беҳад дароз,
Буд шайхисломро сад кибру ноз.
З-ин бародар ору нангаш омадӣ,
Он Зиё ҳам воизе буд боҳудӣ.
Рӯзи маҳфил андар омад он Зиё,
Боргаҳ пур қозиёну асфиё.
Кард шайхислом аз кибри тамом
Ин бародарро чунин, нисфа-л-қиём.
Гуфт ӯро: «Бас дарозӣ, баҳри музд
Андаке з-он қадди сарват ҳам бидузд!»
Пас туро худ ҳуш ку, ё ақл ку?

То хурӣ май, эй ту донишро аду!
Рӯт бас зебост, ниле ҳам бикаш,
Зӯҳка бошад нил бар рӯйи ҳабаш.
Дар ту нуре кай даромад? Эй ғавӣ,
То ту беҳушиву зулматҷӯ шавӣ.
Соя дар рӯз аст ҷустан қоида,
Дар шаби абрӣ ту сояҷӯ шуда?
Гар ҳалол омад пайи қути авом,
Толибони дӯстро омад ҳаром.
Ошиқонро бода хуни дил бувад,
Чашмашон бар роҳу бар манзил бувад.
Дар чунин роҳи биёбони махуф
Ин қаловузи хирад бо сад кусуф.
Хок дар чашми қаловузон занӣ,
Корвонро ҳолику гумраҳ кунӣ.
Нони ҷав ҳаққо ҳаром асту фусӯс
Нафсро дар пеш неҳ нони субӯс.
Душмани роҳи Худоро хор дор,
Дуздро минбар манеҳ, бар дор дор.
Дуздро ту даст бибридан писанд,
Аз буридан оҷизӣ, дасташ бибанд.
Гар набандӣ дасти ӯ, дасти ту баст,
Гар ту пояш нашканӣ, поят шикаст.
Ту адуро май диҳиву найшакар?
Баҳри чӣ? Гӯ: «Заҳр ханду хок х(в)ар.
Зад зи ғайрат бар сабӯ сангу шикаст»,
ӯ сабӯ андохт в-аз зоҳид биҷаст.
Рафт пеши миру гуфташ: «Бода ку?»
Моҷароро гуфт як-як пеши ӯ.

Рафтани амир хашмолуд барои гӯшмоли зоҳид
Мир чун оташ шуду барҷаст рост,
Гуфт: «Бинмо, хонаи зоҳид куҷост?
То бад-ин гурзи гарон кӯбам сараш,
Он сари бедониши модарғараш.
ӯ чӣ донад амри маъруф аз сагӣ,
Толиби маъруфӣ асту шаҳрагӣ.

То бад-ин солус худро ҷо кунад,
То ба чизе хештан пайдо кунад.
К-ӯ надорад худ ҳунар, илло ҳамон,
Ки тасаллус мекунад бо ину он.
ӯ агар девона асту фитнаков,
Доруи девона бошад кери гов.
То ки шайтон аз сараш берун равад,
Бе лати харбандагон хар чун равад?»
Мир берун ҷаст, даббусе ба даст,
Нимшаб омад ба зоҳид ниммаст.
Хост куштан марди зоҳидро зи хашм,
Марди зоҳид гашт пинҳон зери пашм.
Марди зоҳид мешунид аз мир он
Зери пашми он расантобон ниҳон.
Гуфт: «Дар рӯ гуфтани зиштии мард
Ойина тонад, ки рӯро сахт кард.
Рӯй бояд ойинавор, оҳанин,
Тот гӯяд: Рӯйи зишти худ бибин».

Ҳикояти мот кардани Далқак Саййидшоҳи Тирмизро
Шоҳ бо Далқак ҳаме шатранҷ бохт,
Мот кардаш зуд, хашми шаҳ битохт.
Гуфт «шаҳ, шаҳ» в-он шаҳи кибровараш
Як-як аз шатранҷ мезад бар сараш.
Ки бигир инак шаҳат, эй қалтабон!
Сабр кард он Далқаку гуфт: «Ал-амон».
Дасти дигар бохтан фармуд мир,
ӯ чунон ларзон, ки ур аз замҳарир.
Бохт дасти дигару шаҳ мот шуд,
Вақти «шаҳ-шаҳ» гуфтану миқот шуд.
Барҷаҳид он Далқаку дар кунҷ рафт,
Шаш намад бар худ фиганд аз бим тафт.
Зери болишҳову зери шаш намад
Хуфт пинҳон, то зи хашми шаҳ раҳад.
Гуфт шаҳ: «Ҳай-ҳай, чӣ кардӣ? Чист ин?»
Гуфт: «Шаҳ, шаҳ, шаҳ, шаҳ, эй шоҳи гузин!
Кай тавон Ҳақ гуфт ҷуз зери лиҳоф?

Бо ту, эй хашмовари оташсиҷоф?
Эй ту моту ман зи захми шоҳ мот,
Мезанам «шаҳ, шаҳ» ба зери рахтҳот».
Чун маҳалла пур шуд аз ҳайҳойи мир
В-аз лагад бар дар задан в-аз дору гир.
Халқ берун ҷаст зуд аз чаппу рост,
К-эй муқаддам, вақти афв асту ризост.
Мағзи ӯ хушк асту ақлаш ин замон
Камтар аст аз ақлу фаҳми кӯдакон.
Зӯҳду пирӣ, заъф бар заъф омада
В-андар он зӯҳдаш гушоде ношуда.
Ранҷ дида, ганҷ нодида зи ёр,
Корҳо карда, надида музди кор.
Ё набуд он кори ӯро худ гуҳар,
Ё наёмад вақти подош аз қадар.
Ё ки буд он саъй чун саъйи ҷуҳуд,
Ё ҷазо вобастаи миқот буд.
Мар варо дарду мусибат ин бас аст,
Ки дар ин водии пурхун бекас аст.
Чашм пурдарду нишаста ӯ ба кунҷ,
Рӯ туруш карда, фурӯ афганда лунҷ.
На яке каҳҳол, к-ӯро ғам х(в)арад,
Не-ш ақле, ки ба кӯҳле пай барад.
Иҷтиҳоде мекунад бо ҳазру зан,
Кор дар бук аст то некӯ шудан.
З-он раҳаш дур аст то дидори дӯст,
К-ӯ наҷӯяд сар, раисиш орзуст.
Соате ӯ бо Худо андар итоб,
Ки насибам ранҷ омад з-ин ҳисоб.
Соате бо баҳси худ андар ҷидол,
Ки ҳама паррону мо бибридабол!
Ҳар кӣ маҳбус аст андар бӯву ранг,
Гарчи дар зӯҳд аст, бошад хуш танг.
То бурун н-ояд аз ин тангин мунох,
Кай шавад хӯяш хушу садраш фарох?
Зоҳидонро дар хало пеш аз гушод
Корду устурра нашояд ҳеч дод.

К-аз зачар худро бидарронад шикам,
Ғуссаи он бемуродиҳову ғам.

Андохтани Мустафо алайҳиссалом худро аз кӯҳи Ҳиро аз ваҳшати дев намудани Ҷабрайил алайҳиссалом худро ба вай ва пайдо шудани Ҷабрайил ба вай, ки маяндоз худро, ки туро давлатҳо дар пеш аст

Мустафоро ҳаҷр чун бифрохтӣ,
Хешро аз кӯҳ меандохтӣ.
То бигуфтӣ Ҷабрайилаш: «Ҳин, макун,
Ки туро бас давлат аст аз амри «кун».
Мустафо сокин шудӣ з-андохтан,
Боз ҳиҷрон оваридӣ тохтан.
Боз худро сарнигун аз кӯҳ ӯ
Мефигандӣ аз ғаму андӯҳ ӯ.
Боз худ пайдо шудӣ он Ҷабрайил,
Ки макун ин, эй ту шоҳи бебадил.
Ҳамчунин мебуд, то кашфи ҳиҷеб,
То биёбад он гуҳарро ӯ зи ҷеб.
Баҳри ҳар меҳнат чу худро мекушанд,
Асли меҳнатҳост ин, чунаш кашанд?
Аз фидоӣ мардумонро ҳайратест,
Ҳар яке аз мо фидои сиратест.
Эй хунук он, ки фидо кардаст тан
Баҳри он, к-арзад фидои он шудан.
Ҳар яке чунки фидоии фанест,
К-андар он раҳ сарфи умру куштанест.
Куштане андар ғурубе ё шуруқ,
Ки на шоиқ монад он гаҳ на мушуқ.
Боре ин муқбил фидои ин тан аст,
К-андар ӯ сад зиндагӣ дар куштан аст.
Ошиқу маъшуқу ишқаш бардавом,
Дар ду олам баҳраманду некном.
Ё киромӣ! «Ирҳаму аҳла-л-ҳаво,
Шаъну ҳум вирду-т-таво баъда-т-таво».
Афв кун, эй мир, бар сахтии ӯ,
Дарнигар дар дарду бадбахтии ӯ.
То зи ҷурмат ҳам Худо афве кунад,

Заллататро мағфират - дар оганад.
Ту зи ғафлат бас сабӯ бишкастаӣ,
Дар умеди афв дил дарбастаӣ.
Афв кун, то афв ёбӣ дар ҷазо,
Мешикофад мӯ қадар андар сазо.

Ҷавоб гуфтани амир мар он шафеъонро ва ҳамсоягони зоҳидро, ки густохӣ чаро кард? Ва сабӯи моро чаро шикаст? Ман дар ин боб шафоат қабул нахоҳам кард, ки савганд хӯрдаам, ки сазои ӯро бидиҳам
Мир гуфт: «ӯ кист, к-ӯ санге занад
Бар сабӯи мо? Сабӯро бишканад?
Чун гузар созад зи кӯям шери нар,
Тарс-тарсон бигзарад бо сад ҳазар.
Бандаи моро чаро озурд дил?
Кард моро пеши меҳмонон хиҷил.
Шарбате, ки беҳ зи хуни ӯст, рехт?
Ин замон ҳамчун занон аз мо гурехт
Лек ҷон аз дасти ман ӯ кай барад?
Гир, ҳамчун мурғ боло барпарад.
Тири қаҳри хеш бар парраш занам,
Парру боли мурдарегаш барканам.
Гар равад дар санги сахт, аз кӯшишам,
Аз дили сангаш кунун берун кашам.
Ман биронам бар тани ӯ зарбате,
Ки бувад қавводагонро ибрате.
Бо ҳама солус? Бо мо низ ҳам?
Доди ӯву сад чу ӯ ин дам диҳам».
Хашми хунхораш шуда буд саркаше,
Аз даҳонаш мебаромад оташе.

Дувум бор дасту пойи амирро бӯсидан ва лоба кардани шафеъон ва ҳамсоягони зоҳид
Он шафеъон аз дами ҳайҳойи ӯ,
Чанд бӯсиданд дасту пойи ӯ.
К-эй амир, аз ту нашояд кинкашӣ,
Гар бишуд бода, ту бебода х(в)ашӣ.
Бода сармоя зи лутфи ту барад,

Лутфи об аз лутфи ту ҳасрат х(в)арад.
Подшоҳӣ кун, бибахшаш, эй раҳим,
Эй карим, ибнулкарим, ибнулкарим.
Ҳар шаробӣ бандаи ин қадду хад,
Ҷумла мастонро бувад бар ту ҳасад.
Ҳеч мӯҳтоҷи майи гулгун найӣ,
Тарк кун гулгуна, ту гулгунайӣ.
Эй рухи чун Зӯҳраат шамсу-з-зуҳо,
Эй гадои ранги ту гулгунаҳо.
Бода, к-андар хунб меҷӯшад ниҳон,
З-иштиёқи рӯйи ту ҷӯшад чунон.
Эй ҳаме дарё, чӣ хоҳӣ кард нам?
В-эй ҳама ҳастӣ, чӣ меҷӯйӣ адам?
Эй маҳи тобон, чӣ хоҳӣ кард гард?
Эй ки маҳ дар пеши рӯят рӯйзард.
Тоҷи «каррамно»-ст бар фарқи сарат,
Тавқи «аътайнока» овези барат.
Ту хушу хубиву кони ҳар х(в)ашӣ,
Ту чаро худ миннати бода кашӣ?
Ҷавҳар аст инсону чарх ӯро араз,
Ҷумла фаръу пояанду ӯ ғараз.
Эй ғуломат ақлу тадбироту ҳуш,
Чун чунинӣ, хешро арзонфурӯш?
Хидматат бар ҷумла ҳастӣ муфтараз,
Ҷавҳаре чун наҷда хоҳад аз араз?
Илм ҷӯйӣ аз кутубҳо, эй фусӯс!
Завқ ҷӯйӣ ту зи ҳалво, эй фусӯс!
Баҳри илме дар наме пинҳон шуда,
Дар се газ тан оламе пинҳон шуда.
Май чӣ бошад ё самоъу ё ҷимоъ?
То биҷӯйӣ з-ӯ нишоту интифоъ.
Офтоб аз заррае шуд вомхоҳ
Зӯҳрае аз хумрае шуд ҷомхоҳ
Ҷони бекайфе шуда маҳбуси кайф
Офтобе ҳабси уқда, ин-т ҳайф!

Боз ҷавоб гуфтани он амир эшонро

Гуфт: «На, на, ман ҳарифи он майам,
Ман ба завқи ин хушӣ қонеъ наям.
Ман чунон хоҳам, ки ҳамчун ёсамин
Каж ҳамегардам чунон, гоҳе чунин.
Вораҳида аз ҳама хавфу умед,
Каж ҳамегардам ба ҳар сӯ ҳамчу бед.
Ҳамчу шохи бед гардон чаппу рост,
Ки зи бодаш гуна-гуна рақсҳост.
Он ки хӯ кардаст бо шодии май,
Ин хуширо кай писандад, хоҷа, кай!
Анбиё з-он з-ин хушӣ берун шуданд,
Ки сиришта дар хушии Ҳақ буданд.
З-он ки ҷоншон он хуширо дида буд,
Ин хушиҳо пешашон бозӣ намуд.
Бо бути зинда касе чун гашт ёр,
Мурдаро чун дар кашад андар канор?»

Тафсири ин оят, ки «ва инна-д-дора-л-охирата лаҳийа-л-ҳайвону лав кону яъламуна», ки дару девор ва арсаи он олам ва обу кӯза ва меваву дарахт ҳама зиндаанд ва сухангӯйу суханшунав ва ҷиҳати он фармуд Мустафо алайҳиссалом, ки «ҷифаро барои мурдагиш ҷифа гӯянд, на барои бӯйи зишт ва фарахҷӣ»
Он ҷаҳон чун зарра-зарра зиндаанд,
Нуктадонанду сухангӯяндаанд.
Дар ҷаҳони мурдашон ором нест,
К-ин алаф ҷуз лоиқи инъом нест.
Ҳар киро гулшан бувад базму ватан,
Кай хурад ӯ бода андар гулхан?
Ҷойи рӯҳи пок «иллийййин» бувад,
Кирм бошад, к-иш ватан саргин бувад.
Баҳри махмури Худо ҷоми таҳур,
Баҳри ин мурғони кӯр ин оби шӯр.
Ҳар кӣ адли Уммараш нанмуд даст,
Пеши ӯ Ҳаҷҷоҷи хунӣ одил аст.
Духтаронро лӯъбати мурда диҳанд,
Ки зи лиъби зиндагон беогаҳанд.
Чун надоранд аз футувват зӯру даст,

Кӯдаконро теғи чӯбин беҳтар аст.
Кофирон ҷонеъ ба нақши анбиё,
Ки нигоридаст андар дайрҳо.
З-он меҳон моро чу даври равшанест,
Ҳечамон парвои нақши соя нест.
Ин яке нақшаш нишаста дар ҷаҳон
В-он дигар нақшаш чу маҳ дар осмон.
Ин даҳонаш нуктагӯён бо ҷалис
В-он дигар бо Ҳақ ба гуфтору анис.
Гӯши зоҳир, ин суханро забт кун,
Гӯши ҷонаш ҷозиби асрори «кун».
Чашми зоҳир зобити ҳилйай башар,
Чашми сир ҳайрони «мо зоға-л-басар».
Пойи зоҳир дар сафи масҷид савоф,
Пойи маънӣ фавқи гардун дар тавоф.
Ҷузв-ҷузвашро ту бишмар ҳамчунин,
Ин даруни вақту он беруни ҳин.
Ин ки дар вақт аст, бошад то аҷал
В-он дигар ёри абад, қирни азал.
Ҳаст як номаш «валию-д-давлатайн»,
Ҳаст як наъташ «имому-л-қиблатайн».
Хилвату чилла бар ӯ лозим намонд,
Ҳеч ғайме мар варо ғоим намонд.
Қурси хуршед аст хилватхонааш,
Кай ҳиҷоб орад шаби бегонааш?
Иллату парҳез шуд, бӯҳрон намонд,
Куфри ӯ имон шуду куфрон намонд.
Чун алиф аз истиқомат шуд ба пеш,
ӯ надорад ҳеч аз авсофи хеш.
Гашт фард аз касвии хӯҳои хеш,
Шуд бараҳна ҷон ба ҷонафзои хеш.
Чун бараҳна рафт пеши шоҳи фард,
Шоҳаш аз авсофи қудсӣ ҷома кард.
Хилъате пӯшид аз авсофи шоҳ,
Барпарид аз чоҳ бар айвони ҷоҳ.
Инчунин бошад, чу дурде соф гашт,
Аз буни ташт омад ӯ болои ташт.

Дар буни ташт аз чӣ буд ӯ дарднок?
Шумии омезиши аҷзои хок.
Ёри нохуш парру болаш баста буд
В-арна ӯ дар асл бас барҷаста буд.
Чун итоби «иҳбиту» ангехтанд,
Ҳамчун Ҳоруташ нигун овехтанд.
Буд Ҳорут аз милоки осмон,
Аз итобе шуд муаллақ ҳамчунон.
Сарнигун з-он шуд, ки аз сар дур монд,
Хешро сар сохту танҳо пеш ронд.
Он сабад, худро чу пур аз об дид,
Кард истиғнову аз дарё бурид.
Бар ҷигар обаш яке қатра намонд,
Баҳр раҳмат карду ӯро бозхонд.
Раҳмате, бе иллате, бе хидмате
Ояд аз дарё, муборак соате.
Аллаҳ, Аллаҳ гирди дарёбор гард,
Гарчи бошанд аҳли дарёбор зард.
То ки ояд лутфи бахшоишгаре,
Сурх гардад рӯйи зард аз гавҳаре.
Зардии рӯ беҳтарини рангҳост,
З-он ки андар интизори он лиқост.
Лек сурхӣ бар рухе, к-он ломеъ аст,
Баҳри он омад, ки ҷонаш қонеъ аст.
Ки тамаъ лоғар кунад, зарду залил,
Нест ӯ аз иллати абдон алил.
Чун бибинад рӯйи зарди бесақам,
Хира гардад ақли Ҷолинус ҳам.
Чун тамаъ бастӣ ту дар анвори ҳу,
Мустафо гӯяд, ки «залла нафсуҳу».
Нури бесоя латифу олӣ аст,
Он мушаббак сояи ғирболӣ аст.
Ошиқон урён ҳамехоҳанд тан,
Пеши иннинон чӣ ҷома, чӣ бадан.
Рӯзадоронро бувад он нону хон,
Хармагасро чӣ або, чӣ дегдон.

Дигар бор истидъои шоҳ аз Аёз, ки таъвили кори худ бигӯ ва мушкили мункиронро ва тоъинонро ҳал кун, ки эшонро дар он илтибос раҳо кардан мурувват нест

Ин сухан аз ҳадду андозаст беш,
Эй Аёз, акнун бигӯ аҳволи хеш.
Ҳаст аҳволи ту аз кони навӣ,
Ту бад-ин аҳвол кай розӣ шавӣ?
Ҳин, ҳикоят кун аз он аҳволи х(в)аш,
Хок бар аҳволу дарси панҷу шаш.
Ҳоли ботин гар намеояд ба гуфт,
Ҳоли зоҳир гӯямат дар тоқу ҷуфт.
Ки зи лутфи ёр талхиҳои мот
Гашт бар ҷон хуштар аз шаккар набот.
З-он набот ар гард дар дарё равад,
Талхии дарё ҳама ширин шавад.
Сад ҳазор аҳвол омад ҳамчунин,
Боз сӯйи ғайб рафтанд, эй амин!
Ҳоли ҳар рӯзе ба дӣ монанд не,
Ҳамчу ҷӯ андар равиш, к-аш банд не.
Шодии ҳар рӯз аз навъе дигар,
Фикрати ҳар рӯзро дигар асар.

Тамсили одамӣ ба меҳмонхона ва андешаҳои мухталиф ба меҳмонони мухталиф, ориф дар ризо бад-он андешаҳои ғаму шодӣ чун шахси меҳмондӯсти ғарибнавози халилвор, ки дари Халил ба икроми зайф пайваста боз буд бар кофиру мӯъмин ва амину хоин ва бо ҳамаи меҳмонон рӯй тоза доштӣ

Ҳаст меҳмонхона ин тан, эй ҷавон!
Ҳар сабоҳе зайфи нав ояд давон.
Ҳин, магӯ, к-ин монд андар гарданам,
Ки ҳам акнун бозпаррад дар адам.
Ҳар чӣ ояд аз ҷаҳони ғайбваш,
Дар дилат зайф аст, ӯро дор х(в)аш.

Ҳикояти он меҳмон, ки зани худованди хона гуфт, ки «борон фурӯ гирифт ва меҳмон дар гардани мо монд»

Он якеро бегаҳон омад қунуқ,

Сохт ӯро ҳамчу тавқ андар унуқ.
Хон кашид ӯро, кароматҳо намуд,
Он шаб андар кӯйи эшон сур буд.
Мард занро гуфт пинҳонӣ сухун,
К-имшаб, эй хотун, ду ҷомай хоб кун.
Бистари моро бигустар сӯйи дар,
Баҳри меҳмон густар он сӯйи дигар».
Гуфт зан: «Хидмат кунам, шодӣ кунам,
Самъу тоъа, эй ду чашми равшанам!»
Ҳар ду бистар густариду рафт зан,
Сӯйи хатнасур кард он ҷо ватан.
Монд меҳмони азизу шавҳараш,
Нуқл бинҳоданд аз хушку тараш.
Дар самар, гуфтанд ҳар ду мунтахаб
Саргузашти неку бад то ними шаб.
Баъд аз он меҳмон зи хобу аз самар
Шуд дар он бистар, ки буд он сӯйи дар.
Шавҳар аз хиҷлат бад-ӯ чизе нагуфт,
Ки туро ин сӯст, эй ҷон, ҷойи ҷуфт,
Ки барои хоби ту, эй булкарам!
Бистар он сӯйи дигар афгандаам.
Он қароре, ки ба зан ӯ дода буд,
Гашт мубдал в-он тараф меҳмон ғунуд.
Он шаб он ҷо сахт борон даргирифт,
К-аз ғализий абрашон омад шигифт.
Зан биёмад бар гумони он ки шӯ,
Сӯйи дар хуфтасту он сӯ он аму.
Рафт урён дар лиҳоф он дам арӯс,
Дод меҳмонро ба рағбат чанд бӯс.
Гуфт метарсидам, эй марди калон!
Худ ҳамон омад, ҳамон омад, ҳамон.
Марди меҳмонро гилу борон нишонд,
Бар ту чун собуни султонӣ бимонд.
Андар ин борону гил ӯ кай равад?
Бар сару ҷони ту ӯ товон шавад».
Зуд меҳмон ҷасту гуфт: «Эй зан, биҳил,
Мӯза дорам, ғам надорам ман зи гил.

Ман равон гаштам, шуморо хайр бод,
Дар сафар як дам мабодо рӯҳ шод.
То ки зутар ҷониби маъдан равад,
К-ин хушӣ андар сафар раҳзан шавад».
Зан пушаймон шуд аз он гуфтори сард,
Чун рамиду рафт он меҳмони фард.
Зан басе гуфташ, ки охир, эй амир,
Гар мизоҳе кардам, аз тибат магир.
Саҷдаву зории зан суде надошт,
Рафту эшонро дар он ҳасрат гузошт.
Ҷома азрақ кард з-он пас марду зан,
Сураташ диданд шамъе бе лаган.
Мешуду саҳро зи нури шамъи мард
Чун биҳишт аз зулмати шаб гашта фард.
Кард мехмонхона хонай хешро
Аз ғаму аз хиҷлати ин моҷаро.
Дар даруни ҳар ду аз роҳи ниҳон,
Ҳар замон гуфтӣ хаёли меҳмон.
Ки манам ёри Хизир, сад ганҷу ҷуд
Мефишондам, лек рӯзитон набуд.

Тамсили фикри ҳаррӯзина, ки андар дил ояд, ба меҳмони нав, ки аз аввали рӯз дар хона фуруд ояд ва таҳаккуму бадхӯйӣ кунад ба худованди хона ва фазилати меҳмоннавозиву нози меҳмон кашидан
Ҳар даме фикре чу меҳмони азиз
Ояд андар синаат, ҳар рӯз низ.
Фикрро, эй ҷон, ба ҷойи шахс дон,
З-он ки шахс аз фикр дорад қадру ҷон.
Фикри ғам гар роҳи шодӣ мезанад,
Корсозиҳои шодӣ мекунад.
Хона мерӯбад ба тундӣ ӯ зи ғайр,
То дарояд шодии нав з-асли хайр.
Мефишонад барги зард аз шохи дил,
То бирӯяд барги сабзи муттасил.
Меканад бехи сурури кӯҳнаро,
То хиромад завқи нав аз моваро.
Ғам канад бехи кажи пӯсидаро,

То намояд бехи рӯпӯшидаро.
Ғам зи дил ҳар чӣ бирезад, ё барад,
Дар иваз ҳаққо, ки беҳтар оварад.
Хоса онро, ки яқинаш бошад ин,
Ки бувад ғам бандаи аҳли яқин.
Гар турушрӯйӣ наёрад абру барқ,
Раз бисӯзад аз табассумҳои Шарқ.
Саъду наҳс андар дилат меҳмон шавад,
Чун ситора хона-хона меравад.
Он замон, ки ӯ муқими бурҷи туст,
Бош ҳамчун толеъаш ширину чуст.
То ки бо маҳ чун шавад ӯ муттасил,
Шукр гӯяд аз ту бо султони дил.
Ҳафт сол Айюб бо сабру ризо
Дар бало хуш буд бо зайфи Худо.
То чу вогардад балои сахтрӯ,
Пеши Ҳақ гӯяд ба сад гун шукр ӯ.
Каз муҳаббат, бо мани маҳбубкуш,
Рӯ накард Айюб як лаҳза туруш.
Аз вафову хиҷлати илми Худо,
Буд чун ширу асал ӯ бо бало.
Фикр дар сина дарояд нав ба нав,
Ханд-хандон пеши ӯ ту бозрав.
Ки «аизнӣ холиқӣ мин шарриҳи,
*Ло туҳарримнӣ, анил мин бирриҳи.*
Рабби авзиъни ли шукри мо аро,
*Ло туъаққиб ҳасратан лӣ ин мазо».*
Он замири рӯтурушро пос дор,
Он турушро чун шакар ширин шумор.
Абрро гар ҳаст зоҳир рӯтуруш,
Гулшанорандаст абру шӯракуш.
Фикри ғамро ту мисоли абр дон,
Бо туруш ту рӯ туруш кам кун чунон.
Бу, ки он гавҳар ба дасти ӯ бувад,
Ҷаҳд кун, то аз ту ӯ розӣ равад
В-ар набошад гавҳару набвад ғанӣ,
Одати ширини худ афзун кунӣ.

Ҷойи дигар суд дорад одатат,
Ногаҳон рӯзе барояд ҳоҷатат.
Фикрате, к-аз шодият монеъ шавад,
Он ба амру ҳикмати сонеъ шавад.
Ту махон ду чор донгаш, эй ҷавон,
Бу, ки наҷме бошаду соҳибқирон.
Ту магӯ фаръест, ӯро асл гир,
То бувӣ пайваста бар мақсуд чир
В-ар ту онро фаръ гириву музир,
Чашми ту дар асл бошад мунтазир.
Заҳр омад интизор андар чашиш,
Доимо дар марг бошӣ з-он равиш.
Асл дон онро, бигираш дар канор,
Бозраҳ доим зи марги интизор.

Навохтани султон Аёзро
Эй Аёзи пурниёзи сидққеш,
Сидқи ту аз баҳру аз кӯҳ аст беш.
На ба вақти шаҳватат бошад исор,
Ки равад ақли чу кӯҳат коҳвор.
На ба вақти хашму кина сабрҳот
Суст гардад дар қарору дар субот.
Мардӣ ин мардист, на ришу закар
В-арна будӣ шоҳи мардон кери хар.
Ҳақ киро хондаст дар Қуръон риҷол?
Кай бувад ин ҷисмро он ҷо маҷол?
Рӯҳи ҳайвонро чӣ қадр аст, эй падар?
Охир аз бозори қассобон гузар:
Садҳазорон сар ниҳода бар шикам,
Арзашон аз дунбаву аз думми кам.
Рӯсапӣ бошад, ки аз ҷавлони кер
Ақли ӯ муше шавад, шаҳват чу шер.

Васиййят кардани падар духтарро, ки худро нигаҳ дор, то ҳомила нашавӣ аз шавҳарат
Хоҷае будаст, ӯро духтаре,
Зӯҳрахадде, маҳрухе, симинбаре.

Гашт болиғ, дод духтарро ба шӯ,
Шӯ набуд андар кифоъат куфви ӯ.
Харбуза чун даррасад, шуд обнок,
Гар бинашкофӣ, талаф гашту ҳалок.
Чун зарурат буд, духтарро бидод
ӯ ба нокуфве зи тахвифи фасод.
Гуфт духтарро, к-аз ин домоди нав
Хештан парҳез кун, ҳомил машав.
К-аз зарурат буд ақди ин гадо,
Ин ғарибишморро набвад вафо.
Ногаҳон биҷҳад, кунад тарки ҳама,
Бар ту тифли ӯ бимонад мазлама».
Гуфт духтар, к-эй падар, хидмат кунам,
Ҳаст пандат дилпазиру муғтанам.
Ҳар ду рӯзе, ҳар се рӯзе он падар
Духтари худро бифармудӣ ҳазар.
Ҳомила шуд ногаҳон духтар аз ӯ,
Чун бувад ҳар ду ҷавон хотуну шӯ?
Аз падар ӯро хафӣ медошташ,
Панҷмоҳа гашт кӯдак, ё ки шаш.
Гашт пайдо, гуфт бобо: «Чист ин?
Ман нагуфтам, ки аз ӯ дурӣ гузин?
Ин васийятҳои ман худ бод буд?
Ки накардат панду ваъзам ҳеч суд».
Гуфт: «Бобо, чун кунам парҳез ман?
Оташу пунбаст бешак марду зан.
Пунбаро парҳез аз оташ куҷост?
Ё дар оташ кай ҳифоз асту туқост?»
Гуфт: «Ман гуфтам, ки сӯйи ӯ марав,
Ту пазирои мании ӯ машав.
Дар замони ҳолу инзолу х(в)ашӣ
Хештан бояд, ки аз вай даркашӣ».
Гуфт: «Кай донам, ки инзолаш кай аст,
Ин ниҳон асту ба ғоят махфӣ аст».
Гуфт: «Чашмаш чун калопеса шавад,
Фаҳм кун, к-он вақти инзолаш бувад».
Гуфт: «То чашмаш калопеса шудан

Кӯр гаштаст ин ду чашми кӯри ман».
Нест ҳар ақле, ҳақире пойдор,
Вақти ҳирсу вақти хашму корзор.

Васфи заъифдилӣ ва сустии сӯфии сояпарварди муҷоҳида нокарда, дарду доғи ишқ ночашида, ба саҷдаву дастбӯси ом ва ба ҳурмат назар кардан ва ба ангушт намудани эшон, ки имрӯз дар замона сӯфӣ ӯст, ғарра шуда ва ба ваҳм бемор шуда ҳамчун он муаллим, ки кӯдакон гуфтанд, ки ранҷурӣ ва бо ин ваҳм, ки ман муҷоҳидам, маро дар ин раҳ паҳлавон медонанд, бо ғозиён ба ғазо рафта, ки ба зоҳир низ ҳунар бинмоям, дар ҷиҳоди акбар мустасноам, ҷиҳоди асғар худ пеши ман чӣ маҳал дорад? Хаёли шер дида ва далериҳо карда ва масти ин далерӣ шуда ва рӯй ба беша ниҳода ба қасди шер ва шер ба забони ҳол гуфта: «калло савфа таъламуна сумма калло савфа таъламун»
Рафт як сӯфӣ ба лашкар дар ғазо,
Ногаҳон омад қаториқу вағо.
Монд сӯфӣ бо буна-в хайма-в зиъоф,
Форисон ронданд то саффи масоф.
Мусқилони хок барҷо монданд,
«Собиқуна-с-собиқун» дарронданд.
Ҷангҳо карда, музаффар омаданд,
Бозгашта бо ғаноим судманд.
Армуғон доданд, к-эй сӯфӣ, ту низ
ӯ бурун андохт, настад ҳеч чиз.
Пас бигуфтандаш, ки хашминӣ чаро?
Гуфт: «Ман маҳрум мондам аз ғазо.
З-он талаттуф ҳеч сӯфӣ х(в)аш нашуд,
Ки миёни ғазв ханҷаркаш нашуд».
Пас бигуфтандаш, ки овардем асир,
Он якеро бахри куштан ту бигир.
Сар бибурраш, то ту ҳам ғозӣ шавӣ,
Андаке хуш гашт сӯфӣ, дил қавӣ,
К-обро гар дар вузӯ сад равшанист,
Чунки он набвад таяммум карданист.
Бурд сӯфӣ он асири бастаро,
Дар паси хиргаҳ, ки орад ӯ ғазо.
Дер монд он сӯфӣ он ҷо бо асир,
Қавм гуфто, дер монд он ҷо фақир.

Кофири баста ду даст, ӯ куштанист,
Бисмилашро мӯҷиби таъхир чист?
Омад он як дар тафаҳҳус дар пайаш,
Дид кофирро ба болои вайаш.
Ҳамчу нар болои мода, он асир
Ҳамчу шере хуфта болои фақир.
Дастҳо баста ҳамехойид ӯ
Аз сари истеза сӯфиро гулӯ.
Габр мехойид бо дандон гулӯш,
Сӯфӣ афтода ба зеру рафта ҳуш.
Даст баста габр ҳамчун гурбае,
Хаста карда ҳалқи ӯ бе ҳарбае.
Нимкушташ карда бо дандон асир,
Риши ӯ пурхун зи ҳалқи он фақир.
Ҳамчу ту, к-аз дасти нафси бастадаст
Ҳамчу он сӯфӣ шудӣ бехешу паст.
Эй шуда оҷиз зи таллӣ кеши ту,
Садҳазорон кӯҳҳо дар пеши ту.
З-ин қадар харпушта мурдӣ аз шукӯҳ,
Чун равӣ бар ақбаҳои ҳамчу кӯҳ?
Ғозиён куштанд кофирро ба теғ,
Ҳам дар он соат зи ҳамят бедареғ.
Бар рухи сӯфӣ заданд обу гулоб,
То ба ҳуш ояд зи бехешиву хоб.
Чун ба ҳуш омад, бидид он қавмро,
Пас бипурсиданд: «Чун буд моҷаро?
Аллаҳ, Аллаҳ! Ин чӣ ҳол аст, эй азиз?
Инчунин беҳуш гаштӣ аз чӣ чиз?
Аз асири нимкуштай бастадаст
Инчунин беҳуш афтодиву паст?»
Гуфт: «Чун қасди сараш кардам ба хашм,
Турфа дар ман бингарид он шӯхчашм.
Чашмро во карду паҳн ӯ сӯйи ман
Чашм гардониду шуд ҳушам зи тан.
Гардиши чашмаш маро лашкар намуд,
Ман надонам гуфт чун пурҳавл буд?
Қисса кӯтаҳ кун, к-аз он чашм инчунин

Рафтам аз худ, уфтодам бар замин».

Насиҳати муборизон ӯро, ки бо ин дилу заҳра, ки аз калопеса шудани чашми кофири асире дастбаста беҳуш шавӣ ва дашна аз даст бияфтад, зинҳор мулозими матбахи хонақоҳ бош ва сӯйи пайкор марав, то расво нашавӣ

Қавм гуфтандаш: «Ба пайкору набард
Бо чунин заҳра, ки ту дорӣ, магард.
Чун зи чашми он асири бастадаст
Ғарқа гаштӣ, киштии ту даршикаст.
Пас, миёни ҳамлаи шерони нар,
Ки бувад бо теғашон чун гӯй сар,
Кай тавонӣ кард дар хун ошино?
Чун найӣ бо ҷанги мардон ошно,
Ки зи тоқотоқи гарданҳо задан,
Тоқ-тоқи ҷомакӯбон мумтаҳан.
Бас тани бесар, ки дорад изтироб,
Бас сари бетан ба хун – бар чун ҳубоб.
Зери дасту пойи асбон дар ғазо,
Сад фанокун ғарқа гашта дар фано.
Инчунин ҳуше, ки аз муше парид,
Андар он саф теғ чун хоҳад кашид?
Чолиш аст он, ҳамза хӯрдан нест ин,
То ту бармолӣ ба хӯрдан остин.
Нест ҳамза хӯрдан, ин ҷо теғ бин,
Ҳамзае бояд дар ин саф оҳанин.
Кори ҳар нозукдиле набвад қитол,
Ки гурезад аз хаёле чун хаёл.
Кори туркон аст на таркон, бирав,
Ҷойи таркон ҳаст хона, хона шав».

Ҳикояти Аббозӣ раҳимаҳуллоҳ, ки ҳафтод ғазв карда буд синабараҳна бар умеди шаҳид шудан. Чун аз он навмед шуд, аз ҷиҳоди асғар рӯ ба ҷиҳоди акбар овард ва хилват гузид. Ногаҳон бонги ғозиён шунид, нафс аз андаруни занҷир медаронид сӯйи ғазо ва муттаҳам доштани ӯ нафси худро дар ин рағбат

Гуфт Аббозӣ: «Навад бор омадам,
Танбараҳна, бу, ки захме оядам.
Танбараҳна мешудам дар пеши тир,

То яке тире хурам ман ҷойгир.
Тир хӯрдан бар гулӯ ё мақтале,
Дарнаёбад ҷуз шаҳиде, муқбиле.
Бар танам як ҷойгаҳ безахм нест,
Ин танам аз тир чун парвезанест.
Лек бар мақтал наёмад тирҳо,
Кори бахт аст ин, на ҷалдиву даҳо.
Чун шаҳидӣ рӯзии ҷонам набуд,
Рафтам андар хилвату дар чилла зуд.
Дар ҷиҳоди акбар афгандам бадан,
Дар риёзат кардану лоғар шудан.
Бонги табли ғозиён омад ба гӯш,
Ки хиромиданд ҷайши ғазвкӯш.
Нафс аз ботин маро овоз дод,
Ки ба гӯши ҳис шунидам бомдод:
«Хез, ҳангоми ғазо омад, бирав,
Хешро дар ғазв кардан кун гарав».
Гуфтам: «Эй нафси хабиси бевафо,
Аз куҷо майли ғазо, ту аз куҷо?»
Рост гӯй, эй нафс, к-ин ҳилатгарист
В-арна нафси шаҳват аз тоат барист.
Гар нагӯйӣ рост, ҳамла орамат,
Дар риёзат сахттар афшорамат.
Нафс бонг овард он дам аз дарун,
Бо фасоҳат, бе даҳон, андар фусун.
Ки маро ҳар рӯз ин ҷо мекушӣ,
Ҷони ман чун ҷони габрон мекашӣ.
Ҳеч касро нест аз ҳолам хабар,
Ки маро ту мекушӣ бехобу х(в)ар.
Дар ғазо биҷҳам ба як захм аз бадан,
Халқ бинад мардиву исори ман.
Гуфтам: «Эй нафсак, мунофиқ зистӣ,
Ҳам мунофиқ мемурӣ, ту чистӣ?
Дар ду олам ту муроъӣ будаӣ,
Дар ду олам ту чунин беҳудаӣ».
Назр кардам ки зи хилват ҳеч ман
Сар бурун н-орам, чу зиндаст ин бадан.

З-он ки дар хилват ҳар он чӣ тан кунад,
Н-аз барои рӯйи марду зан кунад.
Ҷунбишу оромиш андар хилваташ,
Ҷуз барои Ҳақ набошад нийяташ.
Ин ҷиҳоди акбар аст, он асғар аст,
Ҳар ду кори Рустам асту Ҳайдар аст.
Кори он кас нест, к-ӯро ақлу ҳуш
Паррад аз тан, чун биҷунбад дунби муш.
Ончунон касро бибояд чун занон
Дур будан аз масофу аз синон.
Сӯфие он, сӯфие ин, ин-т ҳайф,
Он зи сӯзан кушта, инро тӯъма сайф.
Нақши сӯфӣ бошад, ӯро нест ҷон,
Сӯфиён бадном ҳам з-ин сӯфиён.
Бар дару девори ҷисми гилсиришт
Ҳақ зи ғайрат нақши сад сӯфӣ набишт.
То зи сеҳр он нақшҳо ҷунбон шавад,
То асои мӯсавӣ пинҳон шавад.
Нақшҳоро мехурад сидқи асо,
Чашми фиръавнист, пургарду ҳасо.
Сӯфии дигар миёни саффи ҳарб
Андаромад бист бор аз баҳри зарб.
Бо мусулмонон ба кофир вақти карр
Вонагашт ӯ бо мусулмонон ба фарр.
Захм хӯрду баст захмеро, ки х(в)ард,
Бори дигар ҳамла оварду набард,
То намирад тан ба як захм аз газоф,
То хурад ӯ бист захм андар масоф.
Ҳайфаш омад, ки ба захме ҷон диҳад,
Ҷон зи дасти сидқи ӯ осон раҳад.

Ҳикояти он муҷоҳид, ки аз ҳамёни сим ҳар рӯз як дирам дар хандақ андохтӣ ба тафориқ аз баҳри ситезаи ҳирс ва орзуи нафс ва васвасаи нафс, ки чун меандозӣ ба хандақ, боре ба як бор бияндоз, то халос ёбам, ки «ал-йаъсу иҳди-р-роҳатайн». ӯ гуфт, ки ин роҳат низ надиҳам
Он яке будаш ба каф – дар чил дирам,
Ҳар шаб афгандӣ яке дар оби ям.

То ки гардад сахт бар нафси маҷоз,
Дар таъаннӣ дарди ҷон кандан дароз.
Бо мусулмонон ба карр ӯ пеш рафт,
Вақти фарр ӯ вонагашт аз хасм тафт.
Захми дигар хӯрд, онро ҳам бибаст,
Бист каррат румҳу тир аз вай шикаст.
Баъд аз он қувват намонд, афтод пеш,
Мақъади сидқ ӯ зи сидқи ишқи хеш.
Сидқ ҷон додан бувад, ҳин! «Собиқу»,
Аз нубӣ бархон: «Риҷолун саддақу».
Ин ҳама мурдан на марги сурат аст,
Ин бадан мар рӯҳро чун олат аст.
Эй басо хоме, ки зоҳир хун-ш рехт,
Лек нафси зинда он ҷониб гурехт.
Олаташ бишкасту раҳзан зинда монд,
Нафс зинда-ст, арчи маркаб хун фишонд.
Асб кушту роҳи ӯ рафта нашуд,
Ҷуз ки хому зишту ошуфта нашуд.
Гар ба ҳар хунрезие гаштӣ шаҳид,
Кофире кушта будӣ ҳам Бӯсаъид.
Эй басо нафси шаҳиди мӯътамад,
Мурда дар дунё чу зинда меравад.
Рӯҳи раҳзан мурду тан, ки теғи ӯст,
Ҳаст боқӣ, дар кафи он ғазвҷӯст.
Теғ он теғ аст, мард он мард нест,
Лек ин сурат туро ҳайронкунест.
Нафс чун мубдал шавад, ин теғи тан
Бошад андар дасти сунъи «зулминан».
Он яке мардест, қуташ ҷумла дард,
Ин дигар марде миёнтӣ, ҳамчу гард.

Сифат кардани марди ғаммоз ва намудани сурати канизак мусаввар дар коғаз ва ошиқ шудани халифаи Миср бар он сурат ва фиристодани халифа амиреро бо сипоҳи гарон ба дари Мавсил ва қатлу вайронии бисёр кардан баҳри ин ғараз

Мар халифай Мисрро ғаммоз гуфт,
Ки шаҳи Мавсил ба ҳуре гашт ҷуфт.

Як канизак дорад ӯ андар канор,
Ки ба олам нест монандаш нигор.
Дар баён н-ояд, ки ҳуснаш беҳад аст,
Нақши ӯ ин аст, к-андар коғаз аст.
Нақш дар коғаз чу дид он Кайқубод,
Хира гашту ҷом аз дасташ фитод.
Паҳлавонеро фиристод он замон
Сӯйи Мавсил бо сипоҳи бас гарон.
Ки агар надҳад ба ту он моҳро,
Баркан аз бун он дару даргоҳро.
В-ар диҳад, таркаш куну маҳро биёр,
То кашам ман бар замин маҳ дар канор.
Паҳлавон шуд сӯйи Мавсил бо ҳашам,
Бо ҳазорон Рустаму таблу алам.
Чун малаххо беадад бар гирди кашт
Қосиди иҳлоки аҳли шаҳр гашт.
Ҳар навоҳӣ манҷаникҷе аз набард,
Ҳамчу кӯҳи Қоф ӯ бар кор кард.
Захми тиру сангҳои манҷаник,
Теғҳо дар гард чун барқ аз барик.
Ҳафтае кард инчунин хунрези гарм,
Бурҷи сангин суст шуд чун муми нарм.
Шоҳи Мавсил дид пайкори маҳул,
Пас фиристод аз дарун пешаш расул.
Ки чӣ меҳоҳӣ зи хуни мӯъминон?
Кушта мегарданд з-ин ҳарби гарон.
Гар муродат мулки шаҳри Мавсил аст,
Бе чунин хунрез инат ҳосил аст.
Ман равам беруни шаҳр, инак даро,
То нагирад хуни мазлумон туро.
В-ар муродат молу зарру гавҳар аст,
Ин зи мулки шаҳр, худ осонтар аст.

Исор кардани соҳиби Мавсил он канизакро ба халифа, то хунрезии мусулмонон бештар нашавад

Чун расул омад ба пеши паҳлавон,
Дод коғаз, андар ӯ нақшу нишон:

«Бингар андар коғаз, инро толибам,
Ҳин, бидеҳ варна кунун ман ғолибам».
Чун расул омад, бигуфт он шоҳи нар:
«Сурате кам гир, зуд инро бибар.
Ман наям дар аҳди имон бутпараст,
Бут бари он бутпараст авлотар аст».
Чунки овардаш расулон паҳлавон
Гашт ошиқ бар ҷамолаш он замон.
Ишқ баҳре, осмон бар вай кафе,
Чун Зулайхо дар ҳавои Юсуфе.
Даври гардунҳо зи мавҷи ишқ дон,
Гар набудӣ ишқ, бифсурдӣ ҷаҳон.
Кай ҷамоде маҳв гаштӣ дар набот,
Кай фидои рӯҳ гаштӣ номиёт?
Рӯҳ кай гаштӣ фидои он даме,
К-аз насимаш ҳомила шуд Маряме?
Ҳар яке барҷо турунҷидӣ чу ях,
Кай будӣ паррону ҷӯён чун малах?
Зарра-зарра ошиқони он камол,
Мешитобад дар улу ҳамчун ниҳол.
«Саббаҳа *лиллоҳ*» ҳаст иштобашон,
Танқияй тан мекунанд аз баҳри ҷон.
Паҳлвон чаҳро чу раҳ пиндошта,
Шӯрааш хуш омада, ҳаб кошта.
Чун хаёле дид он хуфта ба хоб,
Ҷуфт шуд бо ону аз вай рафт об.
Чун бирафт он хобу шуд бедор зуд
Дид, к-он лӯъбат ба бедорӣ набуд.
Гуфт: «Бар ҳеч оби худ бурдам, дареғ,
Ишваи он ишвадеҳ хӯрдам, дареғ».
Паҳлавони тан буд он, мардӣ надошт,
Тухми мардӣ дар чунон реге бикошт.
Маркаби ишқаш дарида сад лагом,
Наъра мезад: «*лоуболӣ би-л-ҳимом*,
*Айш уболӣ би-л-халифа фӣ-л-ҳаво*,
*Иставо индӣ вуҷудӣ ва-т-таво*».
Инчунин сӯзону гарм охир макор,

Машварат кун бо яке ховандгор.
Машварат ку? Ақл ку? Селоби оз
Дар харобӣ кард нохунҳо дароз.
«Байна айдӣ» садду сӯйи халф садд,
Пешу пас кам бинад он мафтуни ҷадд.
Омада дар қасди ҷон сели сиёҳ,
То ки рӯбаҳ афганад шере ба чоҳ.
Аз чаҳе бинмуда маъдуме хаёл,
То дарандозад «усудан ка-л-ҷибол».
Ҳеч касро бо занон маҳрам мадор,
Ки мисоли ин ду пунбасту шарор.
Оташе бояд бишуста з-оби Ҳақ,
Ҳамчу Юсуф мӯътасим андар раҳақ,
К-аз Зулайхои латифи сарвқад
Ҳамчу шерон хештанро вокашад.
Бозгашт аз Мавсилу мешуд ба роҳ,
То фуруд омад ба беша-в марҷгоҳ.
Оташи ишқаш фурӯзон34 ончунон,
Ки надонад ӯ замин аз осмон.
Қасди он маҳ кард андар хайма ӯ,
Ақл куву аз халифа хавф ку?
Чун занад шаҳват дар ин водӣ дуҳул,
Чист ақли ту «фуҷулл ибни-л-фуҷул».
Сад халифа гашта камтар аз магас
Паши чашми оташинаш он нафас.
Чун бурун андохт шалвору нишаст
Дар миёни пойи зан он занпараст,
Чун закар сӯйи мақар мерафт рост,
Растахезу ғулғул аз лашкар бихост.
Барҷаҳиду кунбараҳна сӯйи саф
Зулфиқори ҳамчу оташ ӯ ба каф
Дид шери нар, сияҳ, аз найситон
Барзада бар қалби лашкар ногаҳон.
Тозиён чун дев дар ҷӯш омада,
Ҳар тавила-в хайма андар ҳам зада.
Шери нар гунбад ҳамекард аз луғаз,
Дар ҳаво чун мавҷи дарё бист газ.

Паҳлавон мардона буду беҳазар
Пеши шер омад чу шери масти нар.
Зад ба шамшеру сарашро баршикофт,
Зуд сӯйи хаймаи маҳрӯ шитофт.
Чунки худро ӯ бад-он ҳуре намуд,
Мардии ӯ ҳамчунон бар пой буд.
Бо чунон шере ба чолиш гашт ҷуфт,
Мардии ӯ монда барпою нахуфт.
Он бути ширинлиқои моҳрӯ
Дар аҷаб дармонд аз мардии ӯ.
Ҷуфт шуд бо ӯ ба шаҳват он замон,
Муттаҳид гаштанд ҳолӣ он ду ҷон.
З-иттисоли ин ду ҷон бо ҳамдигар
Мерасад аз ғайбашон ҷоне дигар.
Рӯ намояд аз тариқи зодане,
Гар набошад аз улуқаш раҳзане.
Ҳар куҷо ду кас ба меҳре, ё ба кин
Ҷамъ ояд, солисе зояд яқин.
Лек андар ғайб зояд он сувар,
Чун равӣ он сӯ, бибинӣ дар назар.
Он натоиҷ аз қироноти ту зод,
Ҳин, магард аз ҳар қарине зуд шод.
Мунтазир мебош он миқотро,
Сидқ дон илҳоқи зурриётро.
К-аз амал зойидаанду аз илал,
Ҳар якеро сурату нутқу талал.
Бонгашон дармерасад з-он хушҳиҷол,
К-эй зи мо ғофил, ҳало! Зудтар таъол.
Мунтазир дар ғайб ҷони марду зан,
Мул-мулат чист? Зудтар гом зан.
Роҳ гум кард ӯ аз он субҳи дурӯғ,
Чун магас афтод андар деги дӯғ.

Пушаймон шудани он сарлашкар аз он хиёнат, ки кард ва савганд додани ӯ он канизакро, ки ба халифа бознагӯяд, аз он чӣ рафт
Чанд рӯзу ҳам бар он буд, баъд аз он
Шуд пушаймон ӯ аз он ҷурми гарон.

Дод савгандаш, ки эй хуршедрӯ,
Бо халифа з-ин чӣ шуд, рамзе магӯ.
Чун бидид ӯро халифа маст гашт,
Пас зи бом афтод ӯро низ ташт.
Дид сад чандон, ки васфаш карда буд,
Кай бувад худ дида монанди шунуд?
Васф тасвир аст баҳри чашми ҳуш,
Сурат они чашм дон, на з-они гӯш.
Кард марде аз сухандоне суол:
«Ҳаққу ботил чист, эй некӯмақол?»
Гӯшро бигрифту гуфт: «Ин ботил аст,
Чашм ҳаққ асту яқинаш ҳосил аст».
Он ба нисбат ботил омад пеши ин,
Нисбат аст ағлаб суханҳо, эй амин!
З-офтоб ар кард хуффош эҳтиҷоб,
Нест маҳҷуб аз хаёли офтоб.
Хавф ӯро худ хаёлаш медиҳад,
Он хаёлаш сӯйи зулмат мекашад.
Он хаёли нур метарсонадаш,
Бар шаби зулмот мечафсонадаш.
Аз хаёли душману тасвири ӯст,
Ки ту барчафсидаӣ бар ёру дӯст.
Мӯсиё, кашфат лумаъ бар кӣ фарошт,
Он мухайял тоби таҳқиқат надошт.
Ҳин, машав ғарра бад-он ки қобилӣ,
Мар хаёлашро в-аз ин раҳ восилӣ.
Аз хаёли ҳарб наҳросид кас,
«Ло шаҷоъа қабла ҳарб» ин дону бас.
Бар хаёли ҳарб ҳез андар фикар
Мекунад чун рустамон сад карру фарр.
Нақши Рустам, к-он ба ҳаммоме бувад,
Қирни ҳамлай фикри ҳар хоме бувад.
Ин хаёли самъ чун мубсар шавад,
Ҳез чӣ бвад? Рустаме музтар шавад.
Ҷаҳд кун, к-аз гӯш дар чашмат равад,
Он чӣ, к-он ботил будаст, он Ҳақ шавад.
З-он сипас гӯшат шавад ҳамтабъи чашм,

Гавҳаре гардад ду гӯши ҳамчу яшм.
Балки ҷумлай тан чу ойина шавад,
Ҷумла чашму гавҳари сина шавад.
Гӯш ангезад хаёлу он хаёл
Ҳаст даллолай висоли он ҷамол.
Ҷаҳд кун, то ин хаёл афзун шавад,
То далола раҳбари Маҷнун шавад.
Он халифай гӯл ҳам якчанд низ,
Риш гове кард хуш бо он каниз.
Мулкро ту мулки Ғарбу Шарқ гир,
Чун намемонад, ту онро барқ гир.
Мамлакат, к-он менамонад ҷовидон,
Эй дилат хуфта, ту онро хоб дон.
То чӣ хоҳӣ кард он боду бурут?
Ки бигирад ҳамчу ҷаллоде гулӯт.
Ҳам дар ин олам, бидон, ки мӯъминест,
Аз мунофиқ кам шунав, к-ӯ гуфт нест.

Ҳуҷҷати мункирони охират ва баёни заъфи он ҳуҷҷат, зеро ҳуҷҷати эшон бад-ин боз мегардад, ки ғайри ин намебинем

Ҳуҷҷаташ ин аст, гӯяд ҳар даме:
«Гар будӣ чизе дигар, ҳам дидаме».
Гар набинад кӯдаке аҳволи ақл,
Оқиле ҳаргиз кунад аз ақл нақл?
В-ар набинад оқиле аҳволи ишқ,
Кам нагардад моҳи некӯфоли ишқ.
Ҳусни Юсуф дидаи ихвон надид,
Аз дили Яъқуб кай шуд нопадид?
Мар асоро чашми Мӯсо чӯб дид,
Чашми ғайбӣ афъиву ошӯб дид.
Чашми сар бо чашми сир дар ҷанг буд,
Ғолиб омад чашми сир, ҳуҷҷат намуд.
Чашми Мӯсо дасти худро даст дид,
Пеши чашми ғайб нуре буд падид.
Ин сухан поён надорад дар камол,
Пеши ҳар маҳрум бошад чун хаёл.
Чун ҳақиқат пеши ӯ фарҷу гулӯст,

Кам баён кун пеши ӯ асрори дӯст.
Пеши мо фарҷу гулӯ бошад хаёл,
Лоҷарам ҳар дам намояд ҷон ҷамол.
Ҳар киро фарҷу гулӯ ойину хӯст,
Он «лакум динун ва лӣ дин» баҳри ӯст.
Бо чунон инкор кӯтаҳ кун сухан,
Аҳмадо, кам гӯй бо габри куҳан.

Омадани халифа назди он хубрӯй барои ҷимоъ
Он халифа кард ройи иҷтимоъ,
Сӯйи он зан рафт аз баҳри ҷимоъ.
Зикри ӯ карду закар барпой кард,
Қасди хуфтухези меҳрафзой кард.
Чун миёни пойи он хотун нишаст,
Пас қазо омад, раҳи айшаш бибаст.
Хушту хушти муш дар гӯшаш расид,
Хуфт кераш, шаҳваташ куллӣ рамид.
Ваҳми он, к-аз мор бошад ин сарир,
Ки ҳамеҷунбад ба тундӣ аз ҳасир.

Ханда гирифтан он канизакро аз заъфи шаҳвати халифа ва қуввати шаҳвати он амир ва фаҳм кардани халифа аз хандаи канизак
Зан бидид он сустии ӯ аз шигифт,
Омад андар қаҳқаҳа, ханда-ш гирифт.
Ёдаш омад мардии он паҳлавон,
Ки бикушт ӯ шеру андомаш чунон.
Ғолиб омад хандаи зан, шуд дароз,
Ҷаҳд мекарду намешуд лаб фароз.
Сахт механдид ҳамчун бангиён,
Ғолиб омад ханда бар суду зиён.
Ҳар чӣ андешид, ханда мефузуд,
Ҳамчу банди сели ногоҳонгушуд.
Гиряву ханда, ғаму шодии дил,
Ҳар якеро маъдане дон мустақил.
Ҳар якеро махзане, мифтоҳи он,
Эй бародар, дар кафи фаттоҳ дон.
Ҳеч сокин менашуд он хандарӯ,

Пас халифа тайра гашту тундхӯ.
Зуд шамшер аз ғилофаш баркашид,
Гуфт: «Сирри ханда вогӯ, эй палид!
Дар дилам з-ин ханда занне уфтод,
Ростӣ гӯ, ишва натвоним дод.
В-ар хилофи ростӣ бифребиям,
Ё баҳонай чарб орӣ ту ба дам,
Ман бидонам, дар дили ман равшанист,
Боядат гуфтан, ҳар он чӣ гуфтанист.
Дар дили шоҳон ту моҳе дон ситабр,
Гарчи гаҳ-гаҳ шуд зи ғафлат зери абр.
Як чароғе ҳаст дар дил вақти гашт,
Вақти хашму ҳирс ояд зери ташт.
Он фаросат ин замон ёри ман аст,
Гар нагӯйӣ он чӣ ҳаққи гуфтан аст,
Ман бад-ин шамшер буррам гарданат,
Суд набвад худ баҳона карданат.
В-ар бигӯйӣ рост, озодат кунам,
Ҳаққи Яздон нашканам, шодат кунам».
Ҳафт мусҳаф он замон барҳам ниҳод,
Хӯрд савганду чунин тақрир дод.

Фош кардани он канизак он розро бо халифа аз бими захми шамшер ва илзоми халифа, ки рост гӯ сабаби ин хандаро вагарна бикушамат
Зан чу оҷиз шуд, бигуфт аҳволро,
Мардии он Рустами садзолро.
Шарҳи он гирдак, ки андар роҳ буд,
Як ба як бо он халифа вонамуд:
Шер куштан, сӯйи хайма омадан,
В-он закар қоим чу шохи каргадан.
Боз ин сустии ин номускӯш,
К-ӯ фурӯ мурд аз яке хуш-хушти муш.
Розҳоро мекунад Ҳаққ ошкор,
Чун бихоҳад руст, тухми бад макор.
Обу абру оташу ин офтоб
Розҳоро мебарорад аз туроб.
Ин баҳори нав зи баъди баргрез,

Ҳаст бурҳони вуҷуди растахез.
Дар баҳор он сиррҳо пайдо шавад,
Ҳар чӣ хӯрдаст ин замин, расво шавад.
Бардамад он аз даҳону аз лабаш,
То падид ояд замиру мазҳабаш.
Сирри бехи ҳар дарахтеву х(в)араш,
Ҷумлагӣ пайдо шавад он бар сараш.
Ҳар ғаме, к-аз вай ту дил овардаӣ,
Аз хумори май бувад, ки х(в)ардаӣ.
Лек кай донӣ, ки он ранҷи хумор
Аз кадомин май баромад ошкор?
Ин хумор ишкуфаи он дона аст,
Он шиносад, к-огаҳу фарзона аст.
Шоху ишкуфа намонад донаро,
Нутфа кай монад тани мардонаро?
Нест монандо ҳаюло бо асар,
Дона кай монанда омад бо шаҷар?
Нутфа аз нон аст, кай бошад чу нон?
Мардум аз нутфаст, кай бошад чунон?
Ҷиннӣ аз нор аст, кай монад ба нор?
Аз бухор аст абру набвад чун бухор.
Аз думи Ҷабрил Исо шуд падид,
Кай ба сурат ҳамчу ӯ буд, ё надид?
Одам аз хок аст, кай монад ба хок?
Ҳеч ангуре намемонад ба ток.
Кай бувад дуздӣ ба шакли пойи дор?
Кай бувад тоат чу хулди пойдор?
Ҳеч асле нест монанди асар,
Пас надонӣ асли ранҷу дарди сар.
Лек бе асле набошад ин ҷазо,
Бегунохе кай биранҷонад Худо?
Он чӣ асл асту кашандай он шай аст,
Гар намемонад ба вай, ҳам аз вай аст.
Пас, бидон: ранҷат натиҷай заллатест,
Офати ин зарбатат аз шаҳватест.
Гар надонӣ он гунаҳро з-эътибор,
Зуд зорӣ кун, талаб кун иғтифор.

Саҷда кун, сад бор мегӯй: «Эй Худо!
Нест ин ғам ғайри дархурду сазо.
Эй ту субҳон, пок аз зулму ситам,
Кай диҳӣ бе ҷурм ҷонро дарду ғам?
Ман муайян менадонам ҷурмро,
Лек ҳам ҷурме бибояд гурмро.
Чун бипӯшидӣ сабабро з-эътибор,
Доимо он ҷурмро пӯшида дор.
Ки ҷазо изҳори ҷурми ман бувад,
К-аз сиёсат дуздиям зоҳир шавад».

Азм кардани шоҳ, чун воқиф шуд бар он хиёнат, ки бипӯшонад ва афв кунад ва ӯро ба ӯ диҳад ва донист, ки он фитна ҷазои ӯ буд ва қасди ӯ буд ва зулми ӯ бар соҳиби Мавсил, ки «ва ман асоъа фаъалайҳо ва инна раббака *лаби-л-мирсод*» ва тарсидан, ки агар интиқом кашад, он интиқом ҳам бар сари ӯ ояд, чунонки ин зулму тамаъ бар сараш омад

Шоҳ бо худ омад, истиғфор кард,
Ёди ҷурму зиллату исрор кард.
Гуфт бо худ: «Он чӣ кардам бо касон,
Шуд ҷазои он ба ҷони ман расон.
Қасди ҷуфти дигарон кардам зи ҷоҳ,
Бар ман омад ону афтодам ба чоҳ.
Ман дари хонай касе дигар задам,
Ӯ дари хонай маро зад лоҷарам.
Ҳар кӣ бо аҳли касон шуд фисқҷӯ,
Аҳли худро дон, ки қаввод аст ӯ.
З-он ки мисли он ҷазои он шавад,
Чун ҷазои сайиъа мислаш бувад.
Чун сабаб кардӣ, кашидӣ сӯйи хеш
Мисли онро, пас ту дайюсиву беш.
Ғасб кардам аз шаҳи Мавсил каниз,
Ғасб карданд аз ман ӯро зуд низ.
Ӯ к-амини ман буду лолои ман,
Хоинаш кард он хиёнатҳои ман.
Нест вақти кингузорӣ в-интиқом
Ман ба дасти хеш кардам кори хом.
Гар кашам кина бар он миру ҳарам,

Он тааддӣ ҳам биёяд бар сарам.
Ҳамчунон, к-ин як биёмад дар ҷазо,
Озмудам, боз н-азмоям варо.
Дарди соҳибмавсилам гардан шикаст,
Ман наёрам ин дигарро низ хаст».
Дод Ҳақмон аз мукофот огаҳӣ,
Гуфт: «Ин удтум биҳи, удно биҳи».
Чун фузунӣ кардан ин ҷо суд нест,
Ғайри сабру марҳамат маҳмуд нест.
«Раббано инно заламно», саҳв рафт,
Раҳмате кун, эй раҳимиҳот зафт.
Афв кардам, ту ҳам аз ман афв кун,
Аз гуноҳи нав, зи заллоти куҳун».
Гуфт: «Акнун, эй канизак, вомагӯ,
Ин суханро, ки шунидам ман зи ту.
Бо амират ҷуфт хоҳам кард ман,
Аллаҳ, Аллаҳ з-ин ҳикоят дам мазан.
То нагардад ӯ зи рӯям шармсор,
К-ӯ яке бад карду некӯ сад ҳазор.
Борҳо ман имтиҳонаш кардаам,
Хубтар аз ту бад-ӯ биспурдаам.
Дар амонат ёфтам ӯро тамом,
Ин қазое буд ҳам аз кардаҳом».
Пас ба худ хонд он амири хешро,
Кушт дар худ чашми қаҳрандешро.
Кард бо ӯ як баҳонай дилпазир,
Ки шудастам з-ин канизак ман нафир.
З-он сабаб, к-аз ғайрату рашки каниз
Модари фарзанд дорад сад азиз.
Модари фарзандро бас ҳаққҳост,
ӯ на дархурди чунин ҷавру ҷафост.
Рашку ғайрат мебарад, хун мех(в)арад,
З-ин канизак сахт талхӣ мебарад.
Чун касеро дод хоҳам ин каниз,
Пас туро авлотар аст ин, эй азиз!
Ки ту ҷонбозӣ намудӣ бахри ӯ,
Хуш набошад додани он ҷуз ба ту.

Ақд кардаш бо амир, ӯро супурд,
Кард хашму ҳирсро ӯ хурду мурд.

Баёни он, ки «наҳну қасамно», ки якеро шаҳват ва қуввати харон диҳад ва якеро киёсат ва қуввати анбиё ва фариштагон бахшад
Сар зи ҳаво тофтан аз сарварист,
Тарки ҳаво қуввати пайғамбарист.
Тухмҳое, ки шаҳватӣ набувад,
Бари он ҷуз қиёмате набувад.

Гар будаш сустии наррии харон,
Буд ӯро мардии пайғамбарон.
Тарки хашму шаҳвату ҳирсоварӣ
Ҳаст мардиву раги пайғамбарӣ.
Наррии хар, гӯ, мабош андар рагаш,
Ҳақ ҳамехонад улуғ багларбагаш.
Мурдае бошам, ба ман Ҳақ бингарад,
Беҳ аз он зинда, ки бошад дуру рад.
Мағзи мардӣ ин шиносу пӯст он,
Он барад дӯзах, барад ин дар ҷинон.
«Ҳуффати-л-ҷаннат» макорехро расид,
«Ҳуффати-н-нор» аз ҳаво омад падид.
Эй Аёзи шери нарри девкуш,
Мардии хар кам, фузун мардии ҳуш.
Он чӣ чандин садр идрокаш накард,
Лаъби кӯдак буд пешат, ин-т мард.
Эй бидида лаззати амри маро,
Ҷон супурда баҳри амрам дар вафо
Достони завқи амру чошниш
Бишнав акнун дар баёни маънавиш.

Додани шоҳ гавҳарро миёни девон ва маҷмаъ ба дасти вазир, ки ин чанд арзад? Ва муболиға кардани вазир дар қимати ӯ, ки акнун инро бишикан ва гуфтани вазир, ки инро чун бишиканам? Ило охири-л-қисса
Шоҳ рӯзе ҷониби девон шитофт,
Ҷумла арконро дар он девон биёфт.
Гавҳаре берун кашид ӯ мустанир,

Пас ноҳодаш зуд дар каффи вазир.
Гуфт: «Чун асту чӣ арзад ин гуҳар?»
Гуфт: «Беҳ арзад зи сад хирвор зар».
Гуфт: «Бишкан». Гуфт: «Чунаш бишканам?»
Некхоҳи махзану молат манам.
Чун раво дорам, ки мисли ин гуҳар,
Ки наёяд дар баҳо, гардад ҳадар?
Гуфт шобошу бидодаш хилъате,
Гавҳар аз вай бистад он шоҳу фатӣ.
Кард исори вазир он шоҳи ҷуд
Ҳар либосу ҳулла, к-ӯ пӯшида буд.
Соатешон кард машғули сухан
Аз қазияй тозаву рози куҳан.
Баъд аз он додаш ба дасти ҳоҷибе,
Ки чӣ арзад ин ба пеши толибе?
Гуфт: «Арзад ин ба нимай мамлакат,
К-иш нигаҳ доро, Худо, аз маҳликат».
Гуфт: «Бишкан». Гуфт: «Эй хуршедтеғ!
Бас дареғ аст ин шикастанро, дареғ.
Қиматаш бигзор, бин тобу лумаъ,
Ки шудаст ин нури рӯз ӯро табаъ.
Даст кай ҷунбад маро дар касри ӯ?
Ки хазинай шоҳро бошам адӯ».
Шоҳ хилъат дод, идрораш фузуд,
Пас даҳон дар мадҳи ақли ӯ гушуд.
Баъди як соат ба дасти мир дод,
Дурро он имтиҳонкун боздод.
ӯ ҳамин гуфту ҳама мирон ҳамин,
Ҳар якеро хилъате дод ӯ самин.
Ҷомагиҳошон ҳамеафзуд шоҳ,
Он хасисонро бибурд аз раҳ ба ҷоҳ.
Инчунин гуфтанд панҷаҳ-шаст асир,
Ҷумла як-як ҳам ба тақлиди вазир.
Гарчи тақлид аст устуни ҷаҳон,
Ҳаст расво ҳар муқаллид з-имтиҳон.

Расидани гавҳар аз даст ба даст охири давр ба Аёз ва киёсати Аёз ва муқаллид нашудан эшонро ва мағрур нашудани ӯ ба голу мол додани шоҳ ва ҷомагиҳо афзун кардан ва мадҳи ақл кардан, ки нашояд муқаллидро мусулмон доштан, мусулмон бошад, аммо нодир бошад, ки муқаллид субот кунад бар он эътиқод ва муқаллид аз имтиҳонҳо ба саломат берун ояд, ки суботи биноён надорад, «илло ман асамаҳуллоҳу», зеро Ҳақ якест ва онро зидд бисёр ғалатафган ва мушобеҳи Ҳақ. Муқаллид чун он зидро нашиносад, аз он рӯ Ҳақро нашинохта бошад. Аммо Ҳақ бо он ношинохти ӯ, чу ӯро ба иноят нигоҳ дорад, он ношинохт ӯро зиён надорад

«Эй Аёз, акнун нагӯйӣ, к-ин гуҳар
Чанд меарзад бад-ин тобу ҳунар?»
Гуфт: «Афзун з-он чӣ тонам гуфт ман?»
Гуфт: «Акнун зуд хурдаш дар шикан».
Сангҳо дар остин будаш, шитоб
Хурд кардаш, пеши ӯ буд он савоб.
Зи иттифоқи толеъи бодавлаташ
Даст дод он лаҳза нодир ҳикматаш.
Ё ба хоб ин дида буд он пурсадо,
Карда буд андар бағал ду сангро.
Ҳамчу Юсуф, ки даруни қаъри чоҳ
Кашф шуд поёни кораш аз Илоҳ.
Ҳар киро фатҳу зафар пайғом дод,
Пеши ӯ як шуд мурoду бемурод.
Ҳар кӣ пояндони вай шуд васли ёр,
ӯ чӣ тарсад аз шикасту корзор.
Чун яқин гашташ, ки хоҳад кард мот,
Фавти асбу пил ҳасташ турраҳот.
Гар барад асбаш ҳар он ки асбҷӯст,
Асб рав гӯ, на ки пешоҳанг ӯст.
Мардро бо асб кай хешӣ бувад?
Ишқи асбаш аз пайи пешӣ бувад.
Баҳри суратҳо макаш чандин заҳир,
Бе судоъи сурате маънӣ бигир.
Ҳаст зоҳидро ғами поёни кор,
То чӣ бошад ҳоли ӯ рӯзи шумор?
Орифон з-оғоз гашта ҳушманд,
Аз ғаму аҳволи охир фориғанд.

Буд орифро ҳамин хавфу риҷо,
Собиқадони-ш, хӯрд он ҳар дуро.
Дид, к-ӯ собиқ зироат кард мош,
ӯ ҳамедонад чӣ хоҳад буд чош?
Ориф асту бозраст аз хавфу бим,
Ҳойҳуро кард теғи Ҳақ дуним.
Буд ӯро биму уммед аз Худо,
Хавф фонӣ шуд, аён гашт он риҷо.
Чун шикаст ӯ гавҳари хос он замон,
З-он амирон хост сад бонгу фиғон.
К-ин чӣ бебокист? Валлаҳ кофир аст,
Ҳар кӣ ин пурнур гавҳарро шикаст.
В-он ҷамоат ҷумла аз ҷаҳлу амо,
Даршикаста дурри амри шоҳро.
Қимати гавҳар натиҷай меҳру вуд,
Бар чунон хотир чаро пӯшида шуд?

Ташнеъ задани умаро бар Аёз, ки чаро шикасташ? Ва ҷавоб додани Аёз эшонро
Гуфт Аёз: «Эй меҳтарони номвар!
Амри шаҳ беҳтар ба қимат, ё гуҳар?
Амри султон беҳ бувад пеши шумо,
Ё ки ин некӯ гуҳар? Баҳри Худо.
Эй назартон бар гуҳар, бар шоҳ на,
Қиблатон ғул асту ҷодай роҳ на.
Ман зи шаҳ барменагардонам басар,
Ман чу мушрик рӯй н-орам бо ҳаҷар.
Бе гуҳар ҷоне, ки рангин сангро
Баргузинад, пас ниҳад шоҳи маро.
Пушт сӯйи лӯъбати гулранг кун,
Ақл дар ранговаранда данг кун.
Андар о дар ҷӯ, сабӯ бар санг зан,
Оташ андар бӯву андар ранг зан.
Гар найӣ дар роҳи дин аз раҳзанон,
Рангу бӯ мапраст монанди занон».
Сар фуруд андохта он меҳтарон,
Узрҷӯён гашта з-он нисён ба ҷон.
Аз дили ҳар як дусад оҳ он замон

Ҳамчу дуде мешудӣ то осмон.
Кард ишорат шаҳ ба ҷаллоди куҳун,
Ки зи садрам ин хасонро дур кун.
Ин хасон чӣ лоиқи садри мананд?
К-аз пайи санг амри моро бишкананд.
Амри мо пеши чунин аҳли фасод
Баҳри рангин санг шуд хору касод.

Қасди шоҳ ба куштани умаро ва шафоат кардани Аёз пеши тахти султон, ки «ал-ъафву авло»
Пас Аёзи меҳрафзо барҷаҳид,
Пеши тахти он улуғ султон давид,
Саҷдае карду гулӯи худ гирифт,
К-эй Қубоде, к-аз ту чарх орад шигифт.
Эй ҳумое, ки ҳумоёнфаррухӣ
Аз ту доранду саховат ҳар сахӣ.
Эй кариме, ки карамҳои ҷаҳон
Маҳв гардад пеши исорат ниҳон.
Эй латифе, ки гули сурхат бидид,
Аз хиҷолат пераҳанро бардарид.
Аз ғафурии ту ғуфрон чашмсер,
Рӯбаҳон бар шер аз афви ту чир.
Ҷуз ки афви ту киро дорад санад?
Ҳар кӣ бо амри ту бебокӣ кунад.
Ғафлату густохии ин муҷримон
Аз вуфури авфи туст, эй афвлон.
Доимо ғафлат зи густохӣ дамад,
Ки барад таъзим аз дида рамад.
Ғафлату нисёни бад омӯхта,
З-оташи таъзим гардад сӯхта.
Ҳайбаташ бедориву фитнат диҳад,
Саҳву нисён аз дилаш берун ҷаҳад.
Вақти ғорат хоб н-ояд халқро,
То бинарбояд касе з-ӯ далқро.
Хоб чун дармерамад аз бими далқ,
Хоби нисён кай бувад бо бими ҳалқ?
«Ло туаххиз ин насайно» шуд гувоҳ,

Ки бувад нисён ба ваҷҳе ҳам гуноҳ.
З-он ки истикмоли таъзим ӯ накард
В-арна нисён дарнаёвардӣ набард.
Гарчи нисён лобуду ночор буд,
Дар сабаб варзидан ӯ мухтор буд.
Ки таҳовун кард дар таъзимҳо,
То ки нисён зод, ё саҳву хато.
Ҳамчу масте, к-ӯ ҷиноятҳо кунад,
Гӯяд ӯ маъзур будам, бе зи х(в)ад.
Гӯядаш лекин сабаб, эй зишткор,
Аз ту буд дар рафтани он ихтиёр.
Бехудӣ н-омад ба худ, ту-ш хондӣ,
Ихтиёрат худ нашуд, ту-ш рондӣ.
Гар расидӣ мастие бе ҷаҳди ту,
Ҳифз кардӣ соқии ҷон аҳди ту.
Пуштдорат будӣ ӯву узрхоҳ,
Ман ғуломи заллати масти Илоҳ.
Афвҳои ҷумла олам заррае,
Акси афват, эй зи ту ҳар баҳрае.
Афвҳо гуфта санои афви ту,
Нест «куфваш» «аййюҳа-н-нос! Иттақу».
Ҷонашон бахшу зи худшон ҳам марон,
Комширини туанд, эй комрон!
Раҳм кун бар вай, ки рӯйи ту бидид,
Фурқати талхи ту чун хоҳад кашид?
Аз фироқу ҳаҷр мегӯйӣ сухун,
Ҳар чӣ хоҳӣ кун, валекин ин макун.
Садҳазорон марги талхи шасттӯ
Нест монанди фироқи рӯйи ту.
Талхии ҳаҷр аз зукуру аз унос
Дур дор, эй муҷримонро мустаъос!
Бар умеди васли ту мурдан х(в)аш аст,
Талхии ҳаҷри ту фавқи оташ аст.
Габр мегӯяд миёни он сақар:
Чӣ ғамам будӣ, гарам кардӣ назар?
К-он назар ширинкунандай ранҷҳост,
Соҳиронро хунбаҳои дасту пост.

Тафсири гуфтани соҳирон Фиръавнро дар вақти сиёсат, ки «ло зайра инно ило раббано мунқалибун»

Наъраи «лозайр» бишнид осмон,
Чарх гӯйӣ шуд пайи он савлаҷон:
Зарбати Фиръавн моро нест зайр,
Лутфи Ҳақ ғолиб бувад бар қаҳри ғайр.
Гар бидонӣ сирри моро, эй музилл,
Мераҳонимон зи ранҷ, эй кӯрдил.
Ҳин, биё з-ин сӯ, бибин, к-ин арғанун,
Мезанад: «Ё лайта қавми яъламун».
Дод моро доди Ҳақ фиръавние,
На чу фиръавниту мулкат фоние.
Сар барору мулк бин зинда-в ҷалил,
Эй шуда ғирра ба Мисру рӯди Нил.
Гар ту тарки ман наҷис хирқа кунӣ,
Нилро дар нили ҷон ғарқа кунӣ.
Ҳин, бидор аз Миср, эй Фиръавн, даст,
Дар миёни Мисри ҷон сад Миср ҳаст.
Ту «ано раббун» ҳамегӯйӣ ба ом
Ғофил аз моҳийяти ин ҳар ду ном.
Рабб бар марбуб кай ларзон бувад?
Кай «ано»-дон банди ҷисму ҷон бувад?
Нак «ано» моем, раста аз «ано»,
Аз «ано»-и пурбалои пуръано.
Он аное бар ту, эй саг, шум буд,
Дар ҳақи мо давлати маҳтум буд.
Гар набудит ин «ано»-и кинакаш,
Кай задӣ бар мо чунин иқболи х(в)аш?
Шукри он, к-аз дори фонӣ мераҳем,
Бар сари ин дор пандат медиҳем;
Дори қатли мо буроқи реҳлат аст,
Дори мулки ту ғуруру ғафлат аст.
Ин ҳаёте, хуфя дар нақши мамот
В-он мамоте, хуфя дар қишри ҳаёт.
Менамояд нур нору нор нур
В-арна дунё кай будӣ дорулғурур?

Ҳин, макун таъҷил, аввал нест шав,
Чун ғуруб орӣ, баро аз шарқи зав.
Он «ано»-ии азал дил данг шуд,
Ин «аноӣ» сард гашту нанг шуд.
З-он «ано»-и беъано хуш гашт ҷон,
Шуд ҷаҳон ӯ аз «ано»-ии ҷиҳон.
Аз «ано» чун раст, акнун шуд «ано»,
Офаринҳо бар «ано»-и беъано,
К-ӯ гурезону «ано»-е дар пайаш
Медавад, чун дид вайро бе вайаш.
Толиби ӯй, нагардад толибат,
Чун бимурдӣ, толибат шуд матлабат.
Зиндаӣ, кай мурдашӯ шӯяд туро?
Толибӣ, кай матлабат ҷӯяд туро?
Андар ин баҳс ар хирад раҳбин будӣ,
Фахри Розӣ роздони дин будӣ.
Лек чун «ман лам язуқ лам ядри» буд,
Ақлу тахйилоти ӯ ҳайрат фузуд.
Кай шавад кашф аз тафаккур ин «ано»?
Он «ано» макшуф шуд баъд аз фано.
Мефитад ин ақлҳо дар ифтиқод
Дар муғокии ҳулулу иттиҳод.
Эй Аёзи гашта фонӣ з-иқтироб,
Ҳамчу ахтар дар шуоъи офтоб,
Балки чун нутфа мубаддал ту ба тан,
Н-аз ҳулулу иттиҳодӣ муфтатан.
Афв кун, эй афв дар сандуқи ту
Собиқи лутфӣ, ҳама масбуқи ту.
Ман кӣ бошам, ки бигӯям: афв кун?
Эй ту султону хулосай амри «кун».
Ман кӣ бошам, ки бувам ман бо манат?
Эй гирифта ҷумла «ман»-ҳо доманат.

Муҷрим донистани Аёз худро дар ин шафоатгарӣ ва узри ин ҷурм хостан ва дар он узргӯйӣ худро муҷрим донистан ва ин шикастагӣ аз шинохту азамати шоҳ хезад, ки «ано аъламукум биллоҳ ва ахшайкум лиллоҳ ва қолаллоҳу таъоло: иннамо яхшаллоҳа мин ибодиҳи-л-уламоъу»

Ман кай орам раҳм хилмолудро?
Раҳ намояд ҳилм илмандудро?
Садҳазорон сафъро арзониям,
Гар забуни сафъҳо гардониям.
Ман чӣ гӯям пешат? Эъломат кунам?
Ё ки воёдат диҳам шарти карам?
Он чӣ маълуми ту набвад, чист он?
В-он чӣ ёдат нест, ку андар ҷаҳон?
Эй ту пок аз ҷаҳлу илмат пок аз он,
Ки фаромӯше кунад бар вай ниҳон.
Ҳеч касро ту касе ангоштӣ,
Ҳамчу хуршедаш ба нур афроштӣ.
Чун касам кардӣ, агар лоба кунам,
Мустамеъ шав лобаамро аз карам.
З-он ки аз нақшам чу берун бурдаӣ,
Он шафоат ҳам ту худро кардаӣ.
Чун зи рахти «ман» тиҳӣ гашт ин ватан,
Тарру хушки хона набвад они ман.
Ҳам дуъо аз ман равон кардӣ чу об,
Ҳам наботаш бахшу дораш мустаҷоб.
Ҳам ту будӣ аввал орандай дуъо,
Ҳам ту бош охир иҷобатро риҷо.
То занам ман лоф, к-он шоҳи ҷаҳон,
Баҳри банда афв кард аз муҷримон.
Дард будам сар ба сар ман худписанд,
Кард шоҳам доруи ҳар дардманд.
Дӯзахӣ будам пур аз шӯру шаре,
Кард дасти фазли ӯям Кавсаре.
Ҳар киро сӯзид дӯзах дар қавад,
Ман бирӯёнам дигар бор аз ҷасад.
Кори Кавсар чист, ки ҳар сӯхта
Гардад аз вай нобиту андӯхта.
Қатра-қатрай ӯ мунодии карам,
К-он чӣ дӯзах сӯхт, ман бозоварам.
Ҳаст дӯзах ҳамчу сармои хазон,
Ҳаст Кавсар чун баҳор, эй гулситон!
Ҳаст дӯзах ҳамчу маргу хоки гӯр,

Ҳаст Кавсар бар мисоли нафхи сур.
Эй зи дӯзах сӯхта аҷсоматон,
Сӯйи Кавсар мекашад икроматон.
Чун «халақту-*л*-халқа кай юрбаҳ алайй»,
*Л*утфи ту фармуд, эй қайюми ҳайй!
«*Л*о лиан арбаҳ алайҳим» ҷуди туст,
Ки шавад з-ӯ ҷумла ноқисҳо дуруст.
Афв кун з-ин бандагони танпараст,
Афв аз дарёи афв авлотар аст.
Афви халқон ҳамчу ҷӯву ҳамчу сайл
Ҳам бад-он дарёи худ тозанд хайл.
Афвҳо ҳар шаб аз ин дилпораҳо,
Чун кабӯтар сӯйи ту ояд, шаҳо!
Бозашон вақти саҳар паррон кунӣ,
То ба шаб маҳбуси ин абдон кунӣ.
Парзанон бори дигар дар вақти шом
Мепаранд аз ишқи он айвону бом.
То ки аз тан тори вуслат бискуланд,
Пеши ту оянд, к-аз ту муқбиланд.
Парзанон, эмин зи раҷъи сарнигун,
Дар ҳаво, к- «инно илайҳи роҷиъун».
Бонг меояд «таъолав» з-он карам,
Баъд аз он риҷъат, намонд он ҳирсу ғам.
Бас ғарибиҳо кашидит аз ҷаҳон,
Қадри ман дониста бошед, эй меҳон.
Зери сояй ин дарахтам, масти ноз,
Ҳин, бияндозед поҳоро дароз.
Пойҳои пуръано аз роҳи дин
Бар канору дасти ҳурон холидин.
Ҳуриён гашта муғаммиз, меҳрубон,
К-аз сафар бозомаданд ин сӯфиён.
Сӯфиёни софиён чун нури х(в)ар
Муддате афтода бар хоку қазар.
Беасар пок аз қазар бозомаданд
Ҳамчу нури хур сӯйи қурси баланд.
Ин гурӯҳи муҷримон ҳам, эй маҷид,
Ҷумла сарҳошон ба деворе расид.

Бар хатову ҷурми худ воқиф шуданд,
Гарчи моти каъбатайни шаҳ буданд.
Рӯ ба рӯ гарданд акнун аҳкунон,
Эй ки лутфат муҷримонро раҳкунон.
Роҳ деҳ олудагонро, ал-ъаҷал,
Дар Фуроти афву айни муғтасал.
То ки ғусл оранд з-он ҷурми дароз,
Дар сафи покон раванд андар намоз.
Андар он сафҳо зи андоза бурун
Ғарқагони нури «наҳну-с-софувун».
Чун сухан дар васфи ин ҳолат расид,
Ҳам қалам бишкасту ҳам коғаз дарид.
Баҳрро паймуд ҳеч ускуррае?
Шерро бардошт ҳаргиз баррае?
Гар ҳиҷоб астат, бурун рав з-эҳтиҷоб,
То бибинӣ подшоҳии уҷоб.
Гарчи бишкастанд ҷомат қавми маст,
Он ки маст аз ту бувад, узреш ҳаст.
Мастии эшон ба иқболу ба мол,
На зи бодай туст? Эй ширинфиъол!
Эй шаҳаншаҳ, масти тахсиси туанд,
Афв кун аз масти худ, эй афвманд!
Лаззати тахсиси ту вақти хитоб
Он кунад, ки н-ояд аз сад хум шароб.
Чунки мастам кардаӣ, ҳаддам мазан,
Шаръ мастонро набинад ҳад задан.
Чун шавам ҳушёр, он гоҳам бизан,
Ки нахоҳам гашт худ ҳушёр ман.
Ҳар кӣ аз ҷоми ту хӯрд, эй зулминан,
То абад раст аз ҳушу аз ҳад задан.
«Холидина фӣ фанои сукриҳим,
Ман тафонӣ фӣ ҳавокум, лам яқум».
Фазли ту гӯяд дили моро, ки рав,
Эй шуда дар дӯғи ишқи мо гарав.
Чун магас дар дӯғи мо афтодаӣ,
Ту найӣ маст, эй магас, ту бодаӣ.
Каргасон маст аз ту гарданд, эй магас,

Чунки бар бахри асал рони фарас.
Кӯҳҳо чун зарраҳо сармасти ту,
Нутфаву паргору хат дар дасти ту.
Фитна, ки ларзанд аз ӯ, ларзони туст,
Ҳар гаронқимат гуҳар арзони туст».
Гар Худо додӣ маро понсад даҳон,
Гуфтаме шарҳи ту, эй ҷону ҷаҳон!
Як даҳон дорам ман, он ҳам мункасир,
Дар хиҷолат аз ту, эй донои сир!
Мункасиртар худ набошам аз адам,
К-аз даҳонаш омадастанд ин умам.
Садҳазор осори ғайбӣ мунтазир,
К-аз адам берун ҷаҳад бо лутфу бир.
Аз тақозои ту мегардад сарам,
Эй бимурда ман ба пеши он карам.
Рағбати мо аз тақозои ту аст,
Ҷазбаи Ҳақ аст, ҳар ҷо раҳрав аст.
Хок бе боде ба боло барҷаҳад?
Киштие бе баҳр по дар раҳ ниҳад?
Пеши оби зиндагонӣ кас намурд,
Пеши обат оби ҳайвон аст дурд.
Оби ҳайвон қиблаи ҷондӯстон,
З-об бошад сабзу хандон бӯстон.
Маргошомон зи ишқаш зиндаанд,
Дил зи ҷону оби ҷон баркандаанд.
Оби ишқи ту чу моро даст дод,
Оби ҳайвон шуд ба пеши мо касод.
З-оби ҳайвон ҳаст ҳар ҷонро навӣ,
Лек оби оби ҳайвонӣ туӣ.
Ҳар даме маргеву ҳашре додиям,
То бидидам дастбурди он карам.
Ҳамчу хуфтан гашт ин мурдан маро
З-эътимоди баъс кардан, эй Худо!
Ҳафт дарё ҳар дам ар гардад сароб,
Гӯш гирӣ, овариш, эй оби об!
Ақл ларзон аз аҷал в-он ишқи шӯх,
Санг кай тарсад зи борон чун кулӯх?

Аз сиҳофи маснавӣ ин панҷум аст,
Дар буруҷи чархи ҷон чун анҷум аст.
Раҳ наёбад аз ситора ҳар ҳавос
Ҷуз ки киштибони исторашинос.
Ҷуз назора нест қисми дигарон,
Аз суъудаш ғофиланду аз қирон.
Ошноӣ гир шабҳо то ба рӯз
Бо чунин истораҳои девсӯз.
Ҳар яке дар дафъи деви бадгумон
Ҳаст нафтандози қалъай осмон.
Ахтар ар бо дев ҳамчун ақраб аст,
Муштариро ӯ валийу-*л*-ақраб аст.
Қавс агар аз тир дӯзад девро,
Далв пуроб аст заръу мевро.
Ҳут агарчи киштии ғай бишканад,
Дӯстро чун савр киштӣ мекунад.
Шамс агар шабро бидаррад чун асад,
Лаълро з-ӯ хилъати атлас расад.
Ҳар вуҷуде, к-аз адам бинмуд сар,
Бар яке заҳр асту бар дигар шакар.
Дӯст шав в-аз хӯйи нохуш шав барӣ,
То зи хумрай заҳр ҳам шаккар х(в)арӣ.
З-он нашуд Форуқро заҳре газанд,
Ки буд он тарёқи форуқиш қанд.